РАҲИМОВ С.Х.
ҲУСЕЙНОВА Д.К.

# БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ

МУВОФИҚИ СБҲМ

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
КАФЕДРАИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ

---

РАҲИМОВ С.Х., ҲУСЕЙНОВА Д.К.

# БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ

## (ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ МУВОФИҚИ СБҲМ)

**Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи молияи Тоҷикистон
аз 30 июни соли 2011, пайнавишти № 10
ба нашр тавсия кардааст.**

**Душанбе
«ЭР-граф»
2012**

ББК 65.5+92Я2+65.052
Р-45

**Муқарризон:**
**Уроқов Д.У.**, д.и.и., профессор,
**Менгниев А.Х.**, н.и.и, дотсент,
**Раҳмонов А.М.**, директори ПИТ «Молия»-и назди ВМ ҶТ.

**С.Х. РАҲИМОВ, Д.К. ҲУСЕЙНОВА.**
**Баҳисобгирии молиявӣ.** Дастури таълимӣ/. дар зери таҳрири н.и.и., дотсент Низомов С.Ф. – Душанбе: ЭР-граф, 2012 – 316 с.

Дастури таълимӣ мувофиқи талаботҳои стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, таҳия гардидааст.

Дар дастури таълимӣ асосҳои ташкили баҳисобгирии молиявӣ дар ташкилотҳо, баҳисобгирии дороиҳои гардон ва ғайригардон, ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, сармояи худӣ ва қарзӣ, тайёркунӣ, пешниҳод ва тасдиқи ҳисоботи молиявӣ бо мисолҳои мушаххас дар асоси СБҲМ оварда шудааст. Дар замима Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, намунаи Шаклҳои асосии ҳисоботи молиявӣ ҳамчун маводҳои иловагӣ оварда шудаанд.

Барои донишҷӯёни макотиби олӣ, ки аз рӯи ихтисоси «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит» дар низоми кредитӣ таълим мегиранд, дигар ихтисосҳое, ки асосҳои баҳисобгирии муҳосибиро меомӯзанд, инчунин муҳосибон ва устодони тахассусҳои иқтисодӣ тавсия карда мешавад.

ISBN 978-99947-919-6-5

© С.Х.Раҳимов, Д.К. Ҳусейнова, 2012.

## МУНДАРИЧА


| | | |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | 6 |
| **Мавзӯи 1** | **Қоидаҳои асосии ба роҳ мондани баҳисобгирии молиявӣ дар ташкилотҳо** | 7 |
| 1.1. | Мақсади омӯзиши баҳисобгирии молиявӣ | 7 |
| 1.2 | Вазифаҳои баҳисобгирии молиявӣ | 9 |
| 1.3. | Фарзияҳои (принсипҳои) иттилооти молиявӣ | 12 |
| 1.4. | Батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 16 |
| 1.5 | Ташкили баҳисобгирии молиявӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ | 22 |
| 1.6 | Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои сармуҳосиб ва дигар кормандони хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ | 29 |
| | | |
| **Мавзӯи 2** | **Баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо** | 35 |
| 2.1. | Таъриф ва таснифи дороиҳои кӯтоҳмуддат (гардон) | 35 |
| 2.2. | Мафҳуми воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо | 36 |
| 2.3. | Баҳисобгирии амалиётҳои хазина | 37 |
| 2.4. | Баҳисобгирии амалиётҳо дар ҳисобҳои бонкӣ | 42 |
| 2.5. | Баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои пулӣ ва маблағҳои дар-роҳбуда | 48 |
| 2.6. | Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ | 49 |
| | | |
| **Мавзӯи 3.** | **Баҳисобгирии қарзҳои дебиторӣ ва ҳисобҳо барои қабул** | 54 |
| 3.1. | Маҳфум, таснифот ва эътирофи қарзҳои дебиторӣ | 54 |
| 3.2. | Баҳисобгирии қарзҳои дебитории тиҷоратӣ | 56 |
| 3.3. | Баҳисобгирии дигар қарзҳои дебиторӣ | 61 |
| 3.4. | Баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо муассисон | 68 |
| 3.5. | Баҳисобгирии қарзҳои дебитории дарозмуддат | 69 |
| | | |
| **Мавзӯи 4.** | **Баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ** | 72 |
| 4.1. | Таъриф ва мафҳуми захираҳои моддию молӣ | 72 |
| 4.2. | Таснифот ва баҳодиҳии ЗММ | 73 |
| 4.3. | Ҳуҷҷатноккунии дохилшавӣ ва истифодабарии ЗММ | 76 |
| 4.4. | Баҳисобгирии ЗММ дар анбор ва муҳосибот | 77 |
| 4.5. | Баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии ЗММ | 79 |
| 4.6. | Баруйхатгирии ЗММ | 79 |
| | | |




КИТОБХОНАИ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА Технологического университета Таджикистан
ИНВ. № 814

| | | |
|---|---|---|
| **Мавзӯи 5** | **Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ** | 101 |
| 5.1. | Таъриф, вазифаҳо, таснифот ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 101 |
| 5.2. | Баҳисобгирии дохилшавӣ, мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои асосӣ | 103 |
| 5.3. | Баҳисобгири фарсудашавии воситаҳои асосӣ. Усулҳои баҳисобгирии фарсудашавии воситаҳои асосӣ мувофиқи СБҲМ | 111 |
| 5.4. | Баҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ | 115 |
| 5.5. | Хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосии иҷоравӣ | 115 |
| | | |
| **Мавзӯи 6.** | **Баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ** | 123 |
| 6.1. | Мафҳум, таснифот ва баҳодиҳии дороиҳои ғайримоддӣ | 123 |
| 6.2. | Баҳисобгирии ҳаракати дороиҳои ғайримоддӣ | 126 |
| 6.3. | Баҳисобгирии «Гудвилл» ё «нархи ширкат» | 133 |
| 6.4. | Баҳисобгирии хароҷотҳои ташкилӣ, тадқиқот ва коркади илмӣ. Захираҳои табиӣ | 134 |
| 6.5. | Баҳисобгирии дороиҳои биологӣ | 136 |
| | | |
| **Мавзӯи 7.** | **Баҳисобгирии сармоягузориҳо** | 141 |
| 7.1. | Мафҳум ва таснифи сармоягузориҳо. | 141 |
| 7.2. | Баҳодиҳӣ ва эътирофи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат | 142 |
| 7.3 | Баҳисобгирӣ ва азнавбаҳодиҳии коғазҳои қиматнок | 156 |
| 7.4 | Усулҳои баҳисобгирӣ ва азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо | 161 |
| 7.5 | Хориҷшавӣ ва гузарониши сармоягузориҳо | 163 |
| 7.6 | Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул | 164 |
| | | |
| **Мавзӯи 8** | **Баҳисобгирии ӯҳдориҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо** | 171 |
| 8.1. | Мафҳум, баҳодиҳӣ, таснифот ва эътирофи ӯҳдориҳо | 171 |
| 8.2. | Баҳисобгирии қарзҳои кредитории тиҷоратӣ | 174 |
| 8.3. | Баҳисобгирии ӯҳдориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ | 179 |
| 8.4. | Баҳисобгирии ӯҳдориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда | 184 |
| 8.5. | Баҳисобгирии андозҳо | 189 |
| 8.6. | Баҳисобгирии ӯҳдориҳои дарозмуддат | 191 |
| | | |
| **Мавзӯи 9.** | **Баҳисобгирии сармояи худӣ** | 203 |
| 9.1. | Мафҳум ва тавсифи сармоя | 203 |
| 9.2 | Сармояи худӣ ва қарзӣ. | 204 |

| | | |
|---|---|---|
| 9.3 | Сохтори сармояи худӣ | 204 |
| 9.4 | Сармояи оинномавӣ, захиравӣ ва иловагӣ | 204 |
| | | |
| **Мавзӯи 10.** | **Баҳисобгирии даромадҳо, хароҷотҳо ва натиҷаҳои молиявӣ** | 217 |
| 10.1 | Мафҳум ва мазмуни натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилот | 217 |
| 10.2 | Таркиби натиҷаи молиявӣ. Тартиби ташкилёбӣ ва инъикоси он дар ҳисобгирӣ | 218 |
| 10.3 | Баҳисобгирии натиҷаи молиявӣ аз фаъолияти асосӣ | 221 |
| 10.4 | Баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳои амалиётӣ | 221 |
| 10.5 | Баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳои ғайриамалиётӣ ва фавқулодда | 232 |
| | | |
| **Мавзӯи 11.** | **Ҳисоботи молиявии ташкилотҳо** | 238 |
| 11.1 | Консепсияи ҳисоботи молиявӣ | 238 |
| 11.2 | Батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии тартиб додан ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ | 241 |
| 11.3 | Талаботҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ | 242 |
| 11.4 | Мафҳум ва мазмуни шаклҳои асосии ҳисоботи молиявӣ | 250 |
| | | |
| **Мавзӯи 12** | **Таҳлили ҳисоботи молиявӣ** | 264 |
| 12.1 | Сарчашмаҳои ахборотии таҳлили ҳисоботи молиявӣ | 264 |
| 12.2 | Қоидаҳои асосии гузаронидани таҳлили ҳисоботи молиявӣ | 265 |
| 12.3 | Баҳодиҳии эътимоднокии фоидаи дар ҳисобот инъикосёбанда | 266 |
| 12.4 | Усулҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ | 268 |
| 12.5 | Таҳлили коэффитсиентҳо | 270 |
| | | |
| | ***Замимаи 1. Конуни ЧТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ*** | 277 |
| | ***Замимаи 2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ*** | 293 |
| | ***Замимаи 3. Шаклҳои ҳисоботи молиявӣ*** | 300 |
| | | |
| | ***Адабиёти тавсиявӣ*** | 314 |

## МУҚАДДИМА

Ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари хоҷагӣ – молиявии ташкилотҳо ва ташкилотҳо дар шароити иқтисодӣ бозорӣ бидуни баҳисобгирии молиявӣ аз имкон берун аст. Махсусан шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ, такмил додани низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро тақозо намуда, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани онҳоро талаб менамояд.

Бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои Ҳукумат ва Вазорати маорифи ҶТ оиди тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи иқтисодиёт, молия дар низоми молиявӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ, хусусан мутахассисони соҳаи ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит, омӯзиши фанни баҳисобгирии молиявӣ дар факултаҳои иқтисодии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Фанни баҳисобгирии молиявӣ ба ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди ахбороти молиявӣ машғул мебошад. Дар асоси маъумотҳои он оиди фаъолияти хоҷагидории ташкилотҳо, истифодабарандагони ахборот қарорҳои молиявии манфиатбахш қабул мекунанд.

Омӯзиши фанни баҳисобгирии молиявӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки онҳо оиди мақсаду вазифаҳо, тартибу усулҳои баҳисобгирии молиявӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дониши мукаммал гиранд. Инчунин дар давраи омӯзиши фан донишҷӯён бояд чунин маълумотҳоро азхуд намоянд:

- гирифтани маълумот оиди мафҳум ва мазмуни баҳисобгирии молиявӣ, ҳамчун фанни базавии тахассусӣ;
- омӯзиши хусусиятҳои асосии ҷараёнҳои хоҷагӣ дар ҳисобгирии молиявӣ ва ташаккули он;
- азхуд кардани асосҳои батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии молиявӣ дар ҶТ;
- аз тарафи донишҷӯён азхуд кардани баҳисобгирии воситаҳои гардон ва ғайригардони ташкилот, ташкили сармояи худӣ ва қарзӣ;
- ташкили низоми ахборотӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи ҳисоботи молиявӣ;
- истифодаи маълумотҳои баҳисобгирии молиявӣ барои таҳлили молиявӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва баҳодиҳии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот.

Дастури таълимӣ аз фанни баҳисобгирии молиявӣ мувофиқи барномаи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит таҳия гардида, барои дигар ихтисосҳои иқтисодӣ ва муҳосибони касбӣ тавсия карда мешавад.

# МАВЗӮИ 1. ҚОИДАҲОИ АСОСИИ БА РОҲ МОНДАНИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ТАШКИЛОТҲО

1.1. Мақсади омӯзиши баҳисобгирии молиявӣ
1.2. Вазифаҳои баҳисобгирии молиявӣ
1.3. Фарзияҳои (принсипҳои) иттилооти молиявӣ
1.4. Батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
1.5. Ташкили баҳисобгирии молиявӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ
1.6. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои сармуҳосиб ва дигар кормандони хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ

## 1.1. Мақсади омӯзиши баҳисобгирии молиявӣ

Баҳисобгирии молиявӣ, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ, чун яке соҳаҳои ояндадори илми иқтисодӣ ва ихтисоси бонуфузи муосир зери табаддулоти калон қарор дорад. Ин бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот, фароҳамоварии возеҳӣ дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот, зарурати наздиккунии усули баҳисобгирии ватанӣ бо стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) вобастагӣ дорад.

Бо баробари гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ, баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун омили асосии идоракунии ташкилот, афзоиши даромаднокӣ ва назорат оиди самарабахшии амалӣ гардонидани фаъолияти хоҷагии ташкилотҳо аҳамияти муҳимро доро мегардад.

Баҳисобгирии молиявӣ чун яке аз намудҳои баҳисобгирии хоҷагидорӣ, дар қатори баҳисобгирии фаврӣ, идоракунӣ ва оморӣ, мақсади саҳеҳ ва пурра инъикос кардани амалиётҳои хоҷагӣ ва воқеияти фаъолияти субъектро дорост.

Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ, аз гирифтани маълумот оиди ҳолату ҳаракати захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии субъекти хоҷагидорӣ иборат буда, тавассути он мониторинги соҳибкорӣ амалӣ гардида, қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул карда мешаванд.

Баҳисобгирии молиявӣ – ин низоми иттилоотиет. Мавҷуд набудан, ё худ риоя накардан ва истифодаи нодурусти асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои муқарраргардида, метавонад ба оқибат-

ҳои ғайричашмдошт, ба монанди косташавии рағбати моликон, давлат ва дигар иштирокчиёни бозор оварда расонад.

***Баҳисобгирии молиявӣ** аз маҷмӯи тарзу усулҳои муошаи амалиётҳои хоҷагӣ ва ҷараёни он, ченкунӣ ва бақайдгирии онҳо, коркарди маълумот ва ирсоли он ба истифодабарандагони манфиатдор барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва нигоҳдории маълумот бо тартиботи муайян иборат аст.*

Низоми муосири идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо малакаи амалӣ, балки саводнокии назариявиро низ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ тақозо мекунад. Баҳисобгирии молиявӣ забони байналмилалии соҳибкорӣ буда, донишҳои муайянеро дар соҳаи риёзиёт, омор, молия, ҳуқуқ, андозбандӣ, технологияи компютерӣ ва фанҳои дигар талаб мекунад, ки онҳо дар ниҳояти кор боиси ташаккули насли нави кормандони баҳисобгирӣ – менеҷерони молиявии ширкат мегарданд. Беҳуда нест, ки роҳбарони аксарият корпоратсияҳои трансатсионалӣ дорои маълумоти муҳосибӣ ва ё собиқ муҳосибонанд.

Баробари такомули муносибатҳои бозаргонӣ баҳисобгирии молиявӣ масъалаҳои мураккаби зеринро ҳал менамояд:

- муайян намудани сатҳи иқтидори истеҳсолӣ ва вазъи молиявии ташкилот;
- аниқ кардани мавҷудияти моликият, вазъ ва ҳаракати воситаҳои гардон ва ғайригардон;
- таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ ва омода намудани пешниҳодот оиди қабули қарорҳои идоракунӣ;
- таъмини назорат оиди нигоҳдории захираҳои моливу моддӣ, воситаҳои пулӣ ва тамоми моликияти ташкилот;
- мониторинги амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ ва қарзӣ, идоракунии хароҷот, таъминоти самаранокӣ ва рақобатпазирӣ.

***Мақсади ба роҳ мондани баҳисобгирии молиявӣ*** – ин ҷамъоварӣ, коркард ва танзими маълумот оиди фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот, воқиф сохтани роҳбар ва менеҷерон оиди ҳаҷми корҳои иҷрошуда, даромад, хароҷот ва фоида, андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, оиди тағйироти ҳаракати захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ мебошад.

Аз ин бармеояд, ки низоми баҳисобгирии молиявӣ манбаи иттилоотиро барои идоракунӣ ба вуҷуд оварда, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебарорад.

## 1.2. Вазифаҳои баҳисобгирии молиявӣ

Пешбурди бомуваффақияти фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ташкилот ва соҳибкорӣ дар шароити ҳозира, асосан бо азхудкунии маълумоти иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Ба қатори руknҳои муҳимтарини ахбороти иқтисодӣ низоми иттилоотии баҳисобгирии молиявӣ дохил мешавад.

Ба сифати истифодабарандагони ахброти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ гурӯҳҳои мухталифи шахсони воқей ва ҳуқуқӣ – дохилӣ ва берунӣ, ки дорои манфиатҳои гуногун мебошанд, баромад мекунанд.

**Истифодабарандагони дохилии** иттилоот, ки асосан бевосита бо идоракунии сармоя машғуланд, моликони хусусӣ ва дастҷамъӣ, мақомоти олии идоракунандаи ташкилот, дастгоҳи иҷроия, менеҷерон, сардорони шӯъба, қисм ва сехҳо мебошанд.

**Гурӯҳи дуюми истифодабарандагони иттилооти молиявиро** онҳое ташкил медиҳанд, ки кормандони бевоситаи ташкилот набуда, лекин манфиатҳои молиявӣ доранд. Ба қатори чунин судмандон маблағгузорони ҳақиқӣ (воқей) ва эҳтимолӣ, қарздиҳандагони воқей ва эҳтимолӣ, аз он ҷумла саҳмдорон, таъминкунандагон ва харидорон мансубанд.

**Гурӯҳи сеюми истифодабарандагони иттилооти молиявӣ** манфиатҳои молиявии бавосита (ғайримустақим) доранд. Ба чунин истифодабарандагон дар навбати аввал давлат дар намояндагии мақомоти андоз, молия ва омор, мақомоти батанзимоваранда, аудиторон, мушовирон мансубанд.

Моликон, мудирон ва дигар кормандони дастгоҳи иҷроия барои фаъолияти самаранок ҷавобгар буда, барои даромаднокӣ ва фоидаоварии ташкилот манфиатдоранд. Ҳамин тариқ, Шӯрои директорон нақшаи даромад, хароҷот ва фоидаро кор карда мебарояд, Маҷлиси умумӣ тасдиқ мекунад, Дастгоҳи иҷроия нақшаҳои пешбинишударо бевосита иҷро мекунад. Барои пешбарии бомуваффақияти фаъолият, иттилооти рӯзмарра оиди ҳаҷми корҳои иҷрошуда, воридоти маблағҳо, вазъи амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ зарур аст. Дар сурати мавҷудияти ин гуна маълумот таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ имконпазир мегардад. Сармоягузорон ва кредиторон, гарчанде дар идоракунии ташкилот ширкат намеварзанд, нисбати ташаккули ташкилот назар ба идоракунандагон бештар ҳавасманданд.

Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар онҳо ҷараёни ташаккул ва инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ сурат мегирад, сармоягузориҳои зиёд на танҳо ба истеҳсолот, тиҷорат ва хадамот, инчунин ба соҳаи маориф ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ низ талаб карда мешаванд. Аксарияти сармоягузорон воситаҳои пулӣ, молу мулки худро барои барқароркунии истеҳсолот, тараққиёти соҳаи савдо ва хадамот, сохтмони объектҳои нав ва таҷдиди объектҳои амалкунанда бо вуҷуди мавҷуд будани хавф харҷ мекунанд. Ин хавф он гоҳ эътимоднок мегардад, ки сармоягузорон ва кредиторон оиди рафти корҳо дар объектҳои мазкур маълумоти ҳамаҷониба дошта, оиди воситаҳои харҷшаванда ва таъмини саҳеҳияти далелҳои ҳисоботӣ назорат бурда тавонанд. Менеҷерон ба дурустии қарорҳои қабулшуда ва босамар будани сохтори сармоя баҳо медиҳанд.




*Тасвири 1. Истифодабарандагони иттилооти молиявӣ*

Дар қатори истифодабарандагони иттилооти молиявӣ ма-вқеи махсусро **истифодабарандагони дорои манфиати бавосита (ғайримустақим)** ишғол мекунанд. Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар шароити ташаккули иқтисоди бозаргонӣ, дар ҳолате ки аксарияти ташкилоту муассисаҳо бекор хобидаанд, ҷамъ намудани пардохтҳои андозӣ алалхусус муҳим буда, ба сифати истифодабарандагони асосии ахбороти молиявӣ баромад кардани мақомоти андоз табиист. Гурӯҳи судмандони иттилоотие вуҷуд доранд, ки барои онҳо ҳамагуна маълумот оиди фаъолияти ташкилот муҳим аст. Ин мақомоти молиявӣ аст, ки оиди ҳифзи моликияти давлатӣ назорат мебарад.

Айни замон нақши мақомоти омор, ки бо ҷамъ намудан, коркард, таҳлил ва ҷамъбасти маълумот оиди тараққиёти иҷтимоӣ - иқтисодии кишвар машғул аст, афзуда истодааст.

Ба гурӯҳи судмандони ахбороти муҳосибии дорои манфиати бавоситаи молиявӣ ҳамчунин аудиторон, мушовирон ва ҳама гуна истеъмолкунандагони молу хадамот дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳар як судманди дар боло зикргардида нисбати вазъу тараққиёти тиҷорат дар маҳал рағбати хоса дорад. Масалан:

- сармоягузорони эҳтимолӣ ва саҳҳомон ҳавасманди маълумот оиди пардохти фоида аз сармоягузории худ – ҳаққусаҳм (дивиденд) мебошанд;
- кредиторон ва таъминкунандагон ҳавасманди сари вақт гирифтани маблағи қарзҳои пешкашгардида бо фоизаш ва молҳои (хадамоти) пешниҳодшуда, корҳои иҷрогардидаанд;
- харидорон ҳавасманди маълумот оиди фаъолияти муттасили субъекти хоҷагидорианд;
- кормандони ширкат оиди даромаднокӣ ва таъминоти сари-вақтии маош мебошанд;
- мақомоти давлатӣ ҳавасманди маълумот оиди ҳаҷми фаъолият ва андоз аз он мебошанд;
- аудиторон дурустии таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва мувофиқати онро ба СБҲМ месанҷанд ва аслан манфиатдори қобилияти пардохтадокунӣ доштани мизоҷони хешанд;
- мушовирон оиди хариди саҳмияҳо ё худ маблағгузорӣ тавсия медиҳанд.

## 1.3. Фарзияҳои (принсипҳои) иттилооти молиявӣ

Ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ зарурати таснифи баҳисобгирии муҳосибиро ба ҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ ба миён овард.

Дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун фанни ягона бо қисматшавӣ ба фанҳои дохилсоҳавӣ омӯхта мешуд. Дар шароити ҳозира, бо пайдоиши шаклҳои мухталифи моликият ва мувофиқан, истифодабарандагони мухталифи иттилоотии манфиатҳои гуногундошта, баҳисобгирии муҳосибӣ ба молиявӣ ва идоракунӣ қисмат мешавад.

**Баҳисобгирии молиявӣ** маълумоти заруриро ҳам барои истифодабарандагони дохилӣ ва ҳам беруна дарбар мегирад. Қисми асосии баҳисобгирии молиявӣ аз маълумоти ҷамъбастӣ иборат аст, ки мақсади асосии он – омода намудани шаклҳои гуногуни ҳисоботи молиявӣ ва пешниҳоди саривақтии он ба истифодабарандагони берунаи ҳавасманд мебошад.

**Баҳисобгирии молиявӣ** дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозаргонӣ, ҳангоме ки на ҳар як ташкилот пардохтҳои андозиро бардошт карда метавонад, ба истифодабарандагони ҳавасманд маълумотеро, ки на ҳамаи талаботҳои онҳоро қонеъ мегардонад, пешниҳод мекунад.

Маълумоти хеле пурра ва холисро оиди самаранокии фаъолияти ташкилот тавассути **баҳисобгирии идоракунӣ** гирифтан мумкин аст.

**Баҳисобгирии идоракунӣ** (дохилиширкатӣ) маълумоти хеле пурра ва ҳаматарафаро оиди фаъолияти истеҳсолии ташкилот, нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии корни бахшҳоро дарбар гирифта, асосан барои қонеъгардонии талаботи роҳбарон ва менеҷерони ташкилот равона гардидааст. Бинобар ин мақсади бурдани баҳисобгирии идоракунӣ – ин баланд бардоштани сатҳи муфидии маълумот барои баҳодиҳии воқеии вазъи кор ва қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ мебошад.

Баробари тараққиёбии муносибатҳои бозаргонӣ ҷараёни идоракунии субъекти хоҷагидорӣ торафт мураккабтар мешавад. Илова бар ин, диққати асосӣ ба ҳисобгирии идоракунӣ дода мешавад, ки он тадриҷан васеъ гардида, вазифаҳои маблағгузории буҷетӣ, назорат, батанзимдарорӣ ва ғайраро дарбар мегирад.




*Тасвири 2. Намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии ташкилотҳо*

Бо вуҷуди ин, баҳисобгирии истеҳсолии амалкунандаро бо баҳисобгирии идоракунӣ шабоҳат додан мумкин нест, чунки маълумоти баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳам дар ҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам дар ҳисобгирии молиявӣ истифода бурда мешавад. Олимони амрикоӣ оиди баҳисобгирии идоракунӣ Хорнгрен Ч.Т ва Фостер Дж. қайд мекунанд, ки «Баҳисобгирии истеҳсолӣ – ин баҳисобгирии идоракунӣ бо ҷамъи қисмати начандон калони баҳисобгирии молиявист».

Ин тафриқаро ба таври возеҳ чунин тасвир кардан мумкин аст:




A – баҳисобгирии идоракунӣ
B – баҳисобгирии истеҳсолӣ
C – баҳисобгирии молиявӣ

*Тасвири 3. Алоқамандии баҳисобгирии идоракунӣ ва молиявӣ*

Баробари ба даст овардани мустақилият, маҳорати идоракунӣ ва самтҳои ташкили истеҳсолотро худи ташкилотҳо муайян мекунанд. Дар чунин шароит роҳбарон ба маълумоти саҳеҳ оиди вазъи кор эҳтиёҷ доранд. Истиқлолияти молиявии ташкилотҳо тавассути бароҳмонии дурусти баҳисобгирӣ ва возеҳии маълумоти ҳисоботи молиявӣ назорати пайваста оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва вазъи ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторон ва кредиторон, бо мақомоти андоз таъмин карда мешавад.

Барои баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии объектҳо дар ҳисобгирии молиявӣ андозаҳои (ченакҳои) аслӣ, пулӣ ва меҳнатӣ истифода бурда мешаванд.

Баҳисобгирии молиявӣ бо роҳи ченкунӣ далелҳои молиявӣ – хоҷагидории ташкилотро ба қайд мегирад.

Ҳисоботи молиявӣ асосан аз нишондодҳои умумӣ оиди ҳисобҳои таркибӣ бо ифодаи пулӣ иборат аст.

Ченаки пулӣ нишондиҳандаи умумӣ буда, барои яклухт кардани нишондиҳандаҳои гуногун ва баҳодиҳии ҷамъбастии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имконият медиҳад.

Ченак яке аз нишонаҳои муҳимтарини бурдани баҳисобгирии муҳосибист, ки бояд истифодаи он ниҳоят саҳеҳ ва эҳтиёткорона сурат гирад. Назар ба низоми амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ченакҳои дар стандартҳои байналмилалӣ истифодашаванда мавриди таҳияи ҳисоботи молиявӣ асосан ба қоидаҳо ва фарзияҳо такя мекунанд.

Усули воқеии муқоисаи объектҳои гуногуни баҳисобгирӣ аз он вобастагӣ дорад, ки онҳо ба тариқи харҷи меҳнати таҷассумёфта ифода шуда метавонанд. Илова бар ин, ченакҳои пулиро дар якҷоягӣ бо ченакҳои аслӣ ва меҳнатӣ истифода мебаранд.

Баҳисобгирии молиявӣ бо ченкунии таъсироти амалиётҳои хоҷагӣ (дар ифодаи пулӣ) ба воҳидҳои мушаххаси хоҷагидорӣ алоқаманд аст.

Объекти асосии ченкунӣ дар ҳисобгирии молиявӣ амалиётҳои хоҷагӣ мебошанд. Онҳо далелҳои ҳаёти хоҷагидорӣ буда, ба вазъи молиявии ширкат таъсир мерасонанд.

Истифодаи натиҷаҳои ин ва ё он намуди ченак аз қарори қабулмешуда вобастагӣ дорад. Дар ин маврид муҳосиб маълумоти зарурииро омода намуда, ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ ва афзудани самаранокии кор (соҳибкорӣ) мусоидат мекунад.

***Вазъи молиявӣ* (финансовое положение -financial position)** ин мавҷудияти захираҳои иқтисодии (economic resources) ба ширкат тааллуқдошта ва тамоми сармояи (equities) ба онҳо муқобилгузашта аст.

*Дар ҳисобгирии молиявӣ захираҳои иқтисодиро дороиҳо (assets) ва сармояи ҷалбшударо – ӯҳдадорӣ (liabilities)-ҳо меноманд.*

Баробарии овардашуда ҳамчун муодилаи тавозунӣ (accounting equation) маълум аст.

**ЗАХИРАҲОИ ИҚТИСОДӢ = КУЛЛИ САРМОЯ**

↓

**Захираҳои иқтисодӣ = Сармояи ҷалбшуда + Сармояи худӣ**

↓

**Дороиҳо = Ӯҳдадориҳо + Сармояи худӣ**

*Тасвири 4. Сохтори муодилаи тавозунӣ*

Аз рӯи ақидаи Хендриксен Э.С. ва Ван Бреда М.Ф. – «Дороиҳо ноқилони даромаданд, ӯҳдадориҳо бошанд ба дороиҳо муқобил гузошта шудабуда, ин иқтидорро паст мекунанд. Захира ва ӯҳдадориҳо дар он ҳолат эътироф мешаванд, агар онҳо *ченшаванда, релевантӣ ва боэътимод* бошанд».

Мувофиқи консепсияи СБҲМ, ҳисоботи молиявӣ натиҷаҳои молиявии амалиёт ва дигар ҳодисаҳоро инъикос карда, онҳоро ба категорияҳои васеъ – **элемент** (ҷузъ, унсур) мувофиқи хусусиятҳои иқтисодиашон муттаҳид менамояд. ***Элементҳои*** бевосита бо ***баҳодиҳии вазъи молиявӣ*** алоқаманд – ***дороиҳо, ӯҳдадориҳо*** ва ***сармоя*** мебошанд, ки *дар ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ)* пешниҳод мешаванд. ***Элементҳое***, ки бевосита бо

***баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият*** алоқамандaнд - ***даромад, хароҷот, фоида*** ва ё ***зарар*** буда, *дар ҳисобот оиди фоида ва зарар* пешниҳод мешаванд.

***Дороиҳо – ин захираҳои аз ҷониби ширкат назоратшаванда, ки натиҷаҳои ҳодисот ва амалиётҳои давраҳои пешин буда, дар худ фоидаҳои иқтисодии минбаъдаро таҷассум менамоянд.***

Дороиҳо дар тавозуни муҳосибӣ ба тариқи:

- қимматҳои пулӣ (монетарӣ) – воситаҳои пулӣ, маблағгузорӣ ва ӯҳдадориҳои қарзии харидорон ва дебиторон;
- қимматҳои моддӣ (ғайримонетарӣ) – захираҳои моливу моддӣ ва воситаҳои асосӣ;
- дороиҳои ғайримоддӣ, нишон дода мешаванд.

***Ӯҳдадориҳо – қарзҳои ширкат, ки камшавии потенсиалии дороӣ ва даромадро пешбинӣ намуда, аз воқеа ва амалиётҳои давраҳои пешин ба миён омадаанд.*** Ӯҳдадориҳо дар тавозуни муҳосибӣ дар намуди қарздории кредитории воқеӣ, ҳисобкардашуда, баҳоӣ ва шартӣ пешниҳод карда мешаванд.

***Сармояи худӣ – ин ҳиссаест дар дороиҳои ширкат, ки баъди пардохти ҳамаи ӯҳдадориҳо боқӣ мондааст.*** Сармояи худӣ дар тавозуни муҳосибӣ бо намуди сармояи гузошташуда, сармояи замшуда, фоидаи тақсимношуда ва сармояи захиравии аз он ташкилшаванда пешниҳод карда мешавад.

*Муодилаи тавозунии тағйирёфтаи сармояи худиро чунин муайян мекунанд*:

***Сармояи худӣ = Дороиҳо – Ӯҳдадориҳо***

*Сармояи худӣ, дороиҳои соф – «нархи ширкат»-ро нишон медиҳад.*

## 1.4. Танзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ мувофиқ ва ҷавобгӯ гардонида шуда, асоси ин низом ба меъёрҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ такя менамояд. Ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Бархе аз ин ҳуҷҷатҳо таъиноти ҳатмии истифодабарӣ дошта, бархеи дигарашон хусусияти тавсиявӣ доранд. Вобаста аз таъинот ва дараҷа, ҳуҷҷатҳои

асосии меъёрии муайянкунандаи асосҳои методологӣ, тартиби ташкил ва бароҳ мондани баҳисобгирии муҳосибиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин дараҷа пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст:

- *Ҳуҷҷатҳои сатҳи якум* – ин санадҳои қонунӣ, фармонҳои Президент ва Қарорҳои Ҳукумати ҶТ, ки бевосита ё бавосита ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар ташкилотҳо ба танзим медароранд. Дар ин ҳуҷҷатҳо қоидаҳои умумӣ ва принсипҳои асосии ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотву ташкилотҳо инъикос ёфтаанд. Санадҳои асосии сатҳи якум ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки аз 23. 04. 2011, таҳти № 702 қабул карда шудааст, инчунин Кодекси шаҳрвандии ҶТ (қ. 1ва 2), Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ташкилотву ташкилотҳо (ташкилотҳо)», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки асосҳои ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ, мундариҷаи он, принсипҳо, ташкил, самтҳои асосии фаъолияти муҳосибӣ ва тартиби ҳисобот, ҳайати субъектҳои хоҷагидории ба бурдани ҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳодкунии ҳисобот ӯҳдадорро муайян менамоянд.
- *Ҳуҷҷатҳои танзимкунадаи сатҳи дуюм* - ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун маҷмӯи қоидаҳои муайянкунандаи тартиби баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии объектҳои мушаххас мебошанд. Ҳуҷҷатҳои мазкур дар бораи бароҳ мондани намудҳои алоҳидаи фаъолият тавсия мешаванд. Ба ин гурӯҳи ҳуҷҷатҳо – меъёрҳои (дар амалияи баҳисобгирии мо – дастурамалҳо, низомномаҳои) миллии баҳисобгирӣ, ки бо мақсади мувофиқнамоии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба меъёрҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дохил мешаванд, ки аз тарафии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии сатҳи дуюм Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ягонаи танзимкунанда мебошад. Дар фарқият аз меъёрҳои байналмилалӣ, меъёрҳои (дастурамалҳо, низомномаҳои) миллӣ на хусусияти тавсиявӣ, балки хусусияти истифодабарии ҳатмӣ доранд.

- *Ҳуҷҷатҳои сатҳи сеюм* – ин маҷмӯи ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки хусусияти тавсиявӣ доранд. Ин ҳуҷҷатҳо асосан барои аниқтар намудани ҷузъҳои меъёрҳо, вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ, намудҳои истеҳсолот ва дигар хусусиятҳо таҳия карда шуда,

КИТОБХОНА
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета Таджикистана
ИНВ. №

усулҳои гуногуни ташкили баҳисобгириро дар ташкилот пешниҳод менамоянд. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои сатҳи сеюм дар асоси ҳуҷҷатҳои ду сатҳи аввал тартиб дода мешаванд, бинобар ин бояд ба талаботҳои онҳо мухолифат накунанд. Ба ин гурӯҳи ҳуҷҷатҳо «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии ташкилотҳо ва дастурамал оиди истифодабарии он», ки аз тарафии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 41 тасдиқ шудааст, дастурҳои методӣ дар бораи баруйхатгирии молу мулк ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, дар бораи баҳисобгирии иҷораи молиявӣ ва ғайра дохил мешаванд.

- *Ҳуҷҷатҳои сатҳи чорум* – ин маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дохилии кории худи ташкилот мебошанд, ки хусусияти ташкил ва бурдани баҳисобгириро дар ташкилот мувофиқи сиёсати ҳисобдории дар ташкилот қабулшударо тавзеҳ медиҳанд. Ин гурӯҳи ҳуҷҷатҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои се зинаи аввал тартиб дода мешаванд. Ба онҳо ҳуҷҷат доир ба сиёсати ҳисобдории ташкилот, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоии аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқшуда, сабткунакҳои баҳисобгирӣ, ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо, нақшаи ҳисобҳои кории баҳисобгирӣ, ки аз ҷониби роҳбари ташкилот тасдиқ шудааст, шаклҳои ҳисоботи дохилӣ ва ғайра дохил мешаванд.
- *Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ* – ин маҷмӯи чорабиниҳои муҳайёсозии шароит оиди барқароркунии раванди баҳисобгирӣ бо мақсади дастраскунии маълумоти боэътимоду саривақтӣ дар бораи молу мулк, ӯҳдадориҳо ва фаъолияти хоҷагии ташкилот, инчунин амаликунии назорат оиди сарфакоронаву оқилона истифодабарии захираҳои молиявӣ- истеҳсолии ташкилот мебошад. Ҷузъҳои асосии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо ин ташкили баҳисобгирии ибтидоӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо, баруйхатгирӣ, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, шаклҳои ташкили корҳои баҳисобгирӣ – ҳисоббаробаркунӣ, ҳаҷм ва мундариҷаи ҳисобот мебошанд.

Мутобиқи моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» масъулияти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо, риояи қонунгузории ҷорӣ ҳангоми иҷроиши амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ ба зиммаи роҳбари ташкилот вогузор карда шудааст.

Роҳбарони ташкилотҳо вобаста ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ вазифадоранд (п.2.Қонуни мазкур):

- хизматрасонии муҳосибиро ҳамчун сохтори таркибӣ, ки ба он сармуҳосиб (муҳосиб) роҳбарӣ мекунад, таъсис диҳанд;
- дар басти вазифаҳо вазифаи муҳосибро ҷорӣ намоянд;
- дар асоси шартнома баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба муҳосиботи марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё ба муҳосиби касбӣ супоранд;
- баҳисобгирии муҳосибиро ҳангоми зарурат шахсан ба зимма гиранд.

Дар амалияи ташкилотҳо кам ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки роҳбари ташкилот баҳисобгириро шахсан худаш барад, одатан ин вазифа аз ҷониби шӯъбаи муҳосибот ё ҳисобдор иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат барои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ бояд роҳбар тамоми шароитҳоро муҳайё намояд.

Барои таъмини ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ коркардабарони лоиҳаи ташкили он аҳамияти муҳим дорад.

*Нақшаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ* аз банақшагирии ҳуҷҷатноккунии амалиётҳои хоҷагидорӣ ва ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо, нақшаи гузаронидани баруйхатгириҳо, интихоби нақшаи ҳисобҳо ва муросилоти онҳо, нақшаи пешниҳоди ҳисобот, нақшаи ташкили барасмиятдарории техникии баҳисобгирӣ, нақшаи ташкили кори кормандони шӯъбаи ҳисобдорӣ иборат мебошад.

*Дар нақшаи ҳуҷҷатноккунӣ* маҷмӯи ҳуҷҷатҳо барои баҳисобгирии амвол, ӯҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагидорӣ зарурӣ нишон дода шуда, талабот ба ҳуҷҷатҳо ҳисоб карда мешавад. Ташкилотҳо метавонанд шаклҳои махсуси ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ибтидоӣ ё шаклҳои ҳуҷҷатҳои худашон мустақилона таҳиякардаро истифода намоянд. Пас аз муайянкунии талабот ба ҳуҷҷатҳо барои бадастории онҳо ё чопашон супориш дода мешавад, ҳангоми таъминоти марказонидашуда барои бадастории онҳо ба ташкилоти болоӣ дархост фиристода мешавад.

Дар ташкилотву ташкилотҳо асоси ташкили ҳисобгирии ибтидоиро *тақвими гардиши ҳуҷҷатҳо* ташкил медиҳад, ки он аз ҷониби сармуҳосиби ташкилот тасдиқ карда мешавад.

Дар зери мафҳуми гардиши ҳуҷҷатҳо марҳилаи истифодабарии ҳуҷҷатҳо аз замони тартибдиҳӣ то додани онҳо ба бойгонӣ, барои нигоҳдорӣ фаҳмида мешавад. Дар ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо номи шахсони тратибдиҳандаи ҳуҷҷатҳо, тартиб, ҷой дав-

раи гардиши ҳуҷҷатҳо аз замони тартибдиҳӣ то супоридани онҳо ба бойгонӣ нишон дода мешавад.

*Дар нақшаи гузаронидани баруйхатгирӣ* тартиб, намудҳо ва мӯҳлати гузаронидани баруйхатгирии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ муайян карда мешавад. Нақшаи гузаронидани баруйхатгирӣ бо назардошти он тартиб дода мешавад, ки тафтиши мавҷудияти арзишҳо ба мӯътадилии фаъолияти ташкилот таъсир нарасонад. Мӯҳлати гузаронидани баруйхатгирии ғайринақшавӣ бояд ба шахсони мутасаддии моддӣ маълум набошад.

*Дар нақшаи тартибдиҳии ҳисобот* номгӯи шаклҳои ҳисобот, мухлати ҳисоботӣ, ном ва нишонаи ташкилоту ташкилотҳо, ному насаби шахсони соҳибвазифа, ки ҳисоботро қабул менамоянд, насаб ва номи шахсони ба тартибдиҳии ҳисобот ҷавобгар нишон дода мешавад.

*Дар нақшаи барасмиятдарории техникӣ* тавсифи ҷузъии шакли ҳисобгирии дар ташкилот истифодашаванда дода мешавад. Инчунин истифодабарии кадом намуди мошинҳои ҳисоббарор, асбобҳо ва дастгоҳҳо гуфта мешаванд. Ҳангоми интихоби шакли баҳисобгирӣ ташкилотҳо ӯҳдадоранд, то аз нишондодҳо ва дастурҳои мувофиқ истифода баранд, шароити мушаххаси кори ташкилотро ба инобат гиранд, бо бартариятҳо ва норасоиҳои шаклҳои амалкунандаи ҳисобгирӣ хуб шинос бошанд.

*Дар нақшаи кори кормандони шӯъбаи муҳосибот* сохтори дастгоҳи он ва воҳидҳои кории шӯъбаи муҳосибот муайян карда мешаванд. Тавсифномаи иҷроиши кори ҳар як корманд дода шуда, чорабиниҳо оиди баландбардории дараҷаи тахассусии онҳо ба нақша гирифта мешаванд ва ҷадвали иҷроиши корҳои баҳисобгирӣ тартиб дода мешавад.

Ҳангоми ташкилкунии сохтори дастгоҳи идоракунӣ ва шаклҳои алоқаҳои он бо қисматҳои ҷудогонаи ташкилот масъалаи *марказонидан ё ғайримарказонидани баҳисобгириро* ҳал намудан лозим аст.

Ҳангоми ташкили *баҳисобгирии марказонидашуда* хадамоти баҳисобгирии ташкилот ба муҳосиботи асосӣ ғун карда мешавад. Дар он бурдани баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ, дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҳуҷҷатҳои ҳисоботии аз қисматҳои таркибии ташкилот воридшаванда амалӣ карда мешавад. Дар худи сохторҳои таркибӣ бошад танҳо бақайдгирии ибтидоии амалиётҳои хоҷагидорӣ сурат мегирад.

Ҳангоми *ғайримарказонидани баҳисобгирӣ*, хадамоти баҳисобгирии ташкилот дар қисматҳои алоҳидаи истеҳсолии ташкилот ҷудогона фаъолият карда, дар онҳо баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ бурда шуда, тавозунҳо ва ҳисоботи заводҳо, сехҳо ё шӯъбаҳо тартиб дода мешаванд. Муҳосиботи марказӣ дар ин ҳолат танҳо ҷамъбасткунии тавозунҳо ва ҳисоботро гузаронида, тавозун ва ҳисоботи ташкилотро дар маҷмӯъ тартиб медиҳад. Инчунин барохмонии баҳисобгирии муҳосибии қисматҳои ҷудогонаи ташкилотро назорат менамояд. Баҳисобгирии ғайримарказонидашуда танҳо дар ташкилотҳои бузург иҷозат дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки марказонидани баҳисобгирӣ назорати бештар таъсирбахшро аз ҷониби сармуҳосиб таъмин месозад ва он имконият медиҳад то корҳои ҳисобу китоб миёни кормандони шӯъбаи ҳисобдории ташкилот ба мақсад мувофиқ тақсим карда шаванд. Аз ин рӯ, дар бисёр ташкилотҳо низоми марказонидашудаи баҳисобгириро истифода мебаранд.

Сохтори шуъбаи муҳосиботи ташкилотҳо асосан аз ҳаҷми корҳои баҳисобгирӣ, ташкил ва технологияи истеҳсолот ва мавҷудияти воситаҳои техникӣ вобастагӣ дорад. Дар ташкилотҳои бузург ва миёна хадамоти муҳосибот чун қоида, одатан аз шӯъбаҳои зерин иборат аст:




*Тасвири 5. Нақшаи анъанавии хадамоти муҳосибии ташкилотҳо*

## 1.5. Ташкили баҳисобгирии молиявӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ

Тараққиёти босуботи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ташаккули ширкатҳои трансконтиненталӣ, гузориши сармоя ба мамлакатҳои хориҷӣ талаби ба як шакл даровардани истифодаи шаклу усулҳои ҳисобдорӣ дар асоси дастовардҳои ҳисобдории миллӣ ва урфу одатҳои миллиро ба миён гузошт.

Чуноне ки маълум аст, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро муввофиқан ба талаботи корпоратсияҳои трансмиллӣ кор карда баровардаанд.

Ин стандартҳоро дар ташкилотҳо ва ташкилотҳои молиявии кишварҳои гуногун, ки дараҷаи гуногуни рушди иқтисодиёт ва хусусиятҳои миллию урфу одатҳои асрҳо ташаккулёфта доштанд, истифода бурдаанд.

Транскорпоратсияҳо, ки ташкилотҳои фардӣ, филиалҳо ва ё ташкилотҳою намояндагиҳо дар марказҳои якчанд давлат доштанд, ба ҳолатҳои мутақобили бурдани ҳисобдорӣ дар асоси қонунгузории андоз, баҳодиҳии амвол дар тавозун, эътирофи даромаду хароҷотҳо, натиҷаҳои молиявӣ ва ғайра ба душвориҳо дучор гардиданд.

Кулли ин муаммоҳо дар вақти муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, фаъолияти онҳо ва тартиб додани ҳисоботи маҷмӯии солонаро дар миқёси корпоратсияҳо ба монеаҳо дучор гардониданд.

Хулоса, муқоисанашавандагии далелу рақамҳои ҳисобот, шаффоф набудани ҳисоботҳо имкон надоданд, ки ҳолати пурраи фаъолияти молиявии ширкатҳоро оид ба соҳибкорӣ дар мамолики гуногун муайян созанд, ки ин ба талафоти калони молиявӣ ва ҳатто муфлисшавию нобудшавии ташкилотҳои фаръӣ дар ҳолатҳое, ки ташкилотҳои фаръӣ ба ахбори бардурӯғи «духтарҳо» ва контрагентҳои худ бовар карданд, оварда расонид.

Аз ҷониби дигар, мавҷудияти хусусиятҳои миллии низоми иқтисодӣ-молиявӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ моделҳои гуногуни баҳисобгирии молиявиро ба вуҷуд овард. Чунин тамоил ба ҷаҳонишавӣ ва бузурггардии иқтисодиёт дар арсаи ҷаҳонӣ оварда расонид, ки тибқи он бояд моделҳои гуногуни ҳисобдорӣ ба ҳамдигар наздик карда мешуданд.

Дар 50-солаи нимаи дуюми асри XX ва 10-солаи асри XXI моҳиятан ширкатҳои трансмиллӣ тағйиротҳои назаррасро аз сар гузарониданд.

Ҳоло онҳо дар ҷабҳаҳои бозори ҷаҳонӣ мавқеи афзалиятнокро ишғол намуда, таъсири худро ба мамлакатҳо, сарварони давлатҳо ва аҳли омма мерасонанд. Мавҷудияти гуногуншаклии ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар амалия дар мавриди бароҳ мондани тиҷорати байналмилалӣ муаммоҳои зиёдеро ба миён меоваранд, чунки дар ин ҳолат бояд маҷбуран ба хусусиятҳои миллӣ ва меъёрҳои қонунгузории давлат мутобиқ шаванд.

Яке аз омилҳои дигаре, ки боиси истифодаи СБҲМ дар мамлакатҳо гардид, ин ташкили бозори сармояи ҷаҳонӣ мебошад, ки он усулҳои мувофиқи ҳисобдориро талаб менамояд.

Пас аз соҳибистиқлолӣ ва фароҳам омадани фазои оромии сиёсию иқтисодӣ дар ҶТ, ташкилотҳои бузургтарини мамлакат бо мақсади рушди иқтисодиёт, барои ҷалби сармояи хориҷӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, вале барои сармоягузорон ҳаҷми калони ахбороти молиявии онҳо нофаҳмо буд. Чунки ахбороти онҳо ба низоми муҳосибoти давраи Шӯравӣ асос ёфта буд. Ин монеаро танҳо тавассути ба роҳ мондани истифодаи СБҲМ ҳалпазир гардонидан мумкин буд. Бо назардошти ин нуктаҳо, Ҳукумати ҶТ 4-ноябри соли 2002, таҳти № 428, «Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» қарор қабул кард.

Дар як давраи муайян омӯзиши таҷрибаи ҷорӣ кардани СБҲМ дар давлатҳои ҳамсоя – Қазоқистон ва Қирғизистон мавриди омӯзиши Саридораи методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Вазорати молияи ҶТ қарор гирифт. Дар ин давра бо кӯмаки ЮСАИД, корпоратсияи «Прагма» (ИМА) аз ҷониби Асотсиатсияи муҳосибон ва аудиторони ҶТ, Институти ҷамъиятии касбии ҳисобдорон ва аудиторони ҶТ, курсҳои омӯзиши СБҲМ гузаронида шуданд.

Дар ин давра дар натиҷаи ҷамъбасти омӯзиши гузариши мамлакатҳои муштаракулманофеъ ба СБҲМ бо фармони Вазорати молияи ҶТ аз 05.03.2004, № 28, «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ» қабул гардид ва барои гузариши 64 ташкилотҳои бузурги ҶТ ба СБҲМ комиссия таъсис дода шуд. Аммо бо сабабҳои нокифоя будани мутахассисон ва тайёр набудани ташкилотҳо ба талаботҳои гузариш ба СБҲМ раванди гузариш ба он кашол ёфт.

Бо назардошти ин, Ҳукумати ҶТ, 3 октябри соли 2006, таҳти № 465 «Оиди чорабиниҳои иловагӣ барои ҷорӣ кардани Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул кард ва комиссияи махсус оиди тартиб

додани дастурҳои методӣ доир ба истифодабарии СБҲМ (2 ҷилд) таҳия намуд. Ин дастурҳоро Шӯрои методологии баҳисобгирӣ ва аудит дар назди комиссияи ҳукуматӣ оиди ҷорӣ кардани СБҲМ дар ҶТ таҳия намуда, бо фармони Вазорати молияи ҶТ аз 31-уми декабри соли 2008 тахти № 134 тасдиқ намуд.

Ҷорӣ кардани СБҲМ дар субъектҳои хоҷагидории Тоҷикистон бевосита ба Стандартҳои коркарди Шӯрои байналмилалии стандартҳои молиявӣ то соли 2001 бо номи IAS (International Accounting Standarts) ва пас аз соли 2001 бо номи IFRS (International Finansial Reporting Standarts) асос ёфтааст.

Маълуми ҳамагон аст, ки низоми ҳисобдориро бештар муҳит муайян месозад. Ҳар як кишвар таърих, урфу одат, арзишҳои миллӣ, низоми сиёсӣ, принсипҳои гуногуни ташаккули ҳисобгирӣ ва шаклҳои ташкили хоҷагидорӣ, таъсири омилҳои беруна ба монанди ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигарҳоро дорост.

Яке аз асосгузорони гурӯҳбандии моделҳои муҳосибӣ Гари Хетфилд се намуди модели ҳисобдориро муайян кардааст.

1. ***Британӣ-америкоӣ***, ки дар мавриди мавҷудияти бозори мутта-раққии молиявӣ ва саҳомӣ фаъолият мекунад. Тибқи талаби ин модел таъиноти ҳисобдорӣ ба талаботи ахбори қарздиҳандагон ва маблаггузорон равона карда шудааст (истифодабарандагон: Австралия, Ҳиндустон, Канада, Нидерландия, Покистон, Африкаи Ҷанубӣ ва дигарҳо).
2. ***Континенталӣ-ҳисобдорӣ***, ба мақсади таъмини талаботи ҳукумат равона карда шудааст, аз он ҷумла муносибатҳои андозбандӣ мутобиқи нақшаи макроиқтисодиёти миллӣ (истифодабарандагон: Австрия, Алҷазоир, Хитой, Олмон, Юнон, Норвегия, Япония, Руссия).
3. ***Модели давлатҳои Америкаи Ҷанубӣ***, аз он ҷумла Аргентина, Бразилия, Парагвай, Уругвай, Чилӣ, Эквадор (забонҳои испонӣ ғайр аз Бразилия). Ба истифодаи ин модел дараҷаи баланди беқурбшавӣ мансуб буда, таъиноти муҳосибот ба таъмини талаботи ташкилотҳои банақшагирии давлатӣ, истифодаи усулҳои якхелаи муҳосибот равона карда шудааст. Охирҳои асри XX моделҳои нави ҳисобдорӣ – исломӣ ва байналмиллалӣ ба вуҷуд омад.
4. ***Тибқи модели исломӣ*** муҳосибот ба қоидаҳои андоз ва қонунҳои шариат тамоюл дорад.
5. ***Модели байналмиллалӣ*** аз талаботи муваффақи муҳосиботи байналмилалӣ ва манфиатҳои ширкатҳои трансмиллӣ ва ишти-

рокчиёни хориҷии бозорҳои байналмилалии молиявӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар солҳои охири асри XX ҳамоҳангсозии минтақавии муҳосибот ҳамчун яке аз фишангҳои ҳақиқии омӯзиш ва ҳалли муаммоҳои умумӣ дар самти ҷорикунии стандартҳо дар шароити дастаҷамъии тараққиёти иқтисодиёти минтақа ба миён омадааст. Чунин ҳамоҳангсозиҳои тартиби истифодаи СБҲМ дар ЕС (Иттиҳоди Аврупо соли 1957) ба вуҷуд омад, ки аъзоёни Иттиҳоди Аврупо дар ин асос ҳисоботҳои молиявии худро ба танзим даровარданд. Ва якчанд директива оид ба тартиб додани ҳисоботи консолидорӣ (маҷмӯӣ) соли 1978 (директиваи 4), «Оиди якхела гардондани шакли ҳисоботҳо ва тартиби гузаронидани тафтиши аудитории онҳо», соли 1983-(директиваи 7), «Оиди принсипҳои тартиб додани ҳисоботи консолидорӣ (маҷмӯӣ)» дар амал татбиқ карда шуд.

Пас аз ИА соли 1979 Шӯрои Африкоӣ оиди баҳисобгирии муҳосибӣ; 1984-Ҷамъияти аудитории давлатҳои Араб; соли 1999-Федератсияи байналмилалии минтақавии муҳосибон ва аудиторони «Евроосиё», ки зиёда аз 20 ташкилотҳои касбии муҳосибони ИМА-ро дарбар мегирад, ба вуҷуд омаданд.

Имрӯзҳо Шӯрои СБҲМ намояндаи асосии ташкилоти муҳосибони байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки он 01.04.2001с. ташкил карда шудааст. Штаб-квартираи ин Шӯро аз соли 1973 дар ш. Лондон ҷойгир аст, ки бештар дар самти таҳия, нашр, кӯмак дар масъалаи азхудкунии СБҲМ хизмат мерасонад. Саҳми ин Шӯро дар ҷорӣ кардани СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле назаррас мебошад.

Ҳамзамон дар шаҳри Ню-Йорки ИМА, Федератсияи умумиҷаҳонии муҳосибон (JFAC) ҷойгир шуда, ба корҳои мутобиқгардонии муҳосиботи байналмиллалӣ, баландбардории эътибори муҳосибони касбӣ, гузаронидани конгрессҳои байналмилалӣ ва ғайра машғул аст.

Соли 1982 дар назди Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон (экспертҳо) оид ба стандартҳои байналмилалии ҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ ташкил карда шуд, ки он ба масоили омӯзиши стандартҳо, стандартикунонии муҳосибот дар дараҷаи миллӣ ва ҷаҳонӣ ва дифои манфиатҳои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ буда, дар мавриди кушодани ахбори ҳисоботи молиявӣ кӯмак мерасонад.

Соли 1961 ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт (ОЭСР) ташкил карда шуд, ки аз ҷониби он гурӯҳи махсуси корӣ оид ба стандартҳои ҳисобгирӣ ташкил карда шудааст. Ин гурӯҳ бо мақсади наздик гардонидани услубҳои миллии наздикгардонии ҳисоботи 25 давлат иштирокчиёнро дарбар мегирад.

Дар доираи ислоҳоти низоми ҳисобдории кишвар, 25 марти соли 2011, таҳти № 702 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» қабул карда шуд. Қонуни мазкур аз 5 боб ва 29 модда иборат буда, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд ва муносибатҳои соҳаи ҳисобдориро ба танзим медарорад.

Бояд қайд кард, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», ки 14 майи соли 1999, таҳти № 750 қабул карда шуда буд, ба куллӣ фарқ мекунад ва он мувофиқи талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудааст.

Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиёти хоҷагидорие мебошад, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, ташкилотҳо ва дигар ташкилотҳо барои истифодабарандагон пешниҳод менамоянд (боби 1, моддаи 1.).

Баҳисобгирӣ аз он муҳите, ки дар он ба роҳ монда мешавад, яъне аз оину анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, инчунин аз сохтори сиёсии мамлакат вобастагӣ дорад, ки ин омилҳо ба амалӣ намудани асосҳои баҳисобгирии миллӣ замина фароҳам меоранд. Вале, чуноне ки таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, дар ҳайат ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии ташкилотҳо, аз ҳама бештар талаботи истифодабарандагони манфиатдори ахбороти ҳисобгирӣ ба назар гирифта мешавад.

Аммо равандҳои ҳозиразамони ҷаҳонишавӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ташкили бозори ҷаҳонӣ, ки барои он марзу худудҳои миллӣ вуҷуд надоранд, оварда мерасонад. Ширкатҳои трансмиллӣ ташкил карда мешаванд, ки дар якчанд мамолики ҷаҳон ташкилотҳои худро доранд. Ин ва дигар сабабҳо заминаи ташкили низоми ягонаи батанзимдарории ҷараёни баҳи-

собгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар сатҳи байналмилалӣ – Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) гардиданд.

СБҲМ (Intternational Accounting Standards - IAS) – маҷмуаи қоидаҳое (дастурамалҳо) оиди тартиби баҳисобгирӣ, баҳодиҳии амвол, ӯҳдадориҳо, тайёркунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мебошанд, ки вобаста ба тараққиёти давлатҳо ва ҷамъият таҳия ва қабул карда мешаванд. Ин қоидаҳои дар низоми баҳисобгирии сатҳи байналмилалӣ амалкунанда мебошанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Стандартҳо аз тарафи Кумита оиди Стандартҳои байналмилмилалии ҳисоботи молиявӣ (СМСФО – IASB), ки аз соли 1973 фаъолият менамояд ва аз соли 2001 ҳамчун Шӯрои Стандартҳои байналмилмилалии ҳисоботи молиявӣ байналмилалӣ амал мекунад, таҳия карда мешаванд.

То соли 2009-ум бо забони русӣ 38 стандарт (29 IAS ва 9 IFRS) 26 таснифот (11 SIC ва 15 IFRIS) аз тарафи ин мақомот барои истифода ва шиносоии умум таҳия карда шудааст, ки дар сомонаи www.ifrs.tj; www.iasb.orq , ки бо ин стандартҳо шинос шудан мумкин аст.

СБҲМ доимо такмил ёфта истодаанд. Солҳои 2010-2011 боз 3 стандарти дигар таҳия карда шудааст, ки дар сомонаҳои зикршуда бояд инъикоси худро ёбанд.

Афзалияти гузаштани ташкилотву ташкилотҳои ватанӣ ба СБҲМ – баромадан ба бозори умумиҷаҳонии сармоя, ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, фаҳмо ва шаффофияти ҳисоботи молиявӣ, ки ба қабули қарорҳои манфиатбахши идоракунӣ кӯмак мерасонад, мебошад.

Дар доираи мутобиқнамоии низоми ҳисобдории ҶТ бо СБҲМ, аввалин шуда низоми бонкии ҶТ ҳанӯз соли 1998 ба СБҲМ мутобиқ карда шуд.

Дар доираи ислоҳоти низоми ҳисобдории кишвар, якчанд марҳилаҳо гузаронида шудааст ва мутобиқнамоии низоми ҳисобдорӣ бо СБҲМ то ҳол идома дорад. Ба чорабиниҳои асосии аз ҷиҳати ҳуқуқию меъёрӣ мутобиқ намудани низоми ҳисобдорӣ то ин давра дохил мешаванд:

- Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», аз 14 майи соли 1999, № 750;
- Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотву ташкилотҳо ва дастурамал оиди исти-

фодабарии он. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти 2004с., № 28;

- Дастурамал «Оиди тартиби пур кардани шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-и семоҳа ва солона аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқи СБҲМ». Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2004;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», аз 05.03.2007с., № 237;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», аз 03.03.2006с., № 170;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» аз 04.11.2002с., № 428;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оиди ҷорӣ намудани СБҲМ» аз 03.10.2006с., № 465;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оиди ҷорӣ намудани СБҲМ дар ҶТ» аз 03.05.2010с., № 231;
- Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702;
- Қабули Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотву ташкилотҳо ва дастурамал оиди истифодабарии он. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майии 2011с., № 41;
- Дастурамал «Оиди тартиби пур кардани шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-и семоҳа ва солона аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқи СБҲМ». Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 42;
- Такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ, дар доираи ислоҳоти умумии низоми молияи давлатӣ, мувофиқи Стратегияи Идоракунии Молиявии давлатӣ (УГФ) барои солҳои 2009-2018 мебошад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми марти соли 2009 қабул карда шудааст.

Дарояндаи наздик, аз тарафи гурӯҳи корие, ки дар назди сардораи методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст, таҳияи санадҳои меъёрии дигар дар назар дошта шудааст.

## 1.6. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои сармуҳосиб ва дигар кормандони хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ

Дар мувофиқат бо и.1-и моддаи нӯҳуми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» - «Роҳбари хизматрасонии муҳосибӣ (минбаъд–сармуҳосиб) сармуҳосиби ташкилот ва ё дигар шахси мансабдоре мебошад, ки ӯ бевосита ба роҳбари ташкилот итоат намуда, барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, сари вақт ва пурра пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ масъул мебошад».

Сармуҳосиб (ё муҳосиб – ҳангоми дар штати ташкилот набудани вазифаи сармуҳосиб) бо фармони роҳбари ташкилот ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Сармуҳосиб бевосита ба роҳбари ташкилот итоат намуда, барои ташкили сиёсати ҳисобдорӣ, амалӣ кардани баҳисобгирии муҳосибӣ, саривақт тартиб додан, пешниҳодкунии ҳисоботи шаффоф ва дурусти муҳосибӣ (молиявӣ) ҷавобгар мебошад.

Сармуҳосиб мувофиқатии амалиётҳои хоҷагидории гузаронидашударо бо қонунгузории ҶТ, назорат оиди ҳаракати молу мулк ва иҷроиши ӯҳдадориҳоро таъмин менамояд.

Иҷроиши талаботи сармуҳосиб оиди бо ҳуҷҷатҳо ба расмиятдарории амалиёти хоҷагидорӣ ва ба шӯъбаи ҳисобдорӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва маълумотҳо, барои ҳамаи коркунони ташкилот ҳатмӣ мебошад.

Бе имзои сармуҳосиб, ҳуҷҷатҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо, ӯҳдадориҳои қарзӣ ва молиявӣ беэътибор дониста мешаванд ва набояд барои иҷроиш қабул карда шаванд. Мусолиҳасозии таъминкунӣ, озоднамоӣ ва ивазкунии шахсони ҷавобгари моддӣ (хазинадор, мудирони анбор, хоҷагӣ ва ғ.) бо розигии сармуҳосиб ба мақсад мувофиқ мебошад.

Сармуҳосиби ташкилот барои иҷроиши амалиётҳо ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо аз рӯи амалиётҳое, ки ба қонунгузорӣ мувофиқ нестанд ва низоми шартномавии молиявиро вайрон менамоянд ҷавобгар аст.

Дар ҳолати вуҷуд доштани ихтилофи назар миёни роҳбар ва сармуҳосиб оиди ғузарондани амалиёти мушахасси хоҷагидорӣ, сармуҳосиб ба роҳбари ташкилот ба таври хаттӣ хабар медиҳад. Ҳангоми аз роҳбари ташкилот гирифтани фармоиши хаттӣ оиди қабулкунии ҳуҷҷатҳои мазкур ба ҳисобгирӣ сармуҳосиб онро иҷро менамояд. Дар ин ҳолат, ҳамаи ҷавобгарии пурра оиди амалиёти

ғайриқонунии содиршуда ба дӯши роҳбари ташкилот вогузор карда мешавад.

*Сармуҳосиб ӯҳдадор мебошад:*

- мувофиқи қонунгузорӣ оиди баҳисобгирии муҳосибӣ, вобаста ба сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти ташкилот, зарурияти таъмин кардани устувории молиявӣ, сиёсати ҳисобдории ташкилотро таҳия намояд;
- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибиро барои ҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ, ки доир ба онҳо шакли аниқ вуҷуд надорад, кор карда барояд;
- шаклҳои дохилии ҳисоботи муҳосибӣ ва тартиби гузаронидани барӯйхатгириро муайян кунад;
- оиди гузаронидани амалиётҳои хоҷагидорӣ назорат барад;
- риоя кардани технологияи коркарди ахбороти баҳисобгирӣ ва тартиби гардиши ҳуҷҷатҳоро таъмин намояд;
- самаранокии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро дар ташкилот ва сохторҳои он, дар асоси марказонидани корҳои баҳисобгирию ҳисоббаробаркуниро таъмин намояд;
- истифодаи технологияи ахборотӣ, шаклҳои пешқадами усулҳои баҳисобгирӣ ва назорат, ташкил ва таъмини ахбори саривақтии пурра ва дақиқи фаъолияти хоҷагидории ташкилот, ҳолати молу мулк, даромадҳо, хароҷотҳо, ташкил ва иҷрои чорабиниҳое, ки ба устувории ҳолати молиявӣ равона карда шудаанд, таъмин намояд;
- ташкили баҳисобгирии молу мулк, ӯҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагӣ, воридшавии воситаҳои асосӣ, захираҳои моддию молӣ ва воситаҳои пулӣ; саривақт дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ сабт кардани амалиётҳо ва ҳаракати онҳоро таъмин намояд;
- баҳисобгирии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, корҳо (хизматҳои) иҷрокардашуда ва инчунин амалиётҳои молиявию ҳисоббаробаркунӣ ва қарзӣ;
- тартиб додани калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, кору хизматҳо дар асоси маълумотҳои дақиқ;
- ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳо оиди музди меҳнат;
- дуруст ҳисоб кардан ва гузаронидани андозҳо, пардохтҳо ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ; воситаҳо барои маблағгузориҳои асосӣ; пардохти қарзҳои бонкӣ дар мӯҳлатҳои муайяншуда ва ҳам ҳиссаҷудокунии маблағҳо барои ҳавасмандгардонии моддии коркунон;

- бурдани назорат оиди риоя кардани тартиби бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохти ӯҳдадориҳо, хароҷоти фонди музди меҳнат, оиди муайян кардани маоши моҳонаи вазифавии хизматии коркунони ташкилот, гузаронидани барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ, захираҳои моддию молӣ ва воситаҳои пулӣ, тафтиши ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи ҷамъбастӣ;
- иштирок кардан дар гузаронидани таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот бо истифодаи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот, бо мақсади муайян кардани захираҳои дохилихоҷагӣ; барҳам додани талафотҳо ва хароҷотҳои бесамар;
- амалӣ намудани чорабиниҳо оиди пешгирӣ кардани талафотҳо, истифодаи ғайриқонунии воситаҳои пулӣ ва захираҳои моддию молӣ, риоя накардани қоидаҳои бароҳ мондани фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ;
- пешбинии чорабиниҳо оиди ҷалби воситаҳои молиявӣ бо мақсади таъмини устувори молиявии ташкилот;
- таъмин кардани коркард, ҷорикунии нақшаҳои истеҳсолӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ; шаклу намудҳои пешқадами пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, дар асоси истифодаи воситаҳои ҳозиразамони техникаи ҳисоббарор;
- таъмини саривақтии тартиб додан ва пешниҳоди ҳисоботи муҳосибӣ;
- расонидани ёрии амалӣ ба коркунони сохторҳои ташкилот оиди масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили иқтисодӣ;
- дар ҳолатҳои зарурӣ ташкили низоми баландбардорӣ ва такмили ихтисос бе ҷудо шудан аз истеҳсолот.

Барои иҷрои вазифаҳои худ, сармуҳосиб бояд талаботҳои санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ, қонунгузории хоҷагӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандиро хуб донад. Ба ғайр аз ин, сармуҳосиб барои самаранок иҷро кардани вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои худ сохтори ташкилот, стратегия ва дурнамои тараққиёти он, иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ; асосҳои технологии истеҳсолот; усулҳои бозории хоҷагидорӣ; қонунгузориҳо оиди меҳнат; шарт ва меъёрҳои ҳифзи меҳнатро бояд донад.

Барои иҷрои вазифаи сармуҳосиб талаботҳои қатъӣ оиди маълумот ва собиқаи корӣ, аз он ҷумла, барои сармуҳосибони ташкилотҳои бузург, дорои маълумоти олии касбӣ (иқтисодчӣ) будан ва собиқаи кории молиявию ҳисобгирӣ, аз он ҷумла дар вазифаҳои роҳбарӣ на кам аз 5 сол доштан зарур мебошад.

Агар дар воҳиди кории хизматрасонии муҳосибии ташкилот вазифаи ҷонишини сармуҳосиб пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ қисме аз вазифаҳои сармуҳосиб вобаста ба талаботи дастурамалҳои вазифавӣ, ки аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ карда шудааст, ба зимаи ҷонишини сармуҳосиб вогузор карда мешавад ва дар ҳолати набудани сармуҳосиб вазифаи ӯро иҷро менамояд.

Вазифаю ӯҳдадориҳои коркунони хадамоти муҳосибӣ (ба ғайр аз муҳосиб - хазинадор ва муҳосиб - муффатиш) якхела буда, танҳо аз рӯи иҷрои хусусияти иҷрои амалиёт фарқ мекунанд. Ин хусусиятҳо дар мавриди таҳияи дастурамалҳои вазифавӣ, вобаста ба ҳар як вазифа (ҷои корӣ) ба назар гирифта мешаванд.

*Вазифаҳои умумии муҳосибон инҳо мебошанд:*

- ✓ ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, ӯҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагидорӣ (баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, захираҳои моддию молӣ, хароҷотҳои истеҳсолӣ, фурӯши маҳсулот (кору хадамот), натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагӣ, ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон, таъминкунандагон, харидорон, фармоишгарон, буҷет ва ташкилотҳои гайрибуҷетӣ ва ҳ. к.);
- ✓ иштирок барои таҳия ва гузаронидани чорабиниҳо оиди риоя кардани интизоми молиявӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо;
- ✓ қабул ва назорати ҳуҷҷатҳои аввалия дар мавқеъҳои бевоситаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тайёр кардани онҳо барои коркарди баҳисобгирӣ;
- ✓ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ сабт кардани амалиётҳо, вобаста ба ҳаракати воситаҳои асосӣ, захираҳои моддию молӣ ва воситаҳои пулӣ;
- ✓ тартиб додани калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хадамот), муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши талафотҳо ва масрафкориҳо, тайёр кардани пешниҳодҳо оиди пешгирии онҳо;
- ✓ ҳисобкунӣ ва гузаронидани андозҳо ба буҷаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, пардохтҳо ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ, музди

меҳнати коркунон, дигар пардохтҳо ва ҳиссаҷудокунии маблағ ба фондҳои махсуси ташкилот;

- ✓ таъмини истифодабарандагони дохилию берунаи ахбороти ҳисобдорӣ бо маълумотҳои аниқ ва муқоисашаванда доир ба ҳар як самти баҳисобгирӣ;
- ✓ иштирок дар гузаронидани таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот дар асоси амалиёту маълумотҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ, бо мақсади муайян кардани захираҳои дохилиоҷагӣ, гузаронидани чорабиниҳо оиди таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо, коркард ва истифодаи шаклу усулҳои ҳозиразамони баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси истифодаи техникаи ҳозиразамони ҳисоббарор, дар мавриди гузаронидани барӯйхатгирии молу мулк ва ғайра;
- ✓ тайёр кардани маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади тартиб додани ҳисобот;
- ✓ дар асоси қонунҳои мавҷуда тайёркунии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ барои супоридан ба бойгонӣ.

*Муҳосиб бояд донад*: санадҳои қонунгузорӣ, дастурамалҳо, низомномаҳо, карордодҳо, супоришҳо, фармонҳо, дастурҳои роҳбарикунӣ, услубӣ ва меъёрӣ оиди ташкили баҳисобгирии молу мулк, ӯҳдадориҳои хоҷагӣ ва тартиб додани ҳисобот; шаклҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилот; нақша ва алоқамандии ҳисобҳо; ташкили баҳисобгирӣ дар зерсоҳаҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ; тартиби ҳуҷҷатноккунии амалиётҳои хоҷагӣ ва сабти онҳоро дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ оиди ҳаракати воситаҳои асосӣ, захираҳои моддию молӣ ва воситаҳои пулӣ; усулҳои таҳлили иқтисодии фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилот; тартиби истифодабарии техникаи ҳисоббарор; иқтисодиёт, ташкили меҳнат ва идоракунӣ; усулҳои бозории хоҷагидорӣ ва ғайра.

Муҳосиб бояд соҳиби маълумоти касбӣ (иқтисодӣ) бошад.

Вазифаи муҳосиб – хазинадор аз вазифаҳои дигар коркунони соҳаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ фарқ мекунад.

*Муҳосиб – хазинадор ӯҳдадор аст:*

- амалиётҳо оиди қабул, баҳисобгирӣ, супоридан ва нигаҳдории воситаҳои пулӣ ва коғазҳои қимматнокро бо риояи шартҳое, ки нигоҳдории онҳоро таъмин мекунад, гузаронад;
- дар асоси ҳуҷҷатҳои қабулкардашуда пули нақд ва коғазҳои қимматнокро аз ташкилотҳои бонкӣ гирифта, музди меҳнат,

мукофотпулӣ, хароҷотҳои борхатӣ ва дигар хароҷотҳоро гузаронад;

- бурдани китоби хазинавӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои даромаду хароҷот, муқоисакунии ҳолати ҳақиқии маблағҳои нақдинаи воситаҳои пулӣ ва қоғазҳои қимматнок бо бақияи китоби хазина;
- тартиб додани рӯйхати пулҳои фарсудашуда ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои супоридани онҳо ба ташкилотҳои бонкӣ ва иваз кардани онҳо;
- додани воситаҳои пулӣ ба инкассатор бо риояи тартиботи муқараршуда;
- тартиб додани ҳисоботи хазинавӣ ва пешниҳоди он ба сармуҳосиби ташкилот.

*Хазинадор бояд донад:* санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, низомномаҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ оиди ба роҳ мондани амалиётҳои хазинавӣ; шаклҳои ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ; қоидаи қабул кардан, баҳисобгирӣ ва нигоҳ доштани воситаҳои пулӣ ва қоғазҳои қимматнок; тартиби ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои даромаду хароҷот; меъёри бақияҳои нақди хазинавии барои ташкилот аз тарафи бонки хизматрасон муайянкардашуда; қоидаи таъмини нигоҳдории онҳо; тартиби бурдани китоби хазинавӣ; тартиб додани ҳисоботи хазинавӣ; асосҳои ташкили меҳнат; қоидаҳи дохилии ташкили меҳнат; қоидаҳои истифодаи техникаи ҳисоббарор; асосҳои қонунгузорӣ оиди меҳнат; қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва ғ.

# МАВЗӮИ 2. БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНҲО

**2.1. Таъриф ва таснифи дороиҳои кӯтоҳмуддат (гардон)**
**2.2. Мафҳуми воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо**
**2.3. Баҳисобгирии амалиётҳои хазинавӣ**
**2.4. Баҳисобгирии амалиётҳо бо суратҳисоб ва дигар ҳисобҳои бонкӣ**
**2.5. Баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои пулӣ ва маблағҳои дарроҳбуда**
**2.6. Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ**

## 2.1. Таъриф ва таснифи дороиҳои гардон

Барои ба роҳ мондани фаъолияти молиявию хоҷагидории худ ҳар як ташкилот бояд дорои воситаҳои (дороиҳои) ғайригардон (дарозмуддат) ва гардон (кӯтоҳмуддат) бошад. Ба дороиҳои ғайригардони ташкилот дохил мешаванд: воситаҳои асосӣ (бино, иншоот, воситаҳои нақлиёт, дастгоҳу таҷҳизот, техникаи компютерӣ, дарахтони бисёрсола ва ғайраҳо), дороиҳои ғайримоддӣ (ҳуқуқи истифодабарии замин, об, захираҳои табиӣ, нишонаи мол, моликияти интеллектуалӣ ва ғайра), инчунин сохтмони нотамом ва маблағгузориҳои дарозмуддати молиявӣ.

***Дороиҳои гардони ташкилот**, ки ба ҳайати он воситаҳои пулии ташкилот дохил мешаванд, захираҳои иқтисодӣ буда, дар натиҷаи амалиётҳои давраҳои гузашта ба вуҷуд омадаанд, ташкилот онҳоро назорат мекунад ва онҳо дар оянда ба ташкилот фоида меоранд.*

Ба дороиҳои гардони ташкилот ба ғайр аз воситаҳои пулӣ, инчунин захираҳои моддию молӣ (ЗММ), қарзҳои дебиторӣ, ҳисобҳо барои қабул ва маблағгузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ дохил мешаванд.

Аз истифодаи дороиҳои гардон ташкилот бевосита ё бавосита фоида мегирад, ки ин ба дохилшавии воситаҳои пулӣ мусоидат мекунад. Молҳои фурӯхташуда, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда, талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ гардонда, ҷараёни воситаҳои пулиро зиёд мекунад. Дороиҳои гардони ташкилот моликияти хусусии он буда, арзиши пулӣ доранд ва бо арзиши аслӣ ва арзиши бозорӣ баҳо дода мешаванд.

*Дороиҳои ташкилот чунин таснифот карда мешаванд.*

1. Вобаста ба мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ – дороиҳои гардон ва ғайригардон.

- ***Дороиҳои ғайригардон*** дороихое мебошанд, ки мӯҳлати истифодабариашон аз 12 моҳ зиёд буда, бо мақсади истифодабарӣ, идоракунӣ ва фурӯш пешбинӣ шудаанд ва дар оянда ба ташкилот фоидаи иқтисодӣ меоранд: воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, сармоягузориҳои дарозмуддати молиявӣ, дигар дороиҳои ғайригардон.
- ***Дороиҳои гардон*** дороихое мебошад, ки дар як даври муқаррарии амалиётии ташкилот истифода мешаванд, дар ҷараёни истеҳсолот ва фурӯш якчанд маротиба иштирок намуда, бо мақсади истифодабарӣ ё фурӯш дар давоми 12 моҳи санаи ҳисоботӣ истифода шудаанд.

2. Аз рӯи мӯҳлати пардохт дороиҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

- Дороиҳои ҷорӣ ё кутоҳмудат (барои 12 моҳ).
- Дороиҳои дарозмуддат (зиёда аз 12 моҳ).

Барои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таснифоти номбаршуда дар тавозуни муҳосибӣ нишон дода мешавад, яъне дар тавозун дороиҳо ва ӯҳдадориҳо мувофиқи дараҷаи бозоргириашон инъикос карда мешаванд.

## 2.2. Мафҳуми воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо

Барои таҳлил кардани ҳолати бозоргирии ташкилот, ахборот оиди ҳолат ва ҳаракати воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ ва хориҷӣ, инчунин қоғазҳои қиматнок зарур аст. Воситаҳои пулӣ яке аз қисмҳои дороиҳои кӯтоҳмуддати (гардони) ташкилот ба шумор рафта, бонкҳои хизматрасон оиди мувофиқи мақсад истифодабарии маблағҳои пулӣ назорати ҷиддӣ мебаранд. Ахборот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ барои баҳо додани қобилияти қарздокунӣ, инчунин барои пайдо кардани воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо зарур аст.

- ***Воситаҳои пулӣ*** *гуфта, маблағҳои нақдинаи хазина, суратҳисоб, ҳисоби арзӣ, ҳуҷҷатҳо ва ҳамарзишҳои пулиро меноманд.*
- ***Ҳамарзишҳои пулӣ*** *сармоягузориҳои пулие, ки дар вақти муайян ба воситаи пулӣ табдил меёбанд, инчунин воситаҳои хазинадорӣ, қоғазҳои тиҷоратӣ ва сертификатҳои амонатӣ мебошанд.*

Барои баҳисобгирии воситаҳои пулии ташкилот, мувофиқи Нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобдорӣ дар асоси СБҲМ, ки 27 майи соли 2011, тахти № 41 аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст, чунин ҳисобҳои таркибӣ пешбинӣ шудаанд:

| | |
|---|---|
| ***10100*** | ***Воситаҳои пулӣ дар хазина*** |
| *10110* | *Воситаҳои пулӣ бо асъори миллӣ* |
| *10120* | *Воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ* |
| *10130* | *Ҳуҷҷатҳои пулӣ* |
| *10140* | *Муодилҳои (ҳамарзишҳои) пулӣ* |
| ***10200*** | ***Воситаҳои пулӣ дар бонк*** |
| *10210* | *Ҳисобҳо бо асъори миллӣ* |
| *10220* | *Ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ* |
| *10230* | *Ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ* |
| *10240* | *Воситаҳои пулии барои истифодабарии маҳдуд дар бонкҳо* |
| *10250* | *Воситаҳои пулии дар роҳ буда* |

## 2.3. Баҳисобгирии амалиётҳои хазина

Ҳар як ташкилот барои ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ бо коргарон оиди музди меҳнат, нафақапулӣ, ёрдампулӣ, мукофотпулӣ, хароҷотҳои сафари хизматӣ, хароҷотҳои хоҷагӣ, хариди молу масолеҳ бо пули нақд, вазифадор аст хазина кушояд.

- ***Хазина*** *– ин ҷои махсусест, ки барои нигоҳдории пули нақд, қоғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатҳои пулӣ ва дигар маводҳои арзишнок дар ташкилотҳо таъсис дода мешавад.*

Мувофиқи «Низомнома дар бораи хазина ва фаъолияти хазинадорӣ», ҳуҷраи хазина бояд аз ҳуҷраи дигар шӯъбаҳо дар алоҳидагӣ бошад ва бо сейфҳои оҳанин ва сигнализатсия муҷаҳҳаз гардонида шуда бошад. Барои ба роҳ мондани амалиётҳои хазина, қабул ва додани маблағҳои нақд ва тартиб додани ҳисоботи хазина, ба таври шартномавӣ, бо розигии сармуҳосиби ташкилот хазинадор ба кор қабул карда шуда, бо ӯ шартнома оиди ҷавобгарии моддӣ баста мешавад.

Ҳуҷҷатҳои асосие, ки барои амалиётҳои хазина тартиб дода мешаванд.

1. Дар ҳолати дохилшавии пули нақд – *ордери даромади хазинавӣ;*
2. Дар ҳолати додани пули нақд аз хазина – *ордери хароҷоти хазинавӣ;*

3. *Варақаи пардохтӣ барои додани музди меҳнат, ёрдампулӣ, мукофотпулӣ;*
4. *Журнали бақайдгирии ордерҳои даромад ва хароҷоти хазинавӣ;*
5. *Эълон барои супоридани нақдинаи хазинаи ташкилот ба хазинаи бонк;*
6. *Чеки пулӣ;*
7. *Китоби хазина*

Барои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлили амалиётҳои хазина **гурӯҳи ҳисобҳои 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина»** истифода бурда мешаванд.

**Ҳисобҳои 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина»** барои ҷамъбасти маълумот оиди мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои пулии нақд бо асъори миллӣ ва хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои пулӣ таъин гардидаанд. Дар ҳисобҳои гурӯҳи 10100 ҳама воситаҳои пулии нақд, ки субъект ҳуқуқи истифодабарии онҳоро дорад, новобаста аз ҷои нигоҳдории онҳо, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Масалан, воситаҳои пулие, ки барои нигоҳдорӣ дар сейфи бонкҳо гузошта шудааст, дигар амонатҳо, бояд ҳамчун воситаҳои пулӣ дар хазина ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ аз рӯи категорияҳои махсуси аҳамиятнокӣ ҳисобҳои алоҳида пешбинӣ гардидаанд:

*10110 «Воситаҳои пулӣ бо асъори миллӣ»*
*10120 «Воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ»*
*10130 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ»*
*10140 «Муодилҳои (ҳамарзишҳои) пулӣ»*

**Дар ҳисоби 10110 «Воситаҳои пулӣ бо асъори миллӣ»** дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулӣ танҳо бо асъори миллӣ инъикос меёбад. Инъикоси асъори хориҷӣ бо асъори миллӣ дар як ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ иҷозат дода намешавад. Баҳисобгирии воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ дар ҳисоби 10120 аз рӯи намудҳои асъор бурда мешавад. Навиштҳои аввала дар дебет ва кредити ҳисоби 10120 ҳам бо асъори хориҷӣ ва ҳам дар мубодила (азнавҳисобкунӣ) ба асъори миллӣ аз рӯи қурби баҳисобгирии муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар рӯзи гузарониндани амалиёт бо асъори миллӣ нишон дода мешаванд.

Дар ҳар як санаи ҳисоботӣ бақияи ҳисоби 10120, ки бо асъори хориҷӣ инъикос ёфтааст, аз рӯи қурби БМТ дар ин сана бо бурдани фарқият ба кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти

қурбӣ», ё ин ки дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ», аз нав ҳисоб карда мешавад.

Амалиёти мубодилавӣ (мубодилаи як асъор ба асъори дигар), ки бо бозгирифти як асъор аз хазина ва дохилшавии дигар асъор ба хазина алоқамандаст, ҳамчун амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ бо инъикоси фоида ва ё зарар аз мубодила, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Фоида ва зарарро аз мубодилаи асъор, аз фоида ва зарар аз фарқияти қурбӣ бояд фарқ кард. Дар ҳолате, ки агар амалиётҳои мубодилавӣ фоида ва зарари зиёд оранд, онҳоро дар ҳисобҳои иловагӣ кушодашавандаи 66050 «Даромад аз мубодилаи асъор», ё ин ки 66150 «Зарар аз мубодилаи асъор» ба ҳисоб мегиранд. Ин дастур ба субъектҳое, ки мубодилаи асъор (нуқтаҳои мубодила, бюро) шуғли асосиашон буда, аз фаъолияти амалиёти мубодилавӣ даромад ба даст меоранд, дахл надорад.

Дар нақшаи зер навиштҳои имконпазири муҳосибӣ оиди баҳисобгирии амалиёти мубодилаи асъори накд оварда шудааст. Ҷадвали мазкур барои субъектҳое, ки дар онҳо амалиёти мубодилавӣ зуд-зуд такрор меёбанд, дар назар дошта шудааст.

| *Мазмуни амалиёт* | *Рақами ҳисоби мукотиботшаванда* | |
|---|---|---|
| | *Дебет* | *Кредит* |
| 1. Мубодилаи асъори миллӣ ба хориҷӣ: | | |
| • додани маблағ ба шахсони зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ) бо мақсади мубодила | 10520 | 10110 |
| • дохилшавии асъори хориҷӣ ба хазина ба маблаги қурби баҳисобгирии БМТ муқаррар намуда | 10120 | 10520 |
| • фарқи байни арзиши асъори хориҷии бо қурби баҳисобгирӣ баҳо додашуда ва маблағи воқеии асъори миллӣ, ки ҳангоми мубодила пардохта шудааст: | | |
| а) фоида | 10520 | 66050 |
| б) зарар | 66150 | 10520 |
| 2. Мубодилаи асъори хориҷӣ ба миллӣ: | | |
| • бозгирифти воситаҳои пулӣ аз хазина ба маблаги қурби баҳисобгирии баҳододаи БМТ; | | |
| • дохилшавии асъори миллӣ ба хазина; | 10520 | 10120 |
| • фарқи байни маблағи асъори миллӣ, ки ҳангоми мубодила гирифта шудааст ва арзиши пардохтшудаи асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирии БМТ: | 10110 | 10520 |
| а) фоида | | |
| б) зарар | 10520 | 66050 |
| | 66150 | 10520 |

*Сарчашмаҳои дохилшавӣ ва сарфи маблағҳои хазина:*
*Ҳисоби 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина»*

| Дохилшавии маблағҳо ба хазина | Ҳисоби алоқаманд | Додани маблағ аз хазина | Ҳисоби алоқаманд |
|---|---|---|---|
| Бақияи маблаг дар аввали давраи ҳисоботӣ | - | | |
| Аз ҳисобҳо бо асъори миллӣ | 10210 | Ба ҳисобҳо бо асъори миллӣ | 10210 |
| Аз ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ | 10220 | Ба ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ | 10220 |
| Аз ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ | 10230 | Ба ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ | 10230 |
| Барои фурӯши молҳо (кору хадамот) | 10410 | Барои пардохти ҳисобҳои таъминкунандагон | 22010 |
| Барои фурӯши воситаҳои асосӣ | 10590 | Барои пардохти хароҷотҳои хоҷагӣ ва фурӯш | 22040 |
| Барои фурӯши дигар дороиҳо | 10590 | Пардохти музди меҳнат | 22210 |
| Пешпардохт аз харидорон (супоришдиҳандагон) | 10410 | Додани маблаги сафари хизматӣ ва харҷи зиёдатии хароҷоти сафари хизматӣ | 10521 |
| Аз шахсони ҳисоботӣ, баргардонидани аванси истифоданашуда | 10521 | Ба кормандон мукофотпулӣ, ёрдампулӣ аз ҳисоби фоидаи ташкилот | 33200 |
| Аз кормандон барои пӯшонидани зарар | 10520 | Пардохти қарзҳо ва заёмҳо | 22110,22120, 22620,22630 |
| Аз муассисон оиди саҳмгузорӣ ба сармояи оинномавӣ | 10600 | Камомади маблаги хазина дар натиҷаи барӯйхатгирӣ | 33200 |
| Аз дигар дебиторон барои пардохти қарзҳо | 10590 | | |
| Гирифтани қарзҳо ва заёмҳо | 22110.22120. 22620.22630 | | |
| Даромад аз фарқияти қурбӣ | 66040 | | |
| Зиёдомади маблаги хазина дар натиҷаи барӯйхатгирӣ | 66070 | | |
| Бақияи маблаг дар охири давраи ҳисоботӣ | - | | |

♦ *Сарчашмаҳои дохилшавии маблағҳо ба хазина:*

- аз ҳисобҳои дар бонк буда;
- баргардонии бақияи сафархарҷ;
- саҳми муассисон ба сармояи оинномаи ташкилот;
- барқарор кардани маблағҳои зарари моддӣ;

- қабули маблағҳои накд аз фурӯши молу масолеҳи қиматнок;
- қабули воситаҳои пулӣ аз ҳисоби фурӯши воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳо;
- қабули пули накд ҳамчун қарзи бонкӣ;
- гирифтани даромад аз фарқияти қурбӣ;
- зиёдомад дар натиҷаи гузаронидани барӯйхатгирӣ…

◆ *Амалиётҳои сарфи пули нақд аз хазина:*

- пардохти ҳисоби таъминкунандагон барои мол, кор ва хадамот;
- пардохти арзиши хароҷоти нақлиёти кормандон;
- пешпардохти арзиши молҳои харидоришуда;
- хароҷотҳои коммуналӣ ва почтаю телефон;
- додани музди меҳнат, нафақапулӣ, идрорпулӣ, мукофот ва ёрдампулиҳо;
- додани маблаги сафари хизматӣ;
- супоридани маблаги зиёдатии хазина ба ҳисоби бонкӣ;
- камомад дар натиҷаи барӯйхатгирӣ…

*Баҳисобгирии амалиётҳои хазинаи хурд.* Мувофиқи СБҲМ, дар ташкилотҳо барои хароҷотҳои ҷорӣ маблағҳои таҳтиҳисоботӣ ташкил карда мешавад.

Ба маблағҳои таҳтиҳисоботӣ дохил мешавад:

- маблағҳои сафари хизматӣ
- маблаги хароҷотҳои хоҷагӣ
- хариди молҳои конселярӣ
- хароҷотҳои хадамоти коммуналӣ
- хароҷотҳои хадамоти хизматрасонӣ (телефон, интернет, факс, почта)
- хароҷотҳои хариду молу масолеҳи қиматнок бо пули накд.

➢ *Шахсони ҳисоботӣ гуфта, кормандонеро меноманд, ки дар асоси фармони хаттии роҳбарият барои гирифтани маблағҳои таҳтиҳисоботӣ аз хазина ҳуқуқ доранд.*

Ин шахсон баъд аз сарф кардани маблағҳои таҳтиҳисоботӣ вазифадоранд, дар давоми се рӯз *ҳисоботи авансии* худро бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маблағҳои сарфшуда ба муҳосиботи ташкилот пешниҳод кунанд. Дар ҳолати сари вақт пешниҳод накардани ҳисоботи авансӣ, маблаги ҳисоботдоданашуда аз музди меҳнати ин шахсон дошта мешавад. Инчунин дар ҳолати сари

вакт ҳисобот надодан маблағи ҳисоботии минбаъда дода намешавад.

Баҳисобгирии маблагҳои таҳтиҳисоботӣ дар гурӯҳи ҳисобҳои 10520 «Қарздории дебитории кормандон», ҳисоби ҷузъии 10521 «Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ)» барои ҳар як шахси таҳтиҳисоботӣ бурда мешавад.

Агар дебитор мувофиқи сиёсати баҳисобгирии субъект ҳамчун беэътимод эътироф гардад, бақияи қарздории он аз рӯи ҳисоби 10520 «Қарздории дебитории кормандон» ба маблағи қарздории беэътимод дар мукотибот бо ҳисобҳои мувофиқи баҳисобгирии хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ кам мегардад.

## 2.4. Баҳисобгирии амалиётҳо дар ҳисобҳои бонкӣ

Ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо вазифадоранд маблағҳои озоди худро дар ҳисобҳое, ки дар ташкилотҳои бонкӣ мекушоянд, нигоҳ доранд. Ташкилотҳо ҳуқуқ доранд, барои кушодани ҳисобҳо муассисаи бонкиро мустақилона интихоб намоянд. Барои кушодани ҳисобҳо ташкилот ба муассисаи бонкӣ чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамояд:

- ариза барои кушодани ҳисоб;
- нусхаи шартномаи ташкилёбии ташкилот;
- нусхаи оинномa;
- нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ;
- рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи рақами мушаххаси суғуртавӣ (РМС);
- нусхаи бақайдгирӣ дар кумитаи омори давлатӣ;
- ду карточкаи (варақаи) намунаи имзоҳо ва мӯҳри ташкилот;
- фармон оиди таъини шахсоне, ки барои имзои ҳуҷҷатҳои пулию молиявӣ ҳуқуқ доранд.

·Ба воситаи ҳисобҳои бонкӣ ҳамаи амалиётҳои ғайринақдӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён, харидорон ва супоришдиҳандагон, бо буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ғайра гузаронида мешаванд.

Барои баҳисобгирии амалиётҳои вобаста ба ҳаракати воситаҳои пулии ташкилот дар бонкҳо ***гурӯҳи ҳисобҳои 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк»*** истифода бурда мешаванд.

***Ҳисобҳои 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк»*** барои ҷамъбасти маълумот оиди мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои пулӣ бо асъори

миллӣ ва хориҷӣ дар ҳисобҳои бонкии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он кушодашуда истифода бурда мешаванд. Тартиби гузаронидан ва ба расмият даровардани амалиёт дар ҳисобҳои бонкии субъект мутобиқи қоидаҳои дар бонкҳо амалкунанда ба танзим дароварда мешавад.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии воситаҳои пулии ташкилотҳо дар муассисаҳои бонкӣ аз рӯи категорияҳои махсуси аҳамиятнокӣ ҳисобҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

*10210* *«Ҳисобҳо бо асъори миллӣ»*
*10220* *«Ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ»*
*10230* *«Ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ»*
*10240* *«Воситаҳои пули барои истифодабарии маҳдуд дар бонкҳо»*
*10250* *«Воситаҳои пулии дар роҳ буда»*

Амалиётҳо оиди ҳисобҳои бонкӣ дар асоси нусха (берунна-вис) аз суратҳисоб ва ҳуҷҷатҳои пулӣ-ҳисоббаробаркунии ба он замима гардида, дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос мешаванд. Баҳисобгирӣ аз рӯи ҳар як ҳисобе, ки дар бонк кушода шудааст, алоҳида бурда мешавад.

***Дар ҳисоби 10210 «Ҳисобҳо бо асъори миллӣ»*** дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулӣ танҳо бо асъори миллӣ инъикос меё-банд. Инъикоси асъори хориҷӣ бо асъори миллӣ дар як ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ иҷозат дода намешавад. *Баҳисобгирии воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ дар ҳисобҳои 10220 ва 10230 бурда мешавад.* Навиштҳои аввала дар дебет ва кредити ҳисобҳои 10220 ва 10230 ҳам бо асъори хориҷӣ ва ҳам дар мубодила (азнавҳисоб-кунӣ) ба асъори миллӣ аз рӯи қурби баҳисобгирии муайяннаму-даи Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар рӯзи гузаронидани ама-лиёт бо асъори миллӣ нишон дода мешаванд.

Дар ҳар як санаи ҳисоботӣ бақияи ҳисобҳои *10220 «Ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ» ва 10230 «Ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ»*, ки бо асъори хориҷӣ инъикос ёфтааст, аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар ин сана бо бурдани фарқият ба кредити ҳисоби *66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ», ё ин ки ба дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ»* аз нав ҳисоб карда мешавад.

Амалиётҳои мубодилавӣ (мубодилаи як асъор ба асъори ди-гар), ки ба воситаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ амалӣ ме-гарданд, ҳамчун амалиёт оиди хариду фурӯши асъори хориҷӣ бо инъикоси фоида ё зарар аз мубодила ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Агар асъор аз тарафи ҳамон бонке, ки дар он ҳисоб кушода шудааст харида (фурӯхта) шавад, ҷадвали истифодабарни ҳисоби *10250 «Воситаҳои пулӣ дар роҳ буда»*-ро пешбинӣ менамояд. Ҳангоми харид (фурӯш)-и асъор аз дигар субъект ҳисоби *10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо»* истифода бурда мешавад.

Ҷадвали имконпазири навиштҳои муҳосибӣ оиди баҳисобгирии амалиёти мубодилаи ғайринақдии асъор чунин аст:

| Мазмуни амалиёт | Рақами ҳисоби мукотиботшаванда | |
|---|---|---|
| | Дебет | Кредит |
| 1. Мубодилаи асъори миллӣ ба хориҷӣ: | | |
| • интиқол додани асъори миллӣ | 10250, 10590 | 10210 |
| • дохилкунии асъори хориҷӣ ба ҳисоб ба маблаги қурби баҳисобгирии БМТ муқаррар намуда | 10220, 10230 | 10250, 10590 |
| • фарқи байни арзиши асъори хориҷии бо қурби баҳисобгирӣ баҳо додашуда ва маблаги воқеии асъори миллӣ, ки ҳангоми мубодила пардохта шудааст: | | |
| а) фоида | 10250, 10590 | 66050 |
| б) зарар | 66150 | 10250, 10590 |
| 2. Мубодилаи асъори хориҷӣ ба миллӣ: | | |
| • интиқол додани асъори хориҷӣ ба маблаги қурби баҳисобгирӣ; | 10250, 10590 | 10220 |
| • дохилкунии асъори миллӣ ба ҳисоб; | 10210 | 10250, 10590 |
| • фарқи байни маблаги асъори миллӣ, ки ҳангоми мубодила гирифта шудааст ва арзиши пардохтшудаи асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирии БМТ: | | |
| а) фоида | 10250, 10590 | 66050 |
| б) зарар | 66150 | 10250, 10590. |

***Амалиётҳои дохилшавии маблағҳо ба ҳисоби бонкӣ:***

Даромад аз фурӯши маҳсулот, молҳо, кору хадамот:

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 10410 Ҳисобҳо барои қабул ё 44010 Даромад аз фурӯш*

Даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳо:

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 66060 Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат*

Қабули қарзҳои бонкӣ ва вомҳо:

а) қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ, вомҳо:

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 22110 Қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ, вомҳо*

б) дигар қарзҳо ва вомҳои кӯтоҳмуддат

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 22120 Дигар қарзҳо ва вомҳои кӯтоҳмуддат*

в) қарзи дарозмуддати бонкӣ, вомҳо:

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 22620 Қарзи дарозмуддати бонкӣ, вомҳо*

г) дигар қарзҳо ва вомҳои дарозмуддат

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 22620, 22630 Дигар қарзҳо ва вомҳои дарозму*

Баргардонии воситаҳои пулӣ аз хазина ба ҳисоби бонкӣ:

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 10100 Воситаҳои пулӣ дар хазина*

Дохилшавии ҳиссагузориҳои муассисон ба сармояи оинномав

*Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 10600 Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи са ба сармояи оинномавӣ*

Фоизҳо аз сармоягузорӣ, дивидендҳо, даромадҳо аз фарқиятҳ қурбӣ:

*а) Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 66010 Даромад дар намуди фоизҳо*

*б) Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 66020 Даромад аз сармоягузориҳо*

*в) Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 66040 Даромад аз фарқияти қурбӣ*

*г) Дт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

*Кт 66050 Даромад аз мубодилаи асъор*

Дохилшавии маблағҳо аз дигар ҳисобҳо:

а) мубодилаи асъори хориҷӣ

*Дт 10210 Ҳисоби воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ*

*Кт 10220, 10230 Ҳисобҳо бо арзи хориҷӣ*

б) дохилшавии воситаҳои маҳдуд барои истифодабарӣ:

*Дт 10210 Ҳисоби воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ*

*Кт 10240 Воситаҳои пулии барои истифодабарии маҳду дар бонкҳо*

в) дохилшавии воситаҳои пулии дарроҳбуда:

*Дт 10210 Ҳисоби воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ*

*Кт 10250 Воситаҳои пулии дар роҳбуда*

*Ҳуҷҷатҳои асосие, ки барои амалиётҳои воситаҳои пулӣ бонк истифода бурда мешаванд:*

- супоришномаи пардохтӣ (платежное поручение);

- талабномаи пулӣ (платежное требование);
- чекп пулӣ;
- эълон оиди супоридани пули накд аз хазина ба суратҳисоб;
- нусхаи суратҳисоби бонкӣ;
- ордерҳои мемориалӣ.
- расид (квитансия)…

**Амалиётҳо оиди хароҷотҳои маблағҳои пулӣ аз ҳисобҳои воситаҳои пулӣ дар бонк:**

Пардохт ва пешпардохти ҳисоби таъминкунандагон барои молҳо (кору хадамот):

*Дт 22010 Ҳисобҳо барои пардохт*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Пардохти дигар қарзҳои кредиторӣ:

*Дт 22040 Дигар ҳисобҳо барои пардохт*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Пардохти қарзҳо ва заёмҳо:

а) қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ, вомҳо:

*Дт 22110 Қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ, вомҳо*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

б)дигар қарзҳо ва вомҳои кӯтоҳмуддат:

*Дт 22120 Дигар қарзҳо ва вомҳои кӯтоҳмуддат*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

в) қарзи дарозмуддати бонкӣ:

*Дт 22620 Қарзи дарозмуддати бонкӣ*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

г)дигар қарзҳо ва вомҳои дарозмуддат:

*Дт 22630 Қарзҳои дигар*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Додани пули накд ба хазина

*Дт 10100 Воситаҳои пулӣ дар хазина*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Додани маблағ ба шахсони ҳисоботӣ:

*Дт 10521 Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботӣ*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Пардохти андозҳо ба буҷет:

*Дт 22300 Андоз барои пардохт*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Пардохти маблағҳои ғайрибуҷетӣ:

*Дт 22240 Андози иҷтимоии пардохтшаванда*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Ҳисоббаробаркуниҳои дохилифирмавӣ:

*Дт 10590 Қарзҳои дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо*

*Кт 10200 Воситаҳои пулӣ дар бонк*

Баъд аз ҳар як амалиёти гузаронидашуда, бонки хизматрасон ба шахси муттасадии ташкилот нусхаи суратҳисоби бонкиро бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи амалиёти гузаронидашуда медиҳад, ки дар он тағирёбии воситаҳои пулӣ баъди ҳар як амалиёт инъикос меёбад. Ҳисоби ташкилотҳо дар бонкҳо пассивӣ буда, зиёдшавии маблағ дар кредит ва камшавӣ дар дебет нишон дода мешавад. Ба ғайр аз хароҷотҳои нишондодашуда, аз тарафи бонкҳои хизматрасон фоизи хизматрасонии хазинавӣ, дар асоси шартномаи байни бонк ва мизоҷ, бо ордери мемориалӣ ҳамчун фоидаи бонк гирифта мешавад. Ин маблағҳо дар ташкилот ба хароҷотҳои ғайриамалиётӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Вобаста ба намудҳои фаъолият, ташкилотҳо ба ғайр аз ҳисобҳо бо асъори миллӣ - 10210, дар бонкҳо метавонанд дигар намудҳои ҳисобҳоро кушоянд:

*10220 «Ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ»*

*10230 «Ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ»*

*10240 «Воситаҳои пули барои истифодабарии маҳдуд дар бонкҳо»*

*10250 «Воситаҳои пулии дар роҳ буда»*

Ҳамаи маблағҳое, ки бо асъори хориҷӣ ба ҳисоби асъорӣ дохил мешаванд, дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот бо арзи миллӣ, вобаста ба қурби муайянкардаи Бонки Миллии ҶТ дар санаи гузаронидаи амалиёт инъикос карда мешаванд. Вобаста ба тағийрёбии қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ, фарқияти мусбӣ ва манфии қурбӣ муайян карда мешавад.

Ҳисобҳои махсус дар ташкилотҳое кушода мешаванд, ки аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ё ин ки маблағҳо барои ягон мақсади муайян ба монанди грантҳои мақсаднок дохил мешаванд. Ҳисоби махсус барои он кушода мешавад, ки дохилшавӣ ва истифодабарии маблағҳои мақсаднок аз тарафи ташкилот ва идораҳои давлатӣ назорат карда шавад.

## 2.5. Баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои пулӣ ва маблағҳои дарроҳбуда

Ба ғайр аз маблағҳои пулии хазина, ҳисобҳои бонкӣ, ба ҳайати воситаҳои пулии ташкилот ҳуҷҷатҳои пулӣ (ҳисоби 10130), муодилҳои (ҳамарзишҳои) пулӣ (ҳисоби 10140) дар ҳисобгирии муҳосибӣ истифода бурда мешаванд.

Ба ҳуҷҷатҳои пулӣ дохил мешаванд: чекҳои мизоҷон, интиқоли маблағҳо, тамғаҳои боҷи давлатӣ, маркаҳои почта, чиптаҳои пардохтшудаи тайёра, қатора, роҳхатҳои пардохтшудаи осоишгоҳ ва хонаҳои истироҳатӣ, саҳмияҳои худии аз саҳҳомон харидашуда, бланкаҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва ғайра.

**Дар дебети ҳисоби 10130 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ»** дохилшавии чекҳои мизоҷон ба хазина, ирсоли маблағҳо, нишонҳои боҷи давлатӣ ва дигар воситаҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи арзиши номиналӣ инъикос мегарданд.

**Дар дебети ҳисоби 10140 «Муодилҳо (ҳамарзишҳо)-и пулӣ»** арзиши сармоягузориҳое, ки ҳамчун ҳамарзиши воситаҳои пулӣ мувофиқи банди 6-и ва 7-и СБҲМ (IAS) 7 «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дараҷаи ивазшавиашон баланд, ки ба маблағи пешакӣ маълуми воситаҳои пулӣ осон мубаддал гашта, ба хавфи на он қадар калони тағйироти арзиш дучор меоянд, инъикос мегардад.

Ба ғайр аз ҳисобҳои номбаршуда ташкилотҳо ҳисоби рақами 10250 воситаҳои пулии дар роҳбударо истифода мебаранд. Мавридҳое мешаванд, ки дар охири давраи ҳисоботӣ баъзе маблағҳои зарурӣ саривақт ба ҳисобҳои дар бонкбудаи ташкилот дохил намешаванд. Дар ин маврид ҳисоби 10250 истифода бурда мешавад.

СБҲМ дар ҳисоботи молиявӣ ошкорнамоии арзиши дороиҳои барои истифодабарӣ маҳдудро талаб мекунанд. Бо мақсади ҷамъоварии иттилооте, ки ошкоркунии муфассалро нисбати воситаҳои пулӣ талаб мекунад, истифодабарии ҳисоби алоҳида мувофиқи мақсад аст (аммо ҳатмӣ нест).

Мувофиқи Нақшаи ҳисобҳо ҳисоби **10240 «Воситаҳои пулӣ барои истифодабарии маҳдуд дар бонкҳо»** пешбинӣ шудааст, ки дар он воситаҳои пулие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар давоми давраи на зиёда аз як сол пас аз санаи ҳисоботӣ истифода бурда намешаванд, чунки онҳо ҳамчун гарав, бақияи ҷуброншаванда барои таъмини қарз зарур, ё ин ки бо ягон тарзи дигар ба маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ гирифторанд. Масалан, маблағҳо дар ҳисобҳои бонки хориҷӣ барои истифодабарӣ маҳдудшуда ба ҳисоб мера-

ванд, агар қарорҳои ин мамлакатҳо барои интиқол додани маблағҳои мазкур ба дигар давлатҳо мушкилиҳо эҷод намоянд.

Агар воситаҳои пулӣ ба муддати зиёда аз як сол пас аз санаи ҳисоботӣ барои истифодабарӣ маҳдуд карда шуда бошанд, маблаги ин воситаҳои пулӣ бояд ба дороиҳои дарозмуддат (аз нав гуруҳбандӣ гардад) дохил карда шавад. Азнавгурӯҳбандӣ бо роҳи аз ҳисоб баровардани маблаги зарурӣ (мувофиқ) *аз кредити ҳисоби 10240 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои барои истифодабарӣ маҳдуд» ба дебети ҳисоби 11840 «Дигар қарздории дебитории дарозмуддат»* амалӣ карда мешавад. Масалан, дар таркиби дигар дороиҳои дарозмуддат бояд маҳдудиятҳо барои истифодабарии воситаҳои пулӣ, ки ба сифати бақияи ҷуброншаванда дар созишномаҳои карздиҳии дарозмуддат баррасӣ карда мешаванд, ба ҳисоб гирифта шаванд.

Овердрафт (изофабардошт)-и бонкӣ, ки ҳангоми аз тарафи бонк пардохтани талабномаи пардохтӣ аз маблағи дар бақияи ҳисоби мизоҷ зиёд ба вуҷуд меояд, бояд ба ӯҳдадориҳои ҷорӣ азнавгурӯҳбандӣ гардад. Азнавгурӯҳбандӣ аз рӯи *дебети ҳисобҳои 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк»* дар мукотибот бо *кредити ҳисоби 22110 «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо»* гузаронида мешавад.

## 2.6. Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ ин ҳисоботест, ки муайянкунии вазъияти воситаҳои пулиро дар охири давраи ҳисоботӣ бо шарҳи тағйиротҳои ин давра, тавассути ҷамъкунии ҳамаи дохилшавиҳо ва хориҷшавиҳо ва ошкорсозии самтҳои истифодабарии онҳо инъикос менамояд.

Ҳисобот оиди воситаҳои пулиро дар асоси СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ» тартиб медиҳанд.

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ ҳаракати воситаҳои пулӣ ва муодили онҳоро, ки дар давраи ҷории ҳисоботӣ ба амал омадаанд, тавсиф менамояд.

Зери мафҳуми ҳаракати воситаҳои пулӣ дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо фаҳмида мешавад.

Ахбороти дар ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ пешниҳодшаванда дар якҷоягӣ бо маълумотҳои ҳисоботи молиявии дигар ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар:

- баҳодиҳии қобилияти ташкилот дар ҳосилкунии анбӯҳи пулии оянда;

- баҳо додани қобилияти ташкилот дар пардохти ҳаққусаҳм ва пардохти вомбаргҳо;
- муайянкунии сабабҳои ихтилофоти байни фоидаи соф ва анбӯҳи пулҳои соф аз фаъолияти амалиётӣ;
- муайян намудани таъсири шартномаҳои пулӣ, ғайрипулӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба вазъи молиявии ширкат дар давоми давраи ҷории ҳисоботӣ ёрӣ мерасонад.

Бо мақсади таҳияи ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ ҳамаи фаъолияти ташкилот ба се намуд тақсим мешавад:

- фаъолияти амалиётӣ;
- фаъолияти сармоягузорӣ;
- фаъолияти молиявӣ.

***Фаъолияти амалиётӣ*** – ин намуди асосии фаъолияти ташкилот оиди бадастории даромад ва ҳар гуна фаъолиятест, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дахл надорад. Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ одатан натиҷаи пулии амалиётҳо ва ё дигар воқеаҳоеро, ки бо гирифтани даромад алоқаманданд, дарбар мегирад. *Бо ибораи дигар фаъолияти амалиётӣ - ин амалиётҳои хоҷагие, ки ба бузургии фоида ва ё зарари ташкилот таъсир мерасонанд.* Дар қисми амалиётии ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ амалиётҳои бо гирифтан ва истифодабарии воситаҳои пулӣ дар ҷараёни истеҳсол ва расонидани молу хадамот алоқаманд инъикос мегарданд.

Дар СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ» намунаҳои зерини ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ оварда шудаанд:

- *дохилшавиҳои пулӣ аз фурӯши мол ва расонидани хизмат;*
- *дохилшавиҳои пулӣ аз иҷора, хизматҳаққӣ ва пули фурӯши ғайр;*
- *пардохтҳои пулӣ ба таъминкунандагон барои молу хизмат;*
- *пардохтҳои пулӣ ба кормандон ва пардохтҳо аз номи онҳо;*
- *дохилшавӣ ва пардохтҳои пулии ширкати суғуртавӣ ба сифати суғуртапулӣ ва даъвоҳо, ҳаққи солона ва дигар даромади суғуртавӣ;*
- *ҷуброн ва пардохти пулии андоз аз фоида дар сурати ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дахл надоштани онҳо;*
- *дохилшавиҳо ва пардохтҳои пулӣ аз рӯи шартномаҳое, ки бо мақсади тиҷорату савдо баста шудаанд.*

***Фаъолияти сармоягузорӣ*** – ин намудҳои гуногуни фаъолиятест, ки бо дороиҳои дарозмуддат алоқаманд буда, ба фаъолияти

амалиётӣ дахл надоранд. Ба фаъолияти мазкур амалиётҳои бо воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, сармоягузориҳои ба ҳайати муодилҳои пулӣ дохилнашаванда, инчунин гирифтан ва пардохти қарз мансубанд. Мувофиқи СБҲМ «Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ» ба амалиётҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ба вуқӯъ мепайванданд, дохил мешаванд:

- *пардохтҳои пулӣ барои хариди воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳои дарозмуддат. Ба онҳо инчунин пардохтҳое, ки бо сармоягузории хароҷоти коркард ва истеҳсоли худии воситаҳои асосӣ алоқамандаид, дохил мешаванд;*
- *даромади пулӣ аз фурӯши воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳои дарозмуддат;*
- *пардохтҳои пулӣ барои хариди васоити ҳиссавӣ ва қарзии дигар ширкатҳо ва саҳми шарикӣ дар ширкатҳои муштарак (ба ғайр аз пардохтҳо барои ин васоит, мақсадҳои тиҷоратӣ ва савдо);*
- *даромади пулӣ аз фурӯши воситаҳои ҳиссавӣ ва қарзии дигар ширкатҳо ва саҳми шарикӣ дар ширкатҳои муштарак (ба ғайр аз пули фурӯш барои ин васоит, ки ҳамчун муодили воситаҳои пулӣ шуморида мешаванд ва барои васоите, ки бо мақсади тиҷорат ва савдо таъин шудаанд);*
- *пешпардохти пулӣ ва қарзҳое, ки ба дигар ҷонибҳо дода шудааст (ба ғайр аз пешпардохт ва қарзҳои ширкатҳои молиявӣ дода);*
- *даромад ва пардохтҳои пулӣ аз рӯи шартномаҳо, опсион, свопҳо ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин гуна шартномаҳо бо мақсади тиҷоративу савдоӣ баста шудаанд ва ё пардохту даромадҳо ҳамчун фаъолияти молиявӣ тасниф мегарданд.*

**Фаъолияти молиявӣ** - ин намуди фаъолиятест, ки бо тағйирёбии сармояи худӣ ва қарзҳои ташкилот алоқаманд аст. Намунаҳои гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ мувофиқи СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ» инҳоянд:

- *дохилшавии пулӣ аз барориши саҳмияҳо ва дигар васоити ҳиссавӣ;*
- *дохилшавии пулӣ аз барориши вомбаргҳо, васиқаҳо, гаравномаҳо ва дигар қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;*
- *пардохти вомбаргҳо, ва*
- *пардохти пулии иҷорагир барои кам намудани қарздорӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ.*

***Амалиётҳои ғайрипулӣ*** – ин амалиётҳои хусусияти сармоягузорӣ ва молиявидоштаи фақат бо воситаҳои асосӣ, қарзҳои да-

розмуддат, ё сармояи саҳҳомӣ алоқаманд, ки истифодаи воситаҳои пулӣ ё муодили онҳоро талаб намекунанд. Чунин амалиётҳои ғайрипулӣ ба қисмати асосии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дохил намешаванд, вале, азбаски мақсади ҳисоботи мазкур инъикос кардани фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ мебошад, амалиётҳои ба ин монанд дар қисми эзоҳӣ ошкор карда мешаванд.

Ба амалиётҳои ғайрипулии хусусияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дошта дохил мешаванд:

- *хариди дороиҳои дарозмуддат аз ҳисоби қарзҳои дарозмуддат ё тавассути иҷораи молиявӣ;*
- *хариди дороиҳои дарозмуддат бо ёрии барориши саҳм;*
- *бадали ӯҳдадории қарзӣ бо саҳмҳои қарздор.*

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ, аз се дараҷаи асосии ахборот, инчунин маълумоти иловагӣ иборат мебошад:

1) гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ, ки бо усулҳои:) бевосита ва бавосита муайян карда мешавад;
2) гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ;
3) гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ;
4) маълумотҳои иловагӣ:
    a) фаъолияти муҳими ғайрипулии сармоягузорӣ ва молиявӣ;
    b) пулӣ, бо мақсади сармоягузорӣ ва пардохти андоз аз фоида истифодашуда;
    c) мувофиқаткунии бақияи ибтидоӣ ва интиҳоии пулӣ;
    d) таҳқиқи даромади соф ба пулҳои накд аз амалиёт.

*Шакли ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ дар замима оварда шудааст.*

Барои тартибдиҳии ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ маълумотҳои зерин заруранд:

- тавозуни муҳосибӣ барои соли ҳисоботӣ ва гузашта;
- ҳисобот оиди фоида ва зарар;
- маълумоти иловагӣ аз Китоби асосӣ оиди баъзе амалиётҳои пардохту дохилшавии воситаҳои пулӣ.

Пешниҳоди гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ дар ҳисобот бо ду усули зерин ба амал бароварда мешавад:

- бевосита;
- бавосита.

СБҲМ истифодаи ҳар ду усулро иҷозат медиҳад, гарчанде, ки усули бевоситаро беҳтар мешуморад.

Ҳисобот оиди фоида ва зарар маблағи фоидаи софи давраро инъикос менамояд, вале маълумотро оиди манбаъҳои дохилшавию хориҷшавии воситаҳои пулӣ нишон намедиҳад, зеро он мувофиқи принсипи ҳисобкунӣ тартиб дода мешавад.

Барои тайёркунии ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ лозим аст, ки маълумотҳои ҳисобот оиди фоида ва зарарро аз низоми ҳисобкунӣ ба низоми хазинавӣ бо ёрии ислоҳкуниҳо тағйир диҳем.

Усули бевосита аз тағйирдиҳии мунтазами ҳар як моддаи ҳисобот оиди фоида ва зарар – ҳисобкунии дохилшавиҳои соф ва пардохтҳои асосии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ, ки натиҷаашон даромад ё баромади софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётист, иборат аст.

Усули бавосита тағйирёбии маблағи фоидаи софро аз фаъолияти амалиётӣ ба маблағи баромади воситаҳои пулӣ тавассути тасҳеҳи мувофиқ дарбар мегирад.

Нуқтаи ибтидоии тайёркунии ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ ин ҳисобкунии тағйирёбии бақияи ҳисобҳои тавозунӣ мебошад, ки аз давраи пешина то санаи тавозунии ҷорӣ ба вуҷуд омадааст. Баъд аз баҳисобгирии ҳамаи тағйирёбиҳо, таъсири онҳоро ба анбӯҳи пулии соф таҳлил мекунанд. Ба ғайр аз ҷадвали кории анбӯҳи пулӣ, ки зиёдшавӣ ва камшавии бақияи ҳисобҳои тавозуниро дар байни ду давраи ҳисоботӣ тасвир мекунад, ҳисобот оиди фоида ва зарар лозим аст.

# МАВЗӮИ 3. БАҲИСОБГИРИИ ҚАРЗҲОИ ДЕБИТОРӢ ВА ҲИСОБҲО БАРОИ ҚАБУЛ

**3.1. Маҳфум, таснифот ва эътирофи қарзҳои дебиторӣ**
**3.2. Баҳисобгирии қарзҳои дебитории тиҷоратӣ**
**3.3. Баҳисобгирии дигар қарзҳои дебиторӣ**
**3.4. Баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо муассисон**
**3.5. Баҳисобгирии қарзҳои дебитории дарозмуддат**

## 3.1. Маҳфум, таснифот ва эътироф ва баҳодиҳии қарзҳои дебиторӣ

*Қарздории дебиторӣ* (*receivables*) – ин дороиҳои гардони ширкат, ки дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ – хоҷагӣ ба вуҷуд омада, дар худ ҳуқуқ ва даъвоҳои ширкатро ба дороӣ ва дигар захираҳои ширкатҳои қарздор ифода мекунанд. Соддатар гӯем, *қарздории дебиторӣ – ин талаботҳоест, ки ба харидорон, супоришдиҳандагон ва дигар шахсон барои гирифтани захираҳои иқтисодӣ пешниҳод мегарданд*. Қарздории дебиторӣ одатан бо ҳуқуқҳои амвол, аз ҷумла, ҳуқуқи моликият алоқаманд аст.

Ба қарздории дебиторӣ нишонаҳои зерин хос аст:

- бозоргирӣ – имконияти баланди мубаддалшавӣ ба пул;
- таҷассуми суди (фоидаи) оянда;
- тасвири захираҳое, ки ба онҳо ширкат ҳуқуқ дорад;
- даъво ба дороиҳои ширкатҳои дигар;
- тасниф гардидан вобаста ба мӯҳлат ё санаи интизории пардохт ба ду намуд: кӯтоҳмуддат (ҷорӣ) ва дарозмуддат.

Қарздории дебиторӣ аксар вақт бо ҳисобнома тасдиқ мегардад.

*Бо мақсади тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, қарздории дебиторӣ ба ҷорӣ ва дарозмуддат тақсим карда мешавад. Қарздории дебиторие, ки дар давоми 12 моҳ ё як сикли амалиётӣ пардохт мегардад, қарздории дебитории ҷорӣ номида мешавад. Ҳамаи қарздории дебитории боқимонда ҳамчун дарозмуддат шинохта мешавад.*

Дар ҳисоботи молиявӣ қарздории дебиторӣ ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо карда мешавад. ***Қарздории дебитории тиҷоратӣ*** – ин қарздории харидорон – мизоҷон барои молу хадамот аст, ки дар рафти фаъолияти муқаррарии ширкат ба вуҷуд меояд.

Қарздории дебитории тиҷоратӣ маъмулан дар тавозуни муҳосибӣ бо ҳисобҳо ва васиқаҳо барои қабул пешниҳод мегардад.

***Қарздории дебитории ғайритиҷоратӣ*** ҳангоми баамалбарории амалиётҳое, ки аз фаъолияти муқаррарии ширкат фарқ доранд, ба вуҷуд меоянд. Мисоли қарздории дебитории ғайритиҷоратӣ:

- пешпардохт ба таъминкунандагон;
- қарздории дебитории кормандон;
- дивидендҳо ва фоизҳо барои қабул;
- андозҳои пешпардохтшуда ва ҷуброншаванда;
- қисми ҷории қарздории дарозмуддат;
- қарздории дебитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ, вобаста);
- ва ғ.

Қарздории дебитории тиҷоратӣ бо маблағи пардохти интизорӣ ба ҳисоб гирифта шуда, қарздории дебитории ғайритиҷоратӣ дар аксар ҳолатҳо бо арзиши дисконтиронидашуда (ҳисобкардашуда) баҳо дода мешавад.

Қарздории дебиторӣ одатан ҳангоми дохилшавии даромади бо он алоқаманд эътироф мегардад. Ҳангоми баамалбарории амалиёт бо қарздории дебиторӣ маблағи эътирофшаванда нархи мубодилавии муқаррарнамудаи тарафҳо аст.

Принсипҳои асосии баҳисобгирии қарздории дебиторӣ:

| | |
|---|---|
| • **ҳисобкунӣ;**<br>• **мувофиқории даромаду харочот;**<br>• **мувофиқат** | **Зарар аз қарзҳои шубҳанок бояд ба давраҳое, ки ин қарзҳо пайдо гардиданд гузаронида шавад.** |

Намуди асосии қарздории дебиторӣ ин ҳисобҳо барои қабул мебошад. ***Ҳисобҳо барои қабул (accounts receivable - Счета к получению)*** дороиҳои гардони бозоргирро, ки ҳангоми фурӯши насиявии молҳо, расонидани хизмат ва иҷроиши кор ба қарз пайдо мегарданд, ифода мекунанд. Ин гуна қарз бо номи қарзи тиҷоратӣ (*trade credit*) маълум гардидааст.

Дар таҷрибаи хориҷӣ давраи муқаррарии пардохти қарзи дебиторӣ аз 30 то 90 рӯзро ташкил менамояд. Бо гузашти ин муддат, ҳисобҳо барои қабул ҳамчун мӯҳлаташон гузашташуда (батаъхирафтода) шинохта мешаванд. Ҳисобҳо барои қабул бо бақияи кредитӣ (пардохти зиёдатӣ, пешпардохт) дар қисмати ӯҳдориҳои тавозун инъикос мегарданд.

Ҳисобҳо барои қабул аз рӯи арзиши ибтидоӣ тарҳи ислоҳи қарзҳои шубҳанок, тахфифи пулӣ ва баргардониши молҳо баҳо дода мешаванд. Дар натиҷа арзиши аслии ҳисобҳо барои қабул муайян карда мешавад.

| Ҳисобҳо барои қабули соф | = | Ҳисобҳо барои қабул | – | Захираҳои қарзҳои чоранопазир | – | Тахфиф | – | Баргардониши молҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

## 3.2. Баҳисобгирии қарзҳои дебитории тиҷоратӣ

Шарти муҳимӣ фаъолияти бомуваффақияти ташкилотҳо тезондани гардиши воситаҳо мебошад. Ҳар гуна боздоштани ҳаракати воситаҳо дар давраҳои гуногуни гирдгардиш талаботи иловагиро пайдо мекунад ва ба натиҷаи фаъолияти хоҷагӣ таъсир мерасонад.

Аз ин сабаб шӯъбаи ҳисобдории ташкилот ӯҳдадор аст: мунтазам онди истеҳсоли маҳсулоти тайёр назорат намояд; доимӣ онди ҳолати захираҳои анборӣи махсулот мушоҳида барад; мувофиқати захираҳоро бо меъёрро санҷад: ҳуҷҷатҳои ҳисобиро барои маҳсулоти боркарда сари вақт тартиб дода ва ба ташкилоти бонкӣ пешниҳод кунад; дохилшавии маблағи фурӯши маҳсулотро назорат намояд; аз рӯи иҷрои нақшаи шартномаи молгузорӣ мувофиқи ҳаҷму хелҳои маҳсулоти фурӯхташуда назорат барад.

Маҳсулоти тайёрро ба харидорон дар асоси фармони шӯъбаи фурӯши ташкилот бор мекунанд ё мефурӯшанд. Ба маҳсулоти ҷудо карда ва басташуда коркунони анбор борхатҳои хароҷотӣ тартиб медиҳанд, ки дар онҳо қабулкунандаи ин маҳсулот, яъне намояндаи харидор, ё ки шӯъбаи нақлиётӣ-молфиристонии идораи ташкилот имзо мегузорад. Дар аксари ташкилотҳо фармону борхат дар як ҳуҷҷат якҷоя карда шудааст.

Намояндагони харидорони бо ташкилоти таъминкунанда дар як шаҳр ва берун аз он буда (агар борро худашон кашонанд) аз анбор маҳсулоти ҷудокардаро бо бовариномa мегиранд. Ба дигар харидорони беруна таъминкунандагон маҳсулотро бо нақлиёт мефиристонанд. Ҳангоми ба воситаи роҳи оҳан фиристодани маҳсулот, ғайр аз борхати молӣ, борхати роҳи оҳанро менависанд, ки он маҳсулотро дар роҳ ҳидоят мекунад. Истгоҳи маҳсулотфиристонанда ба таъминкунанда борхати қабули маҳсулотро медиҳад. Борхати роҳи оҳанро истгоҳи таъинотӣ ба харидор ҳамроҳи маҳсулот месупорад.

Агар маҳсулот бо нақлиёти автомобилӣ фиристода шавад, таъминкунанда борхати молию нақлиётӣ менависад, ки дар он маълумоти зарурӣ оиди маҳсулот ва нақлиёти автомобилӣ дарҷ меёбад.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои номбурда дар шӯъбаи муҳосибӣ ҳисоби номгӯи молҳо (ҳисоб-фактура) навишта мешавад. Ин ҳуҷҷатҳо ҳангоми истифодаи шакли аксептии ҳисоббаробаркунӣ аз тарафи таъминкунанда бо якҷоягии талабномаҳои қарзхоҳӣ (платежное требование) ба ташкилоти бонки хизматрасон пешниҳод мешавад.

Инкассо ин супориши ташкилот-таъминкунанда ба бонки хизматрасон дар бораи ситондани маблағи арзиши моли боркарда аз харидор ва объекти қарздиҳии бонкӣ мебошад. Онҳо барои таъминкунии қарз ҳангоми дар мӯҳлатҳои муқаррар кардаи бонк ба инкассо супоридан қабул карда мешаванд.

Ҳисоб-фактура ва талабномаҳои қарзхоҳиро одатан дар мошинаҳои ҳисоббарор ё дастӣ менависанд. Дар онҳо қисми матнӣ, маълумоти ададии ибтидоӣ, яъне миқдор, нархро чоп карда, баъд аз он маблағи умумии номгӯи молҳоро ҳисоб карда ва чоп мекунанд; инчунин ҳар гуна нархҳои гузашткунӣ ва нархҳои иловагиро (масалан, барои сифати махсулот), ки андозаи онҳоро дар сад ба нархи яклухти ташкилот муқаррар менамоянд, ҳисоб мекунанд.

Барои баҳисобгирии маҳсулоти аз анбор фиристода, вале ҳанӯз аз тарафи харидорон пардохтанашуда, инчунин барои баҳисобгирии корҳои аз тарафи фармоишгарон қабул курда, вале то ҳол пардохтанашуда ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» истифода бурда мешавад. Дар воридоти ин ҳисоб арзиши аслии ҳақиқии маҳсулоти тайёри ба харидорони таҳҷоӣ ё ба харидорони беруна боркардаро нишон медиҳанд.

Арзиши аслии ҳақиқии истеҳсолии молҳои боркардашуда вобаста ба дар сади дуршавиҳои он аз арзиши ин молҳо ба нархи ҳисобгирии ҳақиқӣ ҳисоб мекунанд.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии қарзҳои дебитории тиҷоратӣ, гурӯҳи ҳисобҳои *10400 «Қарздории дебитории тиҷоратӣ»* пешбинӣ шудаанд, ки чунин ҳисобҳои таркибӣ дохил мешаванд:

*10410 Ҳисобҳо барои қабул*
*10420 Васиқаҳо (векселҳо) барои қабул*
*10430 Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок*

***Ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул»*** барои ҷамъбаст ва пешниҳоди иттилоот оиди қарздории дебитории тиҷоратии ҳангоми фурӯши молҳо ва пешниҳоди хизматҳо (аз ҷониби субъект иҷроиши вазифаҳои муқарраршудаи шартнома дар давоми вақти муайян) ба қарз пешбинӣ гардидааст. Дар сиёсати баҳисобгирии субъект новобаста аз шакли ҳисоббаробаркунӣ – чӣ аз рӯи фурӯш ба насия, чӣ аз рӯи фурӯш бо пардохти фаврӣ ё пешпардохт истифодабарии ҳисоби мазкур метавонад барои ҷамъбасти иттилоот оиди ҳама гуна амалиёти тиҷоратӣ пешбинӣ шавад. Аммо дар ҳама ҳолат, қарздории дебиторӣ аз рӯи ҳисоби мазкур танҳо ҳамон вақт эътироф мегардад, ки субъект ҳуқуқи қонунӣ оиди гирифтани пардохт барои молҳои боркардафиристода ва хизматҳои расонидашуда пайдо мекунад.

Ба ҳисоби 10410 аз рӯи намудҳои фаъолияти амалиётӣ, ки даромад меорад ҳисобҳои таҳлилӣ метавон кушод (мувофиқи зарурат ва хусусияти фаъолияти субъект – савдо, таъминот, фурӯш), масалан:

*10411 «Ҳисобҳо барои қабул барои маҳсулоти истеҳсолоти асосии боркардашуда»*

*10412 «Ҳисобҳо барои қабул барои хизматҳои истеҳсолоти ёрирасон»*

*10413 «Ҳисобҳо барои қабул барои хизматҳои ашёи коркардашаванда» (давальческое сырьё) ва ғайра.*

Агар қарздории дебиторӣ дар натиҷаи амалиёт бо асъори хориҷӣ пайдо шавад, баҳисобгирӣ дар дебет ва кредити ҳисоби 10400 ҳам бо асъори хориҷӣ ва ҳам бо асъори миллӣ бурда мешавад. Дар охири давраи ҳисоботӣ бақияи ҳисоби 10400, ки бо асъори хориҷӣ инъикос ёфтааст, мувофиқи қурби ҳисобгирии муқаррарнамудаи БМТ дар ин сана, бо бурдани фарқият ба ҳисобҳои баҳисобгирии даромад ва зарар аз фарқияти қурбӣ аз нав баҳо дода мешавад.

Мувофиқи СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» қарздории дебитории кӯтоҳмуддат бояд дар ҳисоботи молиявӣ аз рӯи арзиши аввалаи дар ҳисоб-фактура нишон додашуда бо тарҳи зарари баҳододашаванда аз қарздории беэътимод пешниҳод шавад.

Мувофиқи банди 24 ва 25-и СБҲМ (IAS) 27 «Ҳисоботи молиявии муттаҳидкардашуда ва алоҳида», ҳангоми гузаронидани маросими муттаҳидкунӣ бақияи ҳисобкуниҳои дохилигурӯҳӣ ва маблағҳои амалиёти дохилигурӯҳӣ пурра ихтисор мешаванд.

Мувофиқан, бо мақсади ҷамъоварии иттилооти зарурии ихтисоршаванда ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии муттаҳидкардашуда ташкилотҳо метавонанд ҳисоби ёридиҳандаи зеринро кушоянд:

*10419 "Ҳисобҳо барои қабул аз ташкилотҳои дохилигурӯҳӣ".*

***Ҳисоби 10420 «Васиқаҳо (векселҳо) барои қабул».*** Васиқа когази қиматнокест, ки аз ӯҳдадории васиқадеҳ (васиқаи оддӣ), ё ин ки дигар пардохткунандаи дар васиқа нишон додашуда (васиқаи гузаранда) ҳангоми расидани мӯҳлати пешбинишудаи васиқа оиди пардохти маблағи муайян ба соҳиби васиқа (васиқагир) шаҳодат медиҳад. Ҳисоби 10420 «Васиқаҳо (векселҳо) барои қабул» дар ҳисоботи молиявии (муҳосибии) васиқагир барои ҷамъоварӣ ва пешниҳоди иттилоот оиди қарздории дебитории бо васиқа ба расмият даровардашуда, ки мӯҳлати пардохташон аз лаҳзаи эътирофи аввалаи дороии молиявӣ аз 1 сол зиёд нест, пешбинӣ шудааст. Васиқаҳое, ки мӯҳлати пардохташон аз як сол зиёд аст, дар таркиби қарздории дебитории дарозмуддат ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар ҳисоби 10420 васиқаҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ҳангоми пешниҳоди молҳо ё хизматҳо бевосита ба дебитор қабул гардидаанд. Васиқаи кӯтоҳмуддати дар дигар ҳолатҳо гирифташуда дар ҳисобҳои мувофиқи *10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»* ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан, васиқаҳое, ки ҳангоми пешниҳоди қарзу вомҳо гирифта шудаанд, дар ҳисоби *10330 «Қарзҳои додашуда»* ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоми эътирофи аввала васиқаи кӯтоҳмуддат аз рӯи хароҷоти воқеӣ, яъне аз рӯи арзиши одилонаи молҳо ё хизматҳои расонидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад, ки пардохти онҳо бо васиқаи қабулшуда таъмин мегардад. Дар ин ҳолат дар ҳисоби *10420 «Васиқаҳо (векселҳо) барои қабул»* бо мукотибот бо ҳисоби *10410 «Ҳисобҳо барои қабул»* арзиши одилонаи мол ё хизматҳои фурӯхташуда инъикос мегардад. Минбаъд васиқаҳо аз рӯи арзиши фарсудашавӣ (барои таърифи арзиши фарсудашавӣ ба банди 9-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» нигаред) ба ҳисоб гирифта мешаванд. Фарқи байни маблағ барои қабул аз рӯи васиқа ва арзиши одилонаи молҳо ва хизматрасониҳо ҳамчун даромад аз рӯи фоизҳо дар асоси таносуби вақт ба ҳисоб гирифта мешавад ва мувофиқи эътирофи даромади фоизӣ *дар дебети ҳисоби 10420 «Васиқаҳо (векселҳо) барои қабул»* дар мукотибот бо *ҳисоби 66010 «Даромад дар намуди фоиз»* инъикос мегардад.

Дар санаи пардохти васиқа арзиши тавозунии он, ки дар ҳисоби 10420 ба ҳисоб гирифта шудааст, ба маблағи пардохтшаванда баробар мешавад. Агар мӯҳлати пардохти васиқа ба ҳамон давраи ҳисоботие, ки васиқа қабул гардидааст, рост ояд, эътирофи аввала дар ҳисоботи молиявӣ бо арзиши воқеӣ ва даромади фоизӣ – ҳангоми расидани мӯҳлати пардохт инъикос карда мешавад.

Ҳангоми фурӯши васиқа фарқияти байни арзиши тавозунӣ ва маблаги гирифташуда аз фурӯш ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти амалиётӣ бо ҳамон тартиби гузаштан аз ҳуқуқи талаб намудани қарз аз рӯи ҳисобҳо барои қабул (ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул») инъикос мегардад.

Зарар аз коҳишёбии арзиши васиқа ё қарздории беэтимоди мувофиқи бандҳои 63-65-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» муайяншуда, аз кредити ҳисоби 10420 бароварда шуда, ба дебети ҳисобҳои зарари ғайриамалиётӣ аз коҳишёбии арзиш ва қарзҳои беэътимод гузаронида мешавад.

Агар маблағи қарз аз рӯи васиқа бо асъори хориҷӣ ба ҳисоб гирифта шавад, бақияи қарздорӣ дар охири давраи ҳисоботӣ мувофиқи қурби ҳисобгирии БМТ бо бурдани фарқият ба ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ё ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» аз нав баҳо дода мешавад.

***Ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди баҳодиҳии қарздории дебитории беэътимод пешбинӣ гардидааст, агар дар сиёсати ҳисобдории субъект ташкили ин захира барои аз ҳисоб баровардани қарздории дебитории беэтимод дар назар дошта шуда бошад.

*Дар кредити ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок»* дар мукотибот бо *ҳисоби 55250 «Хароҷот аз рӯи қарзҳои беэътимод»,* ки ба фурӯш муносибат доранд, аввалан маблаги муайян ва афзоиши захира инъикос мегардад. *Маблаги қарздории дебитории беэътимод, ки бояд аз ҳисоб бароварда шавад, аз кредити ҳисоби 10410 ба дебети ҳисоби 10430 гузаронида мешавад.* Дар ҳолате, ки агар қарздории беэътимоди пештар аз ҳисоббаровардашуда пурра ё қисман пардохта шавад, маблағи қабулшуда чунин инъикос мегардад:

- дар аввал маблағи аз ҳисоббаровардашуда пурра бо навишти баръакс дар дебети ҳисоби 10410 ва 10430 барқарор карда мешавад;
- маблаги қабулшуда ба ҳисоби воситаҳои пулӣ бо кредитонидани ҳисоби 10410 даромад карда мешавад.

Агар бақияи ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок» дар охири давра ислоҳро онди камкунӣ талаб намояд, маблағи камшавӣ аз кредити ҳисоби 55250 «Хароҷот аз рӯи қарзҳои беэътимод» ба дебети ҳисоби 10430 дар миқёси бақияи дебетии ҳисоби 55250 гузаронида мешавад.

Агар субъект қарздории дебиториро фурӯшад (аз ҳуқуқи талаби қарз гузарад), даромад ё зарари ба вуҷудомада ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ гурӯҳбандӣ мегардад. Дар ин ҳолат маблағи мувофиқи шартномаи гузашт аз ҳуқуқи талаби қарз дар кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» инъикос мешавад. Ҳамзамон маблағи қарздории дебиторӣи ҳуқуқи талаби он гузашта, аз кредити ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» дар мукотибот бо ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» аз ҳисоб бароварда мешавад.

### 3.3. Баҳисобгирии дигар қарзҳои дебиторӣ

Барои баҳисобгирии дигар қарзҳои дебиторӣ дар Нақшаи ҳисобҳо гурӯҳи ҳисобҳои 10500 «Дигар қарздории дебиторӣ» пешбинӣ шудааст.

***Ҳисобҳои гурӯҳи 10500*** барои ҷамъбаст ва пешниҳоди иттилоот дар тавозуни муҳосибӣ онди қарздории дебиторӣи аз қарздории дебиторӣи тиҷоратӣ фарқкунанда, ки дар ҳисоби 10400 «Ҳисобҳо барои қабул» инъикос мегардад, муқаррар гардидаанд. Дар Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаи зерин барои баҳисобгирии қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо мувофиқи категорияҳои махсуси аҳамиятнокӣ муайян гардидаанд:

*10510 «Пешпардохт ба молтаъминкунандагон»*
*10520 «Қарздории дебиторӣи кормандон»*
*10530 «Андозҳои пешпардохташуда»*
*10540 «Андозҳои подошшаванда (ҷубронишаванда)»*
*10550 «Фоизҳо барои қабул»*
*10560 «Суди саҳмияҳо (дивидендҳо) барои қабул»*
*10570 «Қисми ҷорӣи қарздории дебиторӣи дарозмуддат»*
*10580 «Қарздории дебиторӣи ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)»*
*10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо»*

***Ҳисоби 10510 «Пешпардохт ба таъминкунандагон»*** барои ҷамъбасти иттилоот онди қарздории таъминкунандагон, ки дар натиҷаи пардохти пешакии харидҳои оянда мувофиқи шартнома

барои қабули (гирифтани) дороиҳо ва хизматҳо ба вуҷуд меоянд, муқаррар гардидааст. Қарздории дебиторӣ агар дар мӯҳлати на зиёда аз 12 моҳ аз санаи ҳисоботӣ ба танзим даровардa шавад, дар ҳисоби 10510 ба ҳисоб гирифта мешавад.

Амалиёти дар ҳисоби 10510 инъикосшаванда, ки ба таърифи «Амалиёт бо асъори хориҷӣ» дар СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор» додашуда ҳастанд, чӣ бо асъори хориҷӣ ва чӣ бо асъори миллӣ бо ҳисобкунӣ аз рӯи қурби БМТ (қурби ҳисобгирӣ) дар санаи гузаронидани амалиёт ба ҳисоб гирифта мешаванд. *Дар ҳар як санаи ҳисоботӣ бақияи ҳисоби 10510, ки бо асъори хориҷӣ инъикос шудааст, мувофиқи қурби ҳисобгирии дар ин сана муқарраршуда, бо бурдани фарқият ба кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ва ё ба дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» аз нав ҳисоб карда мешавад.*

Субъект қарздории дебиториро аз рӯи пешпардохти додашуда ҳамон вақт аз ҳисоби тавозунӣ мебарорад, ки мувофиқи шартнома аз тарафи таъминкунанда ӯҳдадорӣ иҷро шудааст, таъмикунанда маблағи додашударо баргардонид, ё ин ки мӯҳлати амали шартнома ба анҷом расид. Ҳисоби 10510 дар мукотибот бо ҳисобҳои захираҳо, воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, хароҷот аз рӯи хизматҳо кредитонида мешавад.

Ташкилотҳо метавонанд ба ҳисоби 10510 ҳангоми зарурат ҳисоби мутақобили (контр-счет) 10519 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои безътимод» кушоянд ва истифода баранд.

Азҳисоббарории қарздории кредитории алоқаманд бо барҳамдиҳӣ ва ё ба анҷомрасии мӯҳлати амали ӯҳдадорӣ дар баҳисобгирӣ бо мукотиботи ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» инъикос мегардад.

***Ҳисоби 10520 «Қарздории дебитории кормандон»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди қарздории кормандон ва роҳбарияти субъект аз рӯи маблағҳои тахтиҳисоботӣ, пешпардохти музди меҳнат, ҷуброни зарари ба субъект расонида ва дигар намудҳои қарздории дебитории аз қарздории дебитории тиҷоратӣ ва қарздорӣ аз рӯи кредиту вомҳо таъин гардидааст.

Ба ҳисоби 10520 метавонанд ҳисобҳои таҳлилӣ барои баҳисобгирии қарздории дебиторӣ аз рӯи намуди амалиёти баамаломада кушода шаванд, масалан:

*10521 «Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ)»*
*10522 «Қарздории кормандон аз рӯи музди меҳнати пешпардохтшуда» ва ғайра.*

Агар дебитор мувофиқи сиёсати баҳисобгирии субъект ҳамчун беэътимод эътироф гардад, бақияи қарздории он аз рӯи ҳисоби 10520 «Қарздории дебитории кормандон» ба маблағи қарздории беэътимод дар мукотибот бо ҳисобҳои мувофиқи баҳисобгирии хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ кам мегардад.

***Шахсони таҳтиҳисоботӣ*** гуфта, коргарони ташкилотро меноманд, ки дар асоси фармони хаттии роҳбари корхона, барои гирифтани маблағи нақд аз хазинаи ташкилот барои хароҷотҳои сафари хизматӣ ва хароҷотҳои идоравӣ-хоҷагӣ ҳуқуқ доранд.

Маблағҳои таҳтиҳисоботӣ бояд танҳо ба мақсади муайяншуда сарф карда шаванд. Дар асоси фармони роҳбари корхона, шахсоне, ки ба сафари хизматӣ мераванд, вобаста ба макони сафари хизматӣ, мӯҳлати сафар, аз тарафи муҳосиботи корхона маблағи пешакӣ (авансӣ) муайян карда мешавад ва аз хазинаи ташкилот дода мешавад. Шахсони таҳтиҳисоботие, ки оиди маблағҳои пешакӣ гирифтаашон ҳисобот надодаанд, ба гирифтани маблағҳои дигари таҳтиҳисоботӣ иҷозат дода намешаванд.

Шахсони таҳтиҳисоботие, ки аз сафари хизматӣ баргаштанд, бояд дар муддати 3 рӯз оиди маблағҳои ҳисоботӣ ба муҳосиботи ташкилот ҳисоботи авансӣ бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод намоянд. Вақти ҳақиқии дар маҳалли сафари хидматибударо аз рӯи қайди шаҳодатномаи сафари хидматӣ, муайян мекунанд.

Агар, коркунон ба маҳалҳои гуногуни аҳолинишин ба сафари хизматӣ рафта бошанд, онгоҳ қайди рафту омадро дар ҳар як маҳал мегузоранд. Рӯзи ба сафари хидматӣ рафтан — рӯзи роҳӣ шудани воситаҳои нақлиёт, рӯзи омадан — рӯзи омадани воситаҳои нақлиётии номбаршуда ба ҷои доимӣ мебошад.

Ба коркуноне, ки ба сафари хизматӣ мераванд, хароҷоти манзил, хӯрокпулӣ ва роҳпулии рафтуомад ба маҳалли сафар дода мешавад. Хароҷотҳои сафари хизматӣ ба минтақаҳои гуногуни дунё ва дохили ҷумҳурӣ дар асоси Низомномаи меъёрии маблағҳои сафари хизматӣ, ки Вазорати молияи ҶТ таҳия ва тасдиқ кардааст, амалӣ карда мешавад.

Баъди он ки муҳосиб маблағи хароҷоти сафари хизматиро ҳисоб мекунад, пули нақдро дар асоси шаҳодатномаи сафари хизматӣ ва ордери хароҷоти хазина тахти ҳисобот месупоранд.

Агар шахси таҳтиҳисоботӣ маблағи ҷудошударо кам ё зиёд сарф намояд, онро асоснок намуда дар ҳисоботи авансии худ нишон медиҳад, маблағи боқимонда ба хазина супорида шуда, маблағи зиёд сарфшуда аз хазина дода мешавад.

Додани маблағ аз хазина ба шахсони тахтиҳисоботӣ дар ҳисобдорӣ чунин инъикос карда мешавад:

*Дт 10521 Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ)*

*Кт Воситаҳои пулӣ дар хазина- 10100*

Баргардонидани маблағи истифоданашуда:

*Дт Воситаҳои пулӣ дар хазина -10100*

*Кт 10521 Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ)*

Дохилшавии ММҚ аз шахсони ҳисоботӣ:

*Дт ЗММ-10700*

*Кт 10521 Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ)*

Аз ҳисоб баровардани маблағҳои таҳтиҳисоботӣ:

*Дт Хароҷоти сафари хизматӣ 55318*

*Кт 10521 «Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои зерҳисоботӣ (таҳтиҳисоботӣ)»*

Баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии ҳисоббаробаркуниҳо ба шахсони таҳтиҳисоботӣ дар журнал-ордери № 7 бурда мешавад.

Журнал-ордери № 7 бо тарзи мавқеӣ бурда шуда дар як сатр инъикос кардани ҳолати ҳисоббаробаркуниҳоро бо ҳар як шахси таҳтиҳисоботӣ, яъне бақияи қарз дар аввали моҳ ва гардиши воридоту содиротии моҳонаро таъмин мекунад.

Бақияи аввали моҳро (маблағи дар тахти ҳисоботибуда ва маблағи сарфи барзиёди пардохтнашуда) ба журнал-ордери № 7 аз журнал-ордери моҳи гузашта мегузаронанд. Маблағи тахти ҳисоботӣ ва барои пардохти сарфи барзиёд супоридашударо ба ҳисоботи хазинадор (журнал-ордери № 1); маблағи авансии ба хазина баргардондаро — аз ҳисоботи хазинадор) (ведомости № 1) менависанд; маблағи ба рақами ҳисоббаробаркунӣ супоридашуда ва аз музди кор нигоҳдоштаро — аз нусхаи банк ва ведомости ҳисоббаробаркунию пулдиҳӣ пур мекунанд. Бақияи маблағи таҳтиҳисоботиро ба журнал-ордери № 7 моҳи дигар мегузаронанд.

***Ҳисобҳои 10530 «Андозҳои пешпардохтшуда** (барзиёд)**» ва 10540 «Андозҳои подошшаванда** (ҷубронишаванда)**»*** (баргардониш, ҳисобкунӣ) барои ҷамъбасти иттилоот оиди андозҳои пешпардох-

тшуда ва андозҳое, ки субъект ба буҷа ё молтаъминкунандагон пардохтааст, аммо мувофиқи қонунгузории андоз бояд аз буҷа подош (ҷуброн) ё ҳангоми пардохти андози мувофиқ ҳисоб (баробар) карда шавад, таъин гардидаанд.

Баҳисобгирии таҳлилӣ дар ҳисобҳои 10530 ва 10540 аз рӯи намуди андозҳо ва давраи ташкилёбии онҳо бурда мешавад, масалан:

*10531 «Пешпардохтҳо аз рӯи ҳиссаҷудокуниҳо ба ФҲИА»*

*10532 «Пешпардохтҳо аз рӯи андоз аз фоида»,*

*10533 «Андози пешпардохтшудаи ҳадди ақал (минималӣ) аз даромадҳо» ва г.*

*10541 «ААИ барои хариди (ба дастории) захираҳои моддӣ»*

*10542 «Андози аксизӣ аз рӯи ашёе, ки барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифода мешавад», ва гайра.*

Маблағи пешпардохтҳо аз рӯи андозҳо метавонад бевосита бо мукотибот бо дебети ҳисобҳои 22300 «Андозҳо барои пардохт» аз ҳисоб бароварда шавад. Аммо дар ин ҳолат дар охири давраи андозӣ тасҳеҳи ҳисобҳои 22300, бо мақсади барзиёдиро аз рӯи андоз, ки ҳангоми пешпардохти андозҳо ба миён меоянд, дар ҳисоби 10530 «Андозҳои пешпардохтшуда (барзиёд)» инъикос намудан талаб карда мешавад. Барои ҳамин, тартиби зерини баҳисобгирӣ нисбатан дуруст ба назар мерасад:

- ҳама гуна пардохти андозҳо дар давоми давраи андозӣ дар дебети ҳисоби 10530 инъикос мегардад;
- дар охири давраи андозӣ бақияи ҳисоби 10530 дар ҳаҷми маблағи қарздорӣ, қарздории ҳисобкардашуда аз рӯи ҳисоби 22300 аз кредити ҳисоби 10530 ба дебети ҳисоби мувофиқи 22300 «Андозҳо барои пардохт» гузаронида мешавад (аз ҳисоб бароварда мешавад).

Маблаги андозҳои барои ҳисобкунӣ муайяншуда, ҳангоми ҳисобкунии ААИ ва андози аксизӣ дар охири давраи андозӣ аз кредити ҳисоби 10540 ба дебети ҳисоби мувофиқи 22300 «Андозҳо барои пардохт» гузаронида мешавад.

Бақияи ҳисобҳои 10530, 10540, 22300 дар охири давраи ҳисоботӣ бояд бо санади муқоисавӣ аз мақомоти андоз тасдиқ гардад.

***Ҳисоби 10550 «Фоизҳо барои қабул»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди қарздории дебитории ҳангоми ҳисобкунии даромади фоизӣ аз рӯи амалиёти даромади фоизӣ оваранда, масалан бадастории (хариди) коғазҳои қиматноки қарзӣ, пешниҳоди қарзу

вомҳо ба вуҷуд меояд, таъин гардидааст. Новобаста аз мӯҳлати пардохти фоизҳои аз рӯи шартнома, ё шароити барориши коғазҳои қиматнок муқаррар гардида, даромад аз рӯи фоизҳо ва қарздории дебитории бо он алоқаманд бояд дар асоси таносуби муваққатие, ки даромаднокии самараноки дороиро ба ҳисоб мегирад, эътироф гардад.

Дар ҳисоби 10550 «Фоизҳои қабулшуда» инчунин қарздории дебитории ҳисобкардашудаи иҷорагир аз рӯи иҷораи молиявӣ дар қисми баробар ба маблағи даромади молиявии дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи банди 40-и СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора» тақсимшуда, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баҳисобгирии таҳлилӣ аз рӯи ҳисоби 10550 аз рӯи намудҳои фоизҳо ва амалиёте, ки даромади фоизӣ меоранд, бурда мешавад.

*Ҳисобкунии даромади фоизӣ барои қабул, ҳамчунин даромади молиявӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ бо навишт дар дебети ҳисоби 10550 «Фоизҳо барои қабул» дар мукотибот бо ҳисоби 66010 «Даромад дар намуди фоизҳо» инъикос мегардад.*

Баҳисобгирии қарздории беэътимод аз рӯи фоизҳо барои қабул бо ҳамон тартибе, ки баҳисобгирии қарздории беэътимод аз рӯи ҳисобҳо барои қабул бо истифодабарии захираи баҳодиҳӣ ё бидуни он амалӣ мегардад. Дар ин ҳолат зарар дар мукотибот бо дебети ҳисоби 55250 «Хароҷот аз рӯи қарзҳои беэътимод» аз ҳисоб бароварда мешавад.

***Ҳисоби 10560 «Суди саҳмияҳо (дивидендҳо) барои қабул»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди қарздории дебитории дар натиҷаи тақсимоти фоида дар субъектҳое, ки соҳиби воситаҳои ҳиссавиашон ташкилоти ҳисоботдиҳанда аст, муқаррар гардидааст.

Қарздории дебиторӣ аз рӯи ҳисоби мазкур танҳо вақти ба вуҷуд омадани ҳуқуқ барои гирифтани суди саҳмияҳо (дивидендҳо) эътироф мегардад ва мувофиқан даромади бо он алоқаманд эътироф мегардад.

Субъект ҳамчун даромад суди саҳмияҳоеро эътироф менамояд, ки баъди санаи хариди (бадастории) воситаи ҳиссавӣ ҳисоб карда шудаанд. Агар воситаҳои ҳиссавӣ баъд аз эълон намудани суди саҳмияҳо, аммо то пардохти онҳо харида шуда бошанд, маблағи суди саҳмияҳои эълоншуда аз арзиши аввалаи дороии молиявӣ тарҳ карда шуда, ҳамчун даромад эътироф намегардад. Дастури мазкури СБҲМ дар баҳисобгирӣ чунин амалӣ мешавад: дар лаҳзаи харид дар дебети ҳисоби баҳисобгирии дороиҳои молиявӣ, ки дар худ воситаҳои ҳиссавии дигар субъектро таҷассум

менамоянд, арзиши воқеии дорой бе суди саҳмияҳои эълоншуда, суди саҳмияҳои эълоншуда бошад, дар дебети ҳисоби 10560 «Суди саҳмияҳо барои қабул» инъикос мегарданд. Ҳангоми гирифтани суди саҳмияҳо ин маблағ ба кредити ҳисоби 10560 гузаронида мешавад. Ба ҳисоби 10560 «Суди саҳмияҳо барои қабул» ҳисобҳои таҳлилӣ барои баҳисобгирии суди саҳмияҳо аз рӯи намуди воситаҳои ҳиссавӣ кушода шуда метавонанд:

*10561 «Суди саҳмияҳо барои қабул аз рӯи саҳмияҳои имтиёзнок»;*
*10562 «Суди саҳмияҳо барои қабул аз рӯи саҳмияҳои оддӣ»;*
*10563 «Суди саҳмияҳо барои қабул аз рӯи ҳисса дар хоҷагии ҷамъиятӣ» ва ғайра.*

Агар маблаги қарздорӣ аз рӯи суди саҳмияҳо бо асъори хориҷӣ ба ҳисоб гирифта шавад, бақияи қарздорӣ дар охири давраи ҳисоботӣ мувофиқи қурби ҳисобгирии БМТ бо бурдани фарқият ба ҳисобҳои баҳисобгирии даромадҳои ғайриамалиётӣ ва зарарҳо аз фарқияти қурбӣ аз рӯи амалиёт бо асъори хориҷӣ аз нав баҳо дода мешавад.

Баҳисобгирии қарздории беэътимод аз рӯи суди саҳмияҳо барои қабул бо ҳамон тартибе, ки баҳисобгирии қарздории беэътимод аз рӯи ҳисобҳо барои қабул – бо истифодабарии ҳисоби захираи баҳодиҳӣ ё бидуни он бурда мешавад.

Дар ин ҳолат зарар аз ҳисоббарории қарздории беэътимод дар дебети ҳисоби 55250 «Хароҷот аз рӯи қарзҳои беэътимод» ба ҳисоб гирифта мешавад.

***Ҳисоби 10570 «Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат, ки бояд дар давоми на зиёда аз як сол аз санаи ҳисоботӣ қабул гардад, таъин гардидааст.

***Ҳисоби 10580 «Қарздории дебитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)»*** барои баҳисобгирӣ ва пешниҳод дар ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ)-и субъект то муттаҳидшавӣ маблағи умумии аз ташкилотҳои фаръӣ ё модарӣ қабулшаванда пешбинӣ шудааст.

Дар дебети ҳисоби 10580 дар мукотибот бо ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» маблағе инъикос мегардад, ки мутобиқи СБҲМ (IAS) 18 «Даромад» ҳамчун даромад эътироф мегардад. Ҳисоби 10580 ҳангоми қабули пулҳо аз ташкилоти фаръӣ(модарӣ) дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ, дигар ҳисобҳои баҳисобгирии доропиҳо кредитонида шуда, ё ин ки дар

ҳисоби 22520 «Қарздории кредитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)» ба ҳисоб гирифта мешавад.

***Ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо»*** барои баҳисобгирӣ ва пешниҳод дар ҳисоботи молиявии субъект маълумот оиди мавҷудияти қарздории дебитории пайдошуда дар алоқамандӣ бо он амалиёте, ки дар ҳисобҳои 10400 ва дигар ҳисобҳои 10500 инъикос шуда наметавонанд, таъин гардидааст.

## 3.4. Баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо муассисон

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ташкилот, корхона ё муассисаҳо созмон медиҳанд, дар асоси шартномаи ташкилёбии ташкилот, ҳаҷми сармояи оинннома ва ҳиссаи муассисонро муайян менамоянд.

Баъди аз қайди давлатӣ гузаштани ташкилоти навташкил, дар асоси шартномаи таъсисёбӣ, ӯҳдадориҳои муассисон муайян мешавад ва онҳо вазифадоранд, ки ҳиссаи худро дар шакли пулӣ, молӣ ба ташкилоти навташкил гузаронанд.

Баъди бақайдгирии давлатӣ дар ташкилоти навташкил, вобаста ба ҳаҷми муайяншудаи сармояи оинномавӣ, ӯҳдадориҳои муассисон чунин нишон дода мешавад:

*Дт 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ»*

*Кт 33000 Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)*

Қарздории муассисон ҳамчун қарзи дебитории кӯтоҳмуддат дар боби I.А. «Дороиҳои кӯтоҳмуддат (гардон)»-и тавозуни муҳосибӣ инъикос мешавад. Барои баҳисобгирии қарзи муассисон ҳисоби таркибии 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ» пешбинӣ шудааст.

**Ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ»** барои ҷамъбасти иттилоот оиди ҳисоббаробаркунии субъект бо иштирокчиён (муассисон) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ пешбинӣ шудааст.

Ташкилот метавонад ба ҳисоби 10600 ҳисобҳои алоҳидаи таҳлилӣ кушояд, масалан:

*10601 «Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд»*

*10602 «Қарздории шахсоне, ки барои барориши ҳои дуюм ва минбаъдаи саҳмияҳо обуна шудаанд»*
*10603 «Қарздории харидорон, ки ҳангоми аз тарафи субъект фурӯхтани саҳмияҳои худӣ пайдо шудаанд».*

***Ҳисоби 10601 «Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд».*** Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ шартномаи муассисии аз тарафи муассисон ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба имзо расида, барои шахсони онро имзонамуда дар давоми сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадориҳоро ба миён меорад. Ӯҳдадории ишорашуда аз саҳм ба сармояи оинномавии шахси ҳуқуқии ташкилшуда иборат аст. Вобаста ба ин дар дебети ҳисоби *10601 «Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадааст»* маблағи сармояи оинномавии ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ эълоншуда дар мукотибот бо ҳисоби мувофиқи гурӯҳи ҳисобҳои *33000 «Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)»* инъикос мешавад. Дар кредити ҳисоби 10601 маблағи воситаҳои пулӣ, инчунин арзиши одилонаи дороиҳои ғайрипулии аз тарафи муассисон чӣ то лаҳзаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва ҳамчунин дар давоми сол, аз санаи бақайдгирӣ гузошташуда инъикос мегардад. Фарқи байни арзиши одилонаи дороиҳои ғайрипулии гузошташуда ва маблағи номиналии қарздорӣ ба кредити ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» гузаронида мешавад.

Маблағи ноустуворӣ барои напардохтани саҳмияҳо, ки ба муассиси ҷамъияти саҳҳомӣ мувофиқи шартномаи муассисӣ ҳисоб карда шудааст, *дар дебети ҳисоби 10601 дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ»* инъикос мегардад.

Ҳисоби 10602 «Қарздории шахсоне, ки барои барориши ҳои дуюм ва минбаъдаи саҳмияҳо обуна шудаанд» - баъди бақайдгирии ҳисобот оиди барориши когазҳои қиматнок тартиб дода мешавад.

## 3.5. Баҳисобгирии қарзҳои дебитории дарозмуддат

Қарзҳои дебитории дарозмуддат ӯҳдадориҳое мебошанд, ки мӯҳлати пардохт, аз ҳисоб баровардан ва ба хароҷот ҳамроҳ кардани онҳо баъди соли ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст. Барои

баҳисобгирии қарзҳои дебитории дарозмуддат гурӯҳи ҳисобҳои 11800 «Қарздории дебитории дарозмуддат» пешбинӣ шудаанд.

***Гурӯҳи ҳисобҳои 11800 «Қарздории дебитории дарозмуддат»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати қарздории дебиторӣ бо мӯҳлати пардохти бештар аз як сол, аз ҷумла бо векселҳои гирифташуда таъмингашта, аз рӯи пардохти иҷора, моликияти иҷораи молиявӣ додашуда ва дигар қарздории дарозмуддати дебиторӣ, инчунин хароҷоти дарозмуддати тамдидӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар ҳисоби 11800 он хароҷотҳои тамдидшудае (мавқуфгузошта) ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки барои мунтазам ба хароҷотҳо гузаронидани онҳо (аз ҳисоб баровардан) дар давоми якчанд давраҳои ҳисоботӣ ё солҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаи зеринро барои баҳисобгирии қарздории дарозмуддати дебиторӣ аз рӯи гурӯҳҳои бештари ҳаммонанд пешбинӣ менамояд.

*11810 «Қарздории дарозмуддати дебитории харидорон ва фармоишгарон»*

*11820 «Васиқаҳои (векселҳои) гирифташуда»*

*11830 «Хароҷотҳои мавқуфгузоштаи дарозмуддат»*

*11840 «Дигар қарздории дебитории дарозмуддат»*

Даромади фоизӣ аз рӯи васиқаҳои дарозмуддати гирифташуда ва қарздории дебитории дарозмуддат аз рӯи пардохти иҷора ба дебети ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» аз рӯи дигар амалиётҳо ҳисоб карда мешавад ва дар боби «Дороиҳои кӯтоҳмуддат» инъикос карда мешавад.

Ҳисобкуниҳо бо асъори хориҷӣ, ки тибқи қонунгузории феълӣ амалӣ мегардад, дар ҳисоби мазкур бо сомонӣ бо роҳи ҳисоббаробаркунии асъори хориҷӣ аз рӯи қурби БМТ ба санаи иҷрои амалиёт ба ҳисоб гирифта мешаванд. Фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ, аз ҷумла фарқият аз рӯи азнавбаҳодиҳии қарздорӣ ба санаи ҳисоботӣ ба ҳисобҳои 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ва 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» мансуб карда мешаванд.

Ҳисоби «Қарздории дебитории дарозмуддат» ба маблағи воситаҳои гирифташуда, қарзҳо ба харидорон пешниҳодшуда, пардохти иҷора аз рӯи иҷораи молиявӣ, пардохтҳои амалишудаи пешпардохтӣ ва дигар қарздории дебитории дарозмуддат дебет карда мешавад ва ба маблағи пардохтҳои воридгашта, ҳисобкуниҳои пешпардохтҳои гирифташуда, аз ҳисоб баровардани қисми

харочоти дарозмуддати тамдидӣ ба харочоти давраи ҳисоботӣ кредит карда мешавад.

| Мазмуни амалиёт | Ракамн ҳисоби мукотиботӣ | |
|---|---|---|
| | дебет | кредит |
| 1.Пайдошавии қарздорӣ:<br>а) барои маҳсулоти фурӯхташуда;<br>- бо нишон додани ҳуччатҳои ҳисоб<br>- бо гирифтани васиқа | <br><br>11810<br>11820 | <br><br>44010<br>44010 |
| б) аз рӯи пардохти ичора | 11840 | 66020 |
| в) Харочоти давраҳои оянда, ки бояд дар давоми якчанд давра ё сол аз ҳисоб баровroutарда шаванд | 11830 | 10100.<br>10200 |
| 2.Воридшавии пардохтҳо | 10200 | 11810.<br>11820 |
| 3. Эътирофи қисми харочоти дарозмуддати тамдидӣ, ки ба давраи ҳисоботии мазкур мансуб аст. | 55000<br>55200<br>55300 | 11830 |

# МАВЗӮИ 4. БАҲИСОБГИРИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДИЮ МОЛӢ

4.1. Таъриф ва мафҳуми захираҳои моддию молӣ
4.2. Таснифот ва баҳодиҳии ЗММ
4.3. Ҳуҷҷатиоккунии дохилшавӣ ва истифодабарии ЗММ
4.4. Баҳисобгирии ЗММ дар анбор ва муҳосибот
4.5. Баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии ЗММ
4.6. Барӯйхатгирии ЗММ

## 4.1. Таъриф ва мафҳуми захираҳои моддию молӣ

*ЗММ – дороиҳоеанд, ки дар шакли ашёи хом ё масолеҳ барои истифодабарӣ дар раванди истеҳсолот ё хизматрасонӣ, барои фурӯш ва идоракунӣ дар раванди фаъолияти асосӣ таъин шудаанд.*

***Захираҳои истеҳсолӣ*** маҷмӯи предметҳои меҳнат буда, дар як давраи истеҳсолӣ иштирок менамоянд ва арзиши худро пурра ба маҳсулот, кору хадамот мегузаронанд.

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии ЗММ:

- назорат оиди дуруст нигаҳдории ЗММ;
- дуруст ҳуҷҷатноккунии дохилшавӣ, истифодабарӣ, ҷойивазкунӣ ва хориҷшавии ЗММ;
- назорат оиди риояи меъёри истифодабарии онҳо;
- муайян кардани хароҷотҳои вобаста ба тайёркунии масолеҳ ва молҳо.

ЗММ чунин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

- аз рӯи нақш ва таъиноти онҳо дар ҷараёни истеҳсолот;
- ҳолати техникӣ (навъ, андоза, нишона ва ғ.)

Мувофиқи нақши функсионалӣ ва таъиноти онҳо дар ҷараёни истеҳсолот ЗММ шартан ба асосӣ ва ёрирасон ҷудо карда мешаванд.

- ***Захираҳои асосӣ*** – ашёҳои меҳнате мебошанд, ки асоси маҳсулоти истеҳсололшударо ташкил медиҳанд, ба монанди ашёи хом ва масолеҳи асосӣ, нимтайёрҳои харидашуда ва ғайра.
- ***Захираҳои иловагӣ*** ашёҳои меҳнате мебошанд, ки барои нигаҳдории воситаҳои меҳнат ва масолеҳи ёрирасон дар истеҳсолот истифода бурда мешаванд.

Барои дуруст баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ онҳо чунин таснифот карда мешаванд:

- ✓ *ашёи хом ва масолеҳ*, ки ба ҳайати он масолеҳи нимтайёри харидашуда, масолеҳи сохтмонӣ, сӯзишворӣ, зарф ва масолеҳи зарфӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар масолеҳи барои истифода дар раванди истеҳсолот, иҷроиши кор ва хизматрасонӣ таъиншуда;
- ✓ *истеҳсолоти нотамом*, иҷроиши кор ва хизматрасонӣ;
- ✓ *маҳсулоти тайёр* – маҳсулоте, ки пурра ҷараёнҳои истеҳсолиро гузашта, ба стандарти давлатӣ ҷавобгӯ аст ва ба анбори маҳсулоти тайёр супорида шудааст;
- ✓ *молҳо барои аз нав фурӯхтан*, аз ҷумла молҳо дар роҳ, ки ба он ташкилот соҳибҳуқуқ гаштааст.

ЗММ ба воситаҳои гардони ташкилот тааллуқ дошта, одатан онҳо дар давоми соли ҳисоботӣ ба маблағи пулӣ мубаддал мегарданд. Дар тавозуни муҳосибӣ ЗММ баъди моддаи «Ҳисобҳо барои қабул» инъикос мешаванд, зеро онҳо нисбатан камтар бозоргиранд.

## 4.2. Тасифот ва баҳодиҳии ЗММ

*Мувофиқи СБҲМ –2 «Захираҳо», ЗММ аз рӯи арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯш (нархи софи фурӯши имконпазир) баҳо дода мешаванд.*

Дар ҳисобгирии муҳосибӣ ЗММ аз рӯи арзиши аслии ҳақиқӣ баҳо дода мешаванд.

Арзиши аслии ЗММ барои соҳаҳои гуногун ҳархела муайян карда мешаванд:

Арзиши аслии ЗММ ташкилотҳои истеҳсолӣ иборат аст аз:

А) ***хароҷоти харидн*** ЗММ, ки аз арзиши харид (маблағи ҳисоб – фактура бо тарҳи тахфифи харид), боҷи гумрукии воридот ва дигар андозҳо (бо тарҳи андози барқароршаванда), хароҷоти нақлиётӣ (бо назардошти боркунӣ, борфурорӣ ва суғуртаи мол дар роҳ), дигар хароҷоти бевоситаи ба харид вобаста (рекламаи мол, хадамоти машваратӣ ва ғ);

В) ***хароҷот барои коркард***, хароҷоти бевосита ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр алоқаманд буда, аз ҷумла:

1) хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо аз фонди музди меҳнати коргарони бевосита дар дастгоҳ ва таҷҳизот бо коркарди ашёи хом ва масолеҳ ба маҳсулоти тайёр машғуланд;
2) хароҷоти ҳиссаҷудокунии фарсудашавии воситаҳои асосии ба истеҳсоли маҳсулот алоқаманд;

С) *дигар хароҷотҳои* вобаста ба ҷойгиркунӣ, кашондан ё ба ҳолати лозима овардани ЗММ алоқаманд (ба анбор кашонидани маҳсулоти тайёр, хароҷоти ба тартиборин мол аз рӯи фармоишҳои мушаххас ва ғайра).

Ба арзиши аслии ЗММ дохил карда намешаванд:

- талафоти аз меъёр зиёди ашёи хом, меҳнати сарфшуда ё дигар хароҷоти истеҳсолӣ;
- хароҷоти нигоҳдории ЗММ байни давраҳои алоҳидаи раванди истеҳсолӣ, ба ғайр аз хароҷоте, ки дар ҷараёни истеҳсолот зарур аст;
- хароҷоти маъмурӣ – идоракунӣ;
- хароҷоти тиҷоратӣ.

Арзиши аслии ЗММ ташкилотҳои соҳаи хизматрасонӣ аз:

- хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо ба сугуртаи иҷтимоии кормандони бевосита ба хизматрасонӣ машғул буда, аз ҷумла ҳайати роҳбарияти миёна;
- хароҷоти масолеҳи ёрирасон;
- хароҷоти иловагии бевосита дар раванди хизматрасонӣ ба амал омада, иборат аст.

Музди меҳнати роҳбарият ва дигар хароҷотҳои тиҷоратӣ ва маъмурӣ ба арзиши аслии ЗММ дохил карда нашуда, ҳамчун хароҷоти давра ба ҳисоб гирифта мешаванд.

### *Усулҳои баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ*

Ҳангоми баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ усулҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст:

идентификатсияи махсус (specific identification method);
арзиши миёнаи баркашида (average- cost method);
ФИФО (First – In, First – Out – method FIFO);
ЛИФО (Last – in, First – Out – method LIFO);

- ***Усули идентификатсияи махсус*** (арзиши аслии як воҳид) – барои баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ, ки якдигарро ивазнакунанда мебошанд, асосан барои фармоишу лоиҳаҳои махсус таъиншуда, истифода бурда мешавад. Ин усулро ҳангоми харид ва фурӯши молҳои қимматбаҳо аз қабили воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот, мошину техникаи вазнин, маҳсулоти заргарӣ истифода бурдан мумкин аст.
- ***Усули арзиши миёна*** – муайян намудани арзиши аслии миёнаи як воҳид ЗММ-ро муқаррар кардан лозим аст. Барои муайян кардани арзиши миёнаи ЗММ, арзиши аслии ибтидоӣ ва ЗММ-и харидашударо дар давоми давра муайян намуда,

ҷамъи онҳоро ба миқдори ЗММ тақсим намудан лозим аст. Арзиши аслии миёнаи ҳосилшуда барои ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда ва миқдори захираҳо дар охири давра истифода бурда мешавад.

❖ **Мисол:** Мувофиқи маълумоти нақшаи 4.1. арзиши аслии ЗММ дар 31 январ ва арзиши аслии моли фурӯхташуда дар моҳи январ муайян карда шавад.

*Нақшаи 4.1.*

| Май | ЗММ | Миқдор, воҳид | Арзиши аслии воҳид (сомонӣ) | Арзиши аслии умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Захира | 20 | 200 | 4 000 |
| 8 | Харида шуд | 25 | 210 | 5 250 |
| 10 | ------//------- | 30 | 220 | 6 600 |
| 22 | -----//-------- | 35 | 225 | 7 875 |
| 29 | -----//------- | 40 | 230 | 9 200 |
| **Ҳамагӣ** | | **150** | | **32 925** |

*Захира дар охир 50 воҳид.*

**Ҳалли масъала:**

<u>*Усули арзиши миёна*</u>

Арзиши миёнаи як воҳиди ЗММ = 32 925/150=219,5 сомонӣ

Арзиши аслии мол барои фурӯш = 32 925 сомонӣ

<u>тарҳи: ЗММ дар 31 январ: 50 х 219.5с.=10975 сомонӣ</u>

Арзиши аслии ЗММ-и фурӯхташуда(150-50)=100 х 219,5с.= 21 950 сомонӣ.

➢ *Ҳангоми истифодаи **<u>усули ФИФО</u>** арзиши аслии моли дар навбати аввал харидашуда ба моли дар навбати аввал фурӯхташуда мансуб дониста мешавад ва арзиши аслии моли дар охири давра боқимонда ба харидҳои охирин мансуб дониста мешавад.*

Усули ФИФО тағйирёбии арзиширо ба назар мегирад, на ҳаракати ЗММ-ро, барои ҳамин ин усулро ташкилотҳо метавонанд дар мавридҳои гуногуни тағйирёбии нарх истифода баранд.

Дар асоси нишондиҳандаҳои нақшаи 4.1. усули ФИФО-ро истифода бурда, арзиши аслии ЗММ-и фурӯхташуда ва захираи охири моҳро муайян мекунем:

*Арзиши аслии ЗММ барои фурӯш:* <u>150 воҳид = 32 925с.</u>

*Тарҳ: арзиши аслии ЗММ дар 31 январ:* 40 х 230 = 9 200с.

<u>10 х 225 = 2250с.</u>

50 = 11 450с

*Арзиши аслии ЗММ-и фурӯхташуда:*20 х 200 = 4000с.

25 х 210 = 5 250с.

30 x 220 = 6600с.
25 x 225 = 5625 с.
100 воҳид = 21 475 с.

Ҳангоми бекурбшавии асъори миллӣ усули ФИФО фоидаи софи нисбатан баландро медиҳад, зеро ҳангоми зиёдшавии нарх, ташкилот молро бо нархи нисбатан баланд ба фурӯш мебарорад. Ҳангоми пастшавии нархи мол натиҷаи баръакс мушоҳида мешавад.

- *Усули ЛИФО арзиши аслии моли дар охир харидашударо ба моли дар навбати аввал фурӯхташуда мансуб медонад. Арзиши аслии захира дар охири давра аз рӯи арзиши моли дар навбати аввал харидашуда ҳисоб карда мешавад.*

Дар асоси маълумотҳои нақшаи 4.1. арзиши аслии захираро дар охир ва арзиши аслии моли фурӯхташударо муайян мекунем: Усули ЛИФО –ро татбиқ намуда,

*Арзиши аслии ЗММ барои фурӯш:* 150 воҳид = 32 925с.
*Тарҳ: арзиши аслии ЗММ дар 31 январ* :20 x 200 = 4 000с.
25 x 210 = 5 250с.
5 x 220 = 1 100с.
50 = 10 350с
*Арзиши аслии ЗММ -и фурӯхташуда:* 40 x 230 = 9 200с.
35 x 225 = 7 875с.
25 x 220 = 5 500с.
100 воҳид = 22 575 с.

### 4.3. Ҳуҷҷатиоккунии дохилшавӣ ва истифодабарии ЗММ

Амалиётҳо оиди ҳаракати ЗММ бояд бо ҳуҷҷатҳои ибтидоии соҳавӣ, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи омори давлатии назди Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудааст, ба расмият дароварда шаванд.

Ҳар як номгӯи ЗММ, ки ба анбори ташкилот дохил мешавад, дар варақаҳои баҳисобгирии анбории ЗММ инъикос менамоянд ва вобаста ба намуди онҳо рақами номенклатурӣ дода мешаванд. Баҳисобгирии таҳлилии ЗММ вобаста ба намудҳои он, мавқеи нигаҳдорӣ ва шахсони мутасаддии моддӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар шӯъбаи муҳосиботи ташкилот китоби баҳисобгирии ҳаракати ЗММ бурда мешавад, ки дар асоси ҳисоботи мудирони анбор ва дигар шахсони мутасаддии моддӣ бурда мешавд.

Ҳуҷҷатҳои асосие, ки ҳаракати ЗММ-ро инъикос менамоянд:

- боваринома;
- ордери даромад;
- санад оиди қабули ЗММ;
- картаи лимитию заборӣ;
- талабнома-борхат;
- борхати сарфи масолеҳ;
- борхати ҷойивазкунии ЗММ;
- варақаи баҳисобгирии ЗММ;
- санади қабули ЗММ аз ҳисоби барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ;
- санади хариди мол аз фурӯши чакана;
- санади аз ҳисоб баровардани ЗММ;
- ведомости муқоисакунии натиҷаи барӯйхатгирии ЗММ;
- ҳисоб-фактура;
- борхати молӣ-нақлиётӣ ва ғ.

### 4.4. Баҳисобгирии ЗММ дар анбор ва муҳосибот

ЗММ ба ташкилот аз таъминкунандагон дар асоси шартномаҳои тарафайн дохил мешаванд. Таъминкунандагони ЗММ дар баробари бор кардани маҳсулот ба харидор ҳуҷҷатҳои лозимаро пешниҳод мекунанд (ҳисобнома, борхат ва ғ.). Маҳсулотро мудири анбор ё намояндаи шӯбаи таъминот дар асоси ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда қабул менамоянд. Аз тарафи шахси мутасаддии моддӣ, ки маҳсулотро қабул менамояд, мавҷудияти ҳақиқии ЗММ бо ҳуҷҷатҳо тафтиш карда мешаванд ва дар ҳолати мувофиқ будани мавҷудияти ҳақиқӣ бо маълумотҳои ҳуҷҷат ордери даромад (шакли № М-4) дар як нусха тартиб медиҳанд.

Дар ҳолати номувофиқатии нишондиҳандаҳои ҳуҷҷат бо мавҷудияти ҳақиқӣ (камомад, зиёдомад), бе ҳуҷҷати ҳамроҳикунанда дохилшавии масолеҳ, мудири анбор бо ҳамроҳи намояндаи ташкилоти таъминкунанда ё шахси масъул санади қабули масолеҳ (шакли № М-7) дар ду нусха тартиб медиҳад ва як нусхаи онро ба намояндаи ташкилоти таъминкунанда месупорад.

ЗММ ба ташкилот аз шахсони таҳтиҳисоботӣ низ дохил шуданашон мумкин аст. Дар ин ҳолат, шахси таҳтиҳисоботӣ ЗММ-ро, ки бо маблағи нақд аз мағоза, бозор ё аҳолӣ харидааст, дар асоси талаботи муқарраршуда, бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи арзиши он, ба мудири анбор бо ордери даромад месупорад. Шах-

си тахтиҳисоботӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи молу масолеҳи харидашуда (ҳисобнома ё чеки мағоза, расид, санади харид ва ғайра)-ро оиди тасдиқи маблағҳои сарфшуда ба ҳисоботи авансии худ ҳамроҳ менамояд.

Барои баҳисобгирии ЗММ дар анбор, мудири анбор варақаҳои баҳисобгирии ЗММ (шакли № М-17) –ро дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ дар санаи дохилшавии молу масолеҳ тартиб медиҳад, ки дар он номгӯй, миқдор ва бақия баъди ҳар як амалиёт инъикос меёбад.

Барои қонеъ гардонидани талаботи сехҳо ва қитъаҳои истеҳсолӣ, аз тарафи мудири сех, бригадир ё дигар шахси мутасаддӣ талабнома тартиб дода мешавад, ки мувофиқи нақша ва меъёрҳои муайяншуда барои истеҳсолот ашёи хом, масолеҳи асосӣ, ёрирасон, қисмҳои эҳтиётӣ ва ғайра талаб менамояд. Вобаста ба талабномае, ки аз тарафи мудири истеҳсолот тасдиқ карда мешавад, ҳамарӯза оиди ашёи хому масолеҳи гирифташуда дар варақи лимитию заборӣ қайд карда мешавад, ки бо имзои шахси мутасаддӣ тасдиқ карда мешавад.

Баҳисобгирии таҳлилии ЗММ дар муҳосиботи ташкилот, мувофиқи ҳисоботҳои мудирони анбор, мудири хоҷагӣ, мудирони сехҳо, қитъаҳои истеҳсолӣ, мудири истеҳсолот, ки дар давраи муқарраршудаи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешаванд, бароҳ монда мешавад. Ҳуҷҷатҳои ибтидоии пешниҳодшуда ва ҳисобот, аз тарафи муҳосиби молӣ, дар асоси талаботҳои муқарраршудаи ҳуҷҷатноккунии амалиётҳои хоҷагӣ тафтиш карда мешавад. Баъди тафтиш муҳосиб онро имзо карда, барои тасдиқ ба роҳбари ташкилот пешниҳод менамояд. Баъди аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ шудани ҳисобот, амалиётҳои гузаронидашуда дар ҳисобҳои мувофиқи муҳосибӣ гузаронида мешаванд.

Дар асоси ҳисоботҳои пешниҳодшуда, дар муҳосиботи ташкилот амалиётҳо оиди ҳаракати ЗММ дар китоби баҳисобгирии ЗММ гузаронида мешавад, ки шакли он чунин аст:

*Нақшаи 4.2.*

*Шакли китоби баҳисобгирии ЗММ дар муҳосибот*

| № по м | Ном гӯи ЗМ М | Че- нак | Арзи- ши як воҳид | Бақия дар аввали моҳ | | Гардиш дар давоми моҳ | | | | Бақия дар аввали моҳ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Даромад | | Хароҷот | | | |
| | | | | Миқ- дор | Маб- лағ | Миқ- дор | Маб- лағ | Миқ- дор | Маб- лағ | Миқ- дор | Маб- лағ |
| | | | | | | | | | | | |

Бояд қайд кард, ки мувофиқи сиёсати баҳисобгирии ташкилот ҳисоботҳои мудири анбор, хоҷагӣ ва дигар шахсони мутасаддии моддӣ дар шаклҳои гуногун тартиб дода мешаванд.

## 4.5. Баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии ЗММ

Бо мақсади мушаххасгардонӣ ва батартибдарории баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ гурӯҳбандии онҳо дар намуди:

- ашёи хом ва масолеҳ;
- истеҳсолоти нотамом;
- маҳсулоти тайёр;
- молҳо, зарур аст.

Баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии захираҳоро аз якдигар фарқ мекунанд.

✓ ***Баҳисобгирии таркибии*** *захираҳои моддию молиро аз рӯи дараҷаи умумии захираҳо бо арзиши умумӣ ба роҳ мемонанд. Баҳисобгирии воҳидҳои таркибии алоҳидаи захираҳои моддию молӣ ва таҳлили онҳо вазифаи* ***баҳисобгирии таҳлилӣ*** *мебошад.*

Барои баҳисобгирии таркибии ЗММ дар Нақшаи ҳисобҳо *гурӯҳи ҳисобҳои 10700 «Захираҳои молию моддӣ»* пешбинӣ шудаанд.

***Гурӯҳи ҳисобҳои 10700 «Захираҳои молию моддӣ»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати дороиҳои моддӣ дар намуди захираҳои моддӣ-молӣ, ки ба субъект тааллуқ доранд (аз ҷумла дар роҳ, коркард ё ин ки дар нигоҳдории масъулятнокбуда) ва барои:

- фурӯш;
- ҷараёни истеҳсоли дороиҳои нав, корҳо ва хизматрасониҳо;
- таъмини имконоти ҷараёни истеҳсол, фурӯш ва идоракунӣ;
- мақсадҳои маъмурӣ таъингардида пешбинӣ шудаанд.

Захираҳои моддию молие, ки аз рӯи онҳо ҳуқуқи моликият, ё ин ки ҳама хавфу манфиатҳо (фоида)-и бо он алоқаманд ба субъект нагузаштааст, дар ҳисоботи молиявии субъекти мазкур ба ҳисоб гирифта намешаванд. Масалан:

- молҳои аз рӯи фармоиши мизоҷон омоданамуда ва аз тарафи онҳо пардохтшуда, аммо муваққатан, то лаҳзаи бурдани онҳо барои нигоҳдории масъул (ҷавобгарӣ) ба расмият даровварда шуда;

- дигар захираҳое, ки субъект мувофиқи шартнома барои нигоҳдории масъул дорад;
- ашё ва маводе, ки аз фармоишгарон барои аз нав коркардабароии саноатӣ (ашёи коркардашаванда) қабул шудаанд;
- маҳсулоти тайёр ва захираҳои нотамоми истеҳсолии аз ашёи коркардашаванда тайёршуда;
- молҳои дар асоси шартномаи комиссионӣ ё ин ки шартномаи агентӣ аз ҷониби субъект қабулшуда ва ғ..

Баҳисобгирии захираҳои моддию молии мавҷудбуда, аммо ба субъект аз рӯи ҳуқуқи моликият тааллуқ надошта, берун аз низоми ҳисобҳое, ки барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) таъин гардидаанд, яъне дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ бурда мешавад.

Дар Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳида барои баҳисобгирии захираҳои истеҳсолӣ аз рӯи нишонаҳои махсус пешбинӣ шудаанд:

| | |
|---|---|
| *10710* | *Молҳо* |
| *10719* | *Изофанархи савдоии молҳои фурухтанашуда* |
| *10720* | *Ашёи хом ва мавод* |
| *10730* | *Истеҳсолоти нотамом* |
| *10740* | *Маҳсулоти тайёр* |
| *10750* | *Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ* |
| *10760* | *Сӯзишворӣ* |
| *10770* | *Қисмҳои эҳтиётӣ* |
| *10780* | *Лавозимот ва асбобу анҷом* |
| *10790* | *Дигар захираҳо* |

Субъектҳо захираҳои истеҳсолиро аз рӯи намудҳои дар боло овардашуда вобаста аз хусусияти фаъолияти худ гурӯҳбандӣ мекунанд.

Ҳангоми тартибдиҳии нақшаи ҳисобҳои кории субъект тавсия дода мешавад, ки ҳисобҳои баҳисобгирӣ дар асоси гурӯҳбандии пешниҳодшуда муфассал (бо тамоми ҷузъиёт) кор карда баромада шаванд, бо дар назардошти:

- низоми интихобшудаи баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ (даврӣ ва бефосила);
- усулҳои истифодашавандаи муайянкунии арзиши аслӣ (усули хароҷоти воқеӣ, усули хароҷоти меъёрӣ, усули нархҳои чакана);
- қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи сиёсати ҳисобдории қабулшуда.

Мувофиқи қоида, баҳои аввалаи захираҳо аз рӯи маблағи хароҷоти воқеӣ барои хариди онҳо, ё ин ки хароҷот барои азнавкоркардабарой ҳангоми истеҳсоли онҳо (аз рӯи арзиши аслӣ) муайян карда мешавад ба истиснои он захираҳое, ки метавонанд аз рӯи арзиши (нархи) софи фурӯши имконпазир (мутобиқи таҷрибаи қабулшуда дар соҳаҳои алоҳидаи саноат), ё ин ки аз рӯи арзиши одилона бо тарҳи хароҷоти пешбинишудаи фурӯш (масалан, маҳсулоти кишоварзӣ – СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ»).

Ғайр аз хароҷоти воқеӣ арзиши аслии захираҳо метавонад бо усули нархҳои чакана – барои савдои чакана, ё ин ки усули хароҷоти меъёрӣ – барои субъектҳои истеҳсолӣ, бо шарте, ки агар натиҷаи баҳодиҳии захираҳо бо ин усулҳо ба таври максималӣ ба хароҷоти воқеӣ барои захираҳо наздик карда шавад.

Агар захираҳо дар натиҷаи амалиёт бо асъори хориҷӣ харида шуда бошанд, арзиши онҳо ба андозаи мубодили маблағи харҷшудаи асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирии БМТ дар санаи гузаронидани амалиёт дар дебети ҳисобҳои 10700 дар мукотибот бо ҳисобҳои мувофиқи хисоббаробаркунӣ инъикос мегардад. Ҳангоми тағйирёбии қурби асъор арзиши аслии захираҳои ба ҳисоб гирифташуда аз нав ҳисоб карда намешаванд, ба истиснои беқурбшавии зиёди асъор ҳангоми мавҷудияти қарздории пӯшониданашуда аз рӯи ҳисобҳо барои пардохт барои масолеҳ. Бар замми ин арзиши захираҳои харидашуда метавонад иловатан ба маблағи пайдошудаи фарқияти қурбӣ дар дебети ҳисоби мувофиқи баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ дар мукотибот бо ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» зиёд (афзун) карда шавад.

*<u>Низомҳои баҳисобгирии захираҳо.</u> Низоми бефосилаи баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ* инъикоси бевоситаи ҳар як дохилшавӣ ва хориҷшавии онҳоро дар ҳисобҳои баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ пешбинӣ менамояд. Илова бар ин дар дебети ҳисобҳои 10700 арзиши захираҳои мавҷудбуда ва арзиши ҳар як захираи дохилшуда; дар кредити ин ҳисобҳо истифодабарии воқеии захираҳо ва дигар азҳисоббарории арзиши онҳо инъикос мешавад. Низоми баҳисобгирии мазкур бо маълумоти фаврӣ оиди мавҷудияти ин ё он захираҳо ва арзиши онҳо дар санаи дилхоҳи тақвимиро таъмин менамояд. Барӯйхатгирии захираҳои моддию молӣ ҳангоми низоми бефосила барои муайян намудани мувофиқати маълумоти баҳисобгирӣ аз рӯи захираҳои моддию молӣ ба мавҷудияти воқеии онҳо дар санаи барӯйхатгирӣ ёрӣ мерасонад. Низоми мазкури баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ метаво-

над дар соҳаҳои дилхоҳ – истеҳсолот, хизматрасонӣ, савдо истифода бурда шавад.

Низоми даврии баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ дар баҳисобгирӣ инъикоси ҳаракати захираҳо, истифодабарӣ ва хориҷшавии онҳоро то лаҳзаи гузаронидани барӯйхатгирӣ аз рӯи ҳолат дар охири давраи ҳисоботӣ пешбинӣ наменамояд. Бо мақсади дар ҳисобгирӣ мувофиқ инъикос намудани амалиёт оиди ҳаракати захираҳои моддию молӣ ҳангоми низоми даврии баҳисобгирии захираҳо дар давоми сол ҳисобҳои муваққатии зерин кушода мешаванд: 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо», 55030 «Хароҷоти кашонидани захираҳо», 55040 «Хароҷоти азнавкоркардабарорӣ» ва ғайра. Ҳангоми ин низоми баҳисобгирӣ ҳисобҳои тавозунии захираҳои моддию молӣ танҳо се навишт доранд:

1) бақияи аввалаи дебетӣ (натиҷаи барӯйхатгирии пешина);
2) навишти тасҳеҳӣ аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирӣ дар охири давраи ҳисоботӣ (гардиши дебетӣ ё кредитии ҳисоби тавозунии баҳисобгирии захираҳо дар мукотибот бо ҳисоби муваққатии 55020 «Тасҳеҳи ҳисоби захираҳо»);
3) бақияи охири дебетӣ (натиҷаи барӯйхатгирӣ дар охири давраи ҳисоботӣ).

Илова бар ин иттилоот оиди захираҳои харидашуда ва хароҷоти азнавкоркардабарории онҳо барои давраи байни барӯйхатгириҳо на дар ҳисобҳои тавозунии захираҳои моддию молӣ, балки дар дебети ҳисобҳои муваққатии махсуси арзиши аслӣ дар мукотибот бо моддаҳои мувофиқи хароҷот ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз сабаби фарқият дар ташкили арзиши аслии захираҳо (молӣ – аз рӯи хароҷоти харид, истеҳсолӣ бошад – аз рӯи хароҷоти азнавкоркардабарорӣ).

Дар Нақшаи ҳисобҳо бо мақсади муайян намудани арзиши аслии воқеии фурӯш ҳисоби муваққатии 55010 «Арзиши аслии фурӯш» пешбинӣ гардидааст. Ҳисобҳои муваққатие, ки дар низоми даврии баҳисобгирии захираҳо истифода мешаванд, дар охири хар як давраи ҳисоботӣ дар мукотибот бо ҳисоби 55010 пӯшонида мешаванд.

*Дар низоми даврии баҳисобгирии захираҳо* ҳар як ҳисоби гурӯҳи ҳисобҳои 55000 ба моддаи муайяни хароҷот оиди харид ё азнавкоркардабарории захира мувофиқат менамояд. Хароҷоти харид ва азнавкоркардабарорӣ метавонанд дар як ҳисоби 55000 бе тақсимкунӣ ба категорияҳои алоҳида ҷамъ оварда шавад.

***Ҳисоби 10710 «Молҳо»*** барои ҷамъоварии иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати захираҳои моддию молие, ки бо мақсади фурӯш харида шудаанд, таъин гардидааст. Ин ҳисоб аз тарафи субъектҳои тиҷоратӣ ва субъектҳои хӯроки омма, фурӯш, таъминотӣ ва истеҳсолӣ барои баҳисобгирии захираҳое, ки бо мақсади зикршуда харида шудаанд, истифода бурда мешавад.

Баҳисобгирии ҷузъӣ аз рӯи гурӯҳи молҳо, инчунин дар дохили гурӯҳҳо аз рӯи ҳар як шахси масъул, номгӯи молҳо ва дар ҳолатҳои аҳамиятнокӣ, аз рӯи мавеъҳои нигоҳдории молҳо бурда мешавад. Ҳангоми зарурат ба ҳар як гурӯҳи муайяни молҳо метавон ҳисоби алоҳида дар Нақшаи ҳисобҳои корӣ кушод, масалан:

*10711 «Молҳо дар анбор»;*

*10712 «Молҳо дар толорҳои тиҷоратӣ»;*

*10713 «Молҳои барои комиссия (фурӯш) додашуда»;*

*10714 «Молҳо дар роҳ» ва ғайра.*

Дар дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» иттилоот оиди мавҷудият ва дохилшавии молҳо дар мукотибот бо ҳисобҳои инъикоскунандаи хароҷоти бадасторӣ:

- бо ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ – ҳангоми хариди молҳо ба тарзи нақдӣ, аз он ҷумла маблағҳои пардохтшудаи боҷҳо ва андозҳои ҷуброннашаванда; ё ки
- бо ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» - ҳангоми хариди молҳо ба қарз (насия);
- бо ҳисоби 22670 «Дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат» - ҳангоми хариди молҳо ба қарз бо тамдиди пардохт барои даврае, ки аз мӯҳлати муқарраршии қарздиҳӣ, ки аз тарафи фурӯшанда ҳангоми фурӯш бо тартиби пардохти пешакӣ ё ки бетаъхир муқаррар карда шудааст;
- бо ҳисоби 22010 – «Ҳисобҳо барои пардохт» - хароҷотҳо аз рӯи хизматрасонии нақлиётӣ оиди ба макон расонидан ва дигар хизматрасониҳои ба борфарорӣ ва ба анбор ҷойгиркунии молҳои харидоришуда алоқаманд;
- бо ҳисоби 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» - хароҷотҳои дохилихоҷагӣ аз рӯи музди меҳнати кормандоне, ки ба борфарорӣ ва ба анбор ҷойгиркунии молҳои харидоришуда машғуланд;
- бо ҳисоби 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда» - ҳиссаҷудокунӣ аз музди меҳнати кормандоне, ки ба борфарорӣ ва ба анбор ҷойгиркунии молҳои харидоришуда машғуланд;

- бо ҳисобҳои инъикоскунандаи дигар хароҷотҳое, ки ба харидорӣ намудани молҳо алоқамандананд.

Инчунин дар дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» инъикос карда мешавад:

- арзиши одилонаи (бозории) молҳои бебозгашт қабулшуда дар мукотибот бо ҳисобҳои 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ»;
- арзиши одилонаи молҳое, ки ба сифати гузориши муассисон қабул шудаанд, дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ» ба маблағи баробар ба арзиши номиналии саҳмия (ҳисса)-и иштирокчӣ ва дар мукотибот бо ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» - бо маблағи барзиёд аз арзиши номиналии саҳмия (ҳисса);
- арзиши одилонаи объектҳои моликияти ғайриманқуле, ки ба сифати моликияти ғайриманқул дониста шуда ва ба категорияи «Молҳо» гузаронида шудаанд;
- арзиши аслии молҳое, ки аз тарафи харидорон баргардонида шудаанд дар мукотибот ба ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш».

Аз рӯи кредити ҳисоби 10710 «Молҳо», арзиши молҳои фурӯхташуда, молҳои корношоямгардида, маблағи то нархи тозаи фурӯш камкардашуда, арзиши баргадонидашудаи молҳои каблан харидоришуда инъикос карда мешаванд.

***Аз эътибор соқит намудани молҳои фурӯхташуда.*** Аз эътибор соқит намудани молҳои фурӯхташуда дар низоми баҳисобгирии бефосилавӣ бо чунин мукотибот инъикос карда мешаванд:

*$Д^т$ 55010 «Арзиши аслии фурӯш» XXX*

*$К^т$ 10710 «Молҳо» XXX*

Дар низоми баҳисобгирии бефосила арзиши аслии молҳои фурӯхташуда бо чунин тарз аз эътибор соқит гардонида мешаванд:

- хароҷотҳо аз рӯи молҳои харидоришуда ва молҳои баргардонидашуда дар ҳисоби мувақатии 55000 аз рӯи давраҳои байни барӯйхатгирӣ ва инчунин истифодабарии молҳо барои эҳтиёҷоти худии субъект ҷамъ оварда мешаванд;
- аз рӯи натиҷаҳои баруйхатгирии охирон бақия аз рӯи ҳисоби «Молҳо» (бақияи барӯйхатгирии гузашта) бо мукотиботи зерини муҳосибӣ тасҳеҳ карда мешавад:

а) агар натиҷаи барӯйхатгирии охирон аз бақияи ҳисоби 10710 «Молҳо» зиёд бошад, онгоҳ маблағи фарқияти байни онҳо дар дебети ҳисоби 10710 дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши молҳо» инъикос карда мешавад;

б) агар натиҷаи барӯйхатгирии охирон аз бақияи ҳисоби 10710 «Молҳо» кам бошад, онгоҳ маблағи фарқияти байни онҳо аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар дебети ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши молҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад (ба истисноц мавҷуд набудани шахсони гунаҳкор). Дар ин ҳолат арзиши аслии молҳои фурӯхташудае, ки дар ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ инъикос мегарданд, бо роҳи ҷамъ намудани бақияи ҳисобҳои гурӯҳи 55000 муайян карда мешавад.

*Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда баробар аст: бақияи ҳисоби 55010 +бақияи ҳисоби 55030 +бақияи ҳисоби 55040 + бақияи дебетии ҳисоби 55020 (тарҳи бақияи кредитии ҳисоби 55020).*

*Амалиётхо оиди мубодила.* Вақте ки молҳо ба тарзи мубодила ба молҳое, ки аз онҳо фарқ мекунанд (ғайримонанд), фурӯхта мешаванд, ин мубодила ҳамчун амалиёте баррасӣ мегардад, ки даромад ба даст меорад (боби 12 СБҲМ (IAS) 18 «Даромад»).

Дар ин ҳолат:

- арзиши баҳисобгирии мол, ки бо тартиби мубодила супорида шудааст, аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» ба дебети ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш» (баҳисобгирии бефосила) дар асоси санади интиқоли мол аз эътибор соқит гардонида мешавад;
- моли ба роҳи мубодила қабулшуда дар баҳисобгирӣ аз рӯи дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» инъикос карда мешавад.

Дар поён нақшаи имконпазири дар баҳисобгирӣ инъикос намудани молҳое, ки дар натиҷаи мубодила ба даст омадаанд, пешниҳод карда мешавад:

| Мазмуни амалиёт | Рақами ҳисоби мукотиботӣ | |
|---|---|---|
| | Дебет | Кредит |
| 1. Мол то он вақте қабул шудааст, ки он ба сифати мол ё хизматрасонӣ мубодила шудааст: | | |
| • қабул намудани мол | 10710 | 22010 |
| • интиқол додани мол (ё ки хизматрасонӣ) бо роҳи мубодила | 22010 | 44010 |
| 2. Мол баъди оне, ки он ба сифати мол ё хизматрасонӣ мубодила шудааст, қабул карда шудааст: | | |
| • интиқол додани мол (ё ки хизматрасонӣ) бо роҳи мубодила | 10410 | 44010 |
| • қабул намудани мол | 10710 | 10410 |

а) агар арзиши одилонаи моли қабулшуда аз арзиши моли интиқолдодашуда (ё хизматрасонӣ) зиёд бошад:

| Мазмуни амалиёт | Рақами хисоби мукотиботӣ | |
|---|---|---|
| | Дебет | Кредит |
| 1. Мол то он вакте кабул шудааст, ки он ба сифати мол ё хизматрасонӣ мубодила (иваз) шудааст: | | |
| • арзиши одилонаи моли қабулшуда | 10710 | 22010 |
| • арзиши одилонаи моли интиқолдодашуда ё ки хизмати расонидашуда | 2 2010 | 44010 |
| • маблағҳои пулии ҳангоми мубодила пардохт-гардида | 22010 | 10100, 10200 |
| 2. Мол баъди оне, ки он ба сифати мол ё хизматрасонӣ мубодила шудааст, қабул карда шудааст: | | |
| • арзиши одилонаи моли интиқолдодашуда ё ки хизмати расонидашуда | 10410 | 44010 |
| • арзиши одилонаи моли қабулшуда | 10710 | 10410 |
| • маблағҳои пулии ҳангоми мубодила пардохт-гардида | 10410 | 10100, 10200 |

б) агар арзиши одилонаи моли қабулшуда аз арзиши моли интиқолдодашуда (ё ки хизматрасонӣ) кам бошад:

| Мазмуни амалиёт | Рақами ҳисоби мукотиботӣ | |
|---|---|---|
| | Дебет | Кредит |
| 1. Мол то он вакте кабул шудааст, ки он ба сифати мол ё хизматрасонӣ мубодила шудааст: | | |
| • арзиши одилонаи моли қабулшуда | 10710 | 22010 |
| • арзиши одилонаи моли интиқолдодашуда ё ки хизмати расонидашуда | 22010 | 44010 |
| • маблағҳои пулии ҳангоми мубодила пардохт-гардида | 10100, 10200 | 22010 |
| 2. Мол баъди оне, ки он ба сифати мол ё хизматрасонӣ мубодила шудааст, қабул карда шудааст: | | |
| • арзиши одилонаи моли интиқолдодашуда ё ки хизмати расонидашуда | 10410 | 44010 |
| • арзиши одилонаи моли қабулшуда | 10710 | 10410 |
| • маблағҳои пулии ҳангоми мубодила пардохт-гардида | 10410 | 10100, 10200 |

*Дигар соқиткунии молҳо.* Талафёбии гуногуни молҳо (камомад аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирӣ, дуздӣ, вайроншавӣ ва ғайра) бо чунин тарз инъикос карда мешаванд:

- дар низоми баҳисобгирии бефосилавӣ арзиши аслии молҳои талафёфта аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар дебети 55010 «Арзиши аслии фурӯш» аз эътибор соқит гардонида мешаванд.
- дар низоми баҳисобгирии даврӣ оиди аз эътибор соқит гардонидани молҳо мукотибот тартиб дода намешавад.

Дар низоми баҳисобгирии бефосилавӣ кам намудани нархи мол то нархи тозаи имконияти фурӯш аз рӯи кредити ҳисоби 10710 дар мукотибот бо ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш» инъикос карда мешавад. Бузургии (андозаи) барқарор намудани арзиши камкардашудаи дилхоҳ захираҳое, ки зиёд намудани нархи тозаи фурӯшро ба санаи ҳисоботӣ талаб менамояд, аз рӯи дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш» инъикос карда мешаванд.

Дар низоми баҳисобгирии даврӣ маблағи камкардашуда аз кредити ҳисоби 10710 дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад. Бузургии (андозаи) барқарор намудани арзиши камкардашудаи дилхоҳ захираҳое, ки зиёд намудани нархи тозаи фурӯшро ба санаи ҳисоботӣ талаб менамояд, аз рӯи дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» инъикос карда мешаванд.

Барои баҳисобгирии тағйирёбии арзиши захираҳо вобаста ба кам намудани арзиши онҳо то нархи тозаи имконияти фурӯш ба ҳисоби 10710 метавонад ҳисоби контрдороӣ истифода бурда шавад.

Арзиши аслии молҳое, ки барои эҳтиёҷоти субъект истифода мешаванд, аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар дебети ҳисобҳои дахлдори баҳисобгирии дороиҳо ва хароҷотҳо аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

*Баҳисобгирии молҳо бо усули нархҳои чакана.* Барои баҳисобгирии молҳо бо усули нархҳои чакана дар Нақшаи ҳисобҳо ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда» пешбинӣ карда шудааст. Дар тавозуни муҳосибӣ аз рӯи сатри «Молҳо» бақияи ҳисоби 10710 бо тарҳи бақияи ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда» нишон дода мешавад.

Баҳисобгирии молҳо дар ҳисоби 10710 «Молҳо» аз рӯи нархи фурӯши чакана пеш бурда мешавад. Ҳангоми харидорӣ намудани молҳо аз рӯи дебети 10710 «Молҳо» хароҷотҳои воқеии харидорӣ ва маблағи изофанархии савдоӣ (тахфифи молтаъминкунандагон) дар мукотибот бо ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда» инъикос карда мешавад.

Дар охири давраи ҳисоботӣ изофанархи савдоии молҳои фурухтанашуда бо роҳи зарб намудани даромад аз фурӯш ба меъёри фоидаи умумӣ (фоизи изофанархии (тахфифи) савдоӣ аз рӯи нархи чаканаи мол) муайян карда мешавад. Соқит намудани молҳои фурӯхташуда бо чунин тарз инъикос карда мешаванд:

**а)** арзиши моли бо нархи чакана фурӯхташуда (ба маблағи даромад аз фурӯш)аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар дебети ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад;

**б)** маблағи изофанархи савдоии молҳои фурухташуда дар дебети ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурухтанашуда» дар мукотибот бо хисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад; ё ки

**в)** арзиши аслии моли фурӯхташудае, ки ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯш ва изофанархи савдоии молҳои фурухтанашуда ҳисоб карда шудааст аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар дебети 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад;

**г)** маблағи изофанархи тиҷоратии амалишуда аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар дебети ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурухтанашуда» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

Моли аз харидорон баргардонидашуда аз рӯи дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» бо нархи чакана инъикос карда мешавад. дар ин ҳолат изофанархи (тахфифи) савдоие, ки дар моли баргардонидашуда вуҷуд дорад аз рӯи дебети ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда» инъикос карда мешавад.

Маблағи кам намудани арзиши молҳо то нархи тозаи имконияти фурӯш аз рӯи кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» инъикос карда мешавад. Бузургии (андозаи) барқарор намудани арзиши камкардашудаи дилхоҳ моле, ки тағйир-

ёбии нархи тозаи имкониятноки фурӯшро ба санаи ҳисоботӣ талаб менамояд, аз рӯи дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» инъикос карда мешавад.

Арзиши аслии талафоти дилхоҳи молҳо бо чунин усуле, ки агар молҳо фурӯхта шаванд, ҳисоб ва аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Ба молтаъминкунандагон баргардонидани молҳо аз рӯи дебети ҳисоби 10400 «Қарздории дебитории тиҷоратӣ» (ҳисоби дахлдор) дар мукотибот бо ҳисобҳои зерин инъикос карда мешавад:

- бо ҳисоби 10710 «Молҳо» ба маблағи ба арзиши харидорӣ баробар. Дар баробари ин, аз рӯи кредити 10710 дар мукотибот бо ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда» ба маблағи изофанархи савдоии мукотибот тартиб дода мешавад, ё ки
- аз кредити ҳисоби 10710 «Молҳо» ба маблағи ба арзиши бо нархи чаканаи молҳо баробар. Дар баробари ин, аз рӯи кредити ҳисоби 10400 «Қарздории дебитории тиҷоратӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 10719 «Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда» ба маблағи фарқи байни арзиши мол бо нархи фурӯши чакана ва арзиши харидоришуда мукотибот тартиб дода мешавад.

***Ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо»*** барои баҳисобгирии захираҳое, ки ба ҳайати маҳсулоти истеҳсолшаванда дохил шуда, асоси онро ташкил менамоянд, ё ки қисми зарурии истеҳсоли онро ташкил медиҳанд ва инчунин захираҳое, ки барои хизматрасониҳое, ки дар рафти иҷроиши онҳо захираҳои мазкур истифода мешаванд, пешбинӣ шудаанд, истифода бурда мешавад. Пешниҳод намудани хизматрасонӣ - дар давоми мӯҳлати дар шартнома муайяншуда иҷро намудани вазифаҳо аз тарафи субъект фаҳмида мешавад.

Баҳисобгирии таҳлилии захираҳо бояд аз рӯи намуд ва номгӯи захираҳо, инчунин аз рӯи ҷои нигоҳдории онҳо ва шахсони таҳтиҳисоботӣ ташкил карда шавад.

Аз рӯи дебети ҳисоби 10720 ҳангоми истифодаи усули баҳисобгирии бефосилавӣ ё ин ки аз рӯи дебети ҳисоби 55050 «Хароҷоти хариди захираҳо» ҳангоми истифодаи усули баҳисобгирии даврӣ хароҷотҳо оиди харидорӣ намудани ашёи хом инъикос карда мешаванд.

Арзиши аслии захираҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр ё ки хизматрасониҳо дар низоми усули баҳисобгирии бефосилавии захираҳо истифода шудаанд, аз кредити ҳисоби 10720 дар дебети ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» аз эътибор соқит гардонида мешаванд. Агар қисме аз ашёҳои хом ва маводҳо фурўхта шуда бошанд, онгоҳ арзиши аслии захираҳои фурўхташуда аз кредити ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» дар дебети ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурўхташуда, кор ва хизматҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

Кам намудани арзиши захираҳо то арзиши тозаи фурўш, инчунин талафёбии гуногуни молҳо (камомад аз рўи натиҷаҳои барўйхатгирӣ, дуздӣ, вайроншавӣ ва ғ.) бо чунин тарз инъикос карда мешавад:

- дар низоми баҳисобгирии бефосилавӣ кам намудани арзиш ва арзиши аслии захираҳои талафёфта аз кредити ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» дар дебети ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурўхташуда, кор ва хизматҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад. Дар ин ҳолат бузургии барқарор намудани арзиши камкардашудаи дилхоҳ захираҳое, ки зиёд намудани нархи тозаи фурўшро ба санаи ҳисоботӣ талаб менамояд, аз рўи дебети ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурўхташуда, кор ва хизматҳо» инъикос карда мешаванд;
- дар низоми баҳисобгирии даврӣ оиди аз эътибор соқит намудани захираҳои талафёфта талаб карда намешавад. Маблаги кам кардашуда аз кредити ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва масолеҳи асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад. Бузургии барқарор намудани арзиши камкардашудаи дилхоҳ захираҳое, ки зиёд намудани нархи тозаи фурўшро ба санаи ҳисоботӣ талаб менамояд, аз рўи дебети ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» инъикос карда мешаванд.

Барои баҳисобгирии тағйирёбии арзиши захираҳо вобаста ба кам намудани арзиши онҳо то нархи тозаи имкониятноки фурўш ба ҳисоби 10720 метавонад ҳисоби мутақобил истифода бурда шавад.

Дар низоми баҳисобгирии даврӣ арзиши аслии захираҳо (бақияҳо) ба ҳолати санаи ҳисоботӣ ва арзиши аслии захираҳои

истифодашаванда аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирӣ муайян карда шуда, дар баҳисобгирӣ бо чунин тарз инъикос карда мешаванд:

1) хароҷотҳо оиди харидорӣ намудани захираҳо барои давраҳои байни барӯйхатгириҳо аз рӯи дебети ҳисоби 55050 «Хароҷоти хариди захираҳо» инъикос карда мешаванд;
2) аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии охирон бақия аз рӯи ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» бо чунин мукотиботи муҳосибӣ тасҳеҳ карда мешавад:

- агар натиҷаи барӯйхатгирии охирон аз бақияи захираҳои ҳисобкардашуда зиёд бошад, онгоҳ маблағи фарқияти байни онҳо дар дебети ҳисоби 10720 дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» дарҷ карда мешавад;
- агар натиҷаи барӯйхатгирии охирон аз бақияи ҳисобкардашудаи ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» кам бошад, онгоҳ маблағи байни онҳо аз кредити ҳисоби 10720 дар дебети ҳисоби 55020 (ҳангоми мавҷуд набудани шахсони гунаҳкор) аз эътибор соқит гардонида мешавад.

3) арзиши захираҳо бо сабаби тағйирёбии арзиши тозаи фурӯш тасҳеҳ карда мешавад.

Амалиётҳо оиди мубодилаи захираҳое, ки дар ҳисоби 10720 ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба монанди амалиётҳо оиди мубодилаи молҳо инъикос карда мешаванд.

***Ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом»*** барои баҳисобгирии хароҷотҳои воқеӣ оиди истеҳсоли маҳсулот, аз он ҷумла хароҷотҳо оиди истифодабарии захираҳои молию моддӣ пешбинӣ шудааст. Ташкилотҳои соҳаи хизматрасонӣ дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» хароҷотҳои воқеиро оиди хизматрасониҳо ба ҳисоб мегиранд.

Бақияи ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» арзиши хароҷотҳои истеҳсоли оғозкардашудаи маҳсулот, вале ба санаи ҳисоботӣ ба анҷом нарасида ё ки арзиши хароҷотҳоро оиди кору хизматрасоние, ки аз рӯи онҳо то ҳол субъект даромади дахлдор ба даст наовардааст, инъикос менамояд.

Бо назардошти гуногунтаркибии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва усулҳои гуногуни тақсимоти онҳо ба маҳсулоти тайёр ҳисоби 10730 бояд дар доираи номгӯи хароҷотҳо (доимӣ, тағйирёбанда, бевосита ва бавосита) пеш бурда шавад. Дар ҳолати истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти тайёр ва хизматрасониҳо заминаҳои гуногун оиди тақсимоти хароҷотҳои истеҳсолии гузаронидашуда хароҷотҳои муфассалро на танҳо аз рӯи нишонаҳои доимӣ

ва тағйирёбандагии онҳо, инчунин аз рӯи сарчашмаи тақсимоти онҳо ва аз рӯи намудҳои маҳсулоти тайёр талаб менамояд. Масалан:

- ҳисоби 10731 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷотҳои бевосита»;
- ҳисоби 10732 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷотҳои арзишноки доимии дар заминаи хароҷотҳои оддии бевосита тақсимшаванда»;
- ҳисоби 10733 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷотҳои арзишноки доимии дар заминаи оддии мошин – соат тақсимшаванда»;
- ҳисоби 10734 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷотҳои арзишноки тағйирёбандаи дар заминаи хароҷотҳои меҳнатии воқеӣ тақсимшаванда» ва ғ.

Хароҷотҳои муфассал аз рӯи моддаҳо дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии ҷузъии ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» гузаронида мешавад. Дар низоми усули баҳисобгирии бефосилавӣ дар дебети ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» арзиши ашёи хоми истифодашуда ва масолеҳи ёрирасон ва хароҷотҳо барои коркарди онҳо (хароҷотҳои истеҳсолӣ) аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Ба арзиши аслии маҳсулот набояд хароҷотҳои зерин дохил карда шаванд:

- хароҷотҳои маъмурӣ ва фурӯш;
- талафи аз меъёр зиёди ашёи хом, меҳнати сарфшуда ва дигар хароҷотҳои истеҳсолӣ.

Арзиши аслии воқеии маҳсулоти тайёр аз кредити ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» дар дебети ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

Агар субъект барои муайян намудани арзиши аслии захираҳо усули хароҷотҳои меъёриро истифода барад, онгоҳ арзиши аслии истеҳсолоти нотамом ба охири давраи ҳисоботӣ ва арзиши аслии маҳсулоти тайёр аз рӯи калкулятсияи меъёрӣ муайян карда мешавад. Истифода бурдани чунин усули муайян намудани арзиши аслии захираҳо мунтазам дида баромадани меъёрҳои амалкунандаро аз рӯи тамоми моддаҳои хароҷот барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр талаб менамояд. Бо сабаби истифода бурдани усули хароҷотҳои меъёрӣ ҷорӣ намудани ягон намуд ҳисобҳои махсуси баҳисобгирӣ талаб карда намешавад. Фарқияти байни арзиши истеҳсолоти нотамом ва арзиши аслии воқеии он, ки бо усули хароҷотҳои меъёрӣ муайян карда шудааст, дар охири давраи ҳисоботӣ дар дебет ё ки кредити ҳисоби 55000 «Арзиши аслии

захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

Дар низоми усули баҳисобгирии даврии захираҳо харочотҳо барои истеҳсоли маҳсулот дар давраи байни барӯйхатгириҳо аз рӯи дебети ҳисобҳои муваққатии хисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии охирон бақияи ҳисобкардашудаи ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» (бақияи барӯйхатгирии гузашта) бо чунин тарз тасҳеҳ карда мешавад:

- агар арзиши истеҳсолоти нотамом ба охири давраи ҳисоботӣ аз бақияи ҳисобкардашудаи ҳисоби 10730 зиёд бошад, онгоҳ маблағи фарқияти онҳо дар дебети ҳисоби 10730 дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» дарҷ карда мешавад.
- агар арзиши истеҳсолоти нотамом ба охири давраи ҳисоботӣ аз бақияи ҳисобкардашудаи ҳисоби 10730 кам бошад, онгоҳ маблағи фарқияти онҳо аз кредити хисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» дар дебети ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» тасҳеҳ карда мешавад.

***Ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати захираҳои моддию молие, ки бо мақсади фурӯш истеҳсол шудаанд, таъин гардидааст.

Баҳисобгирии ҷузъии маҳсулоти тайёр бояд мувофиқи намудҳои маҳсулоти тайёр, ҳар як шахси ҷавобгарии моддӣ дошта ва ҷойҳои нигоҳдории онҳо ташкил карда шавад.

Дар низоми баҳисобгирии бефосилаи захираҳо ба дебети ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» аз кредити ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» арзиши аслии маҳсулоти тайёри ба анбор супоридашуда гузаронида мешавад. Дар низоми баҳисобгирии даврӣ дохилшавии маҳсулоти тайёр бо навиштҳои муҳосибӣ инъикос намешавад, тағйирёбӣ дар арзиши аслии маҳсулоти тайёр дар охири давраи ҳисоботӣ дар дебет ё кредити ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» инъикос мегардад.

Мувофиқи СБҲМ (IAS) 2 «Захираҳо» маҳсулоти тайёр бояд аз рӯи камтарин аз ду бузургӣ: арзиши аслӣ ва арзиши софи имконпазири фурӯш баҳо дода шавад.

Маблағи арзонкунии нархи маҳсулоти тайёр то арзиши софи имконпазири фурӯш метавонад бо ду роҳ инъикос гардад:

а) дар мукотибот бо ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» аз кредити ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» бароварда шавад;

б) дар ҳисоби ҷузъии алоҳидаи 10741 «Арзонкунии нархи маҳсулоти тайёр» ба ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» ба ҳисоб гирифта шавад. Инчунин, маблағи арзонкунӣ аз кредити ҳисоби 10741 ба дебети 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» гузаронида мешавад. Ҳангоми дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод намудани бақияи маҳсулоти тайёр бақияи ҳисоби 10741 аз бақияи ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» тарҳ карда мешавад.

Бузургии барқарорнамоии нархи дилхоҳи пештар арзоннамудаи маҳсулоти тайёр, ки бо сабаби афзоиши (баландшавии) арзиши софи (холиси) фурӯш дар санаи ҳисоботӣ ба вуҷуд омадааст, дар низоми бефосилаи баҳисобгирӣ дар дебети ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» дар мукотибот бо ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» инъикос мегардад.

Арзиши аслии талафоти маҳсулоти тайёр (камомад аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирӣ, дуздӣ, вайроншавӣ ва ғ.) дар низоми баҳисобгирии бефосила аз кредити ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» ба кредити ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» гузаронида мешавад.

Дар низоми даврии баҳисобгирӣ навиштҳо оиди азҳисоббарории фарқияти маҳсулоти тайёр талаб карда намешавад, фарқияти захираҳо ба воситаи тасҳеҳи арзиши маҳсулоти тайёр аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирӣ аз ҳисоб бароварда мешавад.

Арзиши аслии маҳсулоти тайёри фурӯхташуда дар низоми баҳисобгирии бефосила аз кредити ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» ба дебети ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда,кор ва хизматҳо» гузаронида мешавад.

Ҳангоми низоми даврии баҳисобгирии захираҳо арзиши аслии маҳсулоти тайёри фурӯхташуда ба тарзи зерин ташкил меёбад:

- агар арзиши маҳсулоти тайёр аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирии охирин аз бақияи маҳсулоти тайёри баҳисобгирифташуда зиёд бошад, маблағи фарқи байни онҳо ба дебети ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» бурда мешавад;
- агар арзиши маҳсулоти тайёр аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирии охирин аз бақияи маҳсулоти тайёри баҳисобгирифташуда кам

бошад, маблағи фарқи байни онҳо аз кредити ҳисоби «Маҳсулоти тайёр» ба дебети 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» тасҳеҳ карда мешавад;

- арзиши маҳсулоти тайёр вобаста бо тағйироти нархи софи фурӯши имконпазир дар кредит ё дебети ҳисоби 10740 ё ҳисоби ҷузъии 10741 дар мукотибот бо ҳисоби 55020 «Тасҳеҳи арзиши захираҳо» тасҳеҳ карда мешавад. Инчунин, арзиши аслии маҳсулоти тайёри дар ҳисобот оиди фоида ва зарар пешниҳодшаванда, ҳамчун маблағи бақияи дебетии ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо», тарҳи маблағи бақияи кредитии ҳамин ҳисоб муайян карда мешавад.

Арзиши аслии маҳсулоти тайёри барои эҳтиёҷоти худии субъект истифодашуда, аз кредити ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» ба дебети ҳисобҳои мувофиқи дороиҳо ё хароҷот гузаронида мешавад.

Амалиёт оиди мубодилаи маҳсулоти тайёр ба дороиҳои гуногуни гайримонанд, ҳамчун амалиёт оиди мубодилаи молҳо инъикос мегардад.

***Ҳисоби 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ»*** барои баҳисобгирии маҳсулоти кишоварзии аз дороиҳои биологӣ ҷамъоварӣ шуда, ки ба субъект тааллуқ доранд чӣ барои фурӯш ва чӣ барои коркарди минбаъда таъин гардидаанд, муқаррар шудааст. Субъектҳое, ки бо фаъолияти кишоварзӣ машғуланд, дар ин ҳисоб метавонанд инчунин маҳсулоти кишоварзиеро, ки аз дигар истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагон барои коркарди минбаъда ё бозфурӯшӣ харидаанд, ба ҳисоб гиранд.

Субъектҳое, ки бо фаъолияти кишоварзӣ машғул нестанд, маҳсулоти кишоварзии ба дастовардаро дар ҳисобҳои зерин ба ҳисоб мегиранд:

- дар ҳисоби 10710 «Молҳо» бо тартиби муқарраршуда барои баҳисобгирии молҳо, агар маҳсулот бо мақсади бозфурӯшӣ ба даст оварда шуда бошад;
- дар ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» бо тартиби муқарраршуда барои баҳисобгирии захираи ашёи хом ва маводҳо, агар маҳсулот бо мақсади коркард ба даст оварда шуда бошад.

Маҳсулоте, ки дар натиҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба даст омадааст, мувофиқи СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» маҳсули коркард аст, на маҳсулоти кишоварзие, ки аз дороиҳои биологӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Маҳсули коркарди маҳсулоти кишоварзии аз дороиҳои биологӣ ҷамъоварӣ шуда бояд дар ҳисобҳои мазкур ба ҳисоб гирифта шаванд:

- дар ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» бо тартиби муқарраршуда барои баҳисобгирии маҳсулоти тайёр; ё ин ки
- дар ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо», агар маҳсулоти ба даст овардашуда барои коркарди минбаъда дар субъекти мазкур бо тартиби муқарраршуда барои баҳисобгирии ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр қарор гирифтааст.

Ҳангоми эътирофи аввала маҳсулоти кишоварзии аз дороиҳои биологӣ ҷамъоварӣ шуда

дар баҳисобгирӣ бо арзиши аслӣ инъикос мегардад, ки мувофиқи СБҲМ (IAS) 41«Кишоварзӣ» ҳамчун арзиши одилонаи маҳсулоти кишоварзии ҷамъоварӣ шуда дар замони ҷамъоварии он бо тарҳи хароҷоти пешбинишудаи фурӯш муайян карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалаи маҳсулоти кишоварзии аз дороиҳои биологии *истеъмолшаванда* ҷамъоварӣ шуда, мукотиботи зерини ҳисобҳо имконпазир аст: дар дебети ҳисоби 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» арзиши маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи бузургии арзиши одилонаи он дар замони ҷамъоварӣ бо тарҳи хароҷоти фурӯши бо роҳи ҳисобкунӣ муайян (маълум) дар мукотибот бо ҳисоби 44120 «Даромад аз ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ» инъикос мегардад. Дар ин ҳолат арзиши тавозунии дороии истеъмолшавандаи биологӣ аз кредити ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 44130 «Фоида (зарар) аз тағйирёбии арзиши одилонаи дороиҳои биологӣ» бароварда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалаи маҳсулоти кишоварзии аз дороиҳои биологии маҳсуловар ҷамъоварӣ шуда, дар дебети ҳисоби 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» арзиши маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи бузургии арзиши одилонаи он дар замони ҷамъоварӣ бо тарҳи хароҷоти фурӯши бо роҳи ҳисобкунӣ муайян шуда, дар мукотибот бо ҳисоби 44120 «Даромад аз ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ» инъикос мегардад.

Баъд аз эътирофи аввалаи маҳсулоти кишоварзӣ баҳисобгирии минбаъдаи он бо тартиби муқарраргардида барои баҳисобгирии захираҳо мувофиқи талаботи СБҲМ (IAS) 2 «Захираҳо» бурда мешавад ва хусусан:

- агар маҳсулоти кишоварзӣ барои коркарди минбаъда таъин гардида бошад, баҳисобгирии минбаъдаи он бо тартиби муқарраргардида барои баҳисобгирии захираҳо, ки дар ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» инъикос мегарданд, бурда мешавад.

Арзиши маҳсулоти кишоварзии дар истеҳсолот истифодашуда дар ин ҳол аз кредити ҳисоби 10750 ба дебети ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом», ки дар он, дар навбати худ, ҳамаи хароҷоти бо коркард алоқаманд ҷамъ мешаванд, гузаронида мешавад. Арзиши махсулоти кишоварзии истифодашуда метавонад бо формулаҳои гуногун муайян шавад: FIFO, арзиши миёна (арзиши миёна баркашида) ё усули айниятдиҳӣ (идентификатсионӣ);

- агар махсулоти кишоварзӣ барои фурӯш таъин гардида бошад, баҳисобгирии минбаъдаи он бо тартиби муқарраршуда барои баҳисобгирии захираҳо, ки дар дебети ҳисоби 10710 «Молҳо» инъикос мегарданд, бурда мешавад. Арзиши баҳисобгирии маҳсулоти фурӯхташуда аз кредити ҳисоби 10750 ба дебети ҳисоби 55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо» гузаронида мешавад. Арзиши маҳсулоти кишоварзии фурӯхташуда низ метавонад бо формулаҳои гуногун муайян шавад: FIFO, арзиши миёна (арзиши миёна баркашида) ё усули айниятдиҳӣ. Дар ин ҳолат даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар кредити ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» инъикос мегардад.

Баъд аз эътирофи аввалаи арзиши захираҳои маҳсулоти кишоварзӣ, пастшавии нарх(уценка), инчунин дилхоҳ талафот мувофиқи СБҲМ (IAS) 2 «Захираҳо» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

***Ҳисоби 10760 «Сӯзишворӣ»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати захираҳои сузишвории бо мақсади истифодабарӣ ба даст оварда, муқаррар гардидааст. Агар сӯзишворӣ бо мақсади бозфурӯшӣ ба даст оварда шуда бошад, он дар ҳисоби 10710 инъикос мегардад.

Баҳисобгирии ҷузъӣ аз рӯи намудҳои сӯзишворӣ аз рӯи ҳар як шахси ҷавобгар (масъул), номгӯи сӯзишворӣ, ва дар ҳолатҳои аҳамиятнок, аз рӯи ҷойҳои нигоҳдории сӯзишворӣ бурда мешавад. Ҳангоми зарурат ба ҳар як намуди сӯзишворӣ ҳисоби алоҳида дар нақшаи кории ҳисобҳо ҷудо кардан мумкин аст, масалан:

*10761 – «Бензин»;*

*10762 – «Сӯзишвории дизелӣ»;*

*10763 -- «Равган» ва гайра.*

Тартиби бурдани баҳисобгирии сӯзишворӣ ба ҳисобгирии дигар намудҳои захираҳо монанд аст. Ҳангоми харид ё дигар воридшавии захираҳои сӯзишворӣ ҳисоби 10760 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои ҷорӣ, воситаҳои пулӣ ва ғайра дебетонида мешавад. Хароҷоти захираҳои сӯзишворӣ бо мақсадҳои маъмурӣ дар дебети ҳисоби 55328 «Хароҷоти сӯзишворӣ» инъикос мегардад. Арзиши захираҳои сӯзишворӣ бо усуҳои FIFO ва арзиши миёна муайн шуда метавонад.

***Ҳисоби 10770 «Қисмҳои эҳтиётӣ»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати қисмҳои эҳтиётии бо мақсади истифодабарӣ ба даст оварда, муқаррар гардидааст. Баҳисобгирии бадастории қисмҳои эҳтиётӣ ба баҳисобгирии дохилшавии дигар намудҳои захираҳо монанд аст. Хароҷоти қисмҳои эҳтиётӣ мумкин аст, дар ҳолати риоя намудани принципи муҳимият, дар ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва сармоя табдилкунонида шавад, ё ин ки ҳамчун хароҷоти давра эътироф шавад.

Усул ва тартиби баҳисобгирии ҳаракати қисмҳои эҳтиётӣ ба тартиби ташкил ва баҳисобгирии намудҳои дигари захираҳо монанд аст.

***Ҳисоби 10780 «Лавозимот ва асбобу анҷом»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати объектҳое, ки ба мақсадҳои маъмурӣ истифода мешаванд ва ба талаботи эътирофи воситаҳои асосӣ мувофиқ нестанд, таъин гардидааст. Мисоли ин гуна объектҳо намудҳои гуногуни асбобҳои таъиноти маъмурӣ дошта ва молҳои канселярӣ (асбобҳои хатнависӣ), ки мӯҳлати хизмати онҳо дар бисёр ҳолатҳо аз 12 моҳ зиёд нест, ё ин ки арзиши чунин объектҳо бо дарназардошти принсипи муҳимият он қадар муҳим нест (ночиз аст) шуда метавонанд.

Арзиши асбобҳои идоравии бадастовардашуда дар ҳисоби 10780 ба ҳисоб гирифта мешавад. Бо дарназардошти арзиши аввалаи ночиз ва надоштани арзиши барҳамдиҳӣ барои объектҳои мазкур фарсудашавӣ ҳисоб карда намешавад. Мувофиқи хориҷшавии воқеӣ аз истифодабарии минбаъда (асосан, аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирӣ) ё ҳангоми ба истифода додан (дар асоси санади азҳисоббарорӣ) ҳисоби 55315 «Хароҷоти асбобҳои идоравӣ» дебетонида мешавад.

Объектҳое, ки бо мақсадҳои истеҳсолӣ истифода мегарданд, дар ҳисобҳои ҷузъӣ ба ҳисоби 10780, ки ҳаракати анҷомҳои истеҳсолӣ, масалан, либосҳои махсус, асбобҳои корӣ ва ғайра инъикос мегарданд, ба ҳисоб гирифта шуда метавонанд. Нисбати чунин объектҳо низоми даврии баҳисобгирии захираҳо истифода шуда

метавонад: ҳангоми ба истеҳсолот додан объектҳо аз рӯи ҷойҳои нигоҳдорӣ (истифодабарӣ), ё ин ки шахсони ҷавобгарии моддӣ дошта ба ҳисоб гирифта мешаванд ва ба воситаи барӯйхатгирии ҳатмӣ бақияи асбобу анҷомҳои истеҳсолии истифоданашуда (барои истифодабарии минбаъда лозим (коршоям) муайян мегардад ва бақияи ҳисобҳои баҳисобгирии чунин объектҳо тасҳеҳ карда мешавад.

Ба маблағи хароҷоти воқеии асбобу анҷоми истеҳсолӣ ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом», ҳисоби ҷузъии «Хароҷоти истеҳсолии иловагӣ» дебетонида мешаванд.

Объектҳое, ки бо мақсади фурӯш истифода мешаванд, дар ҳисоби алоҳидаи ҷузъӣ ба ҳисоби 10780 инъикос мегарданд. Дар ин ҳолат маблағи воқеии воситаҳои харҷшуда дар дебети ҳисоби 55290 «Дигар хароҷоти фурӯш» инъикос мегардад.

***Ҳисоби 10790 «Дигар захираҳо»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати он захираҳое, ки аз рӯи тавсифномаҳои муайян ба захираҳои дар боло номбаршуда мувофиқ нестанд, таъин гардидааст.

## 4.6. Барӯйхатгирии ЗММ

Барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, мувофиқи нақшаи тасдиқшуда, пеш аз тартиб додани ҳисоботи солона, инчунин дар вақти ивазшавии шахсони мутасаддии моддӣ ва зарар дидани ташкилот аз вазъиятҳои фавқулодда (дуздӣ, сӯхтор, обхезӣ, заминҷунбӣ ва г.) дар ташкилот барӯйхатгирии ЗММ гузаронида мешавад.

Барӯйхатгирӣ аз тарафи комиссияи барӯйхатгирӣ, ки бо фармони хаттии роҳбарияти ташкилот таъсис дода мешавад, гузаронида мешавад. Ба он роҳбари ташкилот ё ҷонишини ӯ раис таъин шуда, аъзоён аз шӯъбаи баҳисобгирӣ, ҳатман шахси мутасаддӣ ва ягон корманди дигари ташкилот аъзо мешаванд. Ҳамаи ЗММ, вобаста ба мавқеи нигаҳдорӣ ва тааллуқияти онҳо ба шахсони мутасаддии моддӣ ба рӯйхат гирифта шуда, бо нишондиҳандаҳои ҳисобдорӣ муқоиса карда мешаванд.

Камомади муайяншуда аз ҳисоби гунаҳгорон рӯйпӯш карда мешавад, агар шахсони гунаҳгор муайян нашаванд, маблағи камомад ба хароҷоти давра ҳамроҳ карда мешавад.

Зиёдомади ЗММ-и дар натиҷаи барӯйхатгирӣ муайяншуда ба ташкилот даромад карда мешаванд:

- Дар ҳолати муайян шудани камомади ЗММ:

*Дт Фоидаи тақсимнашуда (зарари рӯйпӯшнашуда) (33200)*
*Кт ЗММ(10700)*

- Ба ҳисоби шахсони гунаҳгор гузаронидани маблағи камомад:
*Дт Қарздории дебитории кормандон(10520)*
*Кт Фоидаи тақсимнашуда (зарари рӯйпӯшнашуда) (33200))*
- Бо пули накд супоридани маблағи камомад аз тарафи шахси гунаҳгор:
*Дт Воситаҳои пулӣ дар хазина (10100)*
*Кт Қарздории дебитории кормандон(10520)*
- Аз музди меҳнати шахси гунаҳгор доштани маблағи камомад:
*Дт Музди меҳнат барои пардохт (22210)*
*Кт Қарздории дебитории кормандонн(10520)*
- Даромад кардани зиёдомади ЗММ-и дар натиҷаи барӯйхатгирӣ ошкоршуда:
*Дт ЗММ(10700)*
*Кт Фоидаи тақсимнашуда (33200)*

# МАВЗӮИ 5. БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

**5.1. Таъриф, вазифаҳо, тасинфот ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ.**
**5.2. Баҳисобгирии дохилшавӣ, мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои асосӣ.**
**5.3. Баҳисобгирии фарсудашави воситаҳои асосӣ. Усулҳои баҳисобгирии фарсудашави воситаҳои асосӣ мувофиқи СБҲМ**
**5.4. Баҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ**

## 5.1. Таъриф, вазифаҳо, тасинфот ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ

***Мувофиқи СБҲМ 16*** **– воситаҳои асосӣ дороиҳои моддие мебошанд, ки барои истифодабарӣ, хизматрасонӣ, ба иҷора додан ва дигар мақсадҳои идоракунӣ пешбинӣ шудаанд.**

❖ ***Воситаҳои асосӣ*** *гуфта, он воситаҳои хоҷагии ташкилотро меноманд, ки новобаста аз арзишашон, мӯҳлати хизматашон зиёда аз 1 сол аст ва ин воситаҳо дар ҷараёни истеҳсолот бевосита иштирок намуда, арзиши худро қисм – қисм бо роҳи фарсудашавӣ ба маҳсулоти тайёр, корҳои иҷрошуда ва хадамоти расонидашуда мегузаронанд.*

Воситаҳои асосӣ ба ҳайати дороиҳои ғайригардони ташкилот дохил мешаванд ва дар боби I.Б.«Дороиҳои ғайригардон»- и тавозуни ҳисобдорӣ - нишон дода мешаванд.

*Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ инҳоянд:*

- *дуруст ҳуҷҷатнок кардани дохилшавӣ, ҷойивазкунӣ ва хориҷшавии объекти воситаҳои асосӣ.*
- *дуруст ҳисоб кардани фарсудашавӣ барои ҳар як объекти воситаҳои асосӣ ва инъикоси ин маблағҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирӣ.*
- *муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар вақти барҳамдиҳӣ ва хориҷшавии объекти воситаҳои асосӣ.*
- *назорат оиди хароҷотҳо барои таъмири воситаҳои асосӣ.*
- *дуруст нигоҳдорӣ ва самаранок истифодабарии объекти воситаҳои асосӣ.*

Барои ташкили баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, тансифоти он, баҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ, воҳиди баҳисобгирӣ ва интихоби шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ нақши муҳимро мебозанд.

Дар ташкилотҳо воситаҳои асосӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун таснифот карда мешаванд:

❖ *Аз рӯи нишонаи соҳавӣ, воситаҳои асосӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд:*

- воситаҳои асосии соҳаи саноат;
- воситаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ;
- воситаҳои асосии соҳаи нақлиёт;
- воситаҳои асосии соҳаи хизматрасонӣ....

❖ *Аз рӯи таъинот, воситаҳои асосӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:*

- воситаҳои асосии истеҳсолӣ;
- воситаҳои асоси ғайриистеҳсолӣ.

❖ *Аз рӯи намуд, воситаҳои асосии ташкилот ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:*

- бино ва иншоот;
- мошин ва таҷҳизот;
- таҷҳизоти идоравӣ;
- мебел ва ловозимот;
- воситаҳои нақлиёт;
- сохтмони нотамом...

❖ *Аз рӯи таалluқият воситаҳои асосӣ ба гуруҳҳои зерин ҷудо мешаванд:*

- воситаҳои асосии худӣ;
- воситаҳои асосии иҷоравӣ...

❖ *Аз рӯи нишонаи истифодабарӣ, воситаҳои асосӣ ҷудо мешаванд*:

- воситаҳои асосии дар истифодабуда;
- воситаҳои асосии захиравӣ.

Объекти воситаҳои асосӣ ҳамон вақт ба сифати доруӣ эътироф карда мешавад, ки дар оянда аз истифодабарии он эҳтимолияти ба даст овардани фоида мавҷуд бошад.

Обектҳои воситаҳои асосӣ ҳангоми дохилшавӣ, ҷойивазкунӣ ва хориҷшавӣ чунин баҳо дода мешаванд:

✓ *Бо арзиши ибтидоӣ*, ба арзиши ибтидоӣ дохил мешавад:

Нархи хариди (арзиши) объект + хароҷотҳои оварда расонидан + шинонидан то ба истифодабарӣ додани объекти воситаҳои асосӣ.

✓ *Арзиши бақиявӣ (тавозунӣ)*: арзиши ибтидоӣ – маблағи ҳисобкардашудаи фарсудшавӣ.

- ✓ *Арзиши барқароркунӣ* – ин арзиши объекти воситаҳои асосӣ баъди азнавнархгузории онҳо.
- ✓ Барои баҳисобгирии объектҳои воситаҳои асосӣ мувофиқи СБҲМ инчунин *арзиши ивазкунӣ ва арзиши софи фурӯш* низ истифода бурда мешавад.

## 5.2. Баҳисобгирии дохилшавӣ, мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои асосӣ

*Воситаҳои асосӣ – ин дороиҳои моддие, ки барои истеҳсол ё таъмини (таҳвили) молҳо (хизматҳо), ба иҷора додан, ё ин ки ба мақсадҳои маъмурӣ истифода мешаванд ва дар давоми зиёда аз як сол истифодабарии онҳо пешбинӣ мегардад.*

Объекти воситаҳои асосӣ ба сифати дороӣ эътироф мегардад, агар бо эҳтимолияти зиёд тасдиқ гардад, ки субъект манфиатҳои иктисодии ояндаи бо дороӣ алоқамандро мегирад ва хароҷоти воқеӣ барои ба дастории он боэътимод баҳо дода мешавад.

***Ҳисобҳои 11000 «Воситаҳои асосӣ»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои асосие, ки субъект ба он ҳуқуқи моликият дорад ё ки ба иҷора ба шарти иҷораи молиявӣ гирифтааст, воситаҳои асосие, ки дар истифода ва ё захира вуҷуд доранд, инчунин баҳисобгирии таҷҳизотҳои васлшаванда ва объектҳои воситаҳои асосии сохташаванда пешбинӣ гардидаанд.

Дар Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳида барои баҳисобгирии воситаҳои асосии аз рӯи намуд ва тарзи истифодабарӣ пешбинӣ шудаанд:

*11010 «Бино ва иншоот»*
*11020 «Мошин ва таҷҳизот»*
*11030 «Таҷҳизоти идоравӣ»*
*11040 «Мебел ва лавозимот»*
*11050 «Воситаҳои нақлиёт»*
*11060 «Ободонии моликияти иҷоравӣ»*
*11070 «Ободонии қитъаҳои замин»*
*11080 «Дигар воситаҳои асосӣ»*
*11090 «Сохтмони нотамом»*

Бино (қисми бино), ки дар тахти тасарруфи субъект ё иҷорагир аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ қарор доранд ва барои истифодабарӣ дар истеҳсол ё таҳвили (таъмини) молҳо (хизматрасонӣ), ё ин ки фурӯш дар ҷараёни фаъолияти муқаррарӣ таъин гардида-

анд, дар категорияи «Воситаҳои асосӣ» мувофиқи СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» гуруҳбандӣ ва ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Амволи ғайриманқул (бино ё қисми он), дар тасарруфи субъект буда, бо мақсади қабули пардохтҳои иҷоравӣ, даромад аз афзоиши нарх, аммо на барои истеҳсол ё таҳвили (таъмини) молҳо (хизматрасонӣ), ё ин ки фурӯш дар ҷараёни фаъолияти муқаррарӣ таъин гардида, дар категорияи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» мутобиқи СБҲМ (IAS) 40 «Амволи инвеститсионӣ» гуруҳбандӣ ва ба ҳисоб гирифта мешавад.

***Ҳисобҳои 11110 – 11180 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*** - ин ҳисобҳои мутақобил (контр-ҳисобҳо) ба ҳисобҳои воситаҳои асосӣ мебошанд ва барои ҷамъбасти иттилоот оиди фарсудашавии воситаи асосии муайян ё гурӯҳи воситаҳои асосӣ муқаррар гаштаанд.

Ҳаракати воситаҳои асосӣ вобаста ба амалӣ гаштани амалиётҳои дохилшавӣ, ҷойивазкунӣ ва хориҷшавии объекти воситаҳои асосӣ сурат мегирад. Амалиётҳои номбаршуда бо ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибӣ ба расмият дароварда мешаванд.

Дар вақти дохилшавии объекти воситаҳои асосӣ, аз тарафи роҳбарияти ташкилот комиссияи махсус ташкил карда мешавад ва ин комиссия ҳар як объекти воситаҳои асосиро санҷида, бо санади қабули воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-1) ба ташкилот даромад мекунад. Дар ин санад номи объект, арзиши он, заводи истеҳсолкунанда, ҳолати техникӣ ва мӯҳлати хизмати объект навишта шуда, аз тарафи комиссия бо имзоҳо тасдиқ карда мешавад.

Ҷойивазкунии дохилии обектҳои воситаҳои асосӣ аз як сехи истеҳсолӣ ба сехи дигар, аз анбор ба сехи дигар, аз анбор ба истеҳсолот бо борхати ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-2) ба расмият дароварда мешавад.

Воситаҳои асосии дар худи ташкилот истеҳсолшуда, инчунин воситаҳои асосии баъди таъмир ва азнавсозӣ, бо санади қабули воситаҳои асосии (шакли № ВА – 3) ҳуҷҷатнок карда мешавад.

Амалиёти вобаста ба барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ, ба ғайр аз воситаҳои нақлиёт, бо санади барҳамдиҳии воситаҳои асосии (шакли № ВА-4) ҳуҷҷатнок карда мешавад.

Барҳамдиҳии воситаҳои нақлиётӣ бошад, бо санади барҳамдиҳии (шакли № ВА- 4А) ба расмият дароварда мешавад.

Барои ҳар як объекти воситаҳои асосӣ, дар ташкилот варақаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, вобаста ба намуд-

ҳои он кушода мешавад ва дар ин варақаҳо номи объект, санаи дохилшавӣ, арзиши он, маблағи фарсудашавии ҳармоҳа ва арзиши бақиявии он нишон дода мешавад.

Барои назорат кардани воситаҳои асосӣ ва дар ҳолати хуб нигоҳдории онҳо, варақаҳои инвентарӣ дар журнали махсуси (шакли № ВА -10) қайд карда мешавад ва барои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии таҳлилӣ аз рӯи намудҳои воситаҳои асосӣ, шахсони мутасаддии моддӣ ва макони ҷайгиршавӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ба роҳ монда мешавад. Дар мавқеи ҷойгиршавии объектҳои воситаҳои асосӣ, барои назорат рӯйхати инвентарии воситаҳои асосии (шакли № ВА- 13) тартиб дода мешавад, ки дар он рақами инвентарии объект, номи объект, арзиши ибтидоӣ, маълумот оиди хориҷшавӣ, барҳамдиҳӣ, ҷойивазкунӣ ва сабаби хориҷшавӣ бо сана ва рақами ҳуҷҷати тасдиқкунанда навишта мешавад.

Ҳар як объекти воситаҳои асосӣ сарчашмаи дохилшавӣ дорад. Дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, барои ҳар як объекти воситаҳои асосии дохилшуда, вобаста ба сарчашмаи дохилшавии он навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад.

Дар дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» хароҷоти воқеӣ барои бадасторип воситаҳои асосӣ (арзиши аввала) инъикос мегардад. Хароҷоти воқеӣ барои бадасторӣ: арзиши харид, аз ҷумла боҷҳои воридотӣ ва андозҳои ҷуброннашаванда барои харид, инчунин ҳама гуна хароҷоти бевосита оиди ба ҳолати корӣ овардани дороӣ барои истифодабарии мақсаднокро дарбар мегирад.

Хароҷоти воқеӣ барои бадасторӣ (хариди воситаҳои асосӣ), ки бо асъори хориҷӣ дохил шудааст, дар дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» бо сомонӣ аз рӯи қурби муайяннамудаи БМТ дар лаҳзаи гузаронидани амалиёт бо асъори миллӣ нишон дода мешавад.

*Баҳисобгирии воситаҳои асосии харидоришуда*. Ҳангоми бадастории воситаҳои асосӣ ба ивази саҳмияи субъект хароҷоти воқеӣ барои бадастории воситаҳои асосӣ бо роҳҳои зерин муайян карда мешаванд:

**а)** аз рӯи арзиши бозории саҳмияи субъект, ки ба ивази воситаҳои асосӣ дода шудаанд (баҳодиҳии мазкур боэътимод дониста мешавад, агар саҳмияҳои субъект дар бозори озод қурби баланд дошта бошанд);

**б)** аз рӯи арзиши бозории воситаҳои асосии харидашаванда;

**в)** бо усули баҳодиҳии мустақили воситаҳои асосӣ (хулосаи экспертӣ) ва дар дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 33010 «Саҳмияҳои оддӣ» ба маблаги баробар ба арзиши номиналии саҳмияҳои додашуда ва бо ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» ба маблағи аз арзиши номиналии саҳмия афзун (зиёд, баланд) инъикос мегардад.

Ҳангоми хариди воситаҳои асосӣ бо шарти тамдиди пардохт барои давраи аз шартҳои қарздиҳии муқаррарӣ барзиёд, хароҷоти воқеӣ барои харид ба муодили нархи ҳангоми пардохти нақдии фаврӣ баробар мешавад. Хароҷоти воқеӣ барои харид дар дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22670 «Дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат» инъикос мегарданд. Фарқи байни ин бузургӣ ва маҷмӯи пардохтҳо ҳамчун хароҷот барои пардохти фоизҳо дар давоми давраи қарздиҳӣ эътироф мешавад.

Воситаҳои асосие, ки мувофиқи созишномаҳои қарзии дарозмуддат харид шудаанд, аз рӯи арзиши ҷори (дисконтшуда)-и барои санаи додугирифт (харидуфурӯш) муқарраршуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ба омилҳое, ки бояд ҳангоми муқаррарнамоии меъёри фоизии байни фурӯшанда ва харидор ҳангоми амалӣ намудани чунин хариду фурӯш дида шаванд (муоина шаванд), рейтинги қарзии қарзгир, маблағ ва санаи пардохти васиқа, инчунин меъёрҳои бозории фоизии бартаридоштаро нисбат медиҳанд.

Масалан, арзиши дисконтшудаи доронии дар моҳи январ аз рӯи васиқаи бефоиз ба маблағи 10 000 сомонӣ бо мӯҳлати пардохти 4 сола аз лаҳзаи хариду фурӯш, ҳангоми меъёри бозории фоизии 12 % бояд бо арзиши 6355 сомонӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Дар поён ҷадвали мукотиботҳои муҳосибӣ онди инъикос намудани баҳисобгирии амалиётҳо онди харидорӣ намудани доронии мазкур оварда шудаанд.

*$Д^Т$ 11000 Воситаҳои асосӣ 6355*

*$Д^Т$ 22691 Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо барои пардохт 3645*

*$К^Т$ 22640 Васиқаҳо барои пардохт 10000*

ҳисоб намудани хароҷотҳо аз рӯи фоиз барои соли аввал (6355 x 12% = 763)

*$Д^Т$ 66110 Хароҷот дар намуди фоиз 763*

*$К^Т$ 22691 Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо барои пардохт 763*

ҳисоб намудани хароҷотҳо аз рӯи фоиз барои соли дуюм (6355 + 763) x 12% = 854

*Д$^{T}$ 66110 Хароҷот дар намуди фоиз 854*
*К$^{T}$ 22691 Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо барои пардохт 854*

*Мубодилаи воситаҳои асосӣ.* Объект ё ки гурӯҳи объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд, ки дар шакли мубодила бо дороии ғайримонетарӣ ё ки мувофиқатии дороиҳои монетарӣ ва ғайримонетарӣ харидорӣ карда шаванд.

Арзиши чунин объекти (гурӯҳи объектҳои) воситаҳои асосӣ ба истиснои ҳолатҳои зерин аз рӯи арзиши одилона баҳогузорӣ карда мешавад:

- амалиёт оиди мубодила мазмуни тиҷоратӣ надорад, ё ин ки
- на арзиши одилонаи дороии гирифташуда ва на арзиши одилонаи дороии додашуда ба ченкунии боваринок эҳтиёҷ надорад.

Объекти харидоришуда бо чунин тарз чен карда мешавад, ки ҳатто ташкилот наметавонад, агар ҳар чи зудтар аз эътибор соқит гардонидани дороии додашударо гузаронад.

Муайян намудани амалиёт оиди мазмуни тиҷоратӣ доштани мубодила, дар асоси талаботи банди 25-и СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» гузаронида мешавад.

Агар ташкилот имконияти боваринокии гузаронидани муайянкунии арзиши одилонаи дороии гирифташуда ё ки додашударо дошта бошад, онгоҳ барои ченкунии арзиши аслии дороии гирифташуда арзиши одилонаи дороии додашуда истифода бурда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар арзиши одилонаи дороии гирифташуда нисбатан маълум бошад.

Агар объекти воситаи асосии гирифташуда на аз рӯи арзиши одилона баҳогузорӣ карда шавад, онгоҳ арзиши он аз рӯи арзиши тавозунии дороии мубодилашаванда бо назардошти зиёд намудани он аз рӯи пардохти маблағҳои пулии гузаронидашуда ё ки кам намудани арзиши он ба андозаи пардохтҳои иловагии аз тарафи аҳли шартнома (контрагент) супорандаи объекти воситаи асосӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

*Сохтмони нотамом.* Хароҷотҳои ҷамъбастии ҳисобкардашудаи афзоянда дар рафти сохтмон бо тарзи хоҷагидорӣ аз рӯи ҳар як объекти воситаҳоси асосӣ аз рӯи дебети ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом» дар мукотибот бо ҳисобҳои «Воситаҳои пулӣ», «Ҳисобҳо барои пардохт», «Захираҳои молию пулӣ», «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда» ва ғайраҳо инъикос карда мешаванд.

Дар ҳисоби 11090 инчунин объектҳои воситаҳои асосие, ки васлкуниро талаб менамоянд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Баъди ба охир расидани сохтмон (васлкунӣ) ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом» дар мукотибот бо ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» кредит карда мешавад.

Хароҷотҳое, ки барои ободгардонии моликияти иҷоравӣ ва барои ободгардонии қитъаҳои замин амалӣ шудаанд, дар ҳисобҳои 11060 ва 11070 инъикос карда мешаванд. Таҷҳизотҳои захиравӣ ва барои васлкунӣ бошад, дар ҳисоби 11080 «Дигар воситаҳои асосӣ» аз рӯи зерҳисоби 11081 «Воситаҳои асосии ғайриистифодабарӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз рӯи дебети ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом» инчунин хароҷотҳо барои сохтмони нотамоме, ки дар оянда ба сифати сармоягузории моликияти ғайриманқул бояд истифода шаванд, инъикос карда мешаванд. Нисбати чунин объект то лаҳзаи ба охир расидани корҳои сохтмонӣ (таҷдид) муқаррароти СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» истифода бурда мешавад. Баъди ба охир расидани сохтмон (таҷдид) ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом» дар мукотибот бо ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» кредит карда шуда ва барои баҳисобгирии минбаъда муқаррароти СБҲМ (IAS) 40 «Амволи инвеститсионӣ» истифода бурда мешавад.

*Воситаҳои асосии тӯҳфа гирифташуда ва субсидияҳо*. Воситаҳои асосии ройгон (тӯҳфа) гирифташуда, дар санаи харидорӣ аз рӯи арзиши одилона баҳогузорӣ карда мешаванд. Арзиши одилонаи воситаҳои асосие, ки ройгон (тӯҳфа) гирифта шудаанд, аз рӯи дебети ҳисоби 11000 дар мукотибот бо ҳисоби 33150 «Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда» инъикос карда мешаванд. Минбаъд, вобаста ба ҳисоб намудани фарсудашавии объекти тӯҳфа гирифташуда, ба маблағи ҳисобкардашудаи фарсудашавӣ бақияи ҳисоби 33150 дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» тасҳеҳ карда мешавад. Барои аз рӯи масъалаи мазкур маълумоти нисбатан пурра гирифтан, зарур аст, ки талаботи СБҲМ (IAS) 20 «Ҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба кӯмаки давлатӣ» ҳамчун дастур истифода бурда шавад.

Воситаҳои асосие, ки ба сифати субсидия қабул шудаанд, аз рӯи арзиши одилона баҳогузорӣ карда шуда ва дар баҳисобгирӣ аз рӯи яке аз ду усулҳое, ки дар банди 24-и СБҲМ (IAS) 20 «Ҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ошкоркунии маълумот оид

ба кӯмаки давлатӣ» пешбинӣ шудааст, инъикос карда мешаванд. Ин усулҳо ҳамчун усулҳои қобили қабули алтернативӣ баррасӣ мегарданд, вале усули нисбатан қобили қабул ва оқилона аз нуқтаи назари ташкили баҳисобгирӣ ин усули баҳисобгирии субсидия ба сифати даромади давраҳои оянда пешниҳод мегардад. Дар ин ҳолат арзиши одилонаи воситаҳои асосӣ аз рӯи дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22700 «Даромадҳои мавқуфгузошта инъикос карда мешаванд. Дар баробари ин, бо тартиб додани мукотибот аз рӯи ҳисоб намудани фарсудашавӣ, аз рӯи ин маблағ оиди эътироф намудани даромад аз субсидия муктоиботи зерин тартиб дода мешавад:

*Дебети ҳисоби 22700*

*Кредити ҳисоби 66070.*

<u>*Баҳисобгирии хориҷшавии воситаҳои асосӣ.*</u> Хориҷкунии объекти воситаҳои асосӣ дар натиҷаи фурӯш, мубодила, барҳам додан ё ки қатъ гаштани истифодабарии онҳо, агар аз онҳо дар оянда ягон хел манфиати иқтисодӣ гирифтан мумкин набошад, бояд бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба расмият дароварда шуда ва аз тавозун соқит гардонида шаванд.

Ҳангоми аз эътибор соқит намудани объекти воситаҳои асосӣ, ҳисобҳои баҳисобгирии арзиш ва фарсудашавии ҷамъшудаи онҳо маҳкам карда шуда, арзиши бақиявӣ бошад (агар он мавҷуд бошад) дар ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» аз эътибор соқит гардонида мешавад

*Д$^{Т}$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*

*К$^{Т}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

*Д 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»*

*К$^{Т}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

Хароҷотҳо оиди барҳам додани объектҳои воситаҳои асосӣ аз рӯи дебети ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» дар мукотибот бо ҳисоби 22200 «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда» ва ғайра инъикос карда мешаванд, масалан:

*Д$^{Т}$ 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»*

*К$^{Т}$ 22210 «Музди меҳнат барои пардохт»*

Арзиши масолеҳот аз барҳам додани объекти воситаи асосӣ аз рӯи дебети ҳисоби 10790 «Дигар захираҳо» ё ки дар ҳолате ки агар имконияти мушаххаси ҳаммонандии масолеҳи қиматноки қабулшуда мавҷуд бошад, аз рӯи дебети дигар намуди захираҳо даромад карда мешаванд.

Аз рӯи объектҳои воситаҳои асосии фурӯхташуда чунин қайдҳои муҳосибӣ тартиб дода мешавад:

- даромад аз фурӯш дар дебети ҳисоби 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина», 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк», 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиёт» дар мукотибот бо ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» ва ҳисоби 22320 «Андоз аз арзиши иловагӣ (ААИ) барои пардохт» инъикос карда мешавад:

*Д$^{Т}$ 10100 – 10200 «Воситаҳои пулӣ»*

*К$^{Т}$ 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»*

*К$^{Т}$ 22320 «ААИ барои пардохт»*

- ҳисобҳои баҳисобгирии арзиши объекти воситаҳои асосӣ (11000) ва фарсудашавии ҷамъшуда (11100) маҳкам карда шуда, арзиши бақиявӣ бошад (агар он мавҷуд бошад) дар ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» аз эътибор соқит гардонида мешавад:

*Д$^{Т}$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*

*К$^{Т}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

*Д$^{Т}$ 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»*

*К$^{Т}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

- хароҷотҳои ҳангоми фурӯши объекти воситаи асосӣ гузаронидашуда (ба харидор расонидан, таҷзия (демонтаж) кардан ва ғайраҳо) дар дебети ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» дар мукотибот бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» ва ғайра инъикос карда мешаванд.
- агар дар натиҷаи хориҷкунӣ фоида ба даст ояд, онгоҳ он дар ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» ва агар зарар ба вуҷуд ояд дар ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми истифодабарии мукотиботи мураккаби муҳосибӣ миқдори қайдҳо нисбатан кам мешавад:

*Д$^{Т}$ 10100 «Воситаҳои пулӣ» ё ки*

*Д$^{Т}$ 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиёт»*

*Д$^{Т}$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*

*Д$^{Т}$ 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»*

*(агар натиҷаи хориҷкунӣ – зарар бошад)*

*К$^{Т}$ 22320 «ААИ барои пардохт»*

*К$^{Т}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

*$К^I$ 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» (агар натиҷаи хориҷкунӣ – фоида бошад).*

## 5.3. Баҳисобгирии фарсудашави воситаҳои асосӣ. Усулҳои баҳисобгирии фарсудашави воситахои асосӣ мувофиқи СБҲМ

Воситаҳои асосӣ дар давоми мӯҳлати истифодабарӣ, арзиши ибтидоии худро ба воситаи фарсудашавӣ, қисм – қисм ба махсулоти тайёр, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расондашуда мегузаронанд.

*Фарсудашавӣ* ин тақсимкунии арзиши воситаҳои асосӣ дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди онҳо мебошад. *Андозаи фарсудашавӣ аз мӯҳлати хизмат, арзиши ибтидоӣ ва ҳаҷми кори объекти воситаҳои асосӣ вобастааст.* Дар ҳисобгирии муҳосибӣ чор усули ҳисоб кардани фарсудашавии воситаҳои асосӣ: ду усули маъмулӣ ва ду усули таъҷилӣ истифода бурда мешаванд.

- *Ба усулҳои маъмулии ҳисоб кардани фарсудашави воситаҳои асосӣ дохил мешаванд:*
  - ***Усули ростхатаи ҳисоб кардани фарсудашавӣ***

Ҳангоми истифодабарии ин усул бузургии фарсудашавӣ барои ҳамаи давраҳои хизмати дороӣ доимӣ мемонад ва бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

***Фарсудашавӣ = (Арзиши ибтидоӣ – арзиши барҳамдиҳӣ)/ мӯҳлати хизмат.***

*Мисол*: Ширкати Тоҷирон автомашинаеро бо нархи 10 000 сомонӣ харид. Арзиши барҳамдиҳии он 2000 сомонӣ буда, мӯҳлати хизматаш 4 сол аст. Фарсудашавии ин объекти воситаҳои асосӣ бо усули ростхата чунин ҳисоб карда мешавад.

Ф= (10000 – 2000)/4 = 2000с.

| | Арзиши ибтидоӣ | Фарсудашавии солона | Фарсудашавии гунишуда | Арзиши бақиявӣ |
|---|---|---|---|---|
| Харид | 10 000 | - | - | 10000 |
| Охири с. 1- ум | 10 000 | 2000 | 2000 | 8000 |
| Охири с. 2 - юм | 10 000 | 2000 | 4000 | 6000 |
| Охири с. 3 - юм | 10 000 | 2000 | 6000 | 4000 |
| Охири с. 4 - ум | 10 000 | 2000 | 8000 | 2000 |

✓ **Усули истеҳсолӣ – ҳисобкунии фарсудашавӣ вобаста ба ҳаҷми кори пешбинишуда бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:**

***Фарсудашавӣ = (Арзиши ибтидоӣ – арзиши барҳамдиҳӣ)/ ҳаҷми кори пешбинишуда***

*Мисол:* Фарз кардем, ки автомашинаи дар боло харидашуда барои 80 000 км роҳ тай намудан пешбинӣ шудааст. Онгоҳ мо меъёри фарсудашавиро барои 1 км чунин муайян мекунем:

(10000 – 2000)/80000 = 0,1сомонӣ/км.

Автомашина соли 1 ум 15 000 км, соли 2 –юм 20 000км, соли 3-юм 25 000км, соли 4 –ум 20 000 км. ҳаракат кардааст. Дар ин ҳолат фарсудашавӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

| | **Арзиши ибтидоӣ** | **Ҳаҷми кор** | **Фарсуда-шавии со-лона** | **Фарсуда-шавии ғуншуда** | **Арзиши бақиявӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Харид | 10 000 | - | | - | 10000 |
| Охири с. 1- ум | 10 000 | 15000 | 1500 | 1500 | 8500 |
| Охири с. 2-юм | 10 000 | 20000 | 2000 | 3500 | 6500 |
| Охири с. 3-юм | 10 000 | 25000 | 2500 | 6000 | 4000 |
| Охири с. 4-ум | 10 000 | 20000 | 2000 | 8000 | 2000 |

❖ *Ба усулҳои таъҷилии ҳисоб кардани фарсудашавии восита-ҳои асосӣ дохил мешаванд:*

✓ ***Усули ҷамъи рақамҳо – тарзи кумулятивӣ***

Бузургии маблағи фарсудашавӣ бо усули ғункунӣ (кумулятивӣ) бо формулаи зерин муқаррар карда мешавад:

***Маблағи фарсудашавӣ = ((Мх-(Сх-1))/ҷамъи рақамҳои мӯҳлати хизмат)х(Арзиши ибтидоӣ –Арзиши барҳамдиҳӣ)***

дар ин ҷо, Мх-мӯҳлати хизмат, Сх-соли хизмат.

Барои мисоли пешина фарсудашавӣ барои солҳои якум то чорум баробар аст ба:

X1=((4-(1-1))/(1+2+3+4))x(10000-2000)= 3 200

X2=((4-(2-1))/(1+2+3+4+5))x(10000-2000)=2 400

X3=((4-(3-1))/(1+2+3+4+5))x(10000-2000)=1 600

X4=((4-(4-1))/(1+2+3+4+5))x(10000-2000)=800

Речаи фарсудашавии воситаҳои асосӣ аз рӯи ин усул чунин шакл мегирад:

| | Арзиши ибтидоӣ | Фарсуда-шавии солона | Фарсудашавии гунпшуда | Арзиши бақиявӣ |
|---|---|---|---|---|
| Санаи харид | 10 000 | - | - | 10 000 |
| Охири соли якум | 10 000 | 3 200 | 3 200 | 6 800 |
| Охири соли дуюм | 10 000 | 2 400 | 5 600 | 4 400 |
| Охири соли сеюм | 10 000 | 1 600 | 7 200 | 2 800 |
| Охири соли чорум | 10 000 | 800 | 8 000 | 2 000 |

✓ ***Усули бақияи камшаванда***

Усули бақияи камшаванда низ ба усули таъҷилии фарсудашавӣ дохил шуда, аз рӯи қоидаҳои худ ба усули ҷамъи рақамҳо монанд аст. Ҳангоми истифодабарии ин усул фарсудашавӣ аз рӯи меъёри баланд дар солҳои аввали истифодабарии объекти воситаи асосӣ ҳисоб карда мешавад. Одатан, меъёри ҳисобкунии фарсудашавӣ – меъёри дукаратаи фарсудашавии усули ростхата мебошад. Баъзан, меъёри муқарраршуда мавриди истифода қарор мегирад.

Формулаи муайянкунии фарсудашавӣ аз рӯи ин усул чунин аст:

***Фарсудашави=(Аб* x *2)/Мх,***

ки дар ин ҷо:

Аб-арзиши тавозунӣ дар охири соли гузашта ё аввали соли ҷорӣ;

Мх-мӯҳлати хизмати объекти воситаи асосӣ.

Барои мисоли пешина маблағи фарсудашавӣ бо чунин тарз барои солҳои гуногун ҳисоб карда мешавад:

*Соли 1-ум X=10 000 x 2/4 = 5 000. Аб дар аввали сол ҷорӣ – 10 000 сомонӣ.*

*Соли 2-ум X= 5 000 x 2/4 = 2 500. Аб дар аввали соли ҷорӣ 10 000 – 5000 = 5000 сомонӣ*

*Соли 3-юм X=2500 x 2/4=1250. Аб дар аввали соли ҷорӣ 5000 – 2500 = 2500 сомонӣ.*

*Соли 4-ум X=0, чунки, Аб дар аввали соли ҷорӣ 2500-1250=1250 <2000 мебошад.*

Агар арзиши тавозунӣ дар аввали сол аз арзиши бақиявӣ (арзиши барҳамдиҳӣ) кам бошад, фарқи байни арзиши тавозунӣ дар аввали соли гузашта ва арзиши барҳамдиҳӣ ҳамчун ҳаҷми фарсудашавии соли ҷорӣ қабул карда мешавад. Дар мисоли мо (2500 – 2000 = 500).

Речаи фарсудашавӣ дар ин ҳолат чунин шакл мегирад:

| | Арзиши ибтидоӣ | Фарсудашавии солона | Фарсудашавии гуншуда | Арзиши бақиявӣ |
|---|---|---|---|---|
| Санаи харид | 10 000 | - | - | 10000 |
| Охири соли якум | 10 000 | 5000 | 5000 | 5000 |
| Охири соли дуюм | 10 000 | 2500 | 7500 | 2500 |
| Охири соли сеюм | 10 000 | 500 | 8000 | 2000 |
| Охири соли чорум | 10 000 | - | - | - |

***Ҳисобҳои 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба маблағи ҷамъшудаи фарсудашавии объекти муайян ё гурӯҳи воситаҳои асосӣ пешбинӣ шудаанд.

Барои баҳисобгирии фарсудашавии объектҳои мувофиқ нақшаи ҳисобҳо гурӯҳи зерини ҳисобҳоро пешбинӣ намудааст:

*11110 – Фарсудашавии ҷамъшуда – бино ва иншоот*
*11120 – Фарсудашавии ҷамъшуда – мошин ва таҷҳизот*
*11130 – Фарсудашавии ҷамъшуда – таҷҳизоти идоравӣ*
*11140 – Фарсудашавии ҷамъшуда – мебел ва лавозимот*
*11150 – Фарсудашавии ҷамъшуда – воситаҳои нақлиёт*
*11160 – Фарсудашавии ҷамъшуда – ободонии моликияти иҷоравӣ*
*11170 – Фарсудашавии ҷамъшуда – ободонии қитъаҳои замин*
*11180 – Фарсудашавии ҷамъшуда – дигар воситаҳои асосӣ*

Аз рӯи кредити гурӯҳи ҳисобҳои 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ» маблағи ҳисобкардашудаи фарсудашавии воситаҳои асосӣ дар мукотибот бо ҳисобҳои зерин инъикос меёбад:

- 11090 «Сохтмони нотамом», агар объекти воситаҳои асосӣ ҳангоми истеҳсоли дигар дороиҳо истифода бурда шавад;
- 10730 «Истеҳсолоти нотамом», агар фарсудашавии воситаҳои асосӣ ба хароҷот оид ба коркарди захираҳо дохил карда шавад;
- 55270 «Хароҷот оид ба фарсудашавӣ ва истеҳлок», агар воситаҳои асосӣ дар ҷараёни ба амал баровардани молҳо, корҳо, хизматрасонӣ истифода бурда шаванд;
- 55321 «Хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ», агар воситаҳои асосӣ бо мақсадҳои маъмурӣ истифода бурда шаванд;

- 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат», агар воситаҳои асосӣ ба иҷораи амалиётӣ дода шуда бошад ва ҳоказо.

## 5.4. Баҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ

Дар ҷараёни истифодабарӣ воситаҳои асосӣ фарсуда мешаванд. Барои нигаҳдории ҳолати дурусти техникии онҳо дар давраҳои муайян таъмири воситаҳои асосӣ гузаронида мешавад.

➢ *Вобаста ба ҳаҷм ва давраи иҷроиш, таъмири ҷорӣ, миёна ва асосиро фарқ мекунанд.*

✓ *Таъмири ҷорӣ ва миёна* ҳамарӯза барои бартараф кардани носозиҳо ва дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани объектҳои воситаҳои асосӣ, бе нигаҳдории ҷараёни истеҳсолот гузаронида мешавад.

✓ *Таъмири асосӣ* бошад барои пурра иваз намудани қисмҳою деталҳои аз кор баромадаи объекти воситаҳои асосӣ, бо нигаҳдории ҷараёни истеҳсолот гузаронида мешавад.

Ҳамаи хароҷотҳои вобаста ба таъмири воситаҳои асосӣ ба ҳисоби хароҷотҳои истеҳсолӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Агар дар давоми сол барои таъмири воситаҳои асосӣ захира ҷудо карда шуда бошад, хароҷотҳои таъмир аз ҳисоби фонди захиравии таъмир рӯйпӯш карда мешавад.

Тартиби баҳисобгирии хароҷотҳои таъмири воситаҳои асосӣ аз сарчашмаи таъмири ин воситаҳо вобастагӣ дорад:

✓ *Дар шакли пудратӣ* – таъмир аз тарафи пудратчиён, дар асоси шартномаи пудратӣ гузаронида мешавад.

✓ *Дар шакли хоҷагӣ* – таъмири воситаҳои асосӣ бо қувваи худӣ, аз тарафи бригадаи таъмирчиёни ташкилот гузаронида мешавад.

## 5.5. Хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосии иҷоравӣ

Арзиши ибтидоии объекти воситаи асосие, ки бо ҳуқуқи иҷораи молиявӣ ба иҷора гирифта шудааст, мутобиқи СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора» муайян карда мешавад. Дохил шудани воситаҳои асосии иҷоравӣ аз рӯи шартҳои иҷораи молиявӣ дар дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22650 «Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷораи молиявӣ» инъикос карда мешаванд.

**СБҲМ 17 «Иҷора»:** *Иҷора – ин шартномаест, ки мувофиқи он иҷорадеҳ ба иҷорагир ҳуқуқи истифодабарии дороиро дар давоми мӯҳлати муайяншуда бар ивази иҷорапулӣ ё силсилаи пардохтҳо медиҳад.*

Ӯҳдадории иҷорагир – пардохти саривақтӣ ва даврии иҷорапулӣ мувофиқи шартномаи басташуда аст. Шартнома онеро, ки дороиҳоро дар ҳолати корӣ нигоҳ медорад, муайян мекунад.

Вобаста ба шароитҳои иқтисодии ба иҷора додани моликият намудҳои зерини иҷора маълуманд:

- *молиявӣ;*
- *амалиётӣ(ҷорӣ).*

***Иҷораи молиявӣ*** *- иҷораест, ки ҳангоми он ҳамаи хавф ва подоши бо ҳуқуқи моликият бар дорои алоқаманд ба иҷорагир дода шуда, ҳангоми он иҷорагир дороиро дар ҳолати корӣ нигоҳ медорад.*

Мувофиқи СБҲМ 17 «Иҷора»: Хавф (риск) – ин эҳтимолияти талаф аз бозистии дороиҳо ё кӯҳнашавии технологӣ ва пастубаландшавии фоида аст.

Дар сурати аққалан ба яке аз шартҳои зерин ҷавобгӯ будани иҷора дар огози он, иҷора молиявӣ ҳисобида мешавад:

- *пас аз баохиррасии мӯҳлати иҷора ҳуқуқи соҳибии дороӣ ба иҷорагир мегузарад;*
- *иҷора имконияти хариди дороиҳоро бо нархи камтар аз арзиши одилонаи бозорӣ медиҳад;*
- *мӯҳлати иҷора қисми афзалиятноки мӯхлати хизмати иқтисодии дороиро (зиёда аз 75%) новобаста ба он, ки ҳуқуқи моликият дода намешавад, ташкил мекунад;*
- *дар охири мӯҳлати иҷора арзиши бақиявии дорои камтар аз 20%-и арзиши фурӯшро дар лаҳзаи бастани шартнома ташкил мекунад;*
- *дар ибтидои иҷора арзиши дисконтиронидашудаи пардохтҳои минималии иҷоравӣ зиёд ё баробари арзиши бозории дорои дар санаи огозёбии иҷора аст;*
- *дороиҳои баиҷорагирифташуда характери махсус доранд, ки иҷорагир онҳоро бе ягон дигаргунӣ мавриди истифода қарор дода метавонад.*

Нишонаҳои шинохтани иҷораи молиявӣ:

- маблағи пардохтҳои минималии иҷоравӣ ба таври объективӣ пешгӯӣ карда мешавад;

- харочоти чуброннашавандаи ицорадеҳ ченшаванда ва пешгӯишаванда аст.

Ин нишонаҳо ба эътирофи далели ицора таъсир нарасонида, фақат ба принсипи консерватизм диққатро равона менамоянд. Онҳо таърифи ицораро бо ду омили дигар пурра месозанд:

- додани хавфу подоши соҳибият; ва
- дарачаи ҳаққонияти баҳодиҳии қарздории дебитории софи ицорадеҳ.

Аломатҳои эътирофи ицораи молиявӣ алоҳида ё дар мачмӯъ инҳоянд:

- товони зарари ицорадеҳ аз чониби ицорагир дар ҳолати бекор карда шудани шартномаи ицора аз чониби ицорагир;
- гирифтани фоида ё зарар аз пастубаландшавии арзиши бозории маблағи барҳамдиҳӣ аз чониби ицорагир;
- имконияти дарознамоии ицора ба мӯҳлати дуюм бо ицорапулии аз дарачаи бозорӣ паст.

***Ицораи амалиётӣ(чорӣ)*** *– ин ицораест, ки ягон хавфу подоши бо соҳибияти моликият алоқамандро надорад. Ҳангоми ин гуна ицора бинову таҷҳизот ба мӯҳлати кӯтоҳ ба ицора дода мешаванд.*

Ҳангоми ицораи амалиётӣ моликияти ицоравӣ дар тавозуни ицорадеҳ нишон дода мешавад.

Баҳисобгирии ицораи молиявӣ (ицорагир)

Мувофиқи СБҲМ 17 «Ицора»: ицорагир бояд ицораи молиявиро ба сифати дорой ва ӯҳдадорӣ дар тавозун аз рӯи маблағе, ки дар санаи оғози ицора баробари арзиши одилонаи моликияти ицоравист, ё, агар он паст бошад, аз рӯи арзиши ҳисобкардашудаи пардохтҳои минималии ицоравӣ инъикос намояд.

Ҳангоми ҳисобкунии пардохтҳои минималии ицоравӣ аз маблағи умумии пардохтҳо:

- харочоти ицорадеҳ (харочоти таъмир ва хизматрасонӣ, суғурта, андозҳо), агар онҳоро ицорагир чуброн намояд;
- ицорапулии шартӣ – ицорапулии ғайримолиявии бо ҳама гуна омил ба ғайр аз омили вақт (фоизи ҳачми фурӯш, индекси нарх, меъёрҳои бозории фоизӣ ва г.) асосёфта, тарҳ карда мешаванд.

*Ицораи молиявӣ дар ҳисобгирии ицорагир ҳамчун амалиёти хариди дорой бо бавучудоии ӯҳдадориҳо инъикос мегардад.*

Моликиятро ба ицора дода истода, ицорадеҳ мақсади чуброни харочоти хариди дорой ва гирифтани фоидаро пеш мегу-

зорад. Иҷорапулии дар шартномаи иҷоравӣ муайяншуда, аққалан арзиши доройӣ ва фоизҳои иҷорадеҳ пардохтменамудаи дар давоми ҳамаи муддати иҷора тақсимшударо дарбар мегирад. Ҳамин тариқ, арзиши моликияти иҷоравӣ бо маблағи иҷорапулӣ чен карда намешавад, зеро фоизҳо ба арзиши доройӣ дохил нагардида, бо пардохтшавии онҳо ҳамчун хароҷоти молиявӣ эътироф мегарданд.

*Қоидаҳои асосии баҳисобгирии иҷораи молиявӣ аз ҷониби иҷорагир:*

- ✓ дар ибтидои мӯҳлати иҷора доройӣ ва ӯҳдадорӣ аз рӯи иҷорапулии минбаъда дар тавозуни муҳосибӣ бо маблағи якхела нишон дода мешаванд;
- ✓ ӯҳдадорӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ дар тавозун ба ду қисм - ҷорӣ ва дарозмуддат тақсим мешавад: бузургии пардохтҳои ҷорӣ бо муддати то як сол - ҳамчун ӯҳдадории кӯтоҳмуддат, бо муддати зиёда аз як сол – ҳамчун ӯҳдадории дарозмуддат;
- ✓ ҳангоми пардохт иҷорапулиҳо ба пардохти молиявӣ (хароҷоти фоизӣ) ва пардохт оиди камшавии ӯҳдадориҳо (пардохт аз рӯи шартномаи иҷоравӣ) тақсим мешаванд. Дар ин маврид, пардохти молиявӣ ба давраҳо дар тамоми муддати иҷора чунон тақсим карда мешавад, ки меъёри доимии даврии фоиз ба бақияи боқимондаи ӯҳдадорӣ барои ҳар як давра таъмин карда шавад;
- ✓ маблағи фарсудашавандаи моликияти иҷоравӣ аз ҷониби иҷорагир ба таври низомӣ барои ҳар як давраи баҳисобгирӣ дар тамоми муддати истифодаи пешбинишуда бо ёрии усули ба сиёсати баҳисобгирӣ мувофиқ тақсим карда мешавад.

Ҳангоми мавҷудияти боварии комил оиди он, ки иҷорагир дар охири мӯҳлати иҷора ҳуқуқи моликиятро ба даст меорад, давраи пешбинишудаи истифодабарӣ ин мӯҳлати хизмати муфиди дорои аст. Агар ин гуна боварӣ мавҷуд набошад, дорои дар давоми яке аз кӯтоҳтарини ду мӯҳлат: иҷора ё мӯҳлати хизмати муфид фарсудашавӣ ҳисоб карда мешавад.

Тақсимоти пардохтҳои иҷорапулии иҷорагир

| Давра (солҳо) | Ӯҳдадорӣ дар ибтидои иҷора | Пардохтҳо | Хароҷоти фоизӣ | Маблағи пардохти ӯҳдадорӣ | Ӯҳдадории иҷоравӣ дар охир |
|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 36 048 | 10 000 | 4 326 | 5 674 | 30 374 |
| 2001 | 30 374 | 10 000 | 3 645 | 6 355 | 24 019 |
| 2002 | 24 019 | 10 000 | 2 882 | 7 118 | 16 901 |
| 2003 | 16 901 | 10 000 | 2 028 | 7 972 | 8 929 |
| 2004 | 8 929 | 10 000 | 1 071 | 8 929 | 0 |
| | | 50 000 | 13 952 | 36 048 | 0 |

Мукотиботи муҳосибӣ оиди инъикоси иҷораи молиявӣ дар санаи иҷора:

*Таҷҳизоти иҷоравӣ..........36 048*

*Ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз рӯи иҷораи молиявӣ...30 374*

*Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат......5 674*

Мукотиботи даврӣ оиди инъикоси фарсудашавии таҷҳизоти иҷоравӣ бо усули ростхатта (36048/5=7 209,60):

*Хароҷоти фарсудашавии таҷҳизоти иҷоравӣ.........7 209,60*

*Истеҳлоки ҷамъшудаи таҷҳизоти иҷоравӣ.....7 209,60*

Ҳангоми инъикоси пардохти ҳақиқӣ:

*Хароҷоти фоизӣ.......4 326*

*Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат ...5 674*

*Воситаҳои пулӣ...... ....10 000*

Ҳангоми инъикоси пардохтҳо бо усули ҳисобкунӣ:

*Хароҷоти фоизӣ .......................4 326*

*Фоизҳо барои пардохт............. 4 326*

*Фоизҳо барои пардохт ..........................................4 326*

*Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат ................5 674*

*Воситаҳои пулӣ .10 000*

*Баҳисобгирии иҷораи молиявӣ (иҷорадеҳ)*

Мувофиқи СБҲМ 17 «Иҷора» иҷорадеҳон бояд доройҳои ба иҷораи молиявӣ додашударо дар тавозуни муҳосибии худ ҳамчун қарздории дебиторӣ бо маблаги сармоягузориҳои соф ба иҷора эътироф намоянд.

Сармоягузориҳои соф ба иҷора – ин сармоягузориҳои умумӣ ба иҷора бо тарҳи даромади молиявии гирифташуда аст.

Ҳангоми иҷораи молиявӣ ҳамаи хавфу подошн бо моликият вобаста аз иҷорадеҳ бегона карда шуда, қарздории дебиторӣ аз рӯи пардохтҳои иҷоравӣ аз ҷониби иҷорадеҳ ҳамчун товони маблағи асосии қарз ва мукофот барои сармоягузорӣ ва хизмат нишон дода мешавад. Арзиши софи ин гуна қарздории дебиторӣ бо арзиши ҷории дисконтиронидашудаи пардохтҳои минималии иҷоравӣ новобаста ба кафолати онҳо муайян карда мешавад. Сармоягузории умумӣ ба иҷора баробари пардохтҳои минималии иҷоравӣ ва арзиши бақиявии доройӣ аст.

Эътирофи даромади молиявӣ дар асоси ҷадвале, ки меъёри доимии даврии фоида ва сармоягузории софи пардохтношудаи иҷорадеҳро оиди иҷораи молиявӣ нишон медиҳад, амалӣ мегардад.

Хароҷоти мустақими ибтидоии (хароҷоти комиссионӣ ва ҳуқуқӣ) иҷорадеҳ, ки бо мақсади бадастории даромади молиявӣ ба амал бароварда мешавад, фавран ба сифати хароҷот эътироф мегардад ё ба даромади гирифташаванда дар давоми муддати иҷора тақсим карда мешавад.

Инъикоси иҷораи молиявӣ дар ҳисобгирии иҷорадеҳ ба тавri зер сурат мегирад.

Ҷадвали дохилшавии иҷорапулӣ ба иҷорадеҳ

| Давра (солҳо) | Қарздории дебиторӣ дар аввал | Дохилшавиҳо | Даромади молиявӣ | Маблаги қарздории дебитории пардохтшуда | Қарздории дебиторӣ дар охир |
|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 36 048 | 10 000 | 4 326 | 5 674 | 30 374 |
| 2001 | 30 374 | 10 000 | 3 645 | 6 355 | 24 019 |
| 2002 | 24 019 | 10 000 | 2 882 | 7 118 | 16 901 |
| 2003 | 16 901 | 10 000 | 2 028 | 7 972 | 8 929 |
| 2004 | 8 929 | 10 000 | 1 071 | 8 929 | 0 |
| | | 50 000 | 13 952 | 36 048 | 0 |

Мукотиботи муҳосибӣ оиди инъикоси иҷораи молиявӣ дар оғози иҷора:

*Қарздории дебитории дарозмуддат……..……….…30 374*
*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат……..5 674*
*Таҷҳизот…...………………...36 048*

Ҳангоми инъикоси пардохти ҳақиқӣ:

*Воситаҳои пулӣ……………………………………….10 000*
*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат ……..5 674*
*Даромад аз иҷора……………………………..….4 326*

Ҳангоми инъикоси пардохт бо усули ҳисобкунӣ:

*Фоизҳо барои қабул…………………………..…..….4 326*
*Даромад аз иҷора………………………….. 4 326*
*Воситаҳои пулӣ……………………………………….10 000*
*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат ……..5 674*
*Фоизҳо барои қабул ……………………………………...4 326*

Ҷудокунии қисми ҷорӣ дар охири соли якум:

*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат …..6 355*
*Қарздории дебитории дарозмуддат……..…………….6 355*

Даромади молиявии иҷорадеҳ ва хароҷоти фоизии иҷорагир дар ҳисоботи молиявӣ бо усули ҳисобкунӣ инъикос мегарданд. Агар дар давоми давраи ҳисоботӣ пардохтҳои иҷорапулӣ (даромад ва хароҷот мувофиқан) бо усули хазинавӣ қайд ёфта бошанд, дар ин сурат, дар охири давраи ҳисоботӣ мукотиботи ислоҳӣ мувофиқи усули ҳисобкунӣ тартиб дода мешавад.

*Баҳисобгирии иҷораи амалиётӣ*

Иҷорагир пардохтҳои иҷоравиро дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун хароҷоти давра, ки баробар дар давоми муддати иҷора тақсим мегардад, инъикос менамояд.

Хароҷоти иҷораи амалиётӣ дар баҳисобгирии иҷорагир ба таври зер акс меёбад:

Ҳисобкунии хароҷоти иҷоравӣ барои давраи ҳисоботӣ:

*Хароҷоти иҷоравӣ..........................................1 000*

*Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда..............................1 000*

Пардохти иҷорапулӣ:

*Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда .............................1 000*

*Воситаҳои пулӣ..............................................1 000*

Дороиҳои ба иҷорадодашударо иҷорадеҳ дар тавозуни худ нишон дода, фарсудашавии онҳоро ҳисоб мекунад. Маблағи ҳисобкардашавии фарсудашавии дороиҳои ба иҷорадодашуда ҳамчун хароҷоти давраи ҳисоботӣ эътироф мегардад.

Гирифтани даромад аз иҷораи амалиётӣ дар ҳисобгирии иҷорадеҳ бо чунин мукотибот инъикос меёбад:

Ҳисобкунии даромади иҷоравӣ барои давраи ҳисоботӣ:

*Қарздории дебиторӣ..........................................1 000*

*Даромади иҷоравӣ............................................1 000*

Дохилшавии иҷорапулӣ:

*Воситаҳои пулӣ ..............................................1 000*

*Қарздории дебиторӣ..........................................1 000*

Инъикоси хароҷоти фарсудашавӣ:

*Хароҷоти фарсудашавӣ.........................................500*

*Фарсудашавии ҷамъшуда........................................500*

Намудҳои дигари зерини иҷора маълуманд:

- иҷораи намуди фурӯш;
- фурӯши дороиҳо бо бозпас гирифтани онҳо ба иҷора;
- хариди дороиҳо аз рӯи аҳдномаи иҷоравӣ;
- иҷора бо истифодаи қарз.

***Гурӯҳи ҳисобҳои 11200 «Захираҳои табиӣ»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати захираҳои табиӣ мансуб ба субъект дар асоси ҳуқуқи моликият ё бо шартҳои иҷораи молия ба иҷора гирифташуда пешбинӣ шудаанд.

Ба сифати захираҳои табиӣ конҳои карбогидридҳо, конҳои канданиҳои фоиданок ва ҷангалҳо дида баромада мешавад. Аз

рӯи кандан (бадастдарорӣ), кашида баровардан ва ё буридан арзиши захираҳои табиӣ ба захира табдил дода мешавад.

Захираҳои табиӣ аз рӯи арзиши аслие, ки ҳамаи харочотҳоро барои харид, коркард, чорабиниҳои геологию ҷустуҷӯи, андозҳои подошнашаванда ва дигар харочоти бо коркард алоқаманд ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳатто агар чараёни кандани захираҳои табиӣ огоз гардида бошад хам, ба сармоя табдилдиҳии харочот қатъ намегардад ва коркарди объект давом дода мешавад. Арзиши аслии захираҳои табиӣ дар мавриди камшави (сарф)-и онҳо ба арзиши захираҳое, ки дар асоси кандан, кашида баровардан ё буридан хосил мешавад, табдил мегардад.

Камшавии захираҳои табиӣ бо усули истеҳсолӣ иҷро карда мешавад. Накшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаро барои баҳисобгирии захираҳои табиӣ аз рӯи гурӯҳҳои намунавии бештар муҳим пешбинӣ менамояд:

*11210 Конҳои маъдан*
*11220 Конҳои карбогидридҳо*
*11290 Сарфшавии ҷамъшудаи захираҳои табиӣ*

## МАВЗӮИ 6. БАҲИСОБГИРИИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

**6.1. Мафҳум, тасинфот ва баҳодиҳии дороиҳои ғайримоддӣ**
**6.2. Баҳисобгирии харакати дороиҳои ғайримоддӣ**
**6.3. Баҳисобгирии «Гудвилл» ё «нархи ширкат»**
**6.4. Баҳисобгирии харочотҳои ташкилӣ, тадкикот ва коркади илмӣ. Захираҳои табиӣ**
**6.5. Баҳисобгирии дороиҳои биологӣ**

### 5.1. Мафҳум, тасинфот ва баходиҳии дороиҳои ғайримоддӣ

СБҲМ 38: ***Дороии ғайримоддӣ (intangible assets) – ин дороии ғайрипулии шинохашавандае, ки шакли ҷисмонӣ надорад ва ҳангоми истеҳсол ё пешниҳоди молу хизмат, барои иҷорадиҳӣ ё мақсадҳои маъмурӣ истифода мегардад.***

Тавсифномаи асосии дороиҳои ғайримоддӣ:

- мавҷуд набудани таҷассуми моддӣ;
- дараҷаи баланди номуайянӣ нисбати фоидаи оянда;
- барои фурӯш таъинот надоштан;
- мӯҳлати дарози истифодабарӣ;
- даркнашаванда, ҳиснашаванда ва ғайриҷисмоният.

Барои он ки объект ҳамчун дороии ғайримоддӣ эътироф гардад, вай бояд ба мафҳуми дорой ҷавобгӯ буда, ченшаванда, муҳим ва боваринок бошад. Объект ҳамчун дороии моддӣ эътироф мегардад, агар он шинохташаванда, зери назорат буда, дар оянда фоидаи иқтисодиро биёрад.

*Калимаи «ғайримоддӣ» (нематериальный – intangible) аз лотинии* ***tangere*** *гирифта шудааст, ки он маънои «ҳисшаванда, даркшаванда»-ро дорад.*

Ҳамаи дороиҳои зеризоратии ширкатро метавон ба моддӣ ва ғайримоддӣ, пулӣ ва ғайрипулӣ, гардон ва ғайригардон тақсим намуд. Дороиҳои ғайримоддӣ ба дороиҳои ғайрипулӣ ва ғайригардони дарозмуддат дохил мешаванд. Ҳамин гуна дороиҳое мавҷуданд, ки ба тасвироти боло мувофиқат карда, ғайримоддианд. Мисол, қарздории дебиторӣ, харочоти давраҳои оянда, сармоягузориҳо (инвеститсияҳо). Афзалияти асосии дороиҳои ғайримоддӣ аз объектҳои номбаршуда дар он аст, ки онҳо харочоти мавқуфгузошта оиди хариди баъзе хадамот, на дороиҳои модди-

анд. Ғайр аз ин, дороиҳои ғайримоддӣ афзалиятҳои муҳими зеринро нисбати дороиҳои моддӣ доранд:

- ***маҳдуд будани истифодабарии алтернативӣ.*** Аксари дороиҳои ғайримоддӣ имконияти истифодабарии алтернативиро надоранд. Ба қатори ин гуна дороиҳо – гудвилл, хароҷоти коркард, ӯҳдадорӣ онди рақобат накардан, хароҷоти ҳимояи ҳуқуқ ва имтиёз ва ғ. дохил мешаванд;
- ***мӯҳлати дарози истифодабарӣ.*** Қариб ҳамаи дороиҳои гардон мӯҳлати кӯтоҳи истифодабариро доранд, ҳол он ки ба дороиҳои ғайримоддӣ мӯҳлати дароз хос аст;
- ***ғайриимкон будани муоинаи алоҳида.*** Баъзе аз олимон чунин мешуморанд, ки дороиҳои ғайримоддӣ аз ширкат ҷудонашаванда буда, бо эквиваленти ҷорӣи пулӣ баҳо дода намешаванд, яъне, онҳо дорой набуда, бояд дарҳол пас аз харид аз ҳисоб бароварда шаванд. Аммо, ба ин фарзия контраргументҳои зерин мавҷуданд:

- бисёре аз дороиҳои ғайримоддӣ алоҳида муоина мегарданд, мисол, патент, литсензия, нишонаҳои молӣ ва ғ;
- дороиҳои моддӣ танҳо дар робита бо дороиҳои ғайримоддӣ арзиш доранд (мисол, намоишнома арзише надорад, агар ягон кас ҳуқуқи онро надошта бошад);
- номуайянии пӯшонидани харҷ. Фоидаи минбаъда аз дороиҳои ғайримоддӣ на ҳамеша аз рӯи бузургӣ ё вақти бадастории он яқин аст.

Мувофиқи СБҲМ 38, дороиҳои ғайримоддии аз рӯи тавсиф ва истифодабарӣ дар фаъолияти ташкилот, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- *ному нишонаҳои фабрикавӣ;*
- *сарлавҳаи рӯзномаҳо ва ҳуқуқҳои нашриётӣ;*
- *таъминии барномаҳои компютерӣ;*
- *литсензия и франшизаҳо;*
- *ҳуқуқи муаллифӣ, патент ва дигар ҳуқуқҳо ба моликияти саноатӣ, ҳуқуқи хизматрасонӣ ва истифода;*
- *ретсептҳо, формулаҳо, моделҳо, нақшаҳо ва прототипҳо;*
- *дороиҳои ғайримоддии бунёдшаванда.*

***Принсипҳои баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ***

1. ***Баҳодиҳӣ ва эътироф*** Дороиҳои ғайримоддӣ ҳам аз ташкилотҳои дигар харида мешаванд ва ҳам худи ширкат метавонад онҳоро бунёд намояд. Дар ҳар ҳолат дороиҳои ғайримоддӣ саравал бо арзиши аслӣ баҳо дода мешаванд. Арзиши аслӣ ҳама гуна ха-

роҷоти харид ё бунёднамоии дороии ғайримоддиро (нархи харид, хароҷоти нақл, хароҷоти ҳуқуқӣ ва ғ.), инчунин хароҷоти тайёрнамоии дороиро барои истифодабарӣ дарбар мегирад. Дар ҳолати хариди дороиҳои ғайримоддӣ ба ивази дигар дороиҳо ё саҳмияҳо, арзиши аслии дороиҳои ғайримоддӣ ҳамчун арзиши одилонаи бозории моликияти додашуда ё дороии қабулмешуда вобаста аз он, ки кадоме аз онҳо ба таври боварииоктар муайян карда мешаванд, дониста мешавад.

Дороии ғайримоддӣ эътироф мегардад, агар:

- суди иқтисодии оянда аз он эҳтимолӣ бошад;
- арзиши дороӣ ба таври боваринок баҳо дода шавад.

2. ***Баҳодиҳии минбаъда.*** Пас аз эътирофи ибтидоӣ дороии ғайримоддӣ бо арзиши аслӣ тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ва зарари ҷамъшуда аз камнархшавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. СБҲМ тартиби алтернативии баҳисобгирии дороиҳои ғайрмоддиро иҷозат медиҳанд: пас аз эътирофи ибтидоӣ дороиҳои ғайримоддиро метавон бо арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гирифт. Арзиши азнавбаҳододашуда – ин арзиши одилона дар санаи азнавбаҳодиҳӣ бо тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ва зарари ҷамъшуда аз камнархшавӣ аст. Азнавбаҳодиҳӣ бояд ба таври мунтазам бо мақсади пешгирии фарқияти муҳими арзиши тавозунӣ аз арзиши бозорӣ гузаронида шавад.

3. ***Мӯҳлати хизмат.*** Мӯҳлати хизмати дороиҳои ғайримоддӣ вобаста аз омилҳои зерин муқаррар мегардад:

- низоми муқарраргардида (ҳуқуқӣ, танзимӣ, шартномавӣ), ки мӯҳлати хизматро маҳдуд менамояд;
- истифодаи интизории дороӣ аз ҷониби ширкат ва имконияти истифодаи самараноки дороӣ аз ҷониби гурӯҳи дигари идоракунандагон;
- сикли намунавии фаъолияти дороӣ ва ахбороти нашргардида оиди баҳодиҳии мӯҳлати хизмати судманди дороиҳои монанд;
- шароитҳои навкунӣ ё дарознамоии мӯҳлати хизмат;
- истеҳлок, талабот ва дигар омилҳои иқтисодие, ки мӯҳлати хизматро ихтисор менамоянд;
- амали интизории рақибон ва пайдоиши маҳсули нав, ки қобилияти рақобаттобоварии дороиро маҳдуд месозанд.

Мӯҳлати хизмати судманди дороиҳои ғайримоддӣ мувофиқи СБҲМ набояд аз 20 сол зиёд бошад. Аммо, дар ҳолатҳои истисноӣ ширкатҳо метавонанд мӯҳлати зиёда аз 20 солро исти-

фода баранд, агар барои ин далелҳои мӯътамади инкори мӯҳлати СБҲМ муқаррарнамуда мавҷуд бошад. Омилҳои гуногуни иқтисодиву ҳуқуқӣ, ки ба мӯҳлати хизмати дороиҳои ғайримоддӣ таъсир мерасонанд, вуҷуд дошта метавонанд. Омилҳои иқтисодӣ давраи гирифтани фоидаи иқтисодиро аз дорой муайян менамоянд. Омилҳои ҳуқуқӣ – давраи фоидагирии ширкатро аз ин дорой маҳдуд месозанд. Мӯҳлати хизмати фоиданок давраи кӯтоҳтарро аз ин давраҳо ифода менамояд.

4. ***Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ.*** Арзиши дороиҳои ғайримоддӣ ба таври мунтазам дар давоми мӯҳлати хизмати судманди дороиҳо аз ҳисоб бароварда мешавад. Ин амалро принсипи мувофиқат, ки инъикоси яквақтаи хароҷоти баамаломада ва фоидаи гирифташавандаро зарур мешуморад, талаб мекунад. Истеҳлк бо огози истифодабарии дорой ба амал бароварда мешавад. Мувофиқи СБҲМ, усули истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ ***усули ростхата*** аст. Дар афзалият аз воситаҳои асосӣ, нисбати дороиҳои ғайримоддӣ усули бевоситаи ҳисобкунии итсеҳлокро истифода мебаранд, яъне ҳисоби контрдороии ҷамъкунии истеҳлок истифода намешавад.

5. ***Камшавии арзиши дороиҳои ғайримоддӣ***. Дар ҳолати зиёд будани арзиши ҷорӣ аз фоиданокии иқтисодӣ, фарқиятро (арзиши истеҳлкнашударо) ба зарар бо мақсади камкунии арзиши дорой мегузаронанд.

6. ***Хориҷшавии дороиҳои ғайримоддӣ***. Арзиши истеҳлкнашудаи дороии ғайримоддиро аз тавозуни муҳосибӣ ҳангоми хориҷшавии он дар ҳолати интизорӣ набудани гирифтани фоидаи иқтисодӣ аз истифодабарӣ ё хориҷшавии минбаъдаи он мебароранд. Фоида ё зарар аз барҳамдиҳӣ ё хориҷшавии дигари дорой ҳамчун фарқи байни даромади софи хориҷшавӣ ва арзиши тавозунии дорой муайян карда мешавад. Ва он ҳамчун даромад ё хароҷот аз фаъолияти ғайриасосӣ (ғайриамалиётӣ) дар ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф мешавад.

## 6.2. Баҳисобгирии ҳаракати дороиҳои ғайримоддӣ

***Дороии ғайримоддӣ*** *– ин дороии баробаркардашавандаи ғайрипулиест, ки шакли моддӣ надошта, барои истифода дар истеҳсолот ё пешкаш кардани мол (хизмат) барои ба иҷора додан ва барои мақсадҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд.*

**Ҳисобҳои 11300 «Дорои ғайримоддӣ»** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати дороии ғайримоддӣ пешбинӣ шудаанд.

Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаро барои баҳисобгирии дороии ғайримоддии аз рӯи гурӯҳҳои бештар муҳим пешбинӣ менамоянд:

*11310 Ҳуқуқи истифодабарии замин*
*11320 Гудвилл*
*11330 Патент, литсензия (иҷозатнома), франшиза*
*11340 Нишони молӣ*
*11350 Ҳуқуқи муаллиф*
*11360 Таъмини барномавӣ*
*11370 Дигар дороиҳои ғайримоддӣ*
*11390 Фарсудашави ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ*

Хароҷот барои тайёр кардан ва харид намудани дороиҳои ғайримоддӣ эътироф карда мешавад, вақте ки онҳо ба қоида ва меъёрҳои эътирофи дороии ғайримоддӣ, ки дар бандҳои 8-17 ва 21-23 СБҲМ (IAS) 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ» оварда шудаанд, ҷавобгӯ бошанд. Хароҷоти ба қоида ва меъёрҳои эътирофи дороиҳои ғайримоддӣ ҷавобгӯ набуда, дар баҳисобгирӣ ҳамчун хароҷоти давраи ҳисоботӣ инъикос меёбанд.

Арзиши аслии дороии ғайримоддии дар дохил бунёдгардида, мувофиқи СБҲМ 38, дарбар мегирад:

- *хароҷоти масолеҳ ва хизмати ҳангоми бунёднамоии дороии ғайримоддӣ истифодашуда ё сарфшуда;*
- *музди меҳнат, маош ва дигар хароҷоти бо коргарони бевосита бо бунёднамоии дорои машғулбуда вобаста;*
- *ҳама гуна хароҷоти бевосита, ба монанди боҷи қайднамоии ҳуқуқӣ ва истеҳлоки патенту литсензияҳои барои бунёднамоии дороӣ истифодагардида; ва*
- *хароҷоти иловагие (накладные расходы), ки барои бунёднамоии дороӣ зарур аст ва бо асоси оқилона ва мунтазам ба дороӣ гузаронида мешавад.*

Хароҷоти зерин ба арзиши аслии дороии ғайримоддии дар дохил бунёдгардида ҳамроҳ карда намешаванд:

- *хароҷоти иловагии савдоӣ, маъмурӣ ва ғайраи умумӣ, ба ғайр аз онҳое, ки бевосита ба тайёркунии дороӣ барои истифодабарӣ дахл доранд;*

- *бесамарии яқин муайянкардашаванда ва зарари ибтидоии амалиётие, ки барои бадастории нишондиҳандиҳои нақшавии кории дорои ба амал омадааст; ва*
- *хароҷоти тайёркунии кормандони истифодабарандаи дороӣ.*

Хароҷоти коркарди таъминоти барномавие, ки барои фурӯш ё иҷорадиҳӣ таъин гардидааст, ҳамчун хароҷоти давра аз ҳисоб бароварда мешавад. Хароҷоти истеҳсоли намунаҳои ҳақиқии маҳсулот, ки барои истифодабарӣ истеҳсол мегарданд, сармоякунонӣ шуда, бо усули ростхатта дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди таъминоти барномавӣ аз ҳисоб бароварда мешаванд.

*Аз рӯи дебети ҳисобҳои 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ»* арзиши аслии хариди дороиҳои ғайримоддӣ инъикос меёбад. Арзиши аслии харид, нархи харид, аз ҷумла боҷи воридотӣ ва андозҳои ҷуброннашуда барои харид ва инчунин хароҷоти бевосита барои омода намудани дороӣ ба истифодабарии тахмин мерафтагиро (мисол, ҳаққи қалами касбӣ барои хизматрасонии ҳуқуқӣ) дарбар мегирад. Арзиши хариди бо асъори хориҷӣ ифодаёфта аз рӯи дебети ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» бо сомонӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллӣ дар лаҳзаи иҷроиши амалиёт бо асъори миллӣ инъикос меёбад.

Ҳангоми хариди дороиҳои ғайримоддӣ бо шартҳои мавқуфгузории пардохт ба даврае, ки аз шартҳои муқаррарии қарз қарздиҳӣ зиёд аст, арзиши аслии онҳо баробар бо эквиваленти нарх ҳангоми пардохти фаврӣ бо пули нақд қабул карда мешавад. Арзиши аслӣ аз рӯи дебети 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» дар мукотибот бо ҳисобҳои 22600 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддат» инъикос меёбанд. Фарқият байни ин бузургӣ ва пардохтҳои маҷмӯӣ ҳамчун хароҷот барои пардохти фоизҳо дар давоми давраи қарздиҳӣ эътироф карда мешавад.

Агар хароҷот аз рӯи фоиз тибқи СБҲМ 23 (IAS) «Хароҷот аз рӯи вомҳо» ба сармоя табдил дода шаванд, онгоҳ маблағи хароҷот аз рӯи фоиз, аз рӯи дебети ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22260 «Фоизҳо барои пардохт» инъикос меёбад.

Ба дороиҳои ғайримоддии бебозгашт (ба сифати хадя) гирифташуда, ки аз ҷониби ҳадякунанда қабули он бо ягон қайду шарт маҳдуд карда нашудааст, аз рӯи арзиши одилона дар санаи гирифташуда баҳо дода мешаванд ва дар баҳисобгирӣ бо *дебети ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ»* инъикос меёбанд.

Доронхон ғайримоддии бебозгашт (ҳадя) гирифташуда аз рӯи арзиши одилона баҳо дода мешаванд ва дар ҳисобгирӣ аз рӯи яке аз ду усули бо банди 24-и СБҲМ 20 (IAS) «Ҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба кӯмаки давлатӣ» пешбинишуда инъикос меёбанд. Ҳар ду усул ҳамчун алтернативаҳои қобили қабул дида баромада мешаванд, аммо аз нуқтаи назари ташкили баҳисобгирӣ, усули баҳисобгирии кӯмаки моддӣ ба сифати даромади давраҳои оянда пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон арзиши одилонаи дороиҳои ғайримоддӣ аз рӯи дебети ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22700 «Даромадҳои мавқуфгузошта» инъикос меёбад. Дар як вақт мукотиботи ҳисобҳо аз рӯи ҳисобкунии истеҳлоки дороии ғайримоддӣ бо мукотиботи ҳисобҳо аз рӯи эътирофи даромад аз кӯмаки моддӣ дар маблағи истеҳлоки ҳисобкардашуда дода мешавад.

*Д[1] 22700 «Даромади мавқуфгузошта»*

*К[1] 66070 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ»*

Ба ин монанд, дороиҳои ғайримоддие, ки субъект аз ҳисоби кӯмаки пулӣ дарёфт намудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳамзамон воситаҳои пулии ба сифати кӯмак гирифташуда аз рӯи *дебети ҳисобҳои воситаҳои пулӣ (ҳисоби 10100 ва 10200) дар мукотибот бо ҳисоби 22700 «Даромади мавқуфгузошта»* ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Арзиши аслии дороии ғайримоддӣ, ки худи субъект бунёд кардааст (дороии дар дохил ташкил кардашуда) тамоми хароҷотҳое, ки метавонанд бевосита барои ташкил, истеҳсол ва омода сохтани дороӣ барои истифодаи он аз рӯи таъинот дар асоси пайдарҳамӣ тақсим шудаанд ё мансуб дониста шудаанд, дарбар гирад. Дороии ғайримоддии дар дохил сохташуда дар баҳисобгирӣ аз санаи меъёрҳои эътироф дар бандҳои 21-22 ва 51-52-и СБҲМ (IAS) 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ» эътироф карда мешавад. Хароҷоти барои тадқиқ ва коркард, ки то лаҳзаи эътирофи дороии ғайримоддӣ сарф гардидааст, аз арзиши дороии ғайримоддӣ зиёд нестанд, онҳо чун хароҷоти давра эътироф карда мешаванд ва дар ҳисоби алоҳидаи 55320 «Хароҷот барои тадқиқот ва коркардҳои илмӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

*Аз рӯи кредити ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ»* арзиши дороиҳои ғайримоддӣ дар лаҳзаи хориҷшавии онҳо дар натиҷаи фурӯш, мубодила ё баровардан аз истифодаи фаъолона (аз ҳисоббарорӣ) эътироф карда мешаванд. Ҳангоми аз ҳисоб баро-

вардани дороии гайримоддӣ ҳисобҳои баҳисобгирии арзиши дорӣ ва истеҳлоки он маҳкам карда мешаванд.

Тартиби инъикос дар баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ аз тарзи хориҷшавии онҳо вобастааст.

Аз ҳисоб баровардани дорои гайримоддӣ дар натиҷаи қатъ гардидани истифодабарӣ ба таври зерин гузаронида мешавад:

- ҳисобҳои баҳисобгирии арзиши дороии гайримоддӣ (11300) ва фарсудашавии ҳисобкардашуда (11590) маҳкам карда мешаванд, бақияи (агар он бошад) арзиши тавозунӣ ба дебети ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои гайримоддӣ» навишта мешавад.

Аз ҳисоб баровардани дороиҳои гайримоддии фурӯхташуда ба таври зерин гузаронида мешавад:

| НОМИ ҲИСОБ | № ҳисоби мукотиботӣ | МАБЛАҒ | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | 10100 | *** | |
| Воситаҳои пулӣ дар бонк | 10200 | *** | |
| Дигар қарздории дебиторӣ | 10590 | *** | |
| Истеҳлоки ҷамъшудаи ДҒМ | 11390 | *** | |
| Дороии гайримоддӣ | 11300 | | *** |

Ҳамзамон, агар маблағи дебет аз маблағи кредит (фоида) зиёд бошад, онгоҳ фарқиятро ба кредити ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» инъикос мекунанд, вале агар баръакс бошад (зарар), ба дебети ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» мебаранд.

Мӯҳлати хизмати муфиди дороии ғайримоддӣ набояд аз бист сол аз лаҳзае, ки дорӣ барои истифодабарӣ омодааст ё давраи амалӣ субъект баланд бошад. Арзиши барҳамдиҳии дороии ғайримоддӣ ҳангоми ҳисобу китоби маблағи истеҳлок одатан баробар ба нол (сифр) қабул карда мешавад.

Баъди эътирофи нахустин дороиҳои гайримоддӣ дар баҳисобгирӣ тибқи сиёсати баҳисобгирии субъект ба ҳисоб гирифта мешаванд;

а) аз рӯи арзиши аввала аз нав баҳододашуда, ки ба санаи азнавбаҳодиҳӣ арзиши одилонаи он мебошад, баъди ҳисоб карда баровардани ҳар як истеҳлоки ҳисобкардашудаи минбаъда ва зарарҳои ҷамъшудаи минбаъда аз коҳишёбии арзиш. Баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ аз рӯи арзиши аз нав баҳододашуда

танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки агар барои дорони мазкур бозори фаъол вуҷуд дошта бошад, ки қоидаи бозори фаъол дар банди 8-и СБҲМ (IAS) 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ» оварда шудааст.

Агар тибқи амалиёти баҳисобгири азнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайримоддӣ гузаронида шавад, ҳар як истеҳлок ба санаи азнавбаҳодиҳӣ ҳисоб карда шуда метавонад:

1) мутаносибан ба тағйирёбии арзиши тавозунии дороӣ то ҳисоб карда баровардани истеҳлок тавре аз нав ҳисоб карда шавад, ки баъди азнавбаҳодиҳӣ арзиши тавозунӣ бояд ба арзиши азнав баҳододашуда баробар карда шавад.
2) дар муқобили арзиши тавозунии дороӣ то аз ҳисоб баровардани истеҳлок аз ҳисоб бароварда шавад, бузургии соф бошад, то арзиши азнавбаҳододашудаи дороӣ аз нав ҳисоб карда мешавад.

Агар арзиши тавозунии дороии ғайримоддӣ дар натиҷаи аз навбаҳодиҳӣ зиёд шавад, он гоҳ ин зиёдшавӣ аз рӯи кредити ҳисоби 33130 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар» дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ» дар он андозае, ки дар он зарарҳои пеш эътирофшудаи камшавии арзиши тавозуниро аз азнавбаҳодиҳӣ ҷуброн мекунад, инъикос меёбад.

Агар арзиши тавозунии дороии ғайримоддӣ дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ кам шавад, онгоҳ ин камшавӣ аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» инъикос меёбад. Маблағи камшавии арзиши тавозунӣ дар натиҷаи азнав баҳодиҳӣ аз зерҳисоби мувофиқи ҳисоби 33130 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар» тарҳ карда мешавад, аммо дар ҳудудҳое, ки дар онҳо камшавӣ аз бузургии зерҳисоби мазкур дар нисбати ин дороӣ зиёд нест. Маблағи фарқият (дар мавриди пайдошавӣ) дар дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» инъикос меёбад.

Аз рӯи вазъият ба ҳар як санаи ҳисоботӣ субъект бояд мавҷуд будани ҳар як аломати ба коҳишёбии арзиши имконпазирии дороии ғайрнмоддиро тибқи СБҲМ (IAS) 36 «Беқурбшавии дороиҳо» ишорашавандаро баҳо диҳад. Дар ҳолати маълум намудани чунин аломат субъект бояд маблағи пурра кардани дороиро баҳо диҳад. Агар арзиши тавозунии дороии ғайримоддӣ аз арзиши пурракунии он зиёд бошад, зарар аз коҳишёбии арзиши дороӣ эътироф карда мешавад.

Вобаста аз талаботи амалӣ, барои ҷамъбасти иттилоот оид ба камшавии арзиши дороиҳои ғайримоддӣ дар натиҷаи беқурбшавӣ, ташкилот метавонад ҳисобҳои аҳдномавиро ба ҳисобҳои истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ истифода барад – ҳисоб «Зарари ҷамъшуда аз коҳишёбии арзиш ».

Зарар аз коҳишёбии арзиш аз рӯи дебети ҳисоби 66130 «Зарар аз коҳишёбии арзиш» дар мукотибот бо ҳисобҳои истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ (ё дар мукотибот бо ҳисоби «Зарари ҷамъшуда аз коҳишёбии арзиш») инъикос меёбад.

Барои дороиҳои ғайримоддие, ки аз рӯи арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гирифта мешудаанд, маблағи зарар аз коҳишёбии арзиш аз кредити хисоби 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ» ба дебети ҳисоби 33130 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дигар дороиҳо» дар маблағе, ки аз бузургии азнавбаҳодиҳии дорои мазкур зиёд нест навишта мешавад. Дар ҳолати пайдо шудани фарқият ба дебети ҳисоби 66170 «Диғар хароҷоти ғайриамалиётӣ» бурда мешавад.

Баъди эътирофи зарар аз коҳишёбии арзиш, арзиши тағйирёфтаи тавозунии дорои ғайримоддӣ дар асоси пайдарҳамӣ барои ҳисоб кардани истеҳлоки дар давоми мӯҳлати боқимондаи хизмати муфиди дороӣ тақсим карда мешавад.

Бо мақсади ҳисоб кардани истеҳлоки объектҳои муайян ташкилотҳо метавонанд ҳисоби 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ»-ро, ки барои ҷамъбасти иттилоот оид ба истеҳлоки ҳангоми истифодабарии объектҳои дороиҳои ғайримоддии субъект ҳисоб карда, пешбинӣ шудаанд, истифода баранд. Ташкилотҳо метавонанд тарзи бевоситаи истеҳлокро аз рӯи дороихои ғайримоддӣ истифода баранд, яъне контрҳисобҳоро (зиддиҳисобро) истифода набурда, ҳисоби истеҳлокро бевосита ба кредити ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» нависанд.

Ҳисоб кардани истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ аз рӯи ҳисоби 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ» (ҳангоми тарзи бавосита) инъикос меёбад ё ба кредити ҳисоби 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» (ҳангоми тарзи бевосита) дар мукотибот бо ҳисобҳои;

- 10730 «Истеҳсолоти нотамом», агар истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ ба хароҷот аз рӯи коркарди захираҳо дохил карда шавад;

- 55270 «Харочот аз рӯи фарсудашавӣ ва истеҳлок» агар дороиҳои ғайримоддӣ дар чараёни фурӯши мол, корҳо, хизмати истифода бурда шаванд;
- 55322 «Харочоти истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ», агар дороиҳои ғайримоддӣ бо мақсадҳои маъмурӣ истифода бурда шаванд ва ҳ.

Усулҳои ҳисоб кардани истеҳлок дар асоси нақшаи тахминии гирифтани фоидаи иқтисодӣ аз дороӣ интихоб карда мешаванд ва тадричан давра ба давра истифода бурда мешаванд. Агар фақат ин нақшаи тахминии гирифтани фоида аз истифодабарии дороӣ тағйир наёбад.

Барои пай дар пай навиштани (аз ҳисоб баровардани) маблағи истеҳлоки дороии ғайримоддӣ дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди он бо чунин усулҳо истифода бурда мешавад: усули баробар ҳисобкунӣ, усули бақияи камшаванда ва усули чамъи рақамҳо.

Аммо СБҲМ усули ҳисоб кардани истеҳлоки дороиҳои ғайримоддиро бо усули азҳисоббарории мунтазам (ростхата) афзалтар мешуморад. Онро ба инобат гирифтан зарур аст, ки нисбати дороиҳои ғайримоддӣ усули бевоситаи истеҳлок истифода бурда мешавад, яъне дар баъзе мавридҳо ҳисоби 11390 «Истеҳлоки чамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ» истифода бурда намешавад.

## 6.3. Баҳисобгирии «Гудвилл» ё «нархи ширкат»

***Гудвилл (goodwill) ё «нархи ширкат»,*** дар худ мисоли возеҳтарини дороии аз ширкат чудонашавандаро, ки истифодабарии алтернативӣ ва арзиши минбаъдаи муайянро надорад, ифода мекунад.

Маъмулан ҳангоми хариди ширкати дигар фарқ байни нархи ширкат ва дороиҳои он пайдо мешавад. Вақте, ки ширкати дигар харида мешавад, дороиҳои он ба дороиҳои ширкати харидор ҳамроҳ карда мешаванд. Маблағи боқимонда аз рӯи имконият ба нархи дороиҳои харидашуда барои то ба нархи бозорӣ баробар кардани он тақсим карда шуда, қисмати тақсимношуда ҳамчун гудвилл инъикос мегардад. Ин қисми тақсимношудаи арзиши дороиҳои ширкати харидашуда бояд ҳамчун дороӣ инъикос гардад, зеро мувофиқи принсипҳои баҳисобгирӣ дар ҳолати харчи воситаҳо бо мақсади бадастории фоидаиояндаи иқтисодӣ онҳоро мебояд сармоя кунонида ба давраҳои ҳисоботии оянда гузаронид.

Ҳамин тариқ, *гудвилл* – арзишест, ки аз тавсифи хуби ширкат бармеояд ва даромадро меафзояд. Гудвилл асосан аз тавсифҳои хуби зерини ширкати харидашаванда ба вуҷуд меояд:

- самаранокии истеҳсолот;
- ҷойгиршавӣ дар макони муваффақиятнок;
- гурӯҳи мутахассисони идоракунандаи касбӣ;
- ҷараёни махфии истеҳсолот;
- рейтинги баланди боварӣ;
- талаботи калон ба маҳсулоти ширкат;
- обрӯю эътибори мусбии ширкат ва ғ.

***Гудвилл*** *– ин фарқи мусбии байни нархи ҳақиқии хариди ширкат ва арзиши одилонаи бозории дороиҳои он буда, ҳамчун дороӣ инъикос мегардад.*

Усули муҳими ҳисобкунии арзиши ширкат ин баҳодиҳии қобилияти фоидагирии он аст. Барои ин мебояд корҳои зеринро иҷро кард:

- баҳо додани фоидаи имконпазири оянда;
- муайян кардани сатҳи муқаррарии даромаднокии ширкат;
- муайян кардани бузургии фоидаи муқаррарӣ;
- муайян кардани фоидаи иловагӣ;
- ҳисоб кардани арзиши гудвилл.

Ин муносибат ҳамчун ***усули фоидаи иловагӣ*** маълум аст.

Дар амалия, ҳолатҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки нархи ширкат аз арзиши умумии дороиҳояш паст аст. Ин ҳолатҳо ҳангоми:

- фурӯши маҷбурӣ;
- қобилияти хуби савдокунии харидор;
- номуташаккилӣ ё нотакмилии бозор;
- бесамарии идоракунӣ, ба миён меоянд.

Ин вазъият ҳамчун «ғудвилли манфӣ» ё «бэдвилл» маълум аст. Ҳангоми бавуҷудоии бэдвилл арзиши қиматҳои ширкати харидашударо ба таври мутаносибан кам мекунанд.

## 6.4. Баҳисобгирии хароҷотҳои ташкилӣ, тадқиқот ва коркади илмӣ. Захираҳои табиӣ

СБҲМ 38: ***Тадқиқот*** *- ин таҳқиқи аслӣ ё нақшавиест, ки бо мақсади бадастории донишҳо ва афкорҳои нави илмиву техникӣ ба амал бароварда мешавад.* ***Коркардҳо*** *– ин истифодабарии натиҷаҳои*

*тадқиқот ё донишҳои дигар ҳангоми банақшагирӣ ё бунёдсозии масолеҳ, воситаҳо, маҳсулот, ҷараёнҳо, низомҳо ё хадамоти нав ё мукаммал то саршавии истеҳсолот ё истифодабарии тиҷоратии онҳо мебошад.*

Дороии моддие, ки дар рафти тадқиқот ба вуҷуд меояд, эътироф нагардида, хароҷоти бунёди он ҳамчун хароҷоти давра эътироф мегардад.

Мисолҳои фаъолияти тадқиқотӣ:

- тадқиқоти лабораторӣ, ки барои бадасторин маҳсулотҳои нав равона гардидааст;
- ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ ва интихоби ниҳоии истифодабарии натиҷаҳои тадқиқот;
- ҷустуҷӯи намудҳои нави масолеҳ, воситаҳо, маҳсулот, низомҳо ва хадамот;
- тасвияти мафҳумҳо ва коркарди маҳсулоти оянда ё вариантҳои истеҳсолӣ.

Мисолҳои фаъолият оиди коркард:

- лоиҳакашӣ, тартибдиҳӣ ва санҷиши моделу намунаҳои тоистеҳсолӣ, маҳсулот, ҷараёнҳо, низомҳо ё хадамоти алтернативии интихобшуда;
- коркарди асбобҳо, шаблонҳо, шаклҳои маъдангудозӣ, матритсаҳо, аз ҷумла технологияи нав;
- лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии дастгоҳи таҷрибавӣ.

Дар амалия, дар аксари ширкатҳо хароҷоти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ (НИОКР) бо мақсади афзоиши фоидаи оянда ба нақша гирифта шуда, ба амал бароварда мешаванд. Аз ин рӯ, аксари муҳосибон, чунин мешуморанд, ки ин хароҷотро мебояд сармоягузорӣ намуд, гарчанде, ки бисёре аз тадқиқотҳо бенатиҷа ба анҷом мерасанд, ё натиҷаҳои коркардро на ҳама вақт истифода бурдан ҷоиз аст. Бо сабаби мавҷудияти ин гуна номуайянӣ, СБҲМ ба сифати хароҷоти давра аз ҳисоб баровардани ин хароҷотро тавсия менамоянд.

Хароҷоти бунёднамоии дохилии нишонаҳои молӣ, ҳуқуқи муаллифӣ ва дороиҳои монанд, ки аз хароҷоти тараққии умумии ширкат фарқ намекунанд, ба сифати дороии ғайримоддӣ эътироф карда мешаванд.

***Захираҳои табиӣ (natural resources)*** дороиҳои камшаванда буда, бо роҳи истихроҷи ҷисмонӣ онҳо харҷ мегарданд. Хусусияти фарққунандаи захираҳои табиӣ дар он аст, ки онҳо ҳангоми истихроҷ ба захираҳои моддӣ мубаддал мегарданд. Ба захираҳои

табиӣ ҷангалзорон, нафт, газ, маъдану дигар канданиҳои фоиданок дохил мешаванд. Муаммоҳои баҳисобгирии захираҳои табиӣ:

- муайянкунии арзиши захираҳои истихроҷшаванда, яъне муайянкуни он, ки кадоме аз хароҷот бояд сармоягузорӣ шавад;
- азҳисоббарории арзиши захираҳои табиӣ, яъне, аз рӯи кадом меъёр ин дороихо бояд истеҳлок гарданд.

Арзиши захираҳои табиии дар давоми давраи ҳисоботӣ харҷшаванда камшавӣ номида мешавад. Камшавӣ на танҳо маънои тамомшавии захираҳои табииро дорад, балки маънои ба таври мутаносибан гузаронида шудани арзиши онҳоро ба захираҳои истихроҷшуда низ дорад. Хароҷот бо усули истеҳсолии истеҳлок тақсим карда мешавад.

Захираҳои табиӣ дар ҳисобгирӣ аз рӯи арзиши харид инъикос гардида, ба қадри истихроҷи захираҳо арзиши онҳо кам мегардад.

Ҳангоми харид ё коркарди захираҳои табиӣ нишондиҳандаи ҳисобии бузургии захираҳоро бо тонна, баррел ё метри кубӣ муайян карда мешаванд. Арзиши як воҳид захираи истихроҷгашта баробар аст ба:

$$\frac{\textit{Арзиши захираҳо – арзиши барҳамдиҳии захираҳо}}{\textit{Бузургии ҳисобии захираҳо}}$$

Маблағи камшавӣ барои ҳама гуна давра баробари миқдори воҳидҳои истихроҷгардидаи захираҳо зарби меъёри воҳиди камшавӣ аст. Дар ин ҳангом, ҳисобҳои мувофиқи хароҷот ё захираҳои истихроҷгардида дебитонида шуда, ҳисоби мувофиқи камшавии дороӣ кредитонида мешавад. Захираҳои истихроҷгардида ҳамчун захираҳои моддиву молӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Маблағи камшавӣ дар кредити дороиҳои камшаванда навишта шуда, бе ҳеҷ ваҷҳ дар кредити ҳисоби камшавии ҷамъшуда инъикос намегарданд.

## 6.5. Баҳисобгирии дороиҳои биологӣ

***Гурӯҳи ҳисобҳои 11400 «Дороиҳои биологӣ»*** - барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати дороиҳои мансуб ба субъект дар асоси ҳуқуқи моликият ё бо шартҳои иҷораи молиявӣ ба иҷора гирифташуда, ки бо фаъолияти хоҷагии қишлоқ – дороиҳои биологӣ (ҳайвонот ё растанӣ) алоқаманд, пешбинӣ шудаанд.

Фаъолияти хоҷагии қишлоқ намудҳои гуногуни фаъолиятро дарбар мегирад; чорводорӣ, растанипарварӣ, хоҷагии ҷангал,

ҷамъоварии ҳосил як маротиба дар як сол, ё дар давоми тамоми сол сабзонидани боғҳо ва ниҳолҳо, гулпарварӣ, моҳидорӣ, парвариши захираҳои биологӣ.

Аз рӯи тавсифҳои асосӣ (мисол аз рӯи синну сол ва сифат) ҳайвонот ва растаниҳо ба гурӯҳи дороиҳои биологӣ бо фарқиятҳои истеъмолшаванда ва маҳсуловар, пухтагӣ ва хом муттаҳид мешаванд.

*Дороиҳои биологии истеъмолшаванда* – ин дороиҳое мебошанд, ки дар намуди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ҷамъ мешаванд ё дар намуди дороиҳои биологӣ фурӯхта мешаванд. Мисоли дороиҳои биологии истеъмолшаванда: чорвои калони шохдор барои гӯшт, чорвои барои фурӯш пешбинишуда; моҳӣ дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ, инчунин растаниҳои галладона, ба монанди ҷуворимакка ва гандум ва дарахтоне, ки бо мақсади тайёр кардани чӯбу тахта парвариш карда мешаванд.

*Дороиҳои биологии пухтагӣ (хосилдиҳанда)* – дороиҳое мебошанд, ки ба ягон бузургиҳо расидаанд, ки имконияти ҷамъоварии маҳсулотро медиҳанд (дороиҳои биологии истеъмолшаванда), ё метавонанд ҷамъоварии махсулотро мунтазам таъмин намоянд (дороиҳои биологии махсуловар).

Нақшаи ҳисобҳо ба гурӯҳи ҳисобҳои 11400 «Дороиҳои биологӣ» ҳисобҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

*11410 – Ҳайвонот (дороиҳои биологии истеъмолӣ)*

*11420 – Ҳайвонот (дороиҳои биологии маҳсуловар)*

*11430 – Растаниҳо (дороиҳои биологии истеъмолӣ)*

*11440 – Растаниҳои махсуловар*

*11450 – Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ба ҳисоб гирифташаванда*

*11460 – Дигар дороиҳои биологӣ*

Тибқи банди 45-и СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» субъектхо метавонанд ҳисобҳои ҷузъӣ (таҳлилӣ)-ро илова ба ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» кушоянд (мисол, растаниҳои маҳсуловари пухтагӣ, растаниҳои маҳсуловари нопухта (хом).

Сараввал дороиҳои биологӣ дар натиҷаи дарёфткунӣ (харид, мубодила ва ғайра) ё дар натиҷаи шакливазкунии биологӣ, ки дар ихтиёри субъекти дороиҳои биологӣ ҳаст (мисол, таваллуди ҳайвонот) аз рӯи арзиши одилона, бо истиснои (кам кардани) хароҷоти тахминии фурӯш, эътироф карда мешаванд. Хароҷоти фурӯш подошпулии комиссионӣ ба брокерон, миёнаравҳо, боҷҳои мақомоти танзимкунанда, биржаҳои молӣ, андоз ва боҷу хироҷ барои

интиколи моликиятро дарбар мегиранд. Фоидаи ҳангоми бори аввал эътироф кардани дороиҳои биологӣ пайдошуда аз рӯи арзиши одилона бо баровардани хароҷоти тахминии фурӯш аз рӯи кредити ҳисоби 44110 «Фоида (зарар) аз эътирофи ибтидоии дороиҳои биологӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» инъикос меёбад.

Арзиши воқеии дороии биологӣ, бо истисноп (кам кардани) хароҷоти тахминии фурӯш, метавонад вобаста бо тағйиротҳои ҳам физикии хосиятҳои дороӣ ва ҳам нархҳо дар бозор иваз шавад.

Ҳар як тағйироти хосияти ҷисмонӣ (физикӣ) - баландшавӣ, истеҳсоли маҳсулот ва такрористеҳсолкунӣ-мушоҳида ва баҳодиҳӣ карда мешавад. Аз рӯи ҳолат ба ҳар як санаи ҳисоботӣ дороии биологӣ аз рӯи арзиши одилона бо баровардани хароҷоти тахминии фурӯш баҳо дода мешавад. Тағйироти арзиши ҳаққонии дороӣ маблағи даромадро аз дороии биологӣ кам ё зиёд мекунад ва аз рӯи дебет ё кредити ҳисоби 44130 «Фоида (зарар) аз тағйирёбии арзиши воқеии дороиҳои биологӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» инъикос меёбад.

Тағйироти арзиши одилонаи дороии биологӣ, ки вобаста ба ҷамъоварии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба миён меояд, низ тағйирёбии хусусиятҳои ҷисмонӣ (физикӣ) мебошад. Барои дороиҳои биологии истеъмолшаванда дар лаҳзаи ҷамъоварии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ арзиши тавозунии дороии биологӣ дар кредити ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» навишта мешавад.

Дороиҳои биологӣ дар натиҷаи фурӯш, мубодила, барҳамдиҳӣ бояд аз тавозуни муҳосибӣ бароварда шаванд.

Дар баҳисобгирӣ тартиби инъикосёбии хориҷшавии дороиҳои биологии барҳамдодашуда бо тарзи зерин гузаронида мешавад:

- арзиши тавозунии дороии биологӣ ба ҳисоби хароҷоти амалиётӣ ё ғайриамалиётӣ вобаста аз он, ки субъект чи тавр амалиётҳои дороиҳои биологиро тасниф мекунад;
- хароҷот аз рӯи барҳамдиҳии дороии биологӣ аз рӯи дебети ҳисобҳои хароҷоти амалиётӣ ё ғайриамалиётӣ вобаста аз он, ки субъект амалиёти дороиҳои биологиро дар мукотибот бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт», 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» ва ҳоказо, чи тавр тасниф мекунад, инъикос меёбанд.

Аз ҳисоб баровардани дороиҳои биологии фурӯхташуда бо тарзи зерин, вобаста аз он, ки субъект чи тавр амалиётҳои дороиҳои биологиро тасниф мекунад, гузаронида мешавад:

- маблағи фурӯши дороии биологӣ аз рӯи дебети ҳисобҳои 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина», 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк», 10400 «Қарздории дебитории тиҷоратӣ» дар мукотибот бо ҳисобҳои 44000 «Даромад аз фаъолияти амалиётӣ» ва 22320 «Андоз аз арзиши иловагӣ (ААИ) барои пардохт» инъикос меёбад;
- арзиши тавозунии дороии биологӣ ба ҳисоби арзиши аслии фурӯш навишта мешавад, ё
- маблағи фурӯш аз рӯи дебети ҳисобҳои 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина», 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк», 10400 «Қарздории дебитории тиҷоратӣ» дар мукотибот бо ҳисобҳои 66070 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» ва 22320 «Андоз аз арзиши иловагӣ (ААИ) барои пардохт» инъикос меёбад;
- арзиши тавозунии дороии биологӣ дар ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» навишта мешавад;
- агар дар натиҷаи фурӯш (хориҷшавӣ) фоида пайдо шавад, онгоҳ он дар ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» инъикос меёбад, зарари гирифташуда бошад, ба дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» мансуб карда мешавад.
- хароҷоти минбаъда (баъди эътирофи аввала) вобаста ба дороиҳои биологӣ аз рӯи дебети ҳисоби 55100 «Хароҷот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ» инъикос меёбад.

Дар лаҳзаи эътирофи аввалаи дороии биологӣ, ки нисбати он иттилоот оид ба нархҳои бозор ва нишондиҳандаҳо вуҷуд надорад, аз рӯи хароҷоти воқеӣ баҳо дода мешавад ва аз рӯи дебети ҳисоби 11450 «Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ба ҳисоб гирифташаванда» ба ҳисоб гирифта мешавад. Мисоли чунин дороиҳо метавонанд дороиҳои биологие бошанд, ки дар онҳо аз лаҳзаи амалӣ кардани хароҷоти нахустин, тағйирёбии ҷиддии биологӣ дида намешавад (ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда, растании ғалладона ва сабзавот, ки бевосита пеш аз санаи ҳисоботӣ шинонида шудаанд). Дороии биологӣ, ки бояд фарсудашавӣ ҳисоб карда шавад (мисол, чорвои корӣ) аз рӯи арзиши аслӣ бо баровардани фарсудашавии ҳисобкардашуда ва зарарҳои ҷамъшуда аз коҳишёбии арзиш баҳо дода мешавад.

Ҳамин ки имконияти муайян кардани арзиши одилонаи дороии биологӣ пайдо шуд, субъект бояд бо модели (тарҳи) баҳодиҳӣ аз рӯи арзиши одилона бо баровардани хароҷоти тахминии фурӯш гузарад. Дар ин ҳолат арзиши тавозунии дороии биологӣ аз кредити ҳисоби 11450 «Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ба ҳисоб гирифташаванда» ба дебети ҳисобҳои мувофиқи гурӯҳи ҳисобҳои 11400 «Дороиҳои биологӣ» навишта мешаванд. Фарқият байни арзиши одилона ва тавозунии дороии биологӣ аз рӯи дебети ҳисобҳои мувофиқи 11400 «Дороиҳои биологӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 44130 «Фонда (зарар) аз тағйирёбии арзиши одилонаи дороиҳои биологӣ» инъикос меёбад.

Ҳангоми муайян намудани хароҷоти воқеӣ (арзиши аслӣ) маблағҳои фарсудашавии ҳисобкардашуда ва зарарҳои ҷамъшуда аз коҳишёбии арзиш бояд қоидаҳои СБҲМ (IAS) 2 «Захираҳо», СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ», СБҲМ (IAS) 36 «Беқурбшавии дороиҳо»-ро ба роҳбарӣ гирифт.

# МАВЗӮИ 7. БАҲИСОБГИРИИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

**7.1. Мафҳум ва таснифи сармоягузориҳо**
**7.2. Баҳодиҳӣ ва эътирофи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат**
**7.3. Баҳисобгирии азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо**
**7.4. Усулҳои баҳисобгирӣ ва азнавбаҳодиҳии когазҳои қимматнок**
**7.5. Хориҷшавӣ ва гузаронинии сармоягузориҳо**
**7.6. Сармоягузориҳо ба моликияти гайриманқул**

## 7.1. Мафҳум ва таснифи сармоягузориҳо

*СБҲМ 25 «Баҳисобгирии сармоягузориҳо»: «Сармоягузориҳо– дороиҳоеанд, ки ташкилот бо мақсади афзоиши боигарии худ тавассути тақсимот (бо шакли фоиз, роялти, ҳаққуссаҳмия ва иҷорапулӣ), баландкунии арзиши сармояи худӣ ё бадастории фоидаи дигаре ба мисли онҳое, ки бо воситаи муносибатҳои байниҳамдигарии тиҷоратӣ ба даст меоянд, нигоҳ медорад».*

Ба сифати сармоягузорӣ дигар намуди дороиҳо: захираҳои моддиву молӣ, воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддиро қабул намудан ҷоиз нест. Сармоягузориҳо – ин молиягузорӣ ба қогазҳои қимматноки ширкатҳои дигар аст. Мебояд сармоягузор – инвестор ва эмитентро фарқ намуд.

***Сармоягузор*** – ширкатест, ки воситаҳои пулии худро ба қогазҳои қимматноки аз ҷониби эмитент баровардашуда мегузорад. Сармоягузорон востаҳои пулии озоди худро ба қогазҳои қимматнок бо мақсади:

- бадастории фоида дар шакли фоиз ва ҳаққусаҳм;
- афзоиши сармояи худӣ;
- бунёди захираи воситаҳои зиёда аз меъёр ва ихтисори пулҳои «мурда»;
- устуворгардонии минбаъдаи муносибатҳои расмии корӣ ё тиҷоратӣ бо ширкат-эмитент;
- таҳти назорат қарор додани ширкати сармоягузоришаванда;
- барпо сохтани афзалияти тиҷоратӣ;
- ташкили фаъолияти конкретӣ бо усули осон;
- бадастории имтиёзу афзалиятҳои гуногун, мегузоранд.

*Таснифи сармоягузориҳо*

СБҲМ 25 «Баҳисобгирии сармоягузориҳо», сармоягузориҳоро ба дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат тақсим мекунад.

Маҷмӯи қоғазҳои қимматноки зери назорати ширкат буда, портфели сармоягузорӣ номида мешавад.

Мувофиқи СБҲМ 39 «Инструментҳои молиявӣ: эътироф ва баҳодиҳӣ», сармоягузориҳо – дороиҳои молиявӣ ба категорияҳои зерин тақсим мешаванд:

**Сармоягузориҳои тиҷоратӣ** – ин:

- сармоягузориҳо ба дороиҳои молиявӣ бо мақсади бадасторни даромад аз калавишҳои кӯтоҳмуддати нархи бозории ин дороиҳо ё дар намуди маржаи дилер;
- сармоягузориҳое, ки ба ҳайати портфели сармоягузории ширкат дохил гардида, барои ҳаннотии кӯтоҳмуддат дар бозор пешбинӣ гардидаанд.

**Сармоягузориҳои молиявии то санаи пардохт нигоҳдошташаванда** – ин сармоягузориҳое, ки:

- даромад ва мӯҳлати муайяншудаи пардохт доранд;
- қарз ба корхонаҳои дигар нестанд;
- то расидани мӯҳлати пардохт фурӯхта намешаванд.

**Қарзҳои пешниҳодшуда** – ин сармоягузориҳое, ки:

- дар натиҷаи пешниҳоди дороӣ ба қарздор ба вуҷуд омадаанд;
- барои фурӯш таъин нашудаанд.

**Инвеститсияҳои молиявии барои фурӯш мавҷуда** – ин сармоягузорие, ки ба дигар категорияҳо дахл надорад.

## 7.2. Баҳодиҳӣ ва эътирофи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат.

*Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат*

Мувофиқи СБҲМ 25, зери мафҳуми сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат сармоягузориҳоеро мефаҳманд, ки «*аз рӯи табиати худ хеле осон фурӯхта шуда, ба мӯҳлати на зиёда аз як сол нигоҳ дошта мешаванд*».

Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат саравал бо арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат дар тавозуни муҳосибӣ бо:

- *арзиши бозорӣ; ё*
- *камтарини арзиши харид ё бозорӣ, ба ҳисоб гирифта мешаванд.*

Ширкатҳоро арзиши умумии портфели сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат назар ба арзиши ҳар як сармоягузории алоҳида бештар пуризтироб месозад, зеро онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун захираи боигарӣ нигоҳ дошта мешаванд. Мувофиқи ин нуқтаи назар, СБҲМ 25 чунин талаб мекунад: агар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи нархи камтарин аз арзиши харид ва бозорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд, онгоҳ арзиши тавозунии онҳо бояд:

- *умуман, аз рӯи усули портфели умумии сармоягузориҳо, ё;*
- *аз рӯи гурӯҳҳои сармоягузориҳо;*
- *ё дар асоси сармоягузориҳои алоҳида, муайян карда шаванд.*

Барои баҳисобгирии сармоягузориҳо дар Нақшаи ҳисобҳо гурӯҳи ҳисобҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

*Гурӯҳи ҳисобҳои 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»*
*Гурӯҳи ҳисобҳои 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул»*
*Гурӯҳи ҳисобҳои 11600 «Сармоягузориҳои дарозмуддат»*

**Ҳисобҳои 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»** барои ҷамъбасти маълумот оиди бақия ва ҳаракати дороиҳои молиявии кӯтоҳмуддат, ки аз тарафи субъект бо мақсади ба даст овардани даромад дар намуди фоизҳо, ҳамчунин бо мақсади гирифтани фоида дар натиҷаи тағйирёбии кӯтоҳмуддати нархҳо ё ин ки маржаи дилер муқаррар гардидаанд.

Дар ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) дар моддаи «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» танҳо он дороиҳои молиявие, ки ба мафҳуми «Дороиҳои гардон»-и дар банди 57-и СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» муайян гардида ҷавобгӯ ҳастанд, инъикос мегарданд. Дар алоҳидагӣ дар ҳисобҳои 10300 сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат (ба мӯҳлати на зиёда аз 1 сол) ба коғазҳои қиматноки қарзӣ ва ҳиссавӣ, воситаҳои молиявии ҳосилшуда (фючерсӣ, форвардӣ, опсионӣ ва своп-шартномаҳо), ҳамчунин қарзҳо ва вомҳои аз тарафи субъект пешниҳодшаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Сармоягузориҳо ба коғазҳои қиматноки қарзӣ (вомбарг, васиқаҳо), инчунин қарзҳо ва вомҳои пешниҳодшуда дар ҳисобҳои 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» ҳангоми аз як сол зиёд набудани мӯҳлати пардохташон ба ҳисоб гирифта меша-

ванд. Сармоягузориҳо ба коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ (саҳмияҳо), ки мӯҳлати пардохти онҳо муқаррар нашудааст ва коғазҳои қиматноки мӯҳлати пардохташон зиёда аз 1 сол дар ҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» ба ҳисоб гирифта мешаванд, вақте ки ин маблағгузориҳо бе мақсади гирифтани даромад аз рӯи онҳо ба муддати на зиёда аз 1 сол амалӣ гардидаанд. Ҳама дороиҳои молиявии мувофиқи СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» ҳамчун дороиҳои молиявии барои тиҷорат таъин гардида гурӯҳбандӣ шуда, бояд ҳамчун сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар ҳолате, ки агар амалиёт бо сармоягузориҳо ба мафҳуми «амалиёт бо асъори хориҷӣ»-и дар банди 8-и СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор» ҷавобгӯ бошанд, ҳангоми эътирофи аввала бо асъори миллӣ аз рӯи қурби баҳисобгирии БМТ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар санаи ҳисоботӣ бақияи баҳисобгирии дороиҳои бо асъори хориҷӣ гирифташаванда мувофиқи қурби баҳисобгирии БМТ дар ин сана аз нав ҳисоб карда мешавад. Фоида ва зарар аз фарқиятҳои қурбӣ агар харид ва фурӯши дороиҳои молиявӣ фаъолияти амалиётии субъект набошад, ҳамчун фоида ва зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ гурӯҳбандӣ шуда, дар ҳисобҳои 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ва 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Барои бурдани баҳисобгирӣ аз рӯи хусусиятҳои хоси сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат дар Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисобҳои алоҳидаи зерин пешбинӣ гардидаанд:

*10310 «Коғазҳои қиматноки қарзӣ»*
*10320 «Коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ»*
*10330 «Қарзҳо, вомҳои додашуда»*
*10340 «Амонатҳои депозитӣ»*
*10350 «Қисми ҷории сармоягузориҳои дарозмуддат»*
*10360 «Дигар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»*

Новобаста аз тақсимот ба категорияҳое, ки дар банди 9-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» ва аз усулҳои баҳодиҳии минбаъда, ки дар банди 46-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» пешбинӣ шудаанд, дар ҳисобҳои муҳосибии Нақшаи ҳисобҳо тақсимоти сармоягузориҳоро аз рӯи мақсади гурӯҳбандии сармоягузориҳо ва аз рӯи намуди дороиҳои молиявӣ мебошад. Бо ин сабаб, дар ҳамон як ҳисоб дороиҳои бо усулҳои гуногун баҳододашаванда ба ҳисоб гирифта шуда метавонанд.

Дороиҳои молиявие, ки дар ҳисобҳои 10300 ба ҳисоб гирифта мешаванд, танҳо ҳамон вақт эътироф мегарданд, ки субъект дар шартнома нисбати воситаи молиявӣ ҳамчун як тараф баромад намояд. Дороӣ бори аввал (дар дебети ҳисобҳои 10300) аз рӯи хароҷоти воқеии харид, ки маблағи пардохтшуда ё пардохтшаванда ва хароҷоти иловагии бевосита бо хариди дороӣ алокамандро (мукофотпулиҳои пардохтшуда ба агентҳо, мушовирон, брокерон ва миёнаравҳо, пардохт барои интиқоли воситаҳо ва г.) дарбар мегирад, баҳо дода мешавад.

Эътирофи аввала (навишт дар дебети ҳисобҳои 10300) ё дар санаи бастани шартнома ва ё дар санаи ҳисоббаробаркуниҳо амалӣ мегардад, чуноне ки ин дар банди 38-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» муайян шудааст.

Мувофиқи банди 43-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» хароҷоти воқеӣ барои хариди дороии молиявӣ ба арзиши одилонаи бозории дороии ба ҷои он ҷубронишаванда баробар аст, ки баҳои аввалаи сармоягузории дар натиҷаи мубодилаи ғайрипулӣ ба даст омадаро муайян мекунад.

Сармоягузории ба ивази саҳмияи субъект гирифташуда дар дебети ҳисобҳои 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» аз рӯи арзиши одилонаи коғазҳои қиматноки баровардашуда бо мукотиботи ҳисоби 33010 «Саҳмияҳои оддӣ», ё ин ки ҳисоби 33020 «Саҳмияҳои имтиёзнок» аз рӯи арзиши номиналии саҳмияҳо ва кредити ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» бар фарқи арзиши одилонаи сармоягузориҳо ва арзиши номиналии саҳмияҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба даст овардани саҳмия бар ивази дигар дороиҳо дар дебети ҳисобҳои 10300 бо маблағи ба арзиши одилонаи дороии додашуда баробар, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки арзиши одилонаи бозории дороиҳои бадастоварда боэътимодтар бошад, инъикос карда мешавад.

Ба даст овардани сармоягузориҳо бар ивази молҳо ё расонидани хизматҳо дар дебети ҳисобҳои 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» дар мукотибот:

- бо ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш», агар воридшавии сармоягузориҳо ва таҳвили (ҳамлу нақли) арзишҳои молию моддӣ дар як вақт ба амал меояд;
- бо ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул», агар боркунии қиматҳои молию моддӣ пеш аз дохилшавии сармоягузориҳо ба амал омада бошад;

- бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт», агар дохилшавии сармоягузориҳо пеш аз боркунии қиматҳои молию моддӣ ба амал омада бошад.

Ба даст овардани сармоягузориҳо бар ивази воситаҳои асосӣ чунин инъикос мегардад:

- дар дебети ҳисобҳои 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» арзиши одилонаи воситаи асосии дода шуда;
- дар дебети ҳисоби 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ» - маблағи ҷамъшудаи хурдашавии воситаи асосии додашаванда;
- дар кредити ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» - арзиши аввалаи воситаи асосӣ; фарқи байни арзиши одилона ва арзиши тавозунии воситаи асосӣ ба кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ» ва ё ба дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» бурда мешавад.

Баҳодиҳии минбаъдаи сармоягузориҳои дар дебети ҳисобҳои 10300 эътирофшуда вобаста ба он, ки сармоягузорӣ ба кадом аз 4 категорияи дороиҳои молиявии дар банди 9-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» муайяншуда мансуб аст, ба амал меояд.

Сармоягузориҳо аз рӯи чунин талаботҳо баҳо дода мешаванд:

- аз рӯи арзиши одилона, бо баҳисобгирии хароҷот аз рӯи амалиёт, ки ҳангоми фурӯш ва дигар хориҷшавиҳои дороиҳо ҷой дошта метавонанд;
- аз рӯи арзиши фарсудашавӣ;
- аз рӯи арзиши воқеӣ.

Ҳама сармоягузориҳо нисбат ба беқурбшавӣ ва ба қарздории безътимод бояд баҳо дода шаванд.

### *Сармоягузориҳои дарозмуддат*

Мувофиқи СБҲМ 25 *ба сармоягузориҳои дарозмуддат ҳамаи сармоягузориҳое, ки кӯтоҳмуддат нестанд, дохил мешаванд.* Сармоягузориҳое, ки асосан барои ҳимоя, беҳтарсозӣ ё инкишофи муносибатҳои кориву тиҷоратӣ истифода шуда, аксар вақт сармоягузориҳои тиҷоратӣ номида мешаванд ва он сармоягузориҳое, ки фурӯхтанашавандаанд, ҳамчун дарозмуддат тасниф мегарданд. Сармоягузориҳои дигар ба монанди сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул, ки ба мӯҳлати якчанд сол бо мақсади бадастории фоида ба амал бароварда мешавад, новобаста аз осонфурӯ-

шиашон, ҳамчун сармоягузории дарозмуддат тасниф карда мешаванд.

Сармоягузориҳои дарозмуддат маъмулан дар ҳисобгирӣ аз рӯи арзиши харид эътироф гардида, минбаъд дар тавозуни муҳосибӣ:

*аз рӯи арзиши харид;*

*аз рӯи арзиши азнавбаҳододашуда;*

*ё дар ҳолати қоғазҳои қимматноки ҳиссавии бозорӣ – аз рӯи камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва арзиши бозорӣ, ки бо усули портфели умумӣ муайян мегарданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.*

СБҲМ 25: Дар ҳолати истифодабарии арзиши азнавбаҳододашуда, бояд сиёсати мунтазамии гузаронидани азнавбаҳодиҳӣ тасдиқ карда шуда, ҳамаи намудҳои сармоягузориҳои дарозмуддат бояд дар як вақт аз нав баҳо дода шаванд.

Арзиши тавозунии ҳамаи сармоягузориҳои дарозмуддат бояд пастшавии арзиши сармоягузориҳоро ба ғайр аз пастшавиҳои муваққатӣ ба ҳисоб гирад ва ин гуна пастшавӣ барои ҳар як сармоягузорӣ алоҳида муайян ва ба амал бароварда шавад.

Сармоягузориҳои дарозмуддат маъмулан аз рӯи арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аммо, ҳангоми пастравии арзиши он, ба истиснои пастравии муваққатӣ, арзиши тавозунии сармоягузориҳо барои эътирофи ин пастравӣ кам карда мешавад. Арзиши сармоягузориҳо аз:

- калавишҳои курси бозории қоғазҳои қимматнок;
- арзиши бозории дороиҳои ширкат;
- натиҷаҳои фаъолияти ширкат-эмитент;
- дохилшавиҳои пулии интизорӣ аз сармоягузориҳо;
- хавф (риск);
- намуд ва андозаи ҳиссаи сармоягузор;
- маҳдудиятҳои тақсимоти фоидаи эмитент;
- маҳдудиятҳои фурӯши сармоягузориҳо аз ҷониби сармоягузор, вобастагӣ дорад.

Бо сабаби муҳимият, аксари сармоягузориҳо дар асоси инфиродӣ баҳо дода мешаванд. Агар ширкат баҳодиҳии арзишро аз рӯи усули камтарин аз ду бузургӣ: арзиши харид ва арзиши бозорӣ дар асоси портфели сармоягузориҳо ба амал барорад, онгоҳ камкуниҳои муваққатӣ ва барқароркунии онҳо ба сармояи худӣ дохил карда мешаванд.

Камкунихое, ки бо пастнамоии муваққатии арзиши тавозунӣ ягон алоқамандие надоранд, агар он азнавбаҳодиҳии пештараро ҷуброн накунад, дар ҳисобот онди фоида ва зарар нишон дода мешаванд.

*Қогазҳои қимматноке, ки ба сифати сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат харида шудаанд, ду портфели алоҳидаи қогазҳои қимматнокро ифода намуда, усули баҳодиҳӣ аз рӯи камтарин аз ду бузургӣ: арзиши харид ва арзиши бозорӣ, барои ҳар як портфел алоҳида истифода бурда мешавад.*

***Ҳисобҳои 11600 «Сармоягузориҳои дарозмуддат»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати сармоягузориҳои дарозмуддат ба воситаҳои саҳми дигар субъектҳо, ки барои фурӯш пешбинӣ нашудаанд, вомбаргҳои давлатӣ ва корпоративии мӯҳлати пардохташон на бештар аз як сол, пасандозҳо ба фаъолияти вомбаргҳои дарозмуддати додашуда ва дигар дороиҳои молиявӣ, ки тибқи банди 57-и СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳодоти ҳисоботи молиявӣ» ҳамчун гайригардишӣ тасниф мешаванд.

Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаи зеринро барои баҳисобгирии сармоягузориҳои дарозмуддат аз рӯи гурӯҳҳои бештар муҳими намунавӣ пешбини мекунад:

*11610 «Когазҳои қиматноки қарзӣ»*

*11620 «Қарзҳо, вомҳои додашуда»*

*11630 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ»*

*11640 «Сармоягузориҳо ба фаъолияти муштарак»*

*11650 «Сармоягузориҳо ба ширкатҳои муттаҳидшуда»*

*11660 «Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат»*

*11661 «Дисконт (тахфифҳо) аз рӯи сармоягузориҳои дарозмуддат»*

*11662 «Подош (изофанарх) аз рӯи сармоягузориҳои дарозмуддат»*

Эътироф, баҳодиҳии минбаъда, коҳишёбии арзиш ва қатъ гардидани эътирофи сармоягузориҳои дарозмуддат ба когазҳои қиматноки қарзӣ ва инчунин воситаҳои саҳмӣ, ки ба ташкилотҳои фаръӣ, муштарак, муттаҳидшуда сармоягузорӣ намебошанд, ҳамчун сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат амалӣ гардонида мешавад (нигар ба нишондодҳо ба ҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»), ба истиснои сармоягузориҳое, ки тибқи банди 9-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ, эътироф ва ченкунӣ» ҳамчун дороиҳои молиявие, ки барои фурӯш мавҷуданд. Чунин сармоягузориҳо баъди эътирофи нахустин аз рӯи арзиши одилона баҳо дода меша-

ванд, аммо фоида ё зарар аз азнавбаҳодиҳӣ ба дебет ё кредити ҳисоби мувофиқ 33100 «Сармояи иловагӣ» мансуб аст. Натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дар ҳисоби 33100 то лаҳзаи фурӯш пардохт ё дигар хориҷшавии сармоягузориҳо, ё то он вақте ки далели коҳишёбии арзиши сармоягузорӣ муқаррар мешавад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Коҳишёбии арзиши сармоягузориҳои барои фурӯш мавҷудбуда ба барқароршавии коҳишёбии арзиш бо таври зерин инъикос мешавад:

- маблағи зарар, ҳисоб тибқи банди 67-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ, эътироф ва ченкунӣ» , аз кредити ҳисоби 33100 (ҳисоби мувофиқ) «Сармояи иловагӣ» ба дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» навишта мешавад;
- маблағи барқароркунии беқурбшавӣ, ки тибқи банди 70-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ, эътироф ва ченкунӣ» ҳисоб карда шудааст, аз рӯи дебети ҳисоби мувофиқ дар муросилот ба ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми хориҷ шудани сармоягузориҳо, фарқияти байни арзиши тавозунии он ва маблағи воситаҳои гирифташуда бояд бар ивази сармоягузориҳо гирифта шаванд, дар ҳисобҳои 66020 «Даромад аз сармоягузориҳо» (фоида) ва 66120 «Зарар аз сармоягузориҳо» (зарар) инъикос карда мешавад. Азнавбаҳодиҳии дилхоҳи сармоягузориҳои дар гурӯҳҳои ҳисобҳои 33100 «Сармояи иловагӣ» ба санаи хориҷшавӣ ба ҳисобҳои 66070 (фоида аз азнавбаҳодиҳӣ) ва 66170 (зарар аз азнавбаҳодиҳӣ) навишта мешавад.

Сармоягузориҳо ба воситаҳои саҳмии молиявӣ ба монанди пасандозҳо ба сармояи оинномавии дигар ташкилотҳо, ба фаъолияти муштарак, ба ҳисоботи алоҳидаи молиявии ташкилот (ҳисоботи ҷамъбастӣ) тибқи СБҲМ (IAS) 27 «Ҳисоботи молиявии муттаҳидкардашуда ва алоҳида», СБҲМ (IAS) 31 «Иштирок дар соҳибкории муштарак», СБҲМ (IAS) 28 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои ассотсиатсияшуда» баҳисоб гирифта мешаванд.

***Ҳисобҳои 11620 «Қарзҳо, вомҳои додашуда»*** - барои баҳисобгирии вомҳои пешниҳодкардаи субъект ба мӯҳлати бештар аз як сол пешбинӣ шудааст. Вомҳо, тавре, ки субъект пешниҳод кардааст, тасниф карда мешаванд, агар онҳо ба қоидаи дар банди 9-и СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ, эътироф ва ченкунӣ» додашуда ҷавобгӯ бошанд.

Ҳангоми эътирофи нахуст қарзҳо ва вомҳои додашуда аз рӯи хароҷоти воқеӣ, хароҷотҳоро барои иҷрои додугирифт ҳисоб карда, баҳо дода мешаванд.

Баъди эътирофи нахуст вомҳои субъект пешниҳодкарда ва барои фурӯш пешбининашуда аз рӯи хароҷотҳои фарсудашуда новобаста аз он, ки субъект онҳоро то пардохт нигоҳ медорад ё не, баҳо дода мешаванд. Агар эҳтимолияте вуҷуд дошта бошад, ки субъект наметавонад маблағи пурраи қарзро мувофиқи шартҳои қарзӣ руёнад, зарар аз коҳишёбии арзиш ё аз қарздории беэътимоди дебитори ҷой дорад (тасвири баҳисобгирӣ аз рӯи хароҷотҳои истеҳлокшуда, нигар ба нишондиҳандаҳо ба ҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»).

Дороиҳои молиявии дарозмуддат дар намуди вомбаргҳо, агар онҳоро худи субъект пешниҳод накарда бошаду дар натиҷаи гузашт кардани ҳуқуқҳои талабот аз рӯи онҳо гирифта шудаанд, дар ҳисоби 11660 «Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Усули баҳисобгирии чунин дороиҳо (аз рӯи арзиши одилона ё хароҷотҳои истеҳлокшуда) аз мақсади субъект нисбати ин дороиҳо вобастааст.

***Ҳисоби 11630 «Сармоягузорӣ ба ташкилотҳои фаръӣ»*** - барои баҳисобгирӣ дар ҳисоботи алоҳидаи молиявии ташкилотҳои модарӣ, саҳмҳое, ки ташкилоти модарӣ ба сармояи оинномавии ташкилотҳои фаръии ҳам хориҷӣ ва ҳам миллӣ амалӣ намудааст, пешбинӣ шудааст. Таснифи ташкилотҳо, ҳам модарона ва ҳам фаръӣ тибқи банди 12-и СБҲМ (IAS) 27 «Ҳисоботи молиявии муттаҳидкардашуда ва алоҳида» амалӣ мешавад. Тибқи банди 29-и СБҲМ (IAS) 27 «Ҳисоботи молиявии муттаҳидкардашуда ва алоҳида» сармоягузориҳои дарозмуддат ба ташкилотҳои фаръӣ ё аз рӯи арзиши аслии воқеӣ, ё аз рӯи усули иштироки саҳмӣ, ё аз рӯи арзиши одилона, ҳамчун дороиҳои молиявие, ки барои фурӯш мавҷуданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

*Усули баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши аслӣ*

Аз рӯи дебети ҳисоби 11630 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ» хароҷотҳои воқеи барои харидории сармоягузориҳо, хароҷоти иловагӣ аз рӯи доду гирифт, ба монанди подошпулӣ ба агент ва даллолҳо, маслиҳатчиҳо, пардохт барои интиқоли воситаҳои пулӣ ва ғайра, инъикос карда мешавад.

Агар сармоягузориҳо (саҳмияҳо ё ҳисса дар сармояи оинномавии ташкилоти фаръӣ) бо дивидендҳои эълоншуда ва пардохтнашуда харидорӣ шаванд, он гоҳ харидорҳои ба арзиши дохил-

кардашуда ба таври зерин инъикос карда мешаванд: аз рӯи дебети 11630 хароҷоти воқеӣ барои харидорӣ, бо ҳисоб кардани маблағи дивидендҳо эълон гардида, аммо пардохтнашуда инъикос карда мешаванд. Маблағи дивидендҳо аз рӯи дебети ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» инъикос карда мешавад. Ҳангоми гирифтани дивидендҳо ин маблағ аз кредити ҳисоби 10590 ба дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ навишта мешавад.

Дивидендҳои аз ташкилотҳои фаръӣ баъд аз санаи харидорӣ гирифташударо ташкилотҳои модарӣ аз рӯи кредити ҳисоби 66020 «Даромад аз сармоягузориҳо» ба ҳисоб мегиранд.

Ҳангоми фурӯши саҳмияҳо ё ҳисса дар сармояи оинномавии ташкилоти фаръӣ фарқият байни арзиши тавозунии сармоягузориҳо ва маблағи воситаҳои гирифташуда бояд ба сифати фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ (ҳисобҳои 66000 ва 66100) эътироф карда, метавонад, ба таври зерин инъикос шавад:

а) Фурӯш бо фоида: арзиши тавозунии сармоягузорӣ аз кредити ҳисоби 11630 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ» ба дебети ҳисоби 66070 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ» навишта мешавад.

Маблағи воситаҳо, ки бояд ба сифати пардохт гирифта шаванд, аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» дар муқотибот бо ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» инъикос карда мешаванд. Хароҷотҳои вобаста ба фурӯш (хизмати даллол, ҳуқуқшиносон ва ғайра) аз рӯи дебети ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешаванд.

б) Фурӯш бо зарар: арзиши тавозунии сармоягузориҳо аз кредити ҳисоби 11630 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ» ба дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ» навишта мешавад.

Маблағи воситаҳо, ки бояд ба сифати пардохт гирифта шаванд аз рӯи кредити ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» дар муқотибот бо ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» инъикос карда мешавад. Хароҷотҳои вобаста бо фурӯш (хизматрасонии даллолон, ҳуқуқшиносон ва ғайра) аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешаванд.

***Ҳисоби 11640 «Сармоягузориҳо ба фаъолияти муштарак»*** - барои баҳисобгирии сармоягузориҳо ба фаъолияти муштарак, но-

вобаста ба сохт ва шакле, ки дар онҳо ин фаъолият амалӣ мегардад ва тартиб додани ҳисоботи алоҳидаи (ҳисоботи ҷамъбастӣ не) молиявии субъект, пешбинӣ шудааст.

Таснифи сармоягузориҳо ба фаъолияти муштарак тибқи СБҲМ (IAS) 31«Ҳисоботи молиявӣ дар бораи иштирок дар фаъолияти муштарак» амалӣ карда мешавад.

Вобаста аз шакли амалӣ кардани фаъолияти муштарак субъекти ҳисоботдиҳанда ҳамчун соҳибкор ё ҳамчун сармоягузор тасниф карда мешавад:

*Соҳибкор – тарафест, ки назорати муштаракро аз болои ин фаъолият амалӣ мекунад;*

*Сармоягузор – тарафест, ки дар назорати муштарак аз болои ин фаъолият иштирок намекунад.*

Агар субъекти ҳисоботдиҳанда нисбат ба фаъолияти муштарак ҳамчун соҳибкор тасниф карда шавад, онгоҳ сармоягузориҳои вай ба фаъолияти муштарак ҳамчун соҳибкор тасниф карда сармоягузориҳои вай ба фаъолияти муштарак танҳо дар он ҳолат аз рӯи ҳисоби 11640 ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки фаъолияти муштарак тавассути субъекти дар якҷоягӣ назоратшаванда амалӣ карда мешавад. СБҲМ (IAS) 31«Иштирок дар соҳибкории муштарак» ягон хел тартиби мушаххаси баҳисобгирии сармоягузориҳо ба фаъолияти муштарак дар ҳисоботҳои алоҳидаи молиявии соҳибкорро беҳтар намешуморад.

Вобаста ба ин сармоягузории соҳибкор дар субъекти якҷоя назоратшаванда метавонад тавре ба ҳисоб гирифта шавад, ки он барои ташкилотҳои фаръӣ ё муттаҳидшуда пешбинӣ шудааст.

Агар субъекти ҳисоботдиҳанда нисбат ба фаъолияти муштарак ҳамчун сармоягузор тасниф карда шавад, онгоҳ саҳми иштироки вай дар фаъолияти муштарак дар баҳисобгирӣ тибқи банди 42-и СБҲМ (IAS) 31«Иштирок дар соҳибкории муштарак» инъикос карда мешавад. Ҳамзамон сармоягузоре, ки таъсири чандон муҳим ба фаъолияти муштарак надорад («таъсири муҳим») ниг. банди 2-и СБҲМ (IAS) 31) «Иштирок дар соҳибкории муштарак» бояд СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ»-ро минбаъда аз рӯи арзиши одилона ё арзиши аслӣ, коҳишёбии арзиш ё катъ гардидани эътирофи сармоягузориҳо ба роҳбарӣ гирад (ниг. ба шарҳи ҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат»). Сармоягузорие, ки ба фаъолияти муштарак таъсири муҳим дорад, бояд СБҲМ (IAS) 28 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои ассотсиатсияшуда»-ро ба роҳбарӣ гирад (ниг. ба тасвири усули иш-

тироки саҳмӣ ба шарҳи ҳисоби 11630 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ»).

***Ҳисоби 11650 «Сармоягузорӣ ба ташкилотҳои муттаҳидшуда»*** - барои баҳисобгирӣ дар ҳисобҳои алоҳидаи молиявӣ, ки тибқи СБҲМ (IAS) 28 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои ассотсиатсияшуда» ҳамчун муттаҳидшуда тасниф шудаанд, пешбинӣ шудааст.

Баҳисобгирии сармоягузориҳо дар ташкилотҳои муттаҳидшуда аз рӯи ҳамон усулҳои баҳисобгирӣ дар ташкилотҳои фаръӣ бурда мешавад (ниг. ба шарҳи ҳисоби 11630 «Сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ»).

Сармоягузоре, ки барои баҳисобгирии сармоягузориҳо аз усули иштироки саҳмӣ истифода мебарад, бояд истифодабарии ин усулро аз санае, ки он ба ташкилотҳои муттаҳидшуда таъсири муҳим намерасонад, қатъ кунад, аммо қисман ё пурра сармоягузориҳои худро нигоҳ медорад; вақте, ки ташкилотҳои муттаҳидшуда дар шароитҳои сахти маҳдудкуниҳои дарозмуддат аз рӯи интиқоли воситаҳо ба сармоягузор амал мекунанд, вақте, ки сармоягузор дар бораи фурӯши сармоягузориҳо дар ояндаи наздик қарор қабул мекунад. Арзиши тавозунии сармоягузориҳо ба ин сана минбаъд ҳамчун моликият дида баромада мешавад.

***Ҳисоби 11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта»***

Андоз аз фоида тибқи СБҲМ (IAS) 12 «Андозҳо аз фоида» дар баҳисобгирӣ аз рӯи усули ӯҳдадориҳо инъикос карда мешавад.

Барои ҷамъбасти иттилоот дар бораи ӯҳдадориҳои андоз аз фоидае, ки бо усули ӯҳдадориҳо муайян карда мешавад, дар Нақшаи ҳисобҳо чунин ҳисобҳо пешбинӣ шудаанд:

*11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» (дороиҳои дарозмуддати мавқуфгузошта)*

*22310 «Андоз аз фоида барои пардохт (ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат)»*

*22800«Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта» (ӯҳдадориҳои дарозмуддати мавқуфгузошта).*

Дар ҳисоби 22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат дар маблағи андози ҷорӣ аз фоида барои давраи ҳисоботӣ – андози барои пардохт тибқи талаботҳои конунгузории андоз ҳисобкардашуда инъикос карда мешавад.

Талаботҳои андозии мавқуфгузошта (тамдидӣ) ё ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта вобаста ба он пайдо мешаванд, ки байни фоидаи муҳосибӣ (фоида ё зарар барои давраи то ҳисоб

кардани харочот аз рӯи пардохти андоз) ва фоидаи андозбандӣ, чун қоида фарқият ё қисми он дар давраҳои минбаъда ба зиёдшавӣ ё камшавии ӯҳдадории ҷории андоз дар муқоиса бо ӯҳдадории андози дар заминаи фоидаи муҳосибӣ ҳисобкардашуда оварда мерасонад.

Ҳисоби 11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» барои дар баҳисобгирӣ инъикос кардани маблағҳои тамдидшудаи андоз аз фоида, ки бояд дар давраҳои оянда ба воситаи камшавии ӯҳдадориҳои муайяни андоз барои давраҳои андоз дар заминаи фоидаи муҳосибӣ пурра карда мешаванд, пешбинӣ шудааст.

Талаботҳои андозии тамдидӣ, мисол, дар натиҷаҳои зерин пайдо шуда метавонанд:

**а)** дар субъект дар санаи ҳисоботӣ вуҷуд доштани фарқиятҳои ҳисобшавандаи муввақатӣ – фарқият байни арзиши тавозунии дорои ё ӯҳдадорӣ ва заминаи андозии онҳо; ё

**б)** ҳангоми тамдиди зарарҳои андоз барои давраҳои оянда; ё

**в)** ҳангоми дигар шартҳое, ки дар СБҲМ пешбинӣ шудааст.

Талаботҳои андозии тамдидӣ бояд ҳамон вақте эътироф карда шаванд, ки эҳтимолияти дар оянда гирифтани фоидаи андозбандӣ вуҷуд дорад. Агар субъект зарари андозӣ дошта бошад, ӯ талаботҳои андозии тамдидиро, чун қоида, дар маблағи ба андозҳои маҳдудшудаи самараи андоз аз фарқиятҳои муваққатии андозбандӣ эътироф мекунад.

Ҳангоми эътирофи нахустин талаботҳои андозии тамдидӣ аз рӯи дебети ҳисоби 11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» (ҳисоби мувофиқ ва намуди андоз) дар мукотиботи як вақта бо ҳисобҳои 66200 «Харочотҳо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида», 22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» ва мумкин бо ҳисоби 22800 «Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта» инъикос карда мешаванд. Ҳамзамон маблағи харочот аз рӯи андоз барои давра бояд ба маблағи ӯҳдадории ҷории андоз мувофиқат кунад, (Кредити ҳис. 22310) ҷамъ ё тарҳи андози тамдидӣ (Дебети ҳис. 11700 ё Кредити ҳис. 22800).

Талаботҳои андозии тамдидӣ метавонанд дар зери таъсири якчанд фарқиятҳои муввақатии ҳисобшаванда пайдо шаванд.

Барои осон кардани расму қоидаи баҳисобгирӣ тавсия дода мешавад, ки дар нақшаи кории ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳида барои баҳисобгирии талаботҳои андозии тамдидӣ аз рӯи фарқиятҳои муввақатии мавҷуда (намудҳои андоз) пешбинӣ карда шавад.

Фарқияти муввақатӣ аз ҳамон як моддаи баҳисобгирӣ дар давраҳои гуногун метавонад ҳамчун андозбандшаванда ё ҳамчун талаботи андозии тамдидӣ бошад.

Барои соддакунии баҳисобгирии самараи андоз аз фарқиятҳои муваққатии тағйирёбанда маслиҳат дода мешавад, ки дар ҳамон як ҳисоб бо рақамгузории дукарата андозҳои тамдидӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Мисол 11700/22800 бо номи «Самараи андози фарқияти муввақатӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ» (ё аз рӯи қарзҳои беэътимод ва ғайра) ё дар ҳисоби мазкур ҳамаи тағйиротҳо аз рӯи андозҳои тамдидӣ инъикос карда шаванд;

- ҳангоми мавҷуд будани талаботи андозии тамдидӣ натиҷаи гирифташуда аз рӯи дебети ҳисоби мазкур инъикос карда шавад;
- ҳангоми мавҷуд будани ӯҳдадории андозии тамдидӣ – аз рӯи кредити ҳамин ҳисоб дар мукотибот бо ҳисобҳои 66200 «Хароҷотҳо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида», 22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» инъикос карда шавад.

Дар тавозуни муҳосибӣ бақияи дебетии ҳисобҳо бо рақамгузории дутарафа аз рӯи моддаи «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» бақияи кредитӣ – аз рӯи моддаи «Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта» инъикос карда мешавад.

СБҲМ (IAS) 12 «Андоз аз фоида» маҳдудиятҳои қатъиро барои ҳисоббаробаркунии мутақобилаи бақияи дебетӣ ё кредитии андозҳои тамдидӣ, яъне ҳисоббаробаркунии мутақобилаи байни талаботҳои андозии тамдидшуда (ҳисоби 11700) ва ӯҳдадориҳои андозии тамдидшударо(ҳисоби 22800) муқаррар мекунад.

Ҳангоми камшавӣ ё пардохти талаботҳои андози тамдидӣ камшавии дилхоҳи самараи андоз аз фарқияти муваққатии ҳисобшаванда (тарҳшаванда) аз рӯи кредити ҳисоби 11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» дар мукотибот бо ҳисобҳои 66200 «Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида»; 22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» мумкин аст бо ҳисоби 22800 «Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта» инъикос карда шавад.

Ҳамзамон маблағи хароҷот аз рӯи андоз барои давра инчунин ба маблағи ӯҳдадории ҷории андоз бояд мувофиқат намояд. (Кредити ҳисоби 22310) ҷамъ ё тарҳи андози тамдидӣ (Дебети ҳисоби 11700 ё Кредити ҳисоби 22800).

## 7.3. Усулҳои баҳисобгирӣ ва азнавбаҳодиҳии коғазҳои қиматнок

Сармоягузориҳо бо роҳи:

- додани воситаҳои пулӣ;
- ивазнамоӣ бо дороиҳои дигар – захираҳои моддиву молӣ, воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ;
- ивазнамоӣ бо қоғазҳои қимматноки худӣ ба даст оварда мешаванд.

Ҳангоми хариди қоғазҳои қимматнок ҳисобҳои «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» ва «Сармоягузориҳои дарозмуддат» аз рӯи арзиши харид бо баҳисобгирии хароҷоти бо харид вобаста, дебитонида мешаванд.

Арзиши хариди сармоягузориҳо ҳамаи хароҷоти харид, азҷумла, ҷамъовариҳои брокерӣ ва комиссионӣ, ҳаққи хизмат, боҷ, андозҳои ҷубронnашаванда ва г.-ро дарбар мегирад.
Навиштҳо дар баҳисобгирӣ:

*Дт Сармоягузориҳо……..*

*Кт Воситаҳои пулӣ………………..*

Дар ҳолати ***хариди ғайрипулӣ***, арзиши хариди сармоягузориҳо баробари:

- арзиши одилонаи бозории қоғазҳои қимматноки баровардашуда, на арзиши номиналии онҳост. Ин ҳолат танҳо дар сурати хариди сармоягузориҳо ба ивази қоғазҳои қимматноки баровардашуда ҷой дорад;
- арзиши одилонаи бозории дороии додашуда, ё дар ҳолати яқинӣ, арзиши одилонаи сармоягузорист. Ин ҳолат дар сурати хариди сармоягузориҳо ба ивази дороии дигар ҷой дорад.

Навиштаҷотҳо дар баҳисобгирӣ чунин сурат мегиранд:
(а) Инъикоси барориши (эмиссияи) саҳмияҳо:

*Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи пардохти сармоя………*

*Сармояи саҳҳомӣ….. ……………………..*

(б) Инъикоси хариди вомбаргҳо:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат………………..*

*Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи пардохти сармоя*

*Воситаҳои пулӣ…………………………..*

*Сармояи иловагии пардохташуда……. ………*

**Мисол.** Ширкати «Авесто» саҳмияҳои ширкати «Ёсуман» -ро ба ивази таҷҳизот харид. Арзиши одилонаи бозории саҳмияҳо 20 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Арзиши ибтидоии таҷҳизот дар лаҳзаи

ивазнамой - 25 000 в.ш., фарсудашави ҷамъшуда - 2 500 в.ш.-ро ташкил менамояд. Хароҷоти бо хариди саҳмия вобаста 500 в.ш.-ро ташкил менамояд. Дар баҳисобгирӣ ин амалиёт ба таври зер инъикос меёбад:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат .....20 500*
*Фарсудашави ҷамъшуда..................2 500*
*Зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ.......2 500*
*Воситаҳои пулӣ........................ .........500*
*Таҷҳизот (Воситаҳои асосӣ) ...............25 000*

Дар ҳолати ***хариди қоғазҳои қимматнок бо фоизи ҳисоб-кардашуда*** барои давраи то лаҳзаи харид, аммо то ҳол пардохт-ношуда, ба фурӯшанда дар рӯзи харид ба ғайр аз арзиши сар-моягузорӣ, боз фоизи ҳисобкардашуда барои давраи гузашта пар-дохта мешавад. Зеро то санаи харид фурӯшанда ин қоғазҳои қимматнокро нигоҳ дошта, мувофиқан фоизи муайяни мазкурро кор кард. Ҳангоми расидани мӯҳлати навбатии пардохт, харидор фоизро барои ҳамаи давра пурра мегирад. Дар айни замон, фоиз-ҳои гирифташуда байни давраҳои то ва пас аз харид тақсим меша-ванд: қисми ба давраи то харид дахлдошта аз арзиши сармоя-гузорӣ тарҳ карда шуда, қисми ба давраи пас аз харид дахлдошта, ҳамчун даромад инъикос мегардад.

**СБҲМ 25:** *Фоизҳо, роялти, ҳаққусаҳм ва рентаи гирифта-шавандаи бо сармоягузорӣ робитадошта, маъмулан чун фоида, ки даромад аз сармоягузорӣ аст, дида мешаванд.* Аммо дар баъзе ҳолатҳо, ин гуна дохилшавии воситаҳо ҷуброни хароҷот буда қис-ми даромад буда наметавонанд. Мисол, дар ҳолати ҳисобкунии фоизҳои пардохтношуда то хариди сармоягузории фоизӣ фоизи ҳисобкардашуда ба нарх ҳамроҳ карда шуда, дохилшавии мин-баъдаи фоизҳо байни давраҳои то харид ва пас аз харид тақсим карда мешаванд. Дар ин ҳангом, қисми фоизи то харид аз арзиши харид тарҳ карда мешавад. Ҳамин гуна муносибат дар ҳолати эълони ҳаққусаҳм аз рӯи қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ то лаҳзаи харид истифода мегардад. Агар тақсимоти мазкурро ба амал ба-ровардан мушкил бошад, арзиши хариди сармоягузориҳоро ода-тан ба маблағи ҳаққусаҳмҳои гирифташаванда кам мекунанд, ба шарте, ки онҳо ба таври возеҳ ҷубронпулии қисми арзиши харид-ро ифода кунанд.

**Баҳисобгирии қоғазҳои қимматноки қарзӣ**

Намудҳои асосии қоғазҳои қимматноки қарзӣ ин вомбарг-ҳо ва васиқаҳои хазинавианд.

*Вомбарг (Облигатсия)* – ин як инструменти молиявиест, ки дар худ шакли қарздории эмитентро ифода намуда, байни инвесторон тақсим карда мешавад. Вомбаргҳо бояд дар мӯҳлати муайяншуда пардохта шуда, инчунин пардохти даврии фоизҳоро талаб менамоянд.

Мебояд меъёри номиналӣ ва бозории фоизиро фарқ кард.

*Меъёри номиналии фоизӣ* – ин меъёри фоизиест, ки ба дорандагони вомбарг дар асоси арзиши номиналии вомбарг пардохта мешавад. Ин гуна меъёри фоизӣ ва маблағ дар давоми ҳамаи мӯҳлати қарз бетағйир мемонад.

*Меъёри бозории фоизӣ* – ин меъёрест, ки бар маблағи дар бозори инвеститсионӣ аз рӯи вомбаргҳои шароити қарз ва хавфашон монанд пардохташаванда асос ёфтааст. Меъёрҳои бозории фоизӣ ҳар рӯз тағйир меёбанд. Азбаски ширкат меъёрҳои бозории фоизиро назорат карда наметавонад, аксар вақт дар санаи барориши вомбарг фарқият байни меъёрҳои бозорӣ ва номиналӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳангоми баланд будани меъёри бозории фоизӣ аз меъёри номиналӣ арзиши барориши вомбарг пасттар аз арзиши номиналӣ мешавад. Дар ин ҳолатҳо вомбаргҳо бо *тахфиф (дисконт)* бароварда мешаванд. Аз тарафи дигар, агар меъёри бозории фоизӣ пасттар аз меъёрӣ номиналӣ бошад, арзиши барориши вомбаргҳо аз арзиши номиналӣ баланд мешавад. Дар ин ҳолат, мегӯянд, ки вомбаргҳо *бо подош* (нархи барилова) бароварда шудаанд. Подош баробари маблағи зиёдатии арзиши барорishӣ аз номиналӣ аст.

СБҲМ 25: Фарқи байни арзиши харид ва арзиши пардохти сармоягузориҳо ба қоғазҳои қимматнок (партофт ё подоши харид) маъмулан аз ҷониби инвестрон дар давоми давраи аз рӯзи харид то расидани мӯҳлати пардохт амортизатсия мешаванд, то ки аз сармоягузорӣ ба таври мунтазам даромад гирифта шавад. Партофт ё подоши амортизатсияшаванда бо ҳисоби даромад дебитонида ё кредитонида мешавад, гӯё, ки онҳо дар худ фоизро ифода менамоянд ва ба арзиши тавозунии қоғази қимматнок ҷамъ ё тарҳ карда мешаванд. Арзиши тавозунии ниҳоӣ ҳамчун арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешавад.

Барориши қоғазҳои қимматнок бо тахфиф маънои онро дорад, ки ин қоғазҳои қимматноки эмитент барои инвесторон он қадар ҷолиб нестанд, аз ин рӯ, эмитент розӣ ҳаст, ки онҳоро бо нархи арзонтар аз арзиши номиналӣ фурӯшад. Барориши қоғаз-

ҳои қимматнок бо подош дар он ҳолат ба амал меояд, агар инвесторон бо сабаби обрӯи (имиджи) хуби молиявӣ ё дигари эмитент қоғазҳои қимматноки онро бо нархи ғаронтар аз арзиши номиналиашон мехаранд.

Маблағи тахфиф (подош) бояд дар давоми мӯҳлати қоғазҳои қимматнок аз хисоб бароварда шавад. Азҳисоббарории подош бо роҳи кредитонидани ҳисобҳои сармоягузориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, азҳисоббарории тахфиф бошад, бо роҳи дебитонидани ин ҳисобҳо ба амал бароварда мешавад. Мақсади амортизатсияи тахфифу подош он аст, ки дар лаҳзаи пардохти вомбаргҳо арзиши тавозунии онҳо баробари арзиши номиналиашон гардад. Азҳисоббарории тахфиф (подош) дар давоми давраи ҳисобкунии даромади фоизӣ аз рӯи вомбаргҳо ба амал бароварда мешавад. Маблағи тахфиф (подош)-и дар ҳамин давра азҳисоббаровардашаванда ҳамчун даромад ё хароҷоти фоизӣ тасниф карда мешавад.

*Васиқаҳои хазинавӣ* – ин қарзи кӯтоҳмуддати ҳукумат буда, одатан даромади фоизии муқарраршударо надоранд ва бо тахфиф, ки даромади фоизиро аз рӯи ин васиқа ташкил менамояд, бароварда мешаванд.

Навишти хариди васиқаи хазинавӣ:

*Дт Сармоягузории кӯтоҳмуддат*

*Кт Воситаҳои пулӣ*

Пардохти васиқаи хазинавӣ:

*Дт Воситаҳои пулӣ*

*Кт Сармоягузории кӯтоҳмуддат*

*Кт Даромади фоизӣ…*

**Баҳисобгирии қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ**

Қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ дар худ ҳиссаи мулкдории инвесторро ифода намуда, ҳуқуқи харид ё фармонфармоии ҳиссаи мулкро бо нархи муқарраршуда ё муайяншаванда медиҳанд. Ба қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ саҳмияҳои оддӣ, имтиёзнок ва дигар дохил мешаванд.

Маҳз нисбати қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ қоидае, ки мувофиқи он вобаста ба андозаи ҳиссаи сармоягузорӣ ба ширкати сармоягузоришаванда усули баҳисобгирии сармоягузориҳо интихоб мегардад, истифода мешавад. Мувофиқи принсипҳои GAAP таърифи зерини таъсири муҳим ва назорат дода мешавад:

Таъсири муҳим – таъсири баръало ба сиёсати амалиётӣ ё молиявии эмитент, вақте ки ҳиссаи сармоягузории инвестор аз 20% то 50% - ро ташкил медиҳад.

Назорат – қобилияти назорат намудани сиёсати корӣ ва молиявии ширкат бо шарти соҳиби зиёда аз 50% -и саҳмияҳои эмитент будан аст.

Вобаста аз ҳиссаи мулкдорӣ усулҳои баамалбарории маросимҳои баҳисобгирӣ фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми ***тасарруфи камтар аз 20%-и сармояи саҳҳомӣ*** сармоягузориҳо дар баҳисобгирӣ бо усули арзиши аслӣ инъикос мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки сармоягузориҳо бо маблағи ҳақиқии хароҷот ва ҳаққусаҳми гирифташаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин усул баҳодеҳии саҳмияҳои харидашударо аз рӯи арзиши хариди онҳо ё нархи бозорӣ вобаста ба он, ки кадоме аз онҳо пасттаранд, пешбинӣ менамояд.

Ба таври даврӣ арзиши бозории сармоягузориҳо муайян карда шуда, он бо арзиши аслӣ муқоиса карда мешавад. Агар арзиши бозорӣ пасттар аз арзиши аслӣ бошад, фарқият ба кредити ҳисоби «Захираҳои камшавии арзиши сармоягузориҳо» бо дебетонидани ҳисоби «Зарари баамалнаомада аз рӯи сармоягузориҳо»-и қисмати «Сармояи азонихудӣ» навишта мешавад.

Агар пастравии нархи саҳмияҳо давом ёбад, ҳисоби «Зарари баамалнаомада» бо ҳисоби «Ҷамъи даромаду хароҷот» ё «Фоидаи тақсимношуда» маҳкам карда мешавад.

Агар нархи бозорӣ аз арзиши аслӣ ҳангоми истифодаи усули баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши бозорӣ баланд бошад, ҳисоби захираҳо ба сармоягузориҳои дарозмуддат ҷамъ карда шуда, фоида ва зарари баамалнаомада ҳамчун иловаи сармояи азонихудӣ навишта мешавад.

Дар рӯзи эълони ҳаққусаҳм аз ҷониби эмитент, даромади ҳаққусаҳмӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи дебети ҳисоби «Ҳаққусаҳм барои қабул» ва кредити ҳисоби «Даромади ҳаққусаҳмӣ» инъикос мегардад. Дар ҳолати зиёд будани ҳаққусаҳми гирифташаванда аз ҳиссаи мутаносиби сармоягузор, онҳо ҳамчун баргардониши сармоя, на чун даромад аз сармоягузориҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## 7.4. Баҳисобгирии азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо

Ҳангоми азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо бо мақсади баробар намудани арзиши онҳо ба арзиши одилонаи бозорӣ, барои риояи пайдарпаӣ сиёсати гузаронидани азнабаҳодиҳиҳо кор карда мешавад.

**Мисоли**. Ширкати "Шарбат" қоғазҳои қимматноки зеринро дорост:

| Ширкат | Миқдори саҳмияҳо | Арзиши хариди саҳмияҳо | Арзиши одилонаи бозорӣ | Ҳамагӣ, харочоти харид, в.ш. | 31.12.2011с. арзиши умумии бозорӣ бо в.ш. | Баландшавӣ (пастшавӣ)-и арзиши бозорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| «Зар» | 100 | 20 | 25 | 2 000 | 2 500 | 500 |
| «Азм» | 200 | 15 | 20 | 3 000 | 4 000 | 1000 |
| «Мир» | 300 | 50 | 40 | 15 000 | 12 000 | (3 000) |
| | | | | 20 000 | 18 500 | (1 500) |

Истифодабарии усули баҳодиҳӣ аз рӯи камтарин аз арзиши харид ва арзиши бозорӣ нишон медиҳад, ки арзиши портфели саҳмияҳо бояд ба маблағи 1 500 в.ш. – аз 20000 в.ш. то 18 500 в.ш. паст карда шавад. Дар ин ҳангом, арзиши саҳмияҳои ширкатҳои «Зар» ва «Азм» ба 1 500в.ш. афзуда, арзиши саҳмияҳои ширкати «Мир» ба маблағи 3 000 в.ш. арзон гардиданд. Муқотиботи зарурӣ дар охири соли 2011 чунин намуд дорад:

31.12.2011.:

*Зарар аз сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат....................1 500*

*Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат...........................1 500*

Агар ширкати "Шарбат" ҳамаи саҳмияҳои пештар харидаи худро рӯзи 1 январи соли 2012 бифурӯшад, барои онҳо ҳамагӣ 18 500 в.ш. ба даст меорад, ва ин ба шарте, ки арзиши бозорӣ дар рӯзи 31 декабри соли 2011 тағйир намеёбад.

Акнун, фарз кардем, ки дар соли 2012 ширкати "Шарбат" саҳмияҳои азнавбаҳододашудаи ширкати «Азм»-ро ба маблағи 5 000 в.ш., яъне, ба маблағи 2 000 в.ш. қимматтар аз нархи харид мефурӯшад. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин инъикос меёбад:

*Воситаҳои пулӣ.................................5 000*

*Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат............3 000*

*Даромад аз фурӯши сармоягузориҳо.. ............2 000*

Ҳамин тариқ, ширкате, ки сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати худро аз рӯи арзиши бозориашон ба ҳисоб мегирад, бояд сиёсати баҳисобгирии афзоиш ва камнамоии арзиши тавозуниро, ки

ҳамчун даромад ё харочот эътироф мегарданд, кор карда баромада, ба таври муттассил истифода барад. Дар ҳолати дигар, ширкат бояд ин гуна сармоягузориҳоро мувофиқи талаботи зерини п.32 СБҲМ 25 ба ҳисоб бигирад:

*Афзоиши арзиши тавозунӣ, ки дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо ба вуҷуд меояд, бояд ба кредити ҳисоби сармояи худӣ ҳамчун натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ гузаронида шавад. Дараҷае, ки ба андозаи он камнамоиши арзиши тавозунӣ зиёднамоиши пешинаи онро барои ҳамон як сармоягузорӣ ҷуброн менамояд ва дар кредити ҳисоби сармояи худӣ акс ёфтааст, инчунин минбаъд пурра нагардида ва истифода нашудааст, бояд ба муқобили ин натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дебитонида шавад. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар, камшавии арзиши тавозунӣ бояд ба сифати харочот шинохта шавад. Афзоиш ҳангоми азнавбаҳодиҳӣ, ки бевосита бо камшавии пешинаи арзиши тавозунии ҳамон як сармоягузорӣ алоқаманд аст ва ба сифати харочот эътироф шудааст, бояд ба ҳисоби даромад ба маблағи ҷуброни камкунии пешина кредитонида шавад.*

Чӣ хеле қайд шуд, сармоягузориҳои дарозмуддатро метавонанд бо арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гиранд. Барои азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳои дарозмуддат зарур аст, ки:

- давравияти азнавбаҳодиҳиҳоро муайян кард;
- сармоягузориҳои дарозмуддати якхеларо дар як вақт аз нав баҳо дод.

Маблағи нархафзоиши сармоягузориҳои дарозмуддат ба афзоиши сармояи худӣ дохил карда мешавад. Ҳангоми пастнамоии арзиши сармоягузориҳо камкунии нарх аз ҳисоби маблағи нархафзоиши ҳамон сармоягузорӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми мавҷуд (кифоя) набудани маблағи нархафзоиши ҳамон як сармоягузорӣ камкунии арзиши он ба зарар гузаронида мешавад. Маблағи нархафзоиши сармоягузориҳое, ки арзишашон пештар паст карда шуда буд, ба ҳисоби сармояи худӣ пас аз пӯшонидани зарар аз ҳамон сармоягузорӣ гузаронида мешавад.

Афзоиши арзиши тавозунӣ аз азнавбаҳодиҳӣ, ки бо камшавии пешинаи арзиши тавозунии ба харочот дохилкардашудаи ҳамон сармоягузорӣ алоқаманд аст, дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун даромад дар ҳудуди ҷуброни камкунии пешинаи арзиш инъикос мегардад. Маблағи афзоиши аз арзиши тавозунӣ зиёдбудаи ҳамчун харочот эътирофшуда ба сармояи худӣ ҳамчун даромад аз азнавбаҳодиҳӣ дохил карда мешавад.

Вақте ки сармоягузориҳои дарозмуддат қисми арзиши худро гум мекунанд, яъне чараёни бебозгашти камшавии арзиши сармоягузориҳо ба амал меояд, арзиши тавозунии ин сармоягузориҳо аз сари нав дида баромада мешавад. Камшавии барнагардандаи арзиши сармоягузориҳо ҳамчун хароҷоти давра эътироф мегардад.

Камшавии бебозгашти арзиши сармоягузориҳо барои ҳар як сармоягузорӣ алоҳида муайян ва ба ҳисоб гирифта мешавад. Пастшавии арзиши сармоягузориҳо он вақт эътироф мегардад, агар сармоягузориҳо онди ҳамаи пардохтҳо аз эмитент боварипро гум кардааст. Дар Қазоқистон давраи бебозгаштии пастшавии арзиш 5 сол муқаррар гардидааст. Агар дар давоми ин давра арзиши сармоягузориҳо беист паст равад, арзиши тавозунии сармоягузориҳоро аз нав дида мебароянд. Дар ин ҳангом, хавфи сармоягузорӣ, ки бо бузургии ҳиссаи инвестор дар субъекти сармоягузоришуда алоқамандӣ дорад, ба назар гирифта мешавад.

Роҳбарияти ширкат арзиши дороиҳоро то арзиши ҷорӣ ба ғайр аз ҳолатҳои мавҷудияти далели муваққатӣ будани тағйирёбии нарх аз ҳисоб мебарорад. Камшавии бебозгашти арзиши сармоягузориҳо бо тағйироти омилҳои иқтисодиву дигари ба натиҷаҳои молиявии субъекти сармоягузоришуда мутаассир вобастагӣ дошта метавонад. Ба ин гуна тағйиротҳо дохил мешаванд:

- тағйирёбии вазъияти сиёсиву ҳуқуқӣ;
- тағйирёбӣ дар сатҳи талабот ба маҳсулоту молҳои субъекти сармоягузоришуда;
- тағйиротҳои сохтории соҳаи фаъолияти эмитент;
- тағйирёбии вазъи молиявии эмитент.

### 7.5. Хориҷшавӣ ва гузаронини сармоягузориҳо

Ҳангоми хориҷшавии сармоягузориҳои молиявӣ:

- фарқияти байни даромади гирифташуда аз фурӯш ва арзиши тавозунӣ бо тарҳи хароҷот ҳамчун даромад ё хароҷот эътироф мегардад;
- маблағи ҳама гуна даромад аз азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо, ки дар ҳисоби «Сармояи пардохтшудаи иловагӣ» қайд гардидааст, ба ҳисоби даромад дар ҳисобот оиди фоида ва зарар гузаронида мешавад ё бевосита ба фоидаи тақсимнашудаи тавозуни муҳосибӣ ҳамроҳ карда мешавад (дар ин маврид

мебояд ба таври пайдарпай усули интихобшударо истифода бурд).

**Мисол.** Фарз кардем, ки ҶСШК «Садаф» сармоягузориҳои дарозмуддати худро ба маблаги 30 000 в.ш. мефурӯшад. Арзиши тавозунии ин сармоягузориҳо дар лаҳзаи фурӯш баробари 10 000в.ш. буда, азнавбаҳодеҳии пешина ба тарафи афзоиш 2 000 в.ш.-ро ташкил мекард. Мувофики сиёсати кабулшудаи баҳисобгирӣ маблаги азнавбаҳодеҳии дар ҳисоби «Сармояи пардохтшудаи иловагӣ» аксгардида дар натиҷаи хориҷшавӣ ҳамчун даромади соли ҳисоботӣ эътироф мегардад. Сармоягузориҳо аз тавозун бо арзиши 10 000 в.ш. бароварда мешаванд. Мукотиботи муҳосибӣ дар ин маврид, чунин намуд мегирад:

*Воситаҳои пулӣ...................................30 000*
*Сармояи пардохтшудаи иловагӣ..................2 000*
*Даромад аз фурӯши сармоягузориҳо........20 000*
*Сармоягузориҳои дарозмуддат...............10 000*
*Фоидаи тақсимношуда.........................2 000*

Агар сармоягузорӣ дороии ҷорӣ буда, дар асоси портфел аз рӯи камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва арзиши бозорӣ ба ҳисоб гирифта шавад, фоида ва зарар аз фурӯш бояд ба арзиши харид асос ёбад.

Агар сармоягузорӣ пештар азнав баҳо дода шуда бошад ё бо нархи бозорӣ мувофиқ кунонида шуда бошад ва нархафзоӣ ба даромад аз азнавбаҳодиҳӣ (сармояи худӣ) гузаронида шуда бошад, дар ин маврид ду усули зерини баҳисобгирӣ ҷой дорад:

а) гузаронидани маблаги даромад аз азнавбаҳодиҳӣ ба кредити даромад аз фурӯш бо инъикоснамоӣ дар ҳисобот оиди фоида ва зарар;

б) гузаронидани маблаги даромад аз азнавбаҳодиҳӣ ба фоидаи тақсимношуда.

Вакте, ки саҳмияҳо фурӯхта мешаванд, фарқи байни нархи фурӯш ва арзиши харид дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос мегардад. Маблаги ҳаққусаҳми гирифташуда аз чунин сармоягузориҳо дар дебети ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» ва кредити ҳисоби «Даромади ҳаққусаҳмӣ» инъикос мегардад.

### 7.6. Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманкул

***Сармоягузории моликияти ғайриманкул*** – моликияти ғайриманкул (замин, бино ё як қисми бино), ки дар ихтиёри молик ё

ичорагир аз рӯи шартномаи ичораи молиявӣ бо мақсади гирифтани пардохти ичора, даромад аз афзуншавии арзиши сармоя ё ин, ки ҳам аз ину ҳам аз он, аммо на барои:

а) истеҳсол ё таҳвили мол, хизматрасонӣ, барои мақсадҳои маъмурӣ;

б) фурӯш дар фаъолияти муқаррарии хочагидорӣ.

Субъектони идоракунандагони моликияти ғайриманқул аз рӯи ҳуқуқи моликият ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» барои чамъбасти иттилоот оид ба мавчудият ва ҳаракати чунин дороиҳо истифода мебаранд:

- моликияти гайриманқули бо мақсади гирифтани даромад аз афзуншавии ё арзиши сармоя нигоҳдошташаванда;
- моликияти ғайриманқули ба ичораи амалиёти бо мақсади гирифтани даромад дар намуди пардохти ичора супурдашаванда;

Субъектҳои идоракунандагони моликияти ғайриманқул аз рӯи ҳуқуқи моликият ***ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул»***-ро барои чамъбасти иттилоот оид ба мавчудият ва ҳаракати чунин моликияти ғайриманқул, ки ба ичораи амалиётӣ супурда шудааст, истифода мебаранд.

Бо нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳида барои баҳисобгирии сармоягузориҳо аз гурӯҳҳои бештари хаммонанд:

*11510 «Бино ва иншоот»*

*11520 «Тачдиди объектҳои сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул» - пешбинӣ шудааст.*

Аз рӯи дебети ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи гайриманқул» харочотҳои воқеӣ барои харидорӣ (дарёфт) инъикос мешаванд. Харочотҳои воқеӣ барои харид, нархи харид ва харочотҳои вокеии дилхоҳ, вобаста бо хариди дороиро дарбар мегиранд, мисол арзиши хизмати миёнарав ва маслиҳатчиён, бочи давлатӣ ва ҳоказо.

Харочотҳои воқеӣ барои харидории сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул бо тарзи омодашудаи хочагӣ арзиши он ба санаи анчом додани сохтмон (омодакунӣ) ё аз нав барқароркунӣ мебошад.

Аз рӯи ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» харочотҳои минбаъда вобаста сармоягузорӣ ба моликияти гайриманқули дар ҳисобот ифодашуда вакте, ки эхтимолияти гирифтани фоидаи иқтисодӣ зиёда аз нишондиҳандаҳои меъёрии ав-

вал хисоб карда шуда вуҷуд дорад, арзиши тавозунии дороиро афзун мекунад.

Баъд аз нахуст эътирофи сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул ё аз рӯи арзиши одилона ё аз рӯи хароҷоти воқеии фурӯш ба ҳисоб гирифта мешавад. Субъект бояд баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши яке аз намунаҳои баҳисобгириро интихоб кунад ва онро барои ҳамаи объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул истифода барад.

***Намунаи баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши одилона.*** Баъд аз нахуст эътирофшавӣ ҳамаи объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул аз рӯи арзиши одилона ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани арзиши одилона, хароҷотҳои дар назар дошта шуда, ки бо фурӯши минбаъда ва дигар хориҷшавии дорои алоқамanдaнд, нархгузорӣ намешаванд ва тарх карда намешаванд. Таҷҳизоте, ки қисми ҷудонашавандаи биноро (мисол, лифтҳо ва системаи хавосозӣ) ташкил мекунад, ба таркиби сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул дохил карда мешавад ва алоҳида дар таркиби воситаҳои асосӣ инъикос карда намешавад:

- аз рӯи дебети ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» ҳангоми зиёдшавии арзиши дорои;
- аз рӯи дебети ҳисобӣ 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ҳангоми камшавии арзиши дорои.

Ҳисобҳои 66070 ва 66170 аз тарафи субъектҳое истифода бурда мешаванд, ки барои онҳо амалиёт бо сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул фаъолияти амалиётӣ намебошад.

Вобаста аз талаботи амалӣ ҳисобҳои 66070 ва 66170 метавонанд сарчашма барои ҷамъбасти иттилоот дар бораи тағйирёбии арзиши одилонаи сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул бошанд.

Ҳангоми қатъ гардидани эътирофи объекти сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул фарқият байни маблағи ҳаққонии фурӯш ва арзиши тавозунии объект гирифта шудааст, ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар поён яке аз ҷадвалҳои имконпазири мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии амалиёт аз рӯи фурӯши объекти сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул, ки аз рӯи арзиши одилона ба ҳисоб гирифта шудааст, оварда шудааст.

| Мундаричаи амалиёт | Рақами ҳисоби муқотиботӣ | |
|---|---|---|
| | дебет | кредит |
| Пули фурӯш ба маблағе, ки бояд гирифта шавад (бе ААИ) | 10590.<br>10400 | 66060 |
| Пули фурӯш ба маблағе, ки бояд гирифта шавад (бе ААИ) | 66170 | 11500 |
| Хароҷотҳои ҳангоми фурӯш амалигардида (ба харидор бурда расонидан, таҷзия ва г.) | 66170 | 22010<br>ва дигар |

Ҳангоми истифода бурдани муқотиботи мураккаби ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ миқдори навишт (қайдҳо) хеле кам мешавад.

| НОМИ ҲИСОБ | № ҳисоби муқотиботӣ | МАБЛАҒ | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| Дигар қарздории дебиторӣ | 10590 | *** | |
| Зарар аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ зарар бошад) | 66160 | *** | |
| Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул | 11500 | | *** |
| Даромад аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ фоида бошад) | 66060 | | *** |

Ҳангоми супурдани объекти сармоягузории амволи ғайриманқул ба иҷораи молиявӣ аз кредити ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ба дебети ҳисоби 11660 «Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат» маблағи сармоягузориҳои соф ба иҷора навишта мешавад. Фарқият байни сармоягузории соф ба иҷора ва арзиши тавозунии объект ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ инъикос карда мешавад (агар дигар ҳолат дар СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора», ки ба фурӯш аз иҷораи мутақобила дахл дорад, муқаррар нашуда бошад).

| НОМИ ҲИСОБ | № ҳисоби муросилотӣ | МАБЛАҒ | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат | 11660 | *** | |
| Зарар аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ зарар бошад) | 66160 | *** | |
| Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул | 11500 | | *** |
| Даромад аз хориҷ шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ фоида бошад) | 66070 | | *** |

Гузаронидани объект ба гурухи «Сармоягузорӣ ба амволи гайриманкул», ки аз рӯи арзиши одилона ё хориҷ кардан аз гурӯҳи мазкур инъикос мешавад, танҳо ҳангоми тағйирёбии таъиноти объект ба ҷо оварда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани объект ба гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ё «Захираҳо» ба сифати хароҷоти воқеӣ барои харидорӣ барои баҳисобгирии минбаъда арзиши одилонаи он ба санаи тагйирёбии таъиноти объект қабул карда мешавад. Арзиши одилона аз кредити ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи гайриманкул» ба дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» ё ҳисоби 10700 «Захираҳо» навишта мешавад.

Ҳангоми ғузаронидан аз гуруҳи «Захираҳо» ба гуруҳи «Сармоягузориҳо ба амволи ғайриманқул» дорои аз рӯи арзиши одилона ба санаи тагйирёбии таъиноти он нархмонӣ карда мешавад. Дар поён яке аз ҷадвалхои имконпазири мукотиботи хисобхо аз рӯи баҳисобгирии амалиётҳо доир ба гузаронидани дорои аз гуруҳи «Молҳо» ба гурӯҳи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» оварда шудааст.

| Мазмуни амалиёт | Рақами ҳисоби мукотиботӣ | |
|---|---|---|
| | дебет | Кредит |
| 1.Аз ҳисоббарории арзиши мол дар маблаги хароҷоти воқеӣ барои харидорӣ | 11500 | 10710 |
| 2.Фарқият байни арзиши одилонаи дорои ва арзиши тавозунӣ ба санаи гузаронӣ | 11500<br>66170 | 66070<br>11500 |

Ҳангоми истифода бурдани мукотиботи мураккаби ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ миқдори навишт (қайдҳо) хеле кам мешавад.

| НОМИ ҲИСОБ | № ҳисоби мукотиботӣ | МАБЛАҒ | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| Сармоягузори ба амволи ғайриманкул | 11500 | *** | |
| Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ (агар натиҷаи хориҷшавӣ зарар бошад) | 66170 | *** | |
| Молҳо | 10710 | | *** |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ (агар натиҷаи хориҷшавӣ фоида бошад) | 66070 | | *** |

Агар амволи соҳибмулк (аз ҷониби молик истифодашаванда) аз гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гурӯҳи «Сармоягузорӣ ба ам-

воли гайриманкул» гузаронида шавад, он гох мавчуд будани фарсудашавӣ ва эътирофи зарар аз коҳишёбии арзиш то санаи гузарониш давом мекунад. Фарқият байни арзиши тавозунии дорои ва арзиши одилонаи он ба санаи тағйирёбӣ ҳамон тавре, ба монанди аз нав нархмонӣ тибқи СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад:

а) камшавии арзиши тавозунӣ аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар харачотҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешавад.

б) зиёдшавии арзиши тавозунӣ аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» дар он андозае, ки он зарари пеш эътирофшударо аз рӯи фуромадани нархи объекти мазкур ҷуброн мекунад, инъикос карда мешавад.

Қисми боқимондаи маблағи зиёдшавии арзиши тавозунӣ ба кредити ҳисоби 33120 «Тасҳехот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ» мансуб аст.

Гузаронидани объект аз гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гурӯҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманкул» ба таври зерин инъикос карда мешавад.

а) ба санаи тағйирёбӣ азнавбаҳодиҳии объект то арзиши одилона гузаронида мешавад, ҳамзамон фарсудашавии ба санаи азнавбаҳодиҳӣ ҳисоб карда шуда дар муқобили арзиши тавозунии дорои то нигоҳдории фарсудашавӣ бо тартиб додани мукотиботи ҳисобҳои зерин навишта мешавад:

*Д$^{T}$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*

*К$^{T}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

*Бузургии софи объекти мегузаронидагӣ то арзиши одилона* аз нав ҳисоб карда мешавад ва дар сурати камшавии арзиши тавозунӣ дар натиҷаи азнавбаҳогузори ба фарқият чунин мукотиботи ҳисобҳо тартиб дода мешавад:

*Д$^{T}$ 66170 «Дигар харочотҳои ғайриамалиётӣ»*

*К$^{T}$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

Дар сурати зиёдшавии арзиши тавозун дар натиҷаи азнавбаҳогузорӣ фарқият ба кредити ҳисоби 33120 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳогузории воситаҳои асосӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

б) арзиши тавозунӣ (азнавбаҳододашуда) ба дебети ҳисоби мувофиқи 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманкул» аз кредити ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» навишта мешавад.

Ҳангоми истифодабарии мукотиботи мураккаби ҳисобҳои муҳосибӣ шумораи навишт хеле кам мешавад. Мисол, ҳангоми

гузаронидани объект аз гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гурӯҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул» агар арзиши одилонаи он аз арзиши тавозуниаш пасттар бошад, мукотиботи ҳисобҳои муҳосибӣ аз чунин навиштҳо иборат аст:

*$Д^Т$ 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул»*

*$Д^Т$ 33120 «Тасҳеҳот ба азнавбаҳогузории воситаҳои асосӣ»*

*$Д^Т$ 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ»*

*$Д^Т$ 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»*

*$К^Т$ 11000 «Воситаҳои асосӣ»*

Гузаронидани объект ба гурӯҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул» бо арзиши воқеии инъикоскунанда, ё баровардан аз гурӯҳи мазкур танҳо ҳангоми тағйирёбии таъиноти объект ба ҷо оварда мешавад.

Гузаронидани объект аз гурӯҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул» ба гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ва «Молҳо» ва баръакс аз рӯи арзиши тавозунии онҳо иҷро карда мешавад ва арзиши объектро тағйир намедиҳад.

# МАВЗӮИ 8. БАҲИСОБГИРИИ ӮҲДАДОРИҲО ВА ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

8.1. Мафҳум, баҳодиҳӣ, таснифот ва эътирофи ӯҳдадориҳо
8.2. Баҳисобгирии қарзҳои кредитории тиҷоратӣ
8.3. Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ
8.4. Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда
8.5. Баҳисобгирии андозҳо
8.6. Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат

## 8.1.Мафҳум, баҳодиҳӣ, тасиифот ва эътирофи ӯҳдадориҳо

❖ *Ӯҳдадорӣ (обязательство - liabilities) – ин қарздории ҷории ширкат аст, ки аз воқеаҳои давраҳои гузашта пайдо гардида, пардохти он ба камшавии захираҳои фоидаи иқтисодидоштаи ташкилот бурда мерасонад.*

Дар баъзе аз манбаъҳо таърифи зерини ӯҳдадориҳоро дучор шудан мумкин аст:

❖ **«Ӯҳдадорӣ – ин масъулияти шахс (карздор) оиди ба фоидаи шахси дигар (қарздиҳанда) амал кардан: моликиятро пешниҳод намудан, пул додан, кореро иҷро кардан ва ғ., ё аз амале даст кашидан аст, қарздиҳанда ҳуқуқ дорад, ки аз карздор иҷроиши ӯҳдадориҳояшро талаб кунад».**

Ба таври соддатар, ӯҳдадорӣ – ин даъвои ашхоси сеюм ба захираҳои иқтисодии ширкат аст.

| Пайдоиши ӯҳдадориҳо | Мисолҳо |
|---|---|
| Баамалоии амалиётҳои молиявӣ – хоҷагӣ, ки ба пайдоиши карз ё ӯҳдадории амалкунӣ ё иҷрокунии ягон кор бо тарзи муайян бурда мерасонад. Натиҷаи амалиёт ё воқеаи давраҳои гузашта | Хариди молҳо ё истифодаи хизмат ба пайдоиши қарздории кредиторӣ, гирифтани карз ба пайдоиши масъулият оиди баргардонидани он бурда мерасонад. |
| Натиҷаи шартномаи ба таври ҳуқуқӣ ҳатмӣ ё талаботи қонунгузорӣ | Маблаге, ки барои молу хизматҳои қабулшуда, андозҳо пардохт мегардад. |
| Аз таҷрибаи маъмули корӣ, анъана ё хоҳиши нигоҳдории муносибатҳои хуби корӣ ё амалнамоии одилона | Агар ширкат қарорро оиди ислоҳи камбудии маҳсулоти хеш қабул кунад, гарчанде яқин аст, ки он пас аз фаросии мӯҳлати кафолатии истифодабарӣ ба миён омадааст, маблағи хароҷоти пешбинишавандаи молҳои фурӯхташуда ӯҳдадорӣ эътироф мешавад. |

| | |
|---|---|
| Дигар ҳолатҳо | Ташкилот дар асоси ахборот оиди хариди ҳарсолаи мизоҷон метавонад зиёдпардохти давраҳои ояндаро ҳамчун ӯҳдадорӣ эътироф намояд; дар ин ҳолат, фурӯши молҳо дар давраҳои гузашта, амалиётест, ки ба пайдоиши ӯҳдадориҳо бурда расонидааст. |

*Нақшаи 8.1. Сарчашмаҳои пайдоиши ӯҳдадориҳо*

***Меъёрҳои асосии муайянкунии ӯҳдадориҳо*:**

- мавҷудияти воқеа ё амалиёти гузаштае, ки ӯҳдадориро ба миён овардааст;
- танзими ӯҳдадорӣ ҳатман ба камшавии дороиҳо ё расонидани хизмат бурда мерасонад;
- характери баҳсноталаби ӯҳдадориҳо;
- дақиқият ва ченшавандагии ӯҳдадориҳо.

Ҳангоми баҳисобгирӣ мебояд:

- лаҳзаи бавуҷудоии ӯҳдадориҳо;
- баҳодиҳии ӯҳдадориҳо;
- таснифи ӯҳдадориҳоро фарқ намуд.

*Лаҳзаи бавуҷудоӣ* –ӯҳдадориҳо танҳо ҳангоми пайдоиши қарздорӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар ҳолати қабули ӯҳдадориҳо, онҳо бояд фавран эътироф гардида, дар ҳисобгирӣ инъикос шаванд.

Қарзҳои кредиторӣ ба маблағи пуле, ки барои пардохти қарз зарур аст, ё ба арзиши дороиҳои барои пешниҳод зарур баҳо дода мешаванд.

Ӯҳдадориҳо дар аксар ҳолатҳо аз маблағи асосии қарз ва фоизи он иборатанд.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва ояндаро фарқ мекунанд. Қарори роҳбарият оиди хариди дороиҳо дар даврaи оянда ба пайдоиши ӯҳдадориҳо оварда намерасонад. Одатан, ӯҳдадорӣ ҳангоми дохилшавии дороӣ ба ташкилот, ё вақте, ки ташкилот шартномаро оиди харид он мебандад, ба миён меояд. Пардохти қарзи ҷорӣ одатан бо дасткашии ташкилот аз захираҳои фоидаи иқтисодидоштан худ барои конеъгардонии даъвои ҷониби дигар алоқаманд аст.

*Пардохти ӯҳдадориҳои ҷорӣ бо усулҳои зерин* ба амал бароварда мешавад:

- *пардохти воситаҳои пулӣ ;*
- *пешниҳоди дороиҳои дигар;*
- *пешниҳоди хадамот;*
- *ивазнамоии як ӯҳдадорӣ бо ӯҳдадориҳои дигар; ё*

✓ *гузарониши ӯҳдадорӣ ба сармояи худӣ.*

Ӯҳдадорӣ дар тавозуни ҳисобдорӣ вақте эътироф мегардад, ки эҳтимолияти хориҷшавии дороиҳои фоидаи иқтисодидошта дар натиҷаи пардохти ӯҳдадории ҷорӣ мавҷуд бошад.

Ӯҳдадорӣ дар санаи пайдоиши он эътироф мегардад. Амалиёте, ки ӯҳдадориро ба миён овардааст, одатан санаи пайдоиши онро муайян мекунад. Аммо, баъзан санаи эътирофи ӯҳдадориро бо сабаби номуайянӣ ё мавҷудияти якчанд меъёри эътироф муайян кардан хеле душвор аст. Мисоли ин ҳолат ӯҳдадории шартӣ аз рӯи даъвои судӣ буда метавонад.

*Таснифи ӯҳдадориҳо*

Аз рӯи мӯҳлати пардохт ӯҳдадориҳо ба кӯтоҳмуддат (ҷорӣ) ва дарозмуддат тақсим мешаванд.

Таснифи ӯҳдадориҳо ба ҷорӣ ва дарозмуддат аҳамияти муҳимро дорост. Азбаски пайдоиши ӯҳдадорӣ маънои хориҷшавии минбаъдаи дороиҳоро дорад, мӯҳлати иҷроиши ин ӯҳдадорӣ барои баҳодиҳии дурусти вазъи молиявии ташкилот хеле муҳим аст.

- *Ӯҳдадориҳо ҳамчун кӯтоҳмуддат тасниф мегарданд, агар онҳо дар давраи соли ҳисоботӣ пардохт гарданд.*
- *Ӯҳдадориҳои дигар ҳамчун дарозмуддат тасниф мегарданд, яъне мӯҳлати пардохти онҳо дар давраи зиёда аз як сол пешбинӣ шудааст.*

Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ҳамчун қисми сикли амалиётии ҷорӣ пардохт намегарданд, гарчӣ пардохтро дар давоми дувоздаҳ моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ талаб кунанд. Мисол, қисми ҷории ӯҳдадориҳо, ки пардохти фоизҳоро дарбар мегиранд, овердрафти бонк, ҳаққусаҳм барои пардохт, андоз аз фоида ва дигар қарздориҳои ғайритиҷоратии кредиторӣ, ки дар давоми дувоздаҳ моҳ пардохт намешаванд, ӯҳдадориҳои дарозмуддат мебошанд.

Дар ҳолатҳои зерин ташкилот бояд ӯҳдадориҳои пардохти фоизҳоро дарбаргирандаи худро ҳамчун дарозмуддат тасниф намояд, гарчанде, ки онҳо дар давоми дувоздаҳ моҳ пардохт гарданд:

- *мӯҳлати ибтидоии онҳо давраи зиёда аз дувоздаҳ моҳро дарбар мегирифт;*
- *ин ӯҳдадориро ташкилот ба таври дарозмуддат азнав молиягузорӣ (рефинансирование) карданист;*

- *ин ният бо шартномаи азнавмолиякунонӣ ё тағйири ҷадвали пардохт то лаҳзаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ мустаҳкам карда шудааст.*

Баъзан чунин мешавад, ки ӯҳдадориҳои дар давоми сикли оядаи амалиётӣ пардохтшаванда бо қарори ташкилот метавонанд аз нав молиягузорӣ ё лонгиронида шаванд. Аз ин рӯ, онҳо истифодабарии сармояи гардони ташкилотро талаб намекунанд. Ин гуна ӯҳдадориҳо ҳамчун қисми молиягузории дарозмуддати ташкилот ҳисобида мешаванд. Аммо, агар азнавмолиякунонӣ бо қарори ташкилот ба амал наомада бошад (ё шартномаи азнавмолиякунонӣ мавҷуд набошад), он ҳамчун ӯҳдадории кӯтоҳмуддат инъикос меёбад. Ба шарте, ки шартномаи азнавмолиякунонӣ то тасдиқи ҳисоботи молиявӣ ҳамчун исботи дарозмуддат будани ин ӯҳдадорӣ баромад кунад, танҳо дар ин сурат, ин ӯҳдадорӣ чун дарозмуддат тасниф мегардад.

Баъзе шартномаҳои пешниҳоди қарз дар худ метавонанд чунин шарте дошта бошанд, ки мувофиқи он ҳангоми вайронсозии низоми муайяни бо вазъи молиявии қарзхоҳ вобаста, ӯҳдадорӣ бояд бо талаби қарздеҳ пардохт шавад. Дар ин ҳолатҳо ӯҳдадорӣ ҳамчун дарозмуддат тасниф мегардад, агар:

- кредитор пеш аз тасдиқи ҳисоботи молиявӣ оиди талаб накардани пардохт дар ҳолати риоя нашудани шарт розигӣ диҳад; ва
- эҳтимолияти вайронкунии минбаъдаи шартҳои аҳднома дар давоми дувоздаҳ моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ мавҷуд нест.

## 8.2. Баҳисобгирии қарзҳои кредитории тиҷоратӣ

***Гурӯҳи ҳисобҳои 22000 «Қарздории кредитории тиҷоратӣ»*** барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои субъект ҳамчун кӯтоҳмуддат таснифшаванда тибқи банди 60 – 65-и СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» пешбинӣ шудаанд.

Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаи зеринро барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи гурӯҳҳои бештар муҳим пешбинӣ мекунад:

*22010 Ҳисобҳо барои пардохт*
*22020 Васиқаҳои (векселҳои) кӯтоҳмуддат барои пардохт*
*22030 Пешпардохти харидорон ва фармоишгарон*
*22040 Дигар ҳисобҳо барои пардохт*

***Ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт»*** барои ҷамъбасти иттилоот дар бораи қарздории кредитории кӯтоҳмуддати тиҷоратии субъект барои молҳо, корҳо ва хизматрасониҳои аз тарафи таҳвилгар гирифташуда ва фактурашуда (барои фурӯш ба рӯйхат гирифташуда) пешбинӣ шудааст.

Амалиётҳои дар ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт», ки ба қоидаи «Амалиёт бо асъори хориҷӣ» -и СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор» ҷавоб гӯянд, ҳамчун бо асъори хориҷӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз тарафи БМТ (қурби баҳисобгирӣ) дар рӯзи ба ҷо овардани амалиёт муқаррар шудаанд.

Ба ҳар як санаи ҳисоботии бақияи ҳисоби 22010 бо асъори хориҷӣ ифода ёфта аз рӯи қурби баҳисобгирии ба ин сана муқараршуда бо мансуб кардани фарқият бо кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ё ба дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» ҳисоб карда мешавад.

Барои нахуст аз рӯи кредити ҳисоби ӯҳдадориҳои субъект аз рӯи пардохти молҳо ва хизматрасониҳо аз рӯи арзиши дороиҳои гирифташуда ё хизматрасониҳо аз рӯи арзиши дороиҳои гирифташуда ё хизматрасониҳои истифодашуда инъикос карда мешавад. Агар дар ҳисоби таҳвилкунанда тахфиф барои пардохти пеш аз мӯҳлат нишон дода шуда бошад, он гоҳ эътирофи нахустини қарздории кредиторӣ ва тасҳеҳи он ба маблаги тахфиф ба таври зерин инъикос карда мешавад:

- ҳангоми гирифтани ҳисоб-фактура аз рӯи кредити ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» дар мукотибот бо ҳисобҳои мувофиқи ҳисоби гурӯҳи 10700 «Захираҳои молию моддӣ» арзиши захираҳо бо ҳисоб карда баровардани маблаги тахфифи дар ҳисоб нишон дода шуда инъикос карда мешавад;
- агар субъект аз тахфиф истифода бурда набошад, ҳисобро дар мӯҳлате, ки дар он таклифи тахфиф қувваи қонунӣ дошт, он гоҳ маблағи тахфифи истифоданашуда ҳамчун хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ тасниф карда мешавад. Ҳангоми пардохти ҳисоб маблаги тахфиф бо навишт ба кредити ҳисоби 22010 дар мукотибот бо зерҳисоби «Тахфифи истифоданашуда» бо ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» барқарор карда мешавад.

Субъект карздории кредиториро аз тавозун фақат вакте мебарорад, ки қарздории кредитори (ё қисми он) пардохт шудааст, яъне вақте, ки ӯҳдадориҳои бо шартнома пешбинишуда иҷро шудаанд, аз эътибор соқит шудаанд ё вақти амали онҳо гузаштааст.

Аз рӯи дебети ҳисоби 22010 ҳамаи амалиётҳо оид ба пардохти қарздории кредиторӣ инъикос карда мешаванд.

Ба таҳвилгар баргардонидани тамоми ҳаҷми молҳои воридшуда ё қисми онҳо то пардохти ҳисобҳои вай, арзон кардани нархи молҳои гирифташуда ва дигар радкуниҳое, ки бо онҳо ҳисоби 22010 дар мукотибот бо ҳисобхои баҳисобгирии захираҳои моддии гирифташуда (арзишҳо) инъикос карда мешавад.

Агар субъект аз ӯҳдадории бо шартнома пешбинишуда бо қарори суд, ё аз тарафи қарздиҳанда озод карда шуда бошад, онгоҳ маблаги мувофиқи қарздории кредиторӣ бо гузориш аз рӯи дебети хисоби 22010 дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои гайриамалиётӣ» навишта мешавад.

Ҳамзамон ҳуҷҷате, ки барои аз ҳисоб баровардани қарздории кредиторӣ асос буда метавонад, қарори суд, ки ба қувва мувофиқи қонун даромадааст ва раддияи хаттии қарздиҳанда аз талаб карадани қарз мебошад.

Қарздории кредиторӣ бо гузаштани мӯҳлати аризаи даъвоӣ, ки Кодекси шаҳрвандӣ муқарар намудааст (моддаи 221 КГ ҶТ ва Қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2001 № 384) барои талаботҳои мувофиқ аз ҳисоби 22010 дар мукотибот ба кредити ҳисоби 66070 «Дигар харочоти гайриамалиётӣ» дар он давраи ҳисоботие, ки дар он ӯҳдадорӣ барқарор шуда буд, инъикос карда мешавад.

Ӯҳдадории бо шартнома пешбинишуда низ вобаста ба барҳам додани шахси ҳуқуқӣ қарздор аз эътибор соқит карда мешавад. Ҳамзамон маблаги мувофиқи қарздории дебиторӣ аз рӯи хисобҳо барои пардохт бо гузарониш аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои гайриамалиётӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22010 навишта мешавад.

Тибқи СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» ӯҳдадории кӯтоҳмуддати ба давраи дарозмуддат дар асоси шартномаи азнавмолиякунӣ (тамдидшаванда) ба ӯҳдадории дарозмуддат бо гузарониш аз рӯи дебети ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» дар мукотибот бо кредити ҳисоби мувофиқи гурӯҳи ҳисобҳои 22600 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддат» мувофиқ ба шартҳо аз нав тасниф карда мешавад.

Тибқи бандҳои 24 ва 25 СБҲМ (IAS) 27 «Ҳисоботи молиявии мутаҳидкардашуда ва алоҳида» ҳангоми гузаронидани расму қоидаи маҷмуъкунонии боқимондаҳо аз рӯи ҳисобҳои дохилигурӯҳӣ ба пуррагӣ хориҷ карда мешаванд.

Аз ин ҷо бо мақсади таҷаммӯи итилооти зарурие, ки бояд ҳангоми тартиб додани ҳисоботи маҷмӯии молиявӣ хориҷ карда шаванд, ташкилотҳо метавонанд зерҳисоби зеринро кушоянд:

22015 «Ҳисобҳо барои пардохт аз рӯи ҳисобҳои ташкилотҳои дохилигурӯҳӣ».

***Ҳисоби 22020 «Васиқаҳои (векселҳои) кӯтоҳмуддат барои пардохт»*** барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддате, ки ҳангоми додани васиқа ба ивази қарзи кредитории мавҷудбуда ё воситаҳои пулӣ ба миён меоянд, пешбинӣ шудааст. Васиқаҳо дар муқоиса аз ҳисобҳо барои пардохт амалан ҳамеша пардохти фоизҳоро дар назар доранд. Фоизҳо аз рӯи васиқа барои пардохт алоҳида дар ҳисоби 22250 «Фоизҳои пардохтшаванда» инъикос карда мешаванд.

Ҳангоми иваз кардани қарздории кредитории ҷойдошта ба васиқа ҳисоби 22010 дар мукотибот бо ҳисоби 22020 дебет мекунанд.

Баҳисобгирии васиқаҳо барои пардохт, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд, ба баҳисобгирии ҳисобҳо барои пардохт монанданд.

Ба санаи пардохти васиқа ҳисоби 22022 дар муросилот бо ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва дигар дороиҳо дебет карда мешавад.

Ташкилот метавонад аз пардохт бо васиқа даст кашад, ҳамзамон ин дасткашидан аз васиқа ба маблағи арзиши васиқа ҷамъи фоизҳои ҳисобкардашуда аз ҳисоби 22010 инъикос карда мешавад.

***Ҳисоби 22030 «Пешпардохтҳои гирифташуда*** - барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат, ки ҳангоми аз харидорон ва фармоишгарон гирифтани пардохти пешакӣ аз рӯи шартномаҳо барои таҳвили мол ва хизматрасонӣ ба миён меоянд, пешбинӣ шудааст. Ӯҳдадориҳо дар ҳисоби 22030 «Пешпардохтҳои гирифташуда» ба мӯҳлате, ки на зиёдтар аз дувоздаҳ моҳ баъди санаи ҳисоботи бояд танзим карда шаванд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳамаи дигар ӯҳдадориҳои вобаста ба гирифтани пешпардохт бояд ҳамчун ӯҳдадориҳои дарозмуддат дар ҳисоби 22660 «Дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат» ба ҳисоб гирифта шаванд.

Амалиётҳои дар ҳисоби 22030 инъикосшаванда, ки ба қоидаи «Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ» дар СБҲМ (IAS) 21«Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор» дода шудааст, ҳам бо асъори хориҷӣ ва ҳам бо асъори миллӣ дар аз нав баҳисобкунии бо қурби муқаррарнамудаи БМТ (қурби баҳисобгирӣ) дар рӯзи иҷро шуда-

ни амалиёт ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба ҳар як санаи ҳисоботӣ бақияи ҳисоби 22030 бо асъори хориҷӣ ифода ёфта аз рӯи қурби баҳисобгирӣ, ки ба ин сана муқаррар шудааст бо мансуб кардани фарқият бо кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ё ба дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» аз нав ҳисоб карда мешавад.

Субъект қарздории кредиториро аз рӯи пешпардохт аз тавозун он гоҳ аз ҳисоб мебарорад, ки қарздории кредиторӣ (ё як қисми он) пардохт шудааст, яъне ӯҳдадории аз рӯи шартнома пешбинишуда иҷро шудааст, аз эътибор соқит дониста шудааст, ё мӯҳлати амали он гузаштааст. Тамоми амалиётҳо оид ба пардохти қарздории кредиторӣ аз рӯи дебети ҳисоби 22030 инъикос карда мешаванд.

Ҳангоми иҷрои ӯҳдадорӣ оид ба таҳвили мол ва хизматрасонӣ маблағи мувофиқ аз рӯи дебети ҳисоби 22030 дар мукотибот аз ҳисоб барои гирифтани мол ё хизматрасонӣ ё бевосита ба кредити ҳисоби баҳисобгирии даромад аз фурӯш (44000) навишта мешавад.

Аз ҳисоб баровардани қарздории кредиторӣ вобаста ба аз эътибор соқит донистан ё гузаштани мӯҳлати амали ӯҳдадорӣ дар баҳисобгирӣ ба монанди аз ҳисоббарории ин қарздорӣ аз рӯи ин ҳисобҳо барои пардохт инъикос карда мешавад (нигар ба шарҳи ҳисоби 22010).

***Ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт»*** барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати субъект, ки ҳангоми харидани дороиҳо дар рафти фаъолияти сармоягузорӣ ва маҳз дороиҳои ғайригардишӣ ва дигар сармоягузориҳо ба миён меоянд, пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла аз рӯи кредити ҳисоби 22040 қарздории кредиторӣ барои харидории воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул, дороиҳои биологӣ, қоғазҳои қиматноки қарзӣ (васиқаҳо, вомбаргҳо) воситаҳои саҳмӣ (саҳмияҳо, саҳмҳо дар сармояи оинномавии дигар субъектҳо).

Хусусияти хоси эътирофи нахустини ӯҳдадориҳои алоҳидаро, ки бо фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманданд, дар шарҳи ҳисобҳои баҳисобгирии дороиҳои ғайригардишӣ ва сармоягузориҳо нигаред.

Баҳисобгирии таъсири тағйирёбии қурби асъор ба маблағи қарздории кредиторӣ аз рӯи дигар ҳисобҳо барои пардохт, ки дар натиҷаи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ, қатъгардидани эътирофи

ӯҳдадорӣ, азнавтаснифкунии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддатро дар шарҳи ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» нигаред.

## 8.3. Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ

**Гурӯҳи ҳисобҳои 22100 «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ»** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба ӯҳдадориҳои субъект, ки дар натиҷаи онҳо ба миён меоянд, пешбинӣ шудааст:

- ҷалб намудани воситаҳои вомӣ барои молиягузории фаъолият;
- гирифтани қарз аз бонкҳо ва дигар қарздиҳандагон бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар ҳудудҳои (сарзамини) мамлакат ва берун аз он;
- коғазҳои қиматноки қарзии баровардашуда ва инчунин қисми ҷории ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ.

Дар ҳисоби 22100 танҳо он ӯҳдадориҳои қарзӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки бояд дар давоми дувоздаҳ моҳи баъди санаи ҳисоботӣ пардохт шаванд.

Аз рӯи гурӯҳҳои бештар муҳимми ҳаммонанд нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои зерин барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳо пешбинӣ шудаанд:

*22110 «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо»*
*22120 «Дигар қарзҳо, вомҳо»*
*22130 «Қисми ҷории ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат»*
*22140 «Дигар ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат»*
*22141 «Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо ва васиқаҳо»*
*22142 «Подош (изофанарх) аз рӯи вомбаргҳо»*

### Ҳисобҳои 22110 «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо», 22120 «Дигар қарзҳо, вомҳо»

Аз рӯи кредити ҳисобҳои 22110 ва 22120 маблағи воситаҳои пулие инъикос карда мешаванд, ки аз тарафи қарзгир аз бонкҳо, дигар қарздиҳандагон (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) гирифта шудаанд, ё аз тарафи қарздиҳандагон ба шахсони сеюм бо супориши қарзгир, аз рӯи шартномаи қарз ё вомбаргӣ дода шудаанд. Аз рӯи кредити ҳисоби 22110 «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо» инчунин маблағи изофабардошти (овердрафт) бонкӣ, ки дар ҳолати аз тарафи бонк пардохт намудани ҳисобҳо ва супоришномаҳои пардохт ба мизоҷон ба маблағи аз бақия зиёдтар монда дар ҳисоб пайдо мешаванд, инъикос карда мешавад.

Ҳангоми мавҷуд будани ӯҳдадориҳое,ки бояд бо асъори хориҷӣ пардохт карда шаванд, баҳисобгири аз рӯи ҳар як асъор алоҳида (ҷудогона) бояд бурда шавад, мисол «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо бо асъори миллӣ»; «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо» бо асъори хориҷӣ ва ҳоказо.

Баҳисобгирии ҷузъии бештар васеи ӯҳдадориҳо аз рӯи қарз ва вомҳо дар ҳисобҳои алоҳида аз талаботҳои таҳлилии (аналитикӣ)-и субъект вобастааст.

Аломатҳо оид ба гирифтан ва пардохт намудани қарзҳо, вомҳо бо асъори хориҷӣ ва ҳам бо асъори миллӣ бо азнавҳисобкунӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи БМТ (қурби баҳисобгирӣ) дар рӯзи иҷроиши амалиёт ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ҳар як санаи ҳисоботии ӯхдадорӣ аз рӯи қарз ва вомҳо, ки бояд бо асъори хориҷӣ танзим карда шаванд, аз рӯи қурби баҳисобгирӣ бо мансуб кардани фарқият ба кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ё дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» аз нав ҳисоб карда мешаванд.

Субъект қарздориро аз рӯи қарз ва вомҳо фақат он вақт аз ҳисоби тавозун мебарорад, ки қарздорӣ пардохт шудааст, яъне ӯҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда иҷро шудаанд, аз эътибор соқит шудаанд, ё мӯҳлати амалашон гузаштааст. Ҳамаи амалиётҳо оид ба пардохти ӯҳдадориҳо аз рӯи дебети ҳисоби 22110 ва 22120 инъикос карда мешаванд. Аз ҳисоб баровардани қарздорӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои аз эътибор соқит шуда аз рӯи дебети ҳисобҳои 22110 ва 22120 дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешавад (нигар ба шарҳи ҳисоби 22110)

Фоизҳои барои пардохт аз рӯи қарз ва вомҳои кӯтоҳмуддат ҳисобкардашуда аз рӯи дебети ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» дар мукотибот бо ҳисоби 22260 «Фоизҳои пардохтшаванда» инъикос карда мешаванд.

Тибқи СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» вомҳои кӯтоҳмуддати ба давраи дарозмуддат такроран маблаггузоришаванда дар асоси шартномаи азнавмаблағгузорӣ ба ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо навишти мухосибӣ аз рӯи дебети ҳисобҳои 22110 ва 22120 дар мукотибот бо ҳисобҳои 22620 ва 22630 гуруҳи ҳисобҳои 22600 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддат» аз нав тасниф карда мешаванд.

***Ҳисоби 22130 «Қисми ҷории ӯҳдадориҳои қарзии дарозмуддат».*** Дар ин ҳисоб қисми ӯхдадории дарозмуддати қарзӣ, ки бояд

дар муддати дувоздаҳ моҳ аз санаи ҳисоботӣ иҷро шавад ва аз рӯи кредити ин ҳисоб (22130) дар мукотибот бо ҳисоби мувофиқ 22600 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддат» инъикос карда мешаванд, нишон дода мешавад.

***Ҳисоби 22140 «Дигар ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат»*** барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои қарзии субъект, ки аз қарз ва вомҳо фарқ мекунанд, пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, дар ин ҳисоб ӯҳдадориҳое, ки субъект аз рӯи қоғазҳои қиматноки қарзӣ баровардааст, ба монанди васиқа ва вомбарг метавонанд ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар ин ҳисоб боз қарздорӣ аз рӯи молҳо ва хизматрасониҳои пардохташон ба давраи аз мӯҳлати муқаррари қарзгирӣ зиёдтар тамдидшуда, ки фурӯшанда ҳангоми фурӯш бе пардохти пешакӣ ё фаврӣ муқаррар мекунад, ба ҳисоб гирифта мешавад, агар ӯҳдадорӣ дар мӯҳлате иҷро шавад, ки он аз як сол баъд аз соли ҳисоботии молиявӣ зиёд набошад.

Ӯҳдадориҳое, ки бояд бо асъори хориҷӣ ба танзим дароварда шаванд, ҳам бо асъори хориҷӣ ва ҳам бо асъори миллӣ дар азнавҳисобкунӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи (қурби баҳисобгирӣ) дар рӯзи иҷрошавии амалиёт ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба ҳар як санаи ҳисоботӣ, бақияи ҳисоби 22140, ки бо асъори хориҷӣ ифода шудааст, аз рӯи қурби баҳисобгирии ба ин сана муқарраршуда бо мансуб кардани фарқият ба кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ё дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фаркияти қурбӣ» аз ин ҳисоб карда мешавад.

**Баҳисобгирии вомбаргҳо.** Вомбарг когази қиматноке эътироф карда мешавад, ки ҳуқуқи нигоҳдорандаи онро барои гирифтан аз шахси ин қоғазро баровардагӣ дар мӯҳлати пешбинишудаи арзиши номиналӣ (исмӣ) ё дигар эквиваленти (муодили) амволӣ тасдиқ мекунад. Инчунин вомбарг ба шахси онро нигоҳдоранда ҳуқуқи гирифтани фоизи дар он қайдшударо аз арзиши номиналии вомбарг ё дигар ҳуқуқҳои амволро медиҳад.

Ӯҳдадорӣ оид ба вомбарг бо ду роҳ инъикос карда мешавад:

а) ҳангоми фурӯши вомбаргҳо барорингар (эмитент) ӯҳдадориро аз рӯи кредити ҳисоби 22140 дар маблағи аз фурӯш ба дастомада инъикос мекунад. Фарқият байни арзиши аввалаи вомбарг ва арзиши номиналӣ (исмӣ, тахфиф ё изофанарх) фарсудашави мешавад: ба ҳар як санаи муқарраршудаи пардохти фоизҳо бо санаи ҳисоботӣ ҳисоб карда шавад;

б) ҳангоми фурӯши вомбаргҳо барорингар арзиши номиналии вомбаргро аз рӯи кредити ҳисоби 22140 инъикос мекунад.

Маблаги тахфиф ё изофанарх бошад, аз рӯи дебети ҳисоби 22141 «Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо ва васиқаҳо» ё кредити ҳисоби 22142 «Подош (изофанрах) аз рӯи вомбаргҳо» инъикос карда мешавад. Ин ду ҳисоб ба ҳисоби 22140 ҳисоби мутақобил (контрсчет) мебошанд. Фарсудашави тахфиф ё изофанарх аз рӯи дебети (кредити) ҳисоби 66010 «Даромад дар намуди фоиз» дар мукотибот бо ҳисобҳои мутақобили номбаршуда инъикос карда мешаванд. Дар баробари ин дар тавозуни муҳосиби арзиши тавозунии ӯҳдадорӣ нишон дода мешавад, ки ҳамчун бақияи ҳисоби ба ҳисобгирии арзиши номиналии вомбаргҳо, ҷамъ(тарҳ) бақияи ҳисоби мутақобили 22141 «Дисконт(тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо, васиқаҳо», 22142 «Подош(изофанарх) аз рӯи вомбаргҳо» ҳисоб карда шудааст.

Аз ҳисоб баровардани қарздорӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои аз эътибор соқитшуда (ниг. ба ҳисобҳои 22110 ва 22120) аз рӯи дебети ҳисоби 22140 дар муросилот бо ҳисоби 66170 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешавад. Дар поён яке аз ҷадвалҳои имконпазири мукотиботи ҳисобҳои мухосибӣ оид ба баҳисобгирии амалиётҳо бо вомбаргҳо оварда шудааст.

| Мазмуни амалиёт | Рақами ҳисоби мукотиботи | |
|---|---|---|
| | дебет | кредит |
| Ба хисобгирии тахфиф ё изофанарх дар ҳисоби ҷузъй<br>1.Фурӯши вомбаргҳо<br>арзиши вомбаргҳои фурӯхташуда, тахфиф аз арзиши номиналӣ;<br>изофанарх ба арзиши номиналӣ. | <br><br>10100, 10200, 10590<br>22141<br>10100, 10200, 10590 | <br><br>22140<br>10100, 10200, 10590<br>22142 |
| 2. Ҳисобкардани фарсудашавӣ<br>• тахфиф<br>• изофанарх | <br>66110<br>22142 | <br>22141<br>66010 |
| Ба хисобгирии тахфиф ё изофанарх бе истифодаи хисоби<br>1. Фурӯши вомбаргҳо<br>• маблаге, ки бояд барои фурӯши вомбаргҳо гирифта шавад. | <br><br><br>10590 | <br><br><br>22140 |
| 2. Ҳисобкунии фарсудашави<br>• тахфиф<br>• изофанарх | <br>60110<br>22140 | <br>22140<br>66110 |
| 3. Пардохти арзиши вомбаргҳо | 22140 | 10110, 10210 |

Фоизе, ки барои пардохт аз рӯи вомбаргҳои баровардашуда ҳисоб карда шудааст, аз рӯи дебети ҳисоби 66110 «Харочот дар намуди фоиз» дар мукотибот бо ҳисоби 22260 «Фоизҳои пардохтшаванда» инъикос карда мешавад.

**Баҳисобгирии васиқаҳо (векселҳо).** Васиқаи оддӣ коғази қиматноке эътироф карда мешавад, ки ӯҳдадории бо ягон чиз вобаста набудаи васиқадиҳанда барои додани маблағи муайян ба соҳиби васиқа (арзиши пардохт) ҳангоми фаро расидани мӯҳлати бо васиқа пешбинишударо тасдиқ мекунад. Васиқа фоизнок (бо нишон додани фоизе, ки бояд ҳангоми пардохти васиқа дода шавад) ё бефоиз (маблаги фоизҳо ба арзиши пардохт дохил карда шудааст) мешавад.

Васиқаҳои фоизнок дар баҳисобгирии васиқадиҳанда аз рӯи арзиши номиналӣ (арзиши пардохт) эътироф карда мешаванд. Ҳисобкунии фоизҳо аз рӯи дебети ҳисобӣ 66110 «Харочот дар намуди фоиз» дар мукотибот бо ҳисоби 22260 «Фоизҳои пардохтшаванда» инъикос карда мешавад ва ба арзиши ӯҳдадории кӯтоҳмуддати қарзӣ, ки аз рӯи он дар баҳисобгирӣ эътироф шуда буд, таъсир намерасонад.

Васиқадиҳанда васиқаҳои бефоизро бо тахфифе (дисконте) мебарорад, ки он фоиз аз рӯи ин васиқа мебошад, яъне арзиши номиналии васиқаи бефоиз ҳам маблағи вомии гирифташуда ва ҳам фоизҳо ба онро дорад.

Васиқаҳои бефоиз барои пардохт дар баҳисобгирӣ бо ду роҳ инъикос карда мешаванд:

а) аз рӯи кредити ҳисоби 22140 «Дигар ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат» маблаге инъикос карда мешавад, ки аз рӯи васиқа гирифта шудааст. Фарсудашави бевосита аз рӯи кредити ҳисоби 22140 дар мукотибот бо ҳисоби 66110 «Харочот дар намуди фоиз» инъикос карда мешавад. Ба санаи пардохти васиқа арзиши тавозунии он ба арзиши номиналӣ – маблаге, ки бояд пардохт шавад – баробар мешавад;

б) аз рӯи кредити ҳисоби 22140 «Дигар ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат» арзиши номиналии васиқа (арзиши пардохтӣ) инъикос карда мешавад. Маблағи тахфиф (дисконт) бошад, аз рӯи дебети ҳисоби мутақобили 22144 «Дисконт (тахфиф) аз вомбаргҳо ва васиқаҳо» инъикос карда мешавад.

Фарсудашавии тахфиф аз рӯи дебети ҳисоби 66110 «Харочот дар намуди фоиз» дар мукотибот бо ҳисоби мутақобили 22141 «Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо ва васиқаҳо» ба ҳисоб ги-

рифта мешавад. Ҳангоми дар тавозуни муҳосибӣ пешниҳод кардани ӯҳдадорӣ аз рӯи васиқа барои пардохт бақияи дебетии ҳисоби мутақобили 22141 «Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо ва васиқаҳо» аз бақияи ҳисоби 22140 «Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ» тарҳ карда мешавад.

## 8.4. Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда

***Гурӯҳи ҳисобҳои 22200 «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда»*** барои инъикоси ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати бо сарфу харочот алоқаманд, ки дар давраи ҳисоботӣ эътироф шудаанд, аммо дар санаи ҳисоботӣ пардохт нашудаанд, пешбинӣ шудаанд, ба истиснои қарздории кредитории тиҷоратӣ аз рӯи ҳисобҳо барои пардохт (22200) ва харочоти ҳисобкардашуда аз рӯи пардохти андоз.

Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда низ ҳамчун кӯтоҳмуддат тасниф карда мешаванд, агар онҳо бояд дар давоми дувоздаҳ моҳи баъди санаи ҳисоботи иҷро карда шаванд. Аммо агар мӯҳлати иҷрои ӯҳдадорӣ аз дувоздаҳ моҳ баланд бошаду тахмин равад, ки ӯҳдадорӣ дар рафти муқаррарии даври амалиётии субъект истифода бурда мешавад, он гоҳ ӯҳдадорӣ низ кӯтоҳмуддат эътироф карда мешавад.

Амалан ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда аз рӯи пардохти мол ва хизматрасонӣ ва инчунин ҳисобкунӣ барои коргарон ҳамеша ҳамчун кӯтоҳмуддат ба ҳисоб гирифта мешавад.

Барои баҳисобгирии гурӯҳҳои бештар муҳими ҳаммонанди ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда, Нақшаи ҳисобҳо чунин ҳисобҳоро пешбинӣ мекунад:

*22210 Музди меҳнати пардохтшаванда*
*22220 Андози нафақаи пардохтшаванда*
*22230 Андоз аз даромади шахсони вокеии пардохтшаванда*
*22240 Андози иҷтимоии пардохтшаванда*
*22250 Суди саҳмияҳои (дивидендҳои) пардохтшаванда*
*22260 Фоизҳои пардохтшаванда*
*22270 Дигар харочоти ҳисобкардашуда*

***Ҳисоби 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»*** *барои баҳисобгирии музди меҳнати ҳисобкардашуда, вале дар санаи ҳисоботӣ пардохтнашуда истифода бурда мешавад.*

- ***Музди меҳнат*** ин дар шакли пулӣ ифода намудани ҳиссаи меҳнати кормандон барои истеҳсоли маҳсулот, кору хадамот, вобаста аз саҳм ва сифати меҳнат мебошад.

*Ду намуди музди меҳнат маъмул аст:*

- ✓ *Музди меҳнати асосӣ*
- ✓ *Музди меҳнати ва иловагӣ.*

***Музди меҳнати асосӣ*** ба коргарон барои вақти корӣ, миқдор ва ҳаҷми корҳои иҷрошуда вобаста ба ҳисобномаҳои корбайъ, меъёрҳои тарифии корӣ, мукофотпулӣ, иловапулӣ ва ғайра дохил мешавад.

Ба ***музди меҳнати иловагӣ***, дар асоси кодекси меҳнат барои вақти коркарднашуда: пардохти рухсатии меҳнатӣ, соатҳои имтиёзноки наврасон, модарон, барои иҷрои корҳои давлатӣ ва ғайра дохил мешавад.

***Шаклҳои музди меҳнат:***

- ✓ Вақтбайъ;
- ✓ Корбайъ;
- ✓ Аккордӣ.

***Музди меҳнати вақтбайъ*** барои вақти муайяни коркардашуда, новобаста аз ҳаҷми кори иҷрошуда, дар асоси табели вақти кории иҷрошуда ва маошҳои вазифавии тасдиқшуда ҳисоб карда мешавад.

***Музди меҳнати коргарони корбайъ*** вобаста ба миқдори маҳсулоти тайёркардашуда, кори иҷрошуда, дар асоси меъёрҳои тарифӣ ҳисоб карда мешавад.

***Музди меҳнати аккордӣ*** барои ҳисоб кардани ҳаҷми муайяни корҳои иҷрошуда ё истеҳсоли маҳсулоти алоҳида истифода бурда мешавад.

Бояд қайд кард, ки барои баҳисобгирии хароҷотҳои музди меҳнат, вобаста ба таалуқияти кормандони ба идоракунӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот алоқаманд, дар ҳисобҳои гуногун нишон дода мешаванд:

***Аз рӯи кредити ҳисоби 22210*** «Музди меҳнати пардохтшаванда» ӯҳдадориҳои ҳисобкардашудаи субъект аз рӯи пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳо, мукофотдиҳӣ ба шахсони аз рӯи аҳднома ҷалбшуда инъикос карда мешавад.

Одатан ҳисоби 22210 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот кредит карда мешавад:

*10730 «Истеҳсоли нотамом» ба маблағи ҳисобкунии ба коргарони истеҳсолот;*

*11090 - ба маблаги музди меҳнати ҳисобкардашуда ба кормандоне, ки дар сохтмон машгуланд;*

*55220 - ба маблаги музди меҳнати ҳисобкардашуда ба кормандоне, ки дар савдо машгуланд;*

*55310 - ба маблаги музди меҳнати кормандони маъмурият. Тибқи талаботҳои қонунгузории феълӣ аз музди меҳнат инҳо нигоҳ дошта мешаванд:*

*- андоз аз даромади шахсони воқеии пардохтшаванда – ба кредити ҳисоби 22230;*

*- андози нафақавӣ – ба кредити ҳисоби 22220;*

*- алиментҳо – ба кредити ҳисоби 22270.*

Ҳангоми додани (пардохти) музди меҳнат ҳисоби 22210 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ дебет карда мешавад.

***Аз рӯи кредити ҳисоби 22220*** «Андози нафақавии пардохтшаванда» маблағи нигоҳ дошташудаи андози нафақавӣ аз музди меҳнат тибқи талаботҳои қонунгузории андози мамлакат инъикос карда мешавад.

***Аз рӯи кредити ҳисоби 22230*** «Андоз аз даромади шахсони воқеии пардохтшаванда» маблағи нигоҳдодшташудаи андоз аз музди меҳнат тибқи талаботи қонунгузории андози мамлакат инъикос карда мешавад.

***Аз рӯи кредити ҳисоби 22240*** «Андози иҷтимоии пардохтшаванда» маблағи ҳисобкардашуда ба фонди давлатии иҷтимоӣ, ки субъекти суғуртакунанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо кардааст, инчунин маблағе, ки суғуртакунанда аз даромади шахси суғурташаванда нигоҳ доштааст, агар қонунгузорӣ ба зиммаи суғуртакунанда вазифаи нигоҳ доштан ва ҳисоб кардани аъзоҳақии суғуртаро гузошта бошад, инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи дебети ҳисоби 22240 маблаги пардохтшудаи аъзоҳаққии суғурта ва дилхоҳ дигар суммаҳои ӯҳдадориҳоро камкунанда инъикос карда мешаванд. Муҷозоти ҷаримавие, ки суғуртакунанда барои пардохти ғайрисаривақтӣ ё нопурраи аъзоҳаққии суғурта ҳисоб кардааст, аз рӯи кредити ҳисоби 22240 ё худ аз рӯи кредити ҳисоби 22270 «Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда» инъикос карда мешавад.

**Аз рӯи кредити ҳисоби 22250** «Суди саҳмияҳои (дивидендҳои) пардохтшаванда» дар мукотибот бо ҳисоби 33210 «Фонди тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ» маблағи дивидендҳо барои саҳмдорон (иштирокчиён) пардохтшаванда тибқи тартиботи тақсимоти

фоида вобаста бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон (иштирокчиён) ва қоидаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ инъикос меёбанд.

Ҳангоми мавҷуд набудан ё нокофӣ будани фоида барои пардохти суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳои имтиёздор, суди саҳмияҳо барои пардохт бо мукотибот аз рӯи дебети ҳисоби 33210 «Фоидаи тақсимнашудаи соли ҳисоботи» ҳисоб карда мешаванд. Ҳангоми мавҷуд набудан ё нокофӣ будани маблағ дар ин ҳисоб норасогии фоида нопурра карда шуда мемонад.

*Аз рӯи кредити ҳисоби 22260* «Фоизҳои пардохтшаванда» ӯҳдориҳо аз рӯи пардохти хароҷот ба фоизҳои вобаста бо истифода бурдани воситаҳои вомӣ, ки тибқи шартҳои шартнома ё шартҳои баровардани қоғазҳои қиматноки пардохти фоизҳоро пешбиникунанда ҳисоб карда шудаанд, инъикос карда мешавад. Новобаста аз мӯҳлати пардохти бо шартнома ё шароитҳои баровардани қоғазҳои қиматнок пешбинишуда ӯҳдадорӣ бояд дар асоси мутаносибии вақт дар давоми мӯҳлати истифодаи воситаҳои вомӣ ҳисоб карда шавад.

Аз рӯи кредити ҳисоби 22260 «Фоизҳои пардохтшаванда» инчунин хароҷоти молиявии иҷорагир, ки ба давраи ҳисоботии мазкур тибқи қоидаи муқаррарнамудаи банди 17-и СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора» тақсим карда шудааст, инъикос карда мешавад.

СБҲМ (IAS) 23 «Хароҷот аз рӯи вомҳо» ду роҳи баҳисобгирии хароҷот аз рӯи вомҳоро муайян мекунад:

- Тартиби асосии баҳисобгирӣ: хароҷот ба фоизҳо ба сифати хароҷоти он даврае, ки дар он новобаста он ки ба кадом мақсад воситаҳои вомӣ истифода бурда шудаанд, карда шудааст. Хароҷоти эътирофшуда дар баҳисобгирӣ аз рӯи кредити ҳисоби 22260 дар мукотибот бо ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» инъикос карда мешаванд.
- Тартиби имконпазири алтернативии баҳисобгирӣ: хароҷот аз рӯи вомҳои новобаста барои харидорӣ, сохтмон ё истеҳсолӣ дороии дахлдор (мансуб), ки омодагии он ба истифодаи тахмин мерафтагӣ вақти зиёдро талаб мекунад (минбаъд дар матн дороии баҳододашаванда) бо роҳи ба арзиши онҳо дохил намудани арзиши ин дороӣ ба сармоя табдил дода мешавад.

Маблағи хароҷот аз рӯи воми ба сармоя табдилдиҳии иҷозатдодашуда тибқи бандҳои 10-19-и СБҲМ (IAS) 23 «Хароҷот аз рӯи вомҳо» муайян карда мешавад. ба сармоя табдил додани фоизҳо аз рӯи вомҳо бо кредити ҳисоби 22260 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот барои дороӣ инъикос карда ме-

шавад (мисол бо ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом»). Ба сармоя табдил додани фоизҳо бо ибтидои корҳо оид ба ташкил кардан ва омода кардани дорон баҳододамешудагӣ ба истифода ё фурӯши тахмин мерафтагӣ оғоз мешавад ва вақте боз меистад, ки фаъолият оид ба ташкил ва омода кардани дорои канда мешавад ва ҳангоми амалан анҷом ёфтани ҳамаи корҳо оид ба ташкил ва омода кардани дорои ба истифодаи бевосита қатъ мегардад. Дар давраҳои бозистодан ё қатъ гардидани ба сармоя табдилдиҳӣ, фоизҳои ҳисобкардашуда ба сифати хароҷоти давра ҳисоб карда мешаванд ва дар ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» инъикос карда мешаванд.

Агар ӯҳдадорӣ аз рӯи пардохти фоизҳо бояд бо асъори хориҷӣ танзим карда шавад, он гоҳ баҳисобгирии ӯҳдадориҳои ҳисоб кардашуда ва пардохти онҳо ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дар азнавҳисобкунӣ ва пардохт муқаррар карда шудааст, бурда мешавад.

Бақияи ҳисоби 22260 бо асъори хориҷӣ ифодашуда дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи қурби баҳисобгирӣ аз нав ҳисоб карда мешавад. тартиби баҳисобгирии фарқиятҳои қурсӣ, ки ҳангоми азнавҳисобкунӣ ба миён меоянд, аз тартиби қабулшудаи ба ҳисобгирии хароҷот аз рӯи вомҳо вобастааст.

Агар тартиби асосии баҳисобгирӣ истифода бурда шавад, он гоҳ фарқияти қурбӣ аз рӯи дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» ё кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» инъикос карда мешавад. Агар тартиби имконпазири алтернативии баҳисобгирӣ истифода бурда шавад, он гоҳ фарқияти қурси аз рӯи дебет ё кредити ҳамон ҳисобе, ки дар он фоизҳо ба сармоя табдил дода шуда буданд, истифода бурда мешавад.

Хароҷоти молиявии иҷорагир, ки ба давраи ҳисоботии мазкур тақсим карда шудааст, аз рӯи кредити ҳисоби 22260 дар мукотибот бо ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» инъикос карда мешавад.

Агар субъект аз иҷрои ӯҳдадорӣ (ё қисман) оид ба пардохти фоизҳои ҳисобкардашуда бо қарори суд ё аз тарафи қарздиҳанда озод карда шуда бошад, он гоҳ маблағи мувофиқи қарздории кредиторӣ бо дебети ҳисоби 22260 дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» аз ҳисоб бароварда мешавад. Ҳамзамон ҳуҷҷатҳои ҳамчун асос барои суд ҳисоб баровардани қарздории кредиторӣ қарори суд, ки тибқи қоида ба ҳукми қонун

даромадааст ва ба таври хаттӣ даст кашидани қарздиҳанда аз талаботи қарз, хизмат карда метавонанд.

Қарздори кредитории мӯҳлати даъвогиаш гузашташуда, ки бо қонунгузории шаҳрвандӣ барои талаботҳои мувофиқ аз ҳисоби 22260 «Фоизҳои пардохтшаванда» ба кредити ҳисоби «Дигар даромади ғайриамалиётӣ» аз ҳисоб бароварда мешавад. Дар ҳолати барқарор кардани ӯҳдадорӣ, мисол бо қарори суд, маблағи мувофиқи қарздории кредиторӣ аз рӯи кредити ҳисоби 22260 дар мукотибот бо ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» дар давраи ҳисоботие, ки дар он ӯҳдадорӣ барқарор шуда буд, инъикос карда мешавад.

***Аз рӯи кредити ҳисоби 22270 «Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда»*** ӯҳдадориҳои ҳисобкардашудаи вобаста бо дилхоҳ хароҷотҳо, инъикос карда мешаванд, ғайр аз он ӯҳдадориҳое, ки бо ҳисобҳои 22210-22260 инъикос карда мешаванд. Аз ҷумла дар ҳисоби 22270 ҳисоб кардани хароҷотҳои дар пеш истода барои пардохти имтиёздори ҳайати кормандони субъекти шартномаи меҳнатӣ пешбинишуда, қарздории субъект аз ҳайати кормандон аз рӯи маблаги азнавҳисобкунии пешпардохтҳое, ки барои хароҷоти сафари хизматӣ дода шуда буданд, барои харидории захираҳои молию моддӣ ва ғайра, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## 8.5. Баҳисобгирии андозҳо

Кодекси андоз аз ширкат ҷамъоварии андозҳои муайянро аз мизоҷон, харидорон, кормандон ва ғузаронидани онҳоро ба буҷет талаб мекунад. Ба қатори ин гуна андозҳо андоз аз фурӯш, андоз аз арзиши изофа, андоз аз даромад ва дигар нигоҳдориҳо аз музди меҳнат ва ғ. дохил мешаванд. Дар ин маврид, ширкат ҳамчун миёнарав баромад намуда, андозҳоро барои тарафи сеюм – давлат ҷамъ меоварад. Маблағи андози ҷамъовардашуда барои тарафи сеюм ба афзоиши ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва воситаҳои пулӣ (қарздории дебиторӣ) бурда мерасонад.

Ҳар як ташкилот, вобаста ба намуди фаъолият ва шакли моликият, намудҳои гуногуни андозҳоро ҳисоб карда ба буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ пардохт менамояд. Ҳар як намуди андоз, дар асоси Кодекси андоз объекти андозбандӣ, фоизи муайян ва тартиби пешниҳоди эъломия ва пардохтро дорад.

Вобаста ба намудҳои гуногуни андоз ва объекти андозбандӣ, дар ҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳар як намуди андоз счёти тарки-

бӣ интихоб карда мешавад, ва баъди ҳисоб кардани андозҳо онҳо ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ пардохт карда мешаванд.

- ***Гурӯҳи ҳисобҳои 22300 «Андоз барои пардохт»*** *барои баҳисобгирии андозҳое, ки субъекти хоҷагидорӣ вобаста ба фаъолияти худ бояд ба буҷет пардохт намояд истифода бурда мешаванд.*

Тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳои гуногун, мувофиқи талаботҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Баъзе аз андозҳо ба монанди андоз аз фоида, андози моликият аз ҷониби ширкат мувофиқи тартиби муайянкардаи кодекси андоз дар асоси ҳисобкуниҳо ҳисоб карда мешаванд. Маблағи ҳисобкардашудаи ин гуна андозҳо ҳамчун ӯҳдадориҳои ҷорӣ ба қайд гирифта мешаванд.

***Ҳисобҳои 22300 «Андозҳо барои пардохт»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба ӯҳдадориҳо дар назди буҷет аз рӯи андозҳое, ки субъект пардохт мекунад ва дигар андозҳо (ғайр аз андозҳое, ки бо музди меҳнати ҳайати кормандон алоқаманданд), ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи нигоҳ доштан ва пардохти онҳо ба субъект тибқи қонунгузории субъект гузошта шудааст, пешбинӣ шудаанд.

Нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаро барои ба ҳисобгирии андозҳо аз рӯи гурӯҳҳои муҳимми ҳаммонанд пешбинӣ мекунад:

*22310 Андоз аз фоида барои пардохт*

*22320 Андоз аз арзиши иловагӣ (ААИ) барои пардохт*

*22330 Аксизҳо барои пардохт*

*22340 Андоз аз амволи ғайриманқул барои пардохт*

*22350 Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард барои пардохт*

*22360 Андози замин барои пардохт*

*22370 Дигар андозҳо барои пардохт*

Тартиби ҳисоб кардан ва пардохти андозҳоро қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Аз рӯи кредити ҳисобҳои 22300 «Андозҳо барои пардохт» ӯҳдадориҳо аз рӯи андозҳое инъикос карда мешаванд, ки пардохтро дар давоми дувоздаҳ моҳ аз санаи ҳисоботӣ талаб мекунанд. Ҳусусиятҳои хоси инъикос дар баҳисобгирии ӯҳдадориҳо аз рӯи андоз аз фоидаро дар шарҳи ҳисоби 11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» ва ҳисоби 22800 «Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта» нигаред.

Аз рӯи дебети ҳисобҳои 22300 «Андозҳо барои пардохт» амалиётҳо оид ба пардохти андозҳо ба буҷет, инчунин дигар ама-

лиётҳое, ки ба камшавии ӯҳдадории андоз (ҳисоббаробаркунии андоз ААИ аз рӯи захираҳои моддии харидашуда, ҳисоббаробаркунии андози аксизӣ, ки барои ашёи хоми зераксизӣ, ки аз он моли зераксизӣ истеҳсол мешавад, пардохти андоз ба шахси сеюм дар ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ бо субъект ва ғайра) инъикос карда мешаванд.

Ҷарима ва фоизҳо, ки бояд ба буҷет вобаста ба вайронкунии қонунгузории андоз пардохт карда шаванд, дар ҳисоби алоҳидаи хароҷотҳои ҳисобкардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд, мисол дар ҳисоби 22270 «Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда».

### 8.6. Баҳисобгирии дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат

***Гурӯҳи ҳисобҳои 22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода»*** барои дар баҳисобгирӣ инъикос намудани ӯҳдадориҳои ҳисобкардашудаи бузургиашон номуайян ё бо мӯҳлати номуайянӣ иҷроише, ки танзими онҳо дар оянда ба хориҷшудани захираҳои фоидаи иқтисодӣ дошта оварда мерасонад, пешбинӣ шудааст.

Захираҳо ҳангоми мавҷуд будани шароитҳои зерин фароҳам оварда мешаванд (ташкил карда мешаванд):

- ташкилот дар натиҷаи воқеаҳои гузашта дар назди тарафҳо ӯҳдадории расмӣ дорад. Ӯҳдадориро ба таври ҳуқуқӣ метавон муайян кард, яъне аз шартнома ё қонун бармеояд (мисол ӯҳдадории фармоишгар ҷуброн кардани зарар ҳангоми иҷро накардани шартҳои ӯҳдадорӣ). Ё ӯҳдадорӣ метавонад аз таҷрибаи ташкилот барояд, вақте, ки ташкилот бо таҷрибаи пешинаи бо сиёсат нашршаванда ё бо аризаи ҷории ба таври кофӣ мушаххаси худ нишон додаст, ки он ба зиммаи худ ӯҳдадориҳои муайян мегирад ва бо ин интизориҳои ҳақиқии (воқеии) дигар тарафҳоро, ки ӯҳдадориҳо иҷро карда мешаванд, фароҳам овардааст (мисол фурӯши махсулот бо талонҳои кафолатнок, купонӣ ва фурӯшҳои мукофотӣ ва ғайра).
- эҳтимол меравад, ки барои пардохти ӯҳдадорӣ хориҷшудани захирахои дар худ фоидаи иқтисоди дошта лозим меоянд;
- маблаги ӯҳдадориҳо боэътимодона мумкин аст баҳо дода шавад.

Ҳангоми ҳалли масъала дар бораи ҳисобкардан, эътироф намудани ҳисоботи молиявии захираҳои ташкилот СБҲМ (IAS)

37 «Захираҳои баҳододашаванда , ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шарти»-ро ба роҳбарӣ мегирад.

Захираҳое, ки барои зарарҳои минбаъдаи амалиётӣ ташкил карда мешаванд аз тарафи СБҲМ ҳамчун коҳишёбии арзиши дороиҳо дида баромада мешаванд; чунин захираҳо ҳамчун ӯҳдадориҳои ҳисоб кардашуда эътироф карда намешаванд ва аз арзиши тавозунии дороиҳо бароварда мешаванд. Мисол, захира барои қарздории кредитории беэътимод, ки дар ҳисоби 10420 ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз маблағи қарздории дебитори аз рӯи ҳисобҳо барои пардохт кам карда мешавад.

Ҳисобкунии захираҳо дар баҳисобгирӣ бо кредити ҳисоби 22400 дар мукотибот бо ҳисобҳои хароҷоти мувофиқ инъикос карда мешавад. Мисол, ҳисобкунии захираҳо барои хароҷот аз рӯи хизматрасонии кафолатнок аз рӯи дебети ҳисоби 55260 «Хароҷоти хизматрасонии кафолатӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22400 инъикос карда мешавад.

Тавсия дода мешавад, ки ҳар як намуди захираҳои ҳисобкардашуда дар ҳисоби алоҳидаи ҷузъӣ барои ҳисоби 22400 ба ҳисоб гирифта шавад, мисол:

*22410 «Захираҳо барои пардохти рухсатии меҳнатӣ»*
*22420 «Захираҳо барои хизматрасонии кафолатӣ»*
*22430 «Захираҳои барои даъвоҳои судӣ»*
*22440 «Дигар захираҳои ҳисобкардашуда»*

Захираҳои бештар муҳими барои ташкилоти мазкур бояд дар тавозуни муҳосибӣ дар сатрҳои алоҳида мансуб ба моддаи «Захираҳо» инъикос карда шаванд.

Дар ҳар як санаи ҳисоботӣ бояд захираҳо аз нав дида баромада шуда, барои инъикоси баҳодиҳии беҳтари ҷорӣ ислоҳ (тасҳеҳ) карда шаванд. Зиёдшавии захира аз рӯи дебети ҳисобҳои мувофиқи хароҷот, дар мукотибот бо ҳисоби 22400 инъикос карда мешавад. Камшавии захира аз рӯи дебети ҳисоби 22400 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгири мувофиқи хароҷот инъикос карда мешавад.

Хароҷоти воқеӣ, ки барои он захираҳо фароҳам оварда шудаанд, ба дебети ҳисоби 22400 навишта мешаванд. Захира бояд танҳо барои он хароҷоте истифода бурда шавад, ки барои он аз аввал пешбинӣ шуда буд.

Вақте, ки таъсири арзиши муваққатии пул аҳамиятнок аст, захираҳо бояд дисконт карда шаванд (нигаред ба бандҳои 45-47-и

СБҲМ (IAS) 37) «Захираҳои баҳододашаванда, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шарти». Зиёдшавии захира дар натиҷаи дисконтшавӣ ҳамчун хароҷот аз рӯи вомҳо эътироф карда мешавад ва дар баҳисобгирӣ аз рӯи кредити ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» инъикос карда мешавад.

Хароҷот ва пардохтҳои воқеӣ, ки дар он пеш захира ташкил карда шуда буд, ба дебети ҳисоби 22410 дар мукотибот, аз ҷумла бо ҳисобҳои 22210 ва 22230 «Андоз аз даромади шахсони воқеи пардохтшаванда»; 55010 «Арзиши аслии фурӯш»; 55200 «Хароҷоти фурӯш»; 55300 «Хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ »; 22000 «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат» ва ғайра мансуб карда мешавад.

Дурустии ташкилшавӣ ва истифодаи маблаги захираҳо давра ба давра аз рӯи маълумотҳои смета, ҳисобҳо ва ғайра санҷида мешавад ва ҳангоми зарурат тасҳеҳ дароварда мешавад.

***Гурӯҳи ҳисобҳои 22500 «Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат»*** барои ҷамъбасти иттилоот дар назди муассисон ва ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ) ва инчунин ӯҳдадориҳои фаъолияти қатъгардида пешбинӣ шудаанд.

Бо мақсади ба таври фаврӣ гирифтани иттилооте, ки тибқи СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» ошкор карданро талаб мекунад, пешбинӣ намудани дигар ҳисобҳо барои баҳисобгирии қарздории кредитории ташкилоти модарӣ, ташкилотҳои фаръӣ ва муттаҳидшуда ва дигар тарафҳои алоқаманд мувофиқи мақсад аст.

***Ҳисоби 22510 «Ӯҳдадориҳо дар назди муассисон»*** барои инъикоси қарздорӣ аз рӯи амалиётҳои молиягузории муваққатӣ аз тарафи муассисон, ки аз амалиётҳо оид ба қарздиҳӣ ва бебозгашт гирифтани дороиҳо фарқ мекунад, истифода бурда мешавад.

***Ҳисоби 22520 «Қарздории кредитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)»*** барои баҳисобгирӣ ва пешниҳодот дар ҳисоботи молиявии субъект то муттаҳидкунии маблаги умумӣ, ки аз ташкилотҳои фаръӣ ё модарӣ бояд гирифта шавад, пешбинӣ шудааст. Ҳисоби 22520 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ҳангоми додани пул ба ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ), дигар ҳисобҳои ба ҳисобгирии дороиҳо дебет карда мешавад, ё бо ҳисоби 10580 «Қарздории дебитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)» ба ҳисоб гирифта мешавад.

***Ҳисоби 22530 «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати фаъолияти қатъшуда»*** барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои ҷорӣ бо мақсади фурӯши ташкилотҳои фаръӣ дарёфтшуда, ӯҳдадориҳои зерсохтори баро-

мада истода ва фаъолияти қатъшудаи мустақилона баҳисоб гирифта шаванда истифода бурда мешавад.

## 8.7. Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат

***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат – ин ӯҳдадориҳое, ки мӯҳлати пардохташон зиёда аз дувоздаҳ моҳ аз санаи ҳақиқии тавозун ё як сикли амалиётӣ, вобаста ба он, ки кадоме аз онҳо дарозтараст, мебошад.***

Сабабҳои асосии пайдоиши ӯҳдадориҳои дарозмуддат:

- осонтар будани гирифтани сармояи ҷалбшуда назар ба сармояи саҳҳомӣ;
- дар афзалият аз саҳҳомон кредиторон ҳуқуқи овозро надошта, дар идоракунии ширкат иштирок намекунанд;
- арзиши пурраи воситаҳои қарзии ҷалбшуда аз молиягузорӣ бо роҳи барориши саҳмияҳои нав пасттар аст;
- баъзе ташкилотҳо бо ҳиссаи баланди воситаҳои қарзӣ фоидаро аз воситаҳои қарзӣ ба даст меоранд, ки он аз меъёри пардохтҳои фоизӣ зиёд аст.

Ба ин нигоҳ накарда, афзоиши ӯҳдадориҳо хавфнок аст, зеро ҳиссаи хароҷоти фоизӣ аз рӯи онҳо меафзояд. Аҳдномаҳои қарзӣ фаъолият ё сохтори молиявии ташкилот-қарзгирро бо мақсади пастнамоии хавфи иҷронашавии ӯҳдадорӣ маҳдуд месозанд. Маҳдудият метавонад бузургии максималии ҳаққусаҳм, талабот оиди нигоҳдории сатҳи даромаднокӣ ва бозоргириро дарбар бигирад.

Аз нуқтаи назари маблаггузор - қарздиҳӣ – усули боваринoктари сармоягузорист, зеро кредиторон аз дараҷаи баланди бехатарии пардохтҳои қонунии қарзӣ (баргардониши дорои ба таври мунтазам сурат мегирад) бархурдор буда, ҳуқуқҳои афзалиятнокро ба дороиҳо ҳангоми барҳамхӯрии дебитор доранд. Ба даромади нисбатан пасттар нигоҳ накарда, сармоягузориҳои қарзӣ нисбати сармоягузориҳо ба саҳмияҳо бехавфтаранд.

Ҳангоми **баҳодиҳӣ** ва **ченкунии** ӯҳдадориҳо мебояд принсипҳои зеринро ба назар гирифт:

- ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо арзиши одилонаи бозории молу хадамоти ба қарз гирифташуда қайд мегарданд. Меъёри бозории фоизӣ- ин меъёри бечунучарои амалиётист, ки ба арзиши ҳақиқии пардохтҳои талабшавандаи ояндаи нақдӣ аз рӯи арзиши одилонаи бозории молу хадамот баробар аст;

- пардохти даврии фоизҳо бо меъёри бозории фоизӣ дар санаи бавуҷудоии ӯҳдадорӣ асос ёфтааст;
- арзиши бақиявии ӯҳдадории дарозмуддат дар санаи тавозунӣ – ин арзиши ҳақиқии ҳамаи пардохтҳои боқимондаи нақдӣ, ки то меъёри бозории фоизӣ ҳангоми бароориш дисконтиронида шудаанд, мебошад. Меъёри фоизии бо ин мақсад истифодашаванда дар давоми мӯҳлати ӯҳдадорӣ тағйир намеёбад.

Ӯҳдадориҳои дарозмуддат дар тавозун аз рӯи нишонаҳои гуногун тасниф мегарданд.

***Гурӯҳи ҳисобҳои 22600 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддат»*** барои ҷамъбасти иттилоот оид ба ӯҳдадориҳои субъект бо мӯҳлати иҷроишашон бештар аз дувоздаҳ моҳи баъди санаи ҳисоботӣ пешбинӣ шудаанд.

Барои ба ҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз гурӯҳҳои бештар муҳими ҳаммонанд чунин ҳисобҳо пешбини шудаанд:

*22610 Вомбаргҳо барои пардохт*
*22620 Қарзҳои бонкӣ*
*22630 Қарзҳои дигар*
*22640 Васиқаҳои (векселҳои) пардохтшаванда*
*22650 Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷрои молиявӣ*
*22660 Ӯҳдадориҳои дарозмуддати фаъолияти қатъгардида*
*22670 Дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат*
*22691 Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳои дарозмуддат*
*22692 Подош (изофанарх) аз рӯи вомбаргҳои дарозмуддат*

Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз рӯи ҳар як ӯҳдадории алоҳида, бо инъикоси ҳатмии меъёрҳои фоизӣ, мӯҳлати пардохт, имтиёзҳои вогардонӣ (табдили), имконияти пеш аз мӯҳлат харидани вомбаргҳо, ё бекор кардани шартномаи иҷора, таъмини қарзи вомбаргӣ, гарави пешниҳодшуда, асъори пардохт ва ғайра бурда мешавад. Вобаста аз талаботҳои таҳлилӣ, ӯҳдадориҳоро дар ҳисобҳои алоҳидаи ҷузъӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд, мисол;

*22611 «Вомбаргҳои даррозмуддати пардохтшаванда-таъминшуда»;*
*22612«Вомбаргҳои дарозмуддати пардохтшаванда-таъминнашуда»*
*22613 «Вомбаргҳои дарозмуддати пардохтшаванда - фаврӣ»;*
*22614 «Вомбаргҳои дарозмуддати пардохтшаванда-силсилавӣ»;*
*22615 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддати табдили пардохтшаванда»;*
*22621 «Вомҳои дарозмуддати бонкӣ, қарзҳо бо асъори миллӣ»*
*22622 «Вомҳои дарозмуддати бонкӣ, қарзҳо бо асъори хориҷӣ»;*

*22631 «Вомҳои дарозмуддати ғайрибонкӣ, қарзҳо бо асъори миллӣ»;*
*22632 «Вомҳои дарозмуддати ғайрибонкӣ, қарзҳо бо асъори хориҷӣ»*

Ҳисобҳои 22610 – 22640 барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддати молиявӣ, ки ҳангоми гирифтани вомҳо ва қарзҳо ба миён меоянд, аз ҷумла бо васиқаҳои додашуда таъмингардидаанд, пешбинӣ шудаанд.

Тибқи СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» ӯҳдадориҳои дарозмуддати молиявӣ аввал дар баҳисобгирӣ аз рӯи харочоти воқеӣ эътироф карда мешаванд, яъне аз рӯи арзиши одилонаи товони гирифташуда (бо дарназардошти харочотҳо аз рӯи иҷрои додугирифт). Ҳамзамон ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ ба миён меоянд, дар баҳисобгирӣ аз рӯи кредити ҳисобҳои мувофиқи 22600 «Ӯҳдадориҳои дарозмуддат» бо асъори миллӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи БМТ ба санаи иҷро шудани амалиёт эътироф карда мешаванд.

Баъди нахуст эътироф ӯҳдадориҳои молиявӣ аз рӯи арзиши фарсудашавиӣ баҳо дода мешаванд (қоидаи арзиши фарсудашавиӣ дар СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ» маънидод мешавад.) Фарсудашави фарқият байни харочотҳои воқеӣ дар маблағе, ки ӯҳдадорӣ нахуст эътироф шуда буд, ва нархи пардохтро дар ҳисоби мутақобили алоҳида барои ҳисоби ӯҳдадорӣ ба ҳисоб гирифтан мумкин аст, ё бевосита ба дебет ё кредити ҳисоби баҳисобгирии ӯҳдадорӣ навиштан мумкин аст. (Тартиби баҳисобгирии фарсудашавиро дар шарҳи ҳисобҳои 22110 ва 22140 «Дигар ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат» нигаред.). Баҳисобгирии тағйирёбии арзиши ӯҳдадорие, ки бояд бо асъори хориҷӣ танзим карда шавад, ҳам бо асъори хориҷӣ ва ҳам бо асъори миллӣ дар азнавҳисобкунӣ аз рӯи қурби БМТ дар рӯзи иҷро шудани амалиёт қурби баҳисобгирӣ, бурда мешавад.

Ба ҳар як санаи ҳисоботӣ ӯҳдадории бо асъори хориҷӣ ифодашуда аз рӯи қурби баҳисобгирӣ бо мансуб кардани фарқият ба кредити ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ» ё ба дебети ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ» аз нав ҳисоб карда мешавад.

Ӯҳдадорӣ (ё қисми он), ки бояд дар давоми 12 моҳ баъд аз санаи ҳисоботи иҷро карда шавад, аз ҳисоби 22600 ба кредити ҳисоби 22130 «Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддати қарзӣ» навишта мешавад. Ӯҳдадорие, ки пардохти фоизҳоро пешбинӣ мекунад, ҳамчун дарозмуддат тасниф карда мешавад, ҳатто агар онҳо бояд дар давоми 12 моҳи баъди санаи ҳисоботӣ пардохт ша-

ванд, аммо мӯҳлати аввалаи пардохт аз дувоздаҳ моҳ зиёд мебуд ва тахмин меравад, ки онҳо ба давраи дарозмуддат ислоҳот даровaрда мешаванд ва бо шартномаи маблағгузории такрорӣ ё тағйир додани речаи пардохтҳо мустаҳкам карда мешаванд.

Тибқи СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» ӯҳдадории кӯтоҳмуддате, ки такроран ба давраи дарозмуддат маблағгузорӣ карда мешаванд ва ин мақсад бо шартномаи маблағгузории такрорӣ мустаҳкам карда шудааст, ба ӯҳдадории дарозмуддат бо дебети ҳисоби мувофиқи баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ дар мукотибот бо ҳисоби мувофиқи баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз нав тасниф карда мешавад.

Қатъшавии эътирофи ӯҳдадории дарозмуддат низ дар баҳисобгирӣ ба монанди қатъшавии эътирофи ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ инъикос карда мешаванд (нигар ба шарҳи ҳисоби 22100 «Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ»).

***Ҳисоби 22650 «Ӯҳдадориҳо аз рӯи ичораи молиявӣ»*** - барои баҳисобгирии ӯҳдадорие, ки дар ичорагир аз рӯи шартномаи ичораи молиягузоришаванда пайдо мешавад, пешбинӣ шудааст. Тартиби баҳисобгирии Ӯҳдадориҳо аз рӯи ичораи молиявиро СБҲМ (IAS) 17 «Ичора» муайян кардааст.

Аз рӯи кредити ҳисоби 22650 дар мукотибот бо ҳисоби баҳисобгирии дороиҳои дарозмуддат ӯҳдадорӣ дар маблағи баробар бо арзиши одилонаи молу амволи ба ичора гирифташуда ё арзиши тахфифшудаи (дисконтшудаи) пардохтҳои камтарини ичора инъикос меёбад, агар арзиши тахфифшуда (дисконтшуда) аз арзиши одилона паст бошад. Маблағи пардохти ичора, ки дар шартнома муайян шудааст, хароҷоти молиявии ичорагир ва камшавии ӯҳдадории пардохтнашударо дар бар мегирад.

Хароҷоти молиявӣ аз рӯи давраҳо дар давоми мӯҳлати ичора тавре тақсим карда мешавад, ки меъёри доимии давраи фоиз ба бақияи боқимондаи ӯҳдадорӣ пайдо шавад. Маблағи хароҷоти молиявӣ, ки ба давраи ҳисоботи рост меояд, арзиши дебети ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» дар мукотибот бо ҳисоби 22250 «Суди саҳмияҳои пардохтшаванда» инъикос меёбад. Қисми боқимондаи пардохти ичораи барои давра ҳисобкарда шуда аз рӯи дебети ҳисоби 22650 «Ӯҳдадорӣ аз рӯи ичораи молиявӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22060 «Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат» инъикос меёбад.

***Ҳисоби 22700 «Даромадҳои мавқуфгузошта»*** - барои баҳисобгирии даромади давраҳои оянда- даромадҳое, ки дар натиҷаи

баъзе додугирифтҳо пайдо мешаванд, пешбинӣ шудааст, аммо дар СБҲМ эътирофи ин даромадҳо ба давраҳои минбаъдаи ҳисоботӣ мавқуф гузошта мешаванд. Дар ҳисоби 22700 «Даромадҳои мавқуфгузошта» маблағи даромади давраҳои оянда, ки эътирофи онҳо ба давраи зиёдтар аз 12 моҳи баъди санаи ҳисоботӣ мавқуф гузошта шудааст инъикос меёбад.

Мисоли ҳолатҳое, ки даромади мавқуфгузошта пайдо мешавад, мусоида ё кӯмаки молиявӣ, баҳисобгирии амалиётҳои фурӯши дороиҳо бо иҷораи мутақобила буда метавонанд.

Мусоидае (субсидияе), ки СБҲМ (IAS) 20 «Ҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба кӯмаки давлатӣ» ҳамчун мансуб ба даромад муқаррар мекунад, аз рӯи кредити 22700 лаҳзаи ин мусоида эътироф карда мешавад – пулӣ ё ғайрипулӣ инъикос меёбад. Мусоидаи ғайрипулӣ аз рӯи арзиши одилонаи дороиҳои ғайрипулӣ ба сифати мусоидагирифташуда баҳо дода мешаванд.

Эътирофи даромади давра аз рӯи мусоида, ки ба даромад мансуб аст дар баҳисобгирӣ бо дебети ҳисоби 22700 дар мукотибот бо ҳисоби 44020 «Дигар даромад аз фаъолияти амалиётӣ» инъикос меёбад.

Эътирофи даромад аз рӯи мусоидаҳо, ки СБҲМ (IAS) 20 «Ҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба кӯмаки давлатӣ» ҳамчун мусоидаи мансуб ба дороиҳо муқаррар мекунад, дар баҳисобгирӣ аз рӯи ду усул инъикос меёбад, ки СБҲМ (IAS) 20 «Ҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба кӯмаки давлатӣ» ҳамчун альтернативҳои истифода мешудагӣ дида баромадааст.

Тибқи яке аз ин усулҳо, даромади мавқуфгузошта аз рӯи мусоидаҳо даромад дар давоми мӯҳлати истифодаи фоидаовари мустаҳкам ва сарфакоронаи дороии дарозмуддат, ки аз ҳисоби мусоида харидори ё ташкил карда шудааст, эътироф карда мешавад.

Қоидаи мазкур дар ба ҳисобгирӣ ба таври зерин амалӣ мегардад: маблағи даромади эътирофшуда аз ҳисоби 22700 «Даромади мавқуфгузошта» ба кредити ҳисоби 60070 «Дигар даромади ғайриамалиётӣ» дар як вақт бо мукотибот аз рӯи ҳисобкунии фарсудашави дорои дарозмуддат навишта мешавад.

Агар дар нисбати мусоидаи дар ҳисоби даромади мавқуфгузошта талабот оид ба баргардонидан аз рӯи ин ё он сабаб мавҷуд бошад, он гоҳ маблағе, ки бояд баргардонидан шавад, азҳисоббароварда мешавад;

- ба дебети ҳисоби 22700 дар мукотибот бо ҳисобҳои воситаҳои пулӣ ё бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» дар ҳудудҳои бақияи ҳисоби 22700 дар лаҳзаи пайдо шудани талабот дар бораи баргардонидан;
- ба дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ»- дар маблағе, ки аз бақияи ҳисоби 22700 «Даромади мавқуфгузошта» баланд мебошад.

Айнан ба монанди мусоидаҳои давлатӣ бояд мусоидаҳои аз субъектҳои ғайритиҷоратӣ гирифташуда ба ҳисоб гирифта шаванд. Ҳамзамон истилоҳи дар таҷриба зуд-зуд истифодашавандаи «Грант»-ро бояд ҳамчун ҳаммаънои истилоҳи «Мусоида» фаҳмид, агар фақат грант ба субъект бебозгашт пешниҳод карда нашаваду умуман, барои аз тарафи субъект иҷро кардани шартҳои муайяни бо фаъолияти иқтисодии ӯ алоқаманд.

Амалиётҳо бо фурӯши иҷораи мутақобила фурӯши дороиро бо иҷораи мутақобилаи минбаъдаи он аз тарафи фурушанда дар назар дошта мешавад.

Агар фурӯш бо иҷораи мутақобила ба иҷораи молиявӣ оварда расонад, он гоҳ фоида ҳангоми фурӯши дорои пайдошуда ва ҳамчун фарқият байни пули ҷамъшуда аз фурӯш ва арзиши тавозунӣ муайян мешудагӣ ҳамчун даромади даврахои оянда инъикос меёбад ва ба сифати даромади давраи ҳисоботи дар давоми мӯҳлати иҷора эътироф карда мешавад. Ин қоидаи СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора» дар баҳисобгирӣ ба таври зерин инъикос меёбад:

- аз рӯи кредити ҳисоби 22700 пули ҷамъшуда аз фурӯши дорои, ки бо иҷораи мутақобила фурӯхта шудааст;
- аз рӯи дебети 22700 арзиши тавозунии дорои инъикос меёбад;
- бақияи ҳисоби 22700 (фоида аз фурӯши дорои) бо қисмҳои баробар дар давоми мӯҳлати иҷора дар дебети ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» азҳисоб бароварда мешавад.

Агар фуруш бо иҷораи мутақобила ба иҷораи амалиётӣ оварда расонад ва ҳамзамон нархи фуруш аз арзиши одилонаи дорои фурӯхташуда баланд бошад, он гоҳ арзиши тавозунии дорои то арзиши одилона аз нав баҳо дода мешавад ва маблағи азнавбаҳодиҳӣ ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ эътироф карда мешавад. Фарқият байни пули ҷамъшуда аз фуруш ва арзиши одилонаи дорои ҳамчун даромади мавқуфгузошта ба ҳисоб гирифта мешавад ва ба ҳисоби даромад аз фаъолияти

гайриамалиётӣ дар давоми давраи тахминии истифодаи дорои навишта мешавад. Амалан амалиёти чунин фуруш бо иҷораи мутақобилан амалиётӣ метавонад дар баҳисобгирӣ ба таври зерин инъикос ёбад;

- ба санаи фурӯши маблағи фарсудашавии ҷамъшуда аз рӯи дороии фурӯхташуда ба кредити ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ навишта мешавад;
- фарқият байни арзиши одилона ва арзиши тавозунӣ ба дебет ё кредити ҳисоби бахисобгирии воситаҳои асосӣ дар мукотибот бо ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат», бо ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» азҳисоббароварда мешавад;
- арзиши нави тавозунии дорои баробар ба арзиши одилонаи он ба дебети ҳисоби 22700 навишта мешавад;
- пули ҷамъшуда аз фурӯши дорои аз рӯи кредити ҳисоби 22700 «Даромади мавқуфгузошта» инъикос меёбад.

**Ҳисоби 22800 «Ӯҳдадорихои андозии мавкуфгузошта»** барои ҷамъбасти иттилоот оиди ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда, ки ҳангоми дар баҳисобгирӣ инъикос намудани андоз аз фоида мутобиқи СБҲМ (IAS) 12 «Андозҳо аз фоида» бо усули ӯҳдадорӣ пайдо мешаванд, пешбинӣ шудааст.

Барои инъикоси андоз аз фоида бо усули ӯҳдадорӣ, ки муқаррарорти СБҲМ (IAc S) 12 «Андозҳо аз фоида» пешбинӣ менамояд, субъектҳо вазифадоранд, ки ҳангоми мавҷуд будани шартҳои муайян ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташударо ба маблаги дахлдори андози босамар аз фарқиятҳои муваққатии андозбандишаванла, ки дар санаи ҳисоботӣ мавҷуд мебошад, дар ҳисобгирӣ инъикос намоянд.

Ҳангоми эътирофи нахустин ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда аз рӯи кредити ҳисоби 22800 дар мукотибот бо ҳисобҳои зерин:

66200 «Хароҷотҳо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида»

22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» ва мумкин аст дар мукотибот бо ҳисоби 11700 «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта» инъикос карда мешаванд.

Дар ин ҳолат маблаги хароҷотҳо аз рӯи андоз барои давраи ҳисоботӣ бояд ба маблаги ӯҳдадории ҷории андозӣ (К<sup>т</sup> ҳисоби 22310), ҷамъ ё ки тарҳи андозҳои мавкуфгузошташуда (Д<sup>т</sup> ҳисоби 11700 ё ки К<sup>т</sup> ҳисоби 22800) мувофиқат намояд.

Талаботҳои андозии мавқуфгузошта) метавонанд зери таъсири якчанд фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда ба вуҷуд оянд. Барои осон намудани рафти баҳисобгирӣ тавсия карда мешавад, ки дар Нақшаи корӣи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳидаи баҳисобгирии талаботҳои андозии тамдидӣ дар доираи фарқиятҳои муваққатии мавҷудбуда пешбинӣ карда шавад.

Фарқияти муваққатӣ аз як ва ҳамон моддаи баҳисобгирӣ дар давраҳои гуногун метавонад ҳамчун маблағи андозбандӣ ё ки ҳамчун маблағи тарҳшаванда муайян карда шавад, ки андози босамари он мутаносибан ҳамчун ӯҳдадориҳои андозии мавқфгузошташуда, ё ки талаботҳои андозии тамдидӣ (мавқуфгузошта) инъикос карда мешаванд.

Барои соддагардонии баҳисобгирии андози босамар аз ҳисоби фарқиятҳои муваққатии тағйирёбанда, тавсия дода мешавад, ки андозҳои мавқуфгузошташуда дар як хисоби дуракама, масалан 11700/22800 «Андози босамари фарқиятҳои муваққатӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ (ё ки аз рӯи қарзҳои беэътимод ва ғ.ҳ.»)) ба ҳисоб гирифта шаванд ва дар ҳисоби мазкур тамоми тағйиротхо аз рӯи андозҳои мавқуфгузошташуда инъикос карда шаванд:

- ҳангоми мавҷуд будани талаботҳои андозии тамдидӣ (мавқуфгузошта) натиҷаи бадастомада аз рӯи дебети ҳисоби мазкур инъикос карда шавад;
- ҳангоми мавҷуд будани ӯҳдадории андозии мавқуфгузошташуда – аз рӯи кредити ин хисоб дар мукотибот бо ҳисоби 66200 «Хароҷотхо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида» ва хисоби 22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» инъикос карда шавад.

Дар тавозуни муҳосибӣ бақияи дебетии ҳисобҳои дуракама дар моддаи «Талаботҳои андозии мавқуфгузошта)» инъикос карда шуда, бақияи кредитӣ бошад дар моддаи «Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошта» инъикос карда мешавад.

СБҲМ (IAS) 12 «Андозҳо аз фоида» барои ҳисоббаробаркунии мутақобилаи бақияи дебетӣ ва кредитии андозҳои мавқуфгузошташуда, яъне ҳисоббробаркунии байни талаботҳои андозии мавқуфгузошта (ҳисоби 11700) ва ӯҳдадории андозии мавқуфгузошта (ҳисоби 22800) маҳдудиятҳои қатъӣ муқаррар менамояд. Субъект метавонад чунин хисоббаробакуниҳоро танҳо дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои муайян амалӣ намояд.

Ҳангоми кам гардидан ё ки пардохт гардидани ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда дилхоҳ андози босамар аз рӯи

фарқиятҳои муваққатии андозбандишаванда дар дебети ҳисоби 22800 «Ӯҳдадориҳи андозии мавқуфгузоштташуда» дар мукотибот бо ҳисобҳои 66200 «Харочотҳо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида» ва 22310 «Андоз аз фоида барои пардохт» ва мумкин аст дар мукотибот бо ҳисоби 11700 «Талаботи андозии мавқуфгузошта)» инъикос карда шавад.

Дар ин ҳолат маблағи харочотҳо аз рӯи андоз барои давраи ҳисоботӣ бояд ҳамчунин ба маблағи ӯҳдадориҳи чории андозӣ ($К^т$ ҳисоби 22310) чамъ ё ки тарҳи андозҳои мавқуфгузоштташуда ($Д^т$ ҳисоби 11700 ё ки $К^т$ ҳисоби 22800) мувофиқат намояд.

# МАВЗӮИ 9. БАҲИСОБГИРИИ САРМОЯИ ХУДӢ

**9.1. Мафҳум ва тавсифи сармоя**
**9.2. Сармояи худӣ ва қарзӣ**
**9.3. Сохтори сармояи худӣ**
**9.4. Сармояи оинномавӣ, захиравӣ ва иловагӣ**

## 9.1. Мафҳум ва тавсифи сармоя

*Истилоҳи **«Сармоя»** (аз англисӣ - capital, лотинӣ - capitalis - **асосӣ)** дар маънои васеъ, ин ҳамаи он чӣ, ки имконияти овардани даромадро дорад, ё захираҳоест, ки инсон баҳри истеҳсоли молҳо ва ҳадамот офаридааст. **Сармоя** категорияи муҳимтарини иқтисодӣ мебошад.*

Намудҳои сармоя:

1. Асосӣ (воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, маблағгузориҳои дарозмуддати молиявӣ)
2. Гардон (ЗММ ва дигар дороиҳои кӯтоҳмуддат)
3. Пулӣ

Аз нуқтаи назари ҳисоботи молиявӣ ӯҳдадориҳо (сарчашмаи пайдоиши амвол) – и ташкилот ба сармояи худӣ ва ӯҳдадории молиявӣ тақсим мешаванд.

**Ӯҳдадориҳо = Сармояи худӣ + Ӯҳдадории молиявӣ**

Сармояи худӣ аз ҳисоби воситаҳои мулкдорон ташкил ёфтааст. Андозаи сармояи худӣ аз натиҷаҳои фаъолияти молиявии ташкилот (даромад, зарар) вобаста буда, ҳамчун фарқи байни дороиҳо (боигарӣ) ва ӯҳдадориҳои ташкилот муайян мешавад:

**Сармояи худӣ = Дороиҳо – Ӯҳдадориҳои молиявӣ**

Сарчашмаҳои ташкилёбии сармояи худӣ:

- воситаҳои муассисон (сармояи оинномавӣ; сармояи ҷамъшаванда, фонди уставӣ, сармояи саҳҳомӣ);
- фоидаи софи солҳои гузашта ва соли ҳисоботӣ бо тарҳи пардохти даромадҳо ва дивидендҳо ба муассисон;
- аъзоҳаққии беподоши муассисон, инчунин шахсони воқей ва ҳуқуқӣ;
- воситаҳои маблағгузории мақсадноки бебозгашт дохилшуда.

## 9.2. Сармояи худӣ ва карзӣ

*Сармояи ташкилот ба худӣ ва қарзӣ тақсим мешавад.*
Сармояи худӣ иборат аз:

- сармояи оинномавӣ (сармояи ҷамъшаванда, фонди уставӣ) ё сармояи саҳмдорон дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ;
- сармояи изофагӣ (баъзан «сармояи иловагӣ» ё «сармояи барилова пардохташуда» меноманд);
- фоидаи тақсимношуда;
- сармояи захиравӣ.
- маблаггузориҳои мақсадноки молиявӣ.

Дар нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ сармояи худӣ дар ҳисобҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад:

*33000 Сармояи оинномавӣ* *33100 Сармояи иловагӣ*
*33200 Фоидаи тақсимнашуда* *33300 Сармояи захиравӣ*

*Сармояи қарзӣ иборат аст аз:*

- *Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*
- *Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*

## 9.3. Сохтори сармояи худӣ




*Тасвири 9.1.Сохтори сармояи худӣ*

## 9.4. Баҳисобгирии сармояи оинномавӣ, захиравӣ ва иловагӣ

➢ *Сармояи оинномавӣ* аз ҳисоби ҳиссагузории муассисон, ташкилкунандагон ва саҳҳомон, мувофиқи шартномаи таъсисёбии ташкилот, ба андозаи дар оинномаи ташкилот инъикосёфта ташкил меёбад.

Баъди аз қайди давлатӣ гузаштани ташкилот, ба андозаи дар оиннома инъикосёфтаи сармояи оинномавии ташкилот чунин навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад:

*Дт 10600 Қарзи муассисон (иштирокчиён) оиди сармояи оинномавӣ*

*Кт 33000 Сармояи оинномавӣ*

Мувофиқи шартномаи таъсисёбии ташкилот, ҳар як муассис метавонад ҳиссаи худро дар шакли пулӣ, воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, молу масолеҳи қиматнок барои ташкилоти навташкил гузаронад:

✓ Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз муассисон:

*Дт 10100,10200 Воситаҳои пулӣ*

*Кт 10600 Қарзи муассисон (иштирокчиён) оиди сармояи оинномавӣ*

✓ Дохилшавии воситаҳои асосӣ аз муассисон:

*Дт 11000 Воситаҳои асосӣ*

*Кт 10600 Қарзи муассисон(иштирокчиён) оиди сармояи оинномавӣ*

✓ Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз муассисон:

*Дт 11200 Дороиҳои ғайримоддӣ*

*Кт 10600 Қарзи муассисон(иштирокчиён) оиди сармояи оинномавӣ*

✓ Дохилшавии захираҳои моддию молӣ аз муассисон:

*Дт 10700 ЗММ, 10800 Захираҳои масолеҳи ёрирасон*

*Кт 10600 Қарзи муассисон (иштирокчиён) оиди сармояи оинномавӣ*

Барои ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун сармояи оинномавӣ ба таври гуногун ном бурда мешавад, ба монанди фонди оинномавӣ, сармояи саҳҳомӣ, сармояи ғункунӣ ва ғайра.

Зиёдшавӣ ё камшавии сармояи оиннома танҳо бо қарори маҷлиси солонаи муассисон (саҳҳомон, иштирокчиён, ташкилкунандагон), дохил кардани тағйиротҳо дар шартномаи таъсисёбӣ ва азнавбақайдгирии давлатӣ сурат мегирад.

**Гурӯҳи ҳисоби 33000 «Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)»** барои ҷамъбасти иттилоот оиди ҳолат ва гардиши сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор новобаста аз шакли моликият пешбинӣ карда шудааст.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои пешбурди баҳисобгирии сармояи оинномавӣ ҳисобҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

*33010 Саҳмияҳои оддӣ*
*33020 Саҳмияҳои имтиёзнок*
*33030 Сармояи барилова пардохтшуда*
*33090 Саҳмияҳои худии бозхаридшуда*

Аз рӯи кредити ҳисобҳои 33010 «Саҳмияҳои оддӣ» ва 33020 «Саҳмияҳои имтиёзнок» амалиётҳо оид ба ташаккул ва зиёдшавии сармояи оинномавӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорро ба танзим медароранд, инъикос карда мешаванд. Дар дебети ин ҳисобҳо камшавии сармояи оинномавӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисии муассисон инъикос карда мешавад.

- Арзиши умумии номиналии саҳмияҳои барориши таъсисӣ аз рӯи кредити ҳисобҳои 33010 ва 33020 дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи бо ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ, агар саҳмияҳо бо маблағҳои пулӣ пардохт карда шаванд. Агар саҳмияҳо бо асъори хориҷӣ пардохт гарданд, онгоҳ дохилшавии асъори хориҷӣ аз рӯи кредити ҳисоби 10600 ба маблағе, ки ба арзиши асъори хориҷӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи баҳисобгирии Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар рӯзи гузаронидани амалиёт баробар аст, инъикос карда мешавад;
- бо ҳисобҳои баҳисобгирии захираҳои молию моддӣ, дороиҳои ғайригардони моддӣ ва ғайримоддӣ – агар саҳмияҳо бо дороиҳои ғайрипулӣ пардохт гарданд, ба маблағе, ки ба арзиши одилонаи дороиҳои гирифташуда баробар аст. Фарқияти байни қарздории дебитории муассис ва арзиши одилонаи дороиҳои гирифташуда аз ҳисоби 10600 дар мукотибот бо ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» аз эътибор соқит гардонида мешаванд. Пардохт ба муассисони саҳмияҳои барориши таъсисӣ аз рӯи кредити ҳисоби 10600 дар мукотибот бо ҳисобҳои зерин инъикос карда мешавад:

Зиёдшавии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ дар натиҷаи барориши минбаъдаи саҳмияҳо аз рӯи кредити ҳисобҳои

33010 ва 33020 танҳо баъди бақайдгирии ҳисобот оиди барориши қағазҳои қиматнок дар Агентии бозори қогазҳои қиматнок ва сармоягузории хориҷии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳақиқати барориши саҳмияҳоро тасдиқ менамояд, инъикос карда мешавад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок» маблағҳое, ки аз ҳисоби ҷойгиркунии саҳмияҳо ба даст меоянд, дар ҳисоби ҷамъоваранда нигоҳ дошта мешаванд ва то охири мӯҳлати обуна (подписка) ва бақайдгирии ҳисоботи эмитент истифодаи онҳо манъ карда шудааст. Маблағҳое, ки ба суратҳисоби эмитент дар рафти обуна ба саҳмияҳо ворид мешаванд, дар дебети ҳисоби 10240 «Воситаҳои пулӣ барои истифодабарии маҳдуд дар бонкҳо» дар мукотибот бо ҳисобҳои 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт», зерҳисоби «Маблағҳои аз ҳисоби ҷойгиркунии саҳмияҳо ба даст омада» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Агар барориши саҳмияҳо ба амал омада бошад, онгоҳ баъди бақайдгирии ҳисобот оиди ҷамъбасти саҳмияҳо натиҷаҳои обунашавӣ чунин инъикос карда мешаванд:

- арзиши номиналии саҳмияҳо, ки нисбати онҳо шартномаи фурӯш ба имзо расонида шудааст, аз рӯи кредити ҳисоби 33010 ва 33020 дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ»;
- агар саҳмияҳо аз рӯи нархи бариловаи арзиши номиналии онҳо фурӯхта шуда бошанд, онгоҳ маблаги барилова аз рӯи кредити ҳисоби 33030 «Саҳмияҳои барилова пардохтшуда» дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ»;
- бақияи ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» аз рӯи маблағҳое, ки аз ҳисоби ҷойгиркунии саҳмияҳо ба даст омада ва ба санаи баргузории обуна пайдо гардидаанд, дар ҳисоби дахлдори 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ» аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Зиёд намудани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳои баровардашаванда аз рӯи кредити ҳисоби 33010 ва 33020 дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ» ба маблаге, ки ба андозаи зиёдкардашудаи арзиши номаиналии саҳмияҳо баробар аст, инъикос карда мешавад. Агар зиёдшавии арзиши номиналии саҳмияҳо аз ҳисоби

тақсимоти сармояи барилова пардохтшуда ба вуҷуд омада бошад, онгоҳ андозаи зиёдшавии арзиши номиналии сармояи иловагӣ метавонад бе истифодаи ҳисоби 10600, яъне аз рӯи кредити ҳисобҳои 33010 ва 33020 дар мукотибот бо ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» инъикос карда шавад.

Камшавии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ аз ҳисоби камшавии арзиши номиналии саҳмияҳо аз рӯи дебети ҳисобҳои 33010 ва 33020 дар мукотибот бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» инъикос карда мешавад.

Камшавии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ аз ҳисоби барҳамдиҳии (баргардонидани) саҳмияҳои худии бозхаридашуда аз рӯи кредити ҳисоби 33090 «Саҳмияҳои худии бозхаридшуда» дар мукотибот бо ҳисобҳои 33010 ва 33020 ба андозаи маблағе, ки ба арзиши номиналии саҳмияҳои барҳамдодашуда баробар аст, инъикос карда мешавад.

Шахсони ҳуқуқие, ки ҷамъияти саҳҳомӣ ба ҳисоб намераванд, сармояи гузошташудаи (маблаги ҷудонамудаи) соҳибмулконро дар ҳисоби 33000 «Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)» ба ҳисоб мегиранд.

- ***Сармояи барилова пардохтшуда*** – ин зиёдатии арзиши барориши саҳмияҳо бар арзиши номиналии онҳост.
- ***Сармояи иловагии пардохтношуда(Сармояи изофавӣ) аз азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо ва воситаҳои асосӣ*** – ин зиёдатии арзиши азнавбаҳододашудаи сармоягузориҳо ва воситаҳои асосӣ бар арзиши ибтидоии онҳост:

  *Дт 11000 Воситаҳои асосӣ*

  *Кт 33100 Сармояи иловагӣ*

**Ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда»** барои дар ҳисобгирӣ инъикос намудани арзиши иловашудаи моликияте, ки ба соҳибмулкии шахси ҳуқуқӣ, иштирокчиён (муассисон) ва саҳҳомон ҳамчун пардохти ҳиссаи худ дар сармояи оинномавӣ, ба арзиши номиналии саҳми онҳо ё арзиши номиналии саҳмияҳои харидоринамудаи онҳо гузаронида шудааст, ва махсусан:

- фарқияти байни арзиши номиналии ҳиссаи сармоя, ки аз рӯи оинннома муайян шудааст ва дороиҳои ғайрипулии аз рӯи арзиши ҳақиқӣ баҳододашуда, ки аз тарафи муассисон (иштирокчиён) ҳамчун пардохти ҳиссаи худ ба сармояи иловагӣ ворид карда шудааст;

- фарқияти байни даромад аз фурӯш ва арзиши номиналии саҳмияҳои баъди баровардашудаи муассисон (даромади эмиссионӣ);
- даромадҳое, ки ҳангоми хариди саҳмияҳо ва минбаъд фурӯши онҳо, ҳамчун саҳмияҳои худии ҷамъияти саҳҳомӣ ба вуҷуд омадаанд (даромади эмиссионӣ);
- ҳиссаи иловатан гузоштташудаи иштирокчиён бо маҳдудияти иловагӣ ё ки маҳдуд, бидуни сармояи иловагӣ, ки бо қарори маҷлиси иштирокчиён мутаносибан ҳамчун ҳиссаи онҳо ба сармояи иловагӣ гузошта шудааст, пешбинӣ шудааст.

Аз рӯи дебети ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» инъикос карда мешавад:

- хароҷотҳои транссаҳмиявие, ки ба ҷойгиркунӣ ё ки хариди саҳмияҳои худӣ алоқаманданд;
- бо назардошти зиёд гардидани арзиши номиналии саҳмияҳо, азнавтақсимкунии сармояи барилова пардохташуда ба сармояи иловагӣ, агар ин бо қарори саҳҳомон пешбинӣ гардида бошад;
- қисми муайяни арзиши моликият, ки ба иштирокчии ширкати хоҷагидорӣ, ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ва ё иловагӣ ҳангоми хориҷ шудани он аз ҷамъият, ё ин ки бо тартиби қонеъ гардонидани талаботи кредиторонии ин иштирокчӣ аз рӯи қарзҳои шахсии ӯ пардохт мегардад;
- зарарҳое, ки ҳангоми хариди саҳмияҳо ва минбаъд фурӯши онҳо, ҳамчун саҳмияҳои худии ҷамъияти саҳҳомӣ ба вуҷуд омадаанд.

Ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» бақияи дебетӣ надорад. Дилхоҳ бақияи дебетии ин ҳисоб дар дебети ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» ё ки ҳисоби 33300 «Сармояи захиравӣ» вобаста ба хусусияти амалиёт, ки пайдошавии бақияи дебетиро ба вуҷуд меорад, бояд аз эътибор соқит гардонида шаванд.

**Ҳисоби 33090 «Саҳмияҳои худии бозхаридшуда».** Ин ҳисоб барои баҳисобгирии харид ва фурӯши саҳмияҳои худии ба муомилот баровардашудаи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳисоби 33090 барои ҳисобҳои 33010 «Саҳмияҳои оддӣ» ва 33020 «Саҳмияҳои имтиёзнок» ҳисоби мутақобил ба шумор рафта, бақияи ин ҳисоб дар тавозуни муҳосибӣ дар қисми «Сармояи худӣ» бо нишонаи «тарҳ» ё ки бо ранги сурх ишорат карда мешавад.

Хариди саҳмияҳои худӣ аз тарафи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ чунин ба ҳисоб гирифта мешавад:

- арзиши номиналии саҳмияҳои харидшуда аз рӯи дебети ҳисоби 33090 «Саҳмияҳои худии бозхаридшуда» дар мукотибот бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» инъикос карда мешаванд;
- ҳангоми хариди саҳмияҳо бо нархе, ки аз арзиши номиналии онҳо зиёд аст, маблаги барзиёдӣ (изофанарх) аз рӯи дебети ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» дар мукотибот бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» дар ҳаҷми бақияи ҳисоби 33030 дар лаҳзаи амалӣ шудани амалиёт ва бо дебети ҳисоби дахлдори ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» - ба маблаги барзиёдии бақияи ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» инъикос карда мешавад;
- ҳангоми хариди саҳмияҳо бо нархи камтар аз арзиши номиналии онҳо маблаги тахфиф аз рӯи кредити ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» дар мукотибот бо ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» инъикос карда мешавад.

Фурӯши минбаъдаи саҳмияҳои худии харидоришудаи субъект чунин инъикос карда мешавад:

- арзиши номиналии саҳмияҳои фурӯхташуда аз рӯи кредити ҳисоби 33090 «Саҳмияҳои худии бозхаридшуда» дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи иловагӣ» инъикос карда мешавад;
- ҳангоми фурӯши саҳмияҳо аз рӯи нархҳое, ки аз арзиши номиналии онҳо зиёд аст, маблаги барзиёдӣ аз рӯи кредити ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» дар мукотибот бо ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи иловагӣ» инъикос карда мешавад;
- ҳангоми фурӯши саҳмияҳо бо нархи камтар аз арзиши номиналии онҳо, маблаги тахфиф аз рӯи кредити ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи иловагӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» дар ҳаҷми бақияи ҳисоби 33030 дар лаҳзаи амалӣ шудани амалиёт ва бо ҳисоби 33200

«Фондан тақсимнашуда» - ба маблағи тахфифе, ки аз бақияи ҳисоби 33030 зиёд аст, инъикос карда мешавад.

Харочотҳои муомилотие, ки ба ҷойгиркунии саҳмияҳо ё ки харидорӣ намудани саҳмияҳои худӣ (харочотҳои транзаксионӣ) алоқамананд, аз рӯи дебети ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» дар ҳаҷми бақияи ин ҳисоб ва кредити ҳисоби 33200 «Фондан таксимнашуда» - ба маблағи барзиёдатии бақияи ҳисоби 33030 инъикос карда мешаванд. Харочотҳои ба бароришн саҳмияҳо алоқаманд (пардохтҳо оиди бақайдгирӣ, чоп кардан, харочотҳо оиди гузаштани тартиботи листинг дар биржаҳои фондӣ, харочотҳои дохилии ба ҷалб намудани мутахассисони идоракунанда алоқаманд, харочотҳо оиди тайёр намудани проспекти бароришн, харочотҳо оиди ҷойгиркунии саҳмияҳо дар бозори дуюмдараҷаи коғазҳои қиматнок ва ғ.), ба харочотҳои транзаксионӣ дохил намешаванд. Чунин харочотҳо дар ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) ҳамчун харочотҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ нишон дода мешаванд. Аз рӯи ин ҳисоб, инчунин харочотҳои транзаксионии муомилотҳое, ки амалӣ нагардидаанд, инъикос карда мешавад.

**Гурӯҳи ҳисобҳои 33100 «Сармояи иловагӣ»**

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои пешбурди баҳисобгирии сармояи иловагӣ чунин ҳисобҳо пешбинӣ шудаанд:

*33110* *Грантҳо ва маблағгузории мақсаднок*
*33120* *Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ*
*33130* *Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар*
*33140* *Фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиёт бо ҷузъҳои хориҷӣ*
*33150* *Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда*
*33160* *Дигар сармояи иловагӣ*

**Ҳисоби 33110 «Грантҳо ва маблағгузориҳои мақсаднок»** барои баҳисобгирии амалиётҳо оиди дастрас намудани грантҳои бебозгашт ва маблағгузориҳои мақсадноке, ки аз тарафи донорон ва сармоягузорон барои дастгирии шароитҳои фаъолияти муътадили ташкилотҳои қабулкунанда равона шудааст, пешбинӣ гардидааст. Ба андозаи истифодабарии маблағҳои гирифташуда ё ки ноилшавии маблағгузории мақсаднок ҳисоби 33110 дебет карда шуда, ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» кредит карда мешавад.

Грантҳо ва маблағгузориҳои мақсаднок метавонанд хусусиятҳои пулӣ ё ғайрипулӣ дошта бошанд. Дар ҳолати қабул намудани воситаҳо дар шакли ғайрипулӣ, масалан дар шакли восита-

ҳои асосӣ, бақияи ҳисоби 33110 бо андозаи ҳисоб намудани фарсудашавӣ дар кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» тасҳеҳ карда мешавад.

**Ҳисобҳои 33120 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ» ва 33130 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар»** барои баҳисобгирии амалиётҳо оиди азнавбаҳодиҳии дороиҳо дар муқобили арзиши ибтидоии онҳо, ки мутобиқи СБҲМ дар ҳисобот дар қисми «Сармояи худӣ» инъикос мегардад, пешбинӣ шудааст. Баҳисобгирии азнавбаҳодиҳиро дар тафсири ҳисобҳои дахлдори дороиҳо нигаред.

**Ҳисоби 33140 «Фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиёт бо ҷузъҳои хориҷӣ».** Ин ҳисоб барои баҳисобгирии фарқиятҳои қурбии пайдошуда, ки аз рӯи моддаҳои пулии ҳисботи молиявии (муҳосибии) субъект мутобиқи СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурбӣ мубодилаи асъор» ҳамчун ҳиссаи сармоягузории холис дар ташкилоти хориҷӣ гурӯҳбандӣ мешаванд, инчунин барои баҳисобгирии фарқиятҳои қурбие, ки ҳангоми азнав ҳисоб намудани ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) оиди фаъолияти хориҷии субъект пайдо гардидаанд, пешбинӣ шудааст. Фаъолияти хориҷӣ – ин фаъолияти муштарак ё ки алоҳидаи ҳисоботсупорандаи ташкилотҳои фаръӣ ё ки муттаҳидкардашудае мебошад, ки фаъолияти онҳо берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст ё амалӣ карда мешавад.

Агар моддаҳои ҳисоботҳои молиявии (муҳосибии) субъект ба таъйиноти шарҳ додашудаи банди 8-и СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор», ҷавобгӯ бошад, онгоҳ фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи ин моддаҳо дар ҳисоби 33140 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии моддаи мазкур инъикос карда мешаванд. Масалан, фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи вомҳое, ки субъект ба ташкилоти хориҷӣ пешниҳод намудааст, дар дебет ё кредити ҳисоби 33140 дар мукотибот бо ҳисоби 11620 «Қарзҳо, вомҳои додашуда» инъикос карда мешавад. Ҳангоми фурӯши сармоягузории холис (дар мисоли мо – пардохтани вомҳо) фарқиятҳои қурбие, ки аз рӯи моддаи мазкур дар ҳисоби 33140 ҷамъ шудаанд, дар дебет ё кредити ҳисоби 33140 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии даромаду хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ аз эътибор соқит гардонида мешавад.

Ҳангоми азнав ҳисоб намудани ҳисоботи молиявии (муҳосибии) ҷузъҳои хориҷӣ бо мақсади дохил намудани онҳо ба ҳисоботи молиявии (муҳосибии) субъект, фарқиятҳои қурбии пайдо-

шуда ворид намудани тағйиротҳоро ба сармояи субъект талаб наменамояд ва ҳамчун фоида ё зарар аз рӯи фарқиятҳои қурбӣ инъикос карда мешаванд. Тартиботи азнавҳисобкунии ҳисоботи молиявӣ дар бандҳои 23 - 26 СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор» нишон дода шудааст.

Агар субъект дар ташкилотҳои фаръӣ ё ки муттаҳидкардашудаи берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузор бошад, онгоҳ он мутобиқи СБҲМ (IAS) 27, СБҲМ (IAS) 28, СБҲМ (IAS) 31 ҳисоботи молиявии ташкилотро бо мақсади муайян намудани арзиши сармоя ба санаи ҳисоботие, ки дар ҳисоботи молиявии алоҳида (ғайриҷамъбастӣ) аз рӯи усули иштироки ҳиссавӣ пешниҳод мегардад, аз нав ҳисоб менамояд. Тартиботҳои азнавҳисобкунӣ дар банди 32-и СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйироти қурби мубодилаи асъор» муайян карда шудаанд. Фарқиятҳои қурбии ҳангоми азнавҳисобкунӣ пайдо гардида аз рӯи дебет ё кредити ҳисоби 33140 инъикос карда мешавад. Ҳангоми амалӣ намудани сармоягузорӣ ба ташкилоти хориҷӣ фарқиятҳои пулии дар ҳисоби 33140 аз рӯи моддаҳои мазкур ҷамъшуда дар дебет ё кредити ин ҳисоб дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии даромаду хароҷот аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ аз эътибор соқит гардонида мешавад. Дар ҳолати қисман амалӣ намудани сармоягузорӣ, танҳо қисми ҷамъшудаи фарқиятҳои қурбие, ки мутаносибан қисми амалишудаи сармоягузориро ташкил менамояд, дар дебет ё кредити ҳисоби 33140 аз эътибор соқит гардонида мешавад.

**Ҳисоби 33150 «Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда»** барои баҳисобгирии воситаҳои ҳамчун тӯҳфа қабулшуда пешбинӣ шудааст. Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда ҳангоми қабул аз рӯи арзиши одилона бо тарҳ намудани андозҳо дар тавозун инъикос карда мешаванд. Агар аз рӯи амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда ҳангоми истифодабарӣ фарсудашавӣ (фарсудашави) ҳисоб карда шавад, пас ин маблағи ҳисобкардашудаи фарсудашавӣ (фарсудашави) ҳамчун даромад эътироф карда мешавад.

**Ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда»**

- ***Фоидаи тақсимнашуда*** – яке аз қисматҳои таркибии сармояи худии ташкилот буда, бузургии он ба фоидаи софи ташкилот дар давраи ҳисоботӣ баробар аст, ки байни саҳҳомон, иштирокчиён ва муассисон ҳамчун даромад, дивиденд бояд тақсим карда шавад.

Фоидаи дар соли ҳисоботӣ гирифташуда дар ҳисобҳои таркибӣ чунин инъикос мeёбад:

*Дт 70000 Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо*

*Кт 33200 Фоида тақсимнашуда*

Зарар дар соли ҳисоботӣ дар ҳисобҳо чунин инъикос меёбад:

*Дт 33200 Фоида тақсимнашуда*

*Кт 70000 Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо*

Маблағи дивидендҳои ҳисобкардашуда дар ҳисобҳо чунин инхикос мегардад:

*Дт 33200 Фоида тақсимнашуда*

*Кт 22250 Дивидендҳо барои пардохт*

Бақияи дебитии ҳисоби 33200 (Зарари рӯйпӯшнашуда) дар тавозуни ҳисобдорӣ дар боби «Сармояи худӣ» бо нишонаи манфӣ (–) нишон дода шуда, аз маблағи умумии ин боб кам карда мешавад.

Фоидаи тақсимнашуда маблағи фоидаи холиси субъектро, ки дар давраи ҳисоботӣ (сол, семоҳа) ҷамъ шудааст ва метавонад, ки байни саҳҳомон ва иштирокчиён тақсим гардад, дарбар мегирад. Бақияи дебетии ҳисоби 33200 (Зарарҳои ҷамъшуда) дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар қисми «Сармояи худӣ» бо аломати «тарҳ» инъикос карда мешавад.

Фоидаи холиси ба даст омадаи давраи ҳисоботӣ аз рӯи кредити ҳисоби 33200 дар мукотибот бо ҳисоби 70000 «Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо» инъикос карда шуда, зарарҳои давраи ҳисоботӣ аз кредити ҳисоби 70000 дар дебети ҳисоби 33200 аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Аз рӯи дебети ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» дар мукотибот бо ҳисоби 22250 «Суди саҳмияҳо (дивидендҳо) пардохтшаванда» маблағи барои пардохт эълоншудаи дивидендҳо аз рӯи саҳмияҳои ҷамъияти саҳҳомӣ, инчунин маблағи фоидае, ки бояд байни иштирокчиёни дигар ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ тақсим гардад, инъикос карда мешавад.

Мутобиқи тартиби асосии баҳисобгирии иштибоҳоте, ки СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳиҳои муҳосибӣ ва хатогиҳо» пешбинӣ намудааст, андозаи тасҳеҳоти ба давраи гузашта дахлдошта бояд, ки дар ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) бо роҳи тасҳеҳи бақияи ибтидоии фоидаи тақсимнашуда нишон дода шавад. Бо назардошти ин, дар ҳисоботи давраи ҳисоботӣ ба маблағи иштибоҳоти асосие, ки ба давраҳои гузашта хосанд, аз рӯи дебет ё кредити ҳисоби 33200 дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии ҳамон моддаҳои ҳисоботи молиявие, ки

бояд тасҳеҳ шаванд, навишти муҳосибӣ (мукотибот) тартиб дода мешавад. Дар тавозуни муҳосибӣ ба маблаги тасҳеҳоти даровардашуда, бақияи ибтидонии ҳисоби 33200 тасҳеҳ карда мешавад. Тасҳеҳоте, ки ба ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи тағйирёбии сиёсати баҳисобгирӣ ворид карда мешавад, дар ҳисоботи молиявии (муҳосибии) ҳаммонанди соли ҷорӣ инъикос карда мешаванд, агар онҳо мутобиқи тартиби асосии баҳисобгирӣ ба тарзи ретроспективӣ истифода шаванд.

Аз рӯи дебети ҳисоби 33200 маблағҳои барзиёдӣ ё ки тахфифи арзиши номиналии саҳмияҳое, ки ҳангоми харид ва фурӯши минбаъдаи саҳмияҳои худӣ пайдо гардидаанд, ба маблағи барзиёдии бақияи маблағҳои ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» ва инчунин дигар амалиётҳое, ки тасҳеҳ додани сармояро ҳангоми нокифоя будани маблағҳо дар ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» талаб менамоянд, инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи дебети ҳисоби 33200 дар мукотибот бо ҳисоби 33300 «Сармояи захиравӣ» маблағҳои ҷамъшудаи фоидаи холисе, ки барои тақимот маҳдуд карда шудаанд, инъикос карда мешаванд (ниг. эзоҳ ба ҳисоби 33300 «Сармояи захиравӣ»).

***Сармояи захиравӣ*** – қисми воситаҳои худии ҷамъияти саҳҳомӣ ё рафоқати хоҷагидорист, ки аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда бунёд мегардад.

Ҳангоми бунёди сармояи захиравӣ ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» дебитонида шуда, ҳисоби «Сармояи захиравӣ» кредитонида мешавад.

*Дт 33200 Фоида тақсимнашуда*

*Кт 33300 Сармояи захиравӣ*

Сармояи захиравӣ барои пӯшонидани зарар аз фаъолияти амалиётӣ ва ё пардохти ҳаққусаҳм дар ҳолати нокифоятии фоидаи соф истифода мешавад. Тартиби истифодабарӣ ва бунёди сармояи захравиро қонунгузории амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои муассисӣ муайян мекунанд.

*Дт 33300 Сармояи захиравӣ*

*Кт 33200 Фоида тақсимнашуда (Зарари рӯйпӯшнашуда)*

Истифодабарии воситаҳои сармояи захиравӣ бо навиштаҷотҳо бо дебети ҳисоби сармояи захиравӣ ва кредити ҳисобҳои зерин акс мегардад:

- Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи саҳмияҳо – ба маблаги ҳаққусаҳми бо қарори муассисон аз ҳисоби сармояи захиравӣ пардохташаванда;
- Фоидаи тақсимношудаи (Зарари пӯшониданошудаи) соли ҳисоботӣ/солҳоп гузашта – ба маблаги зарари аз ҳисоби воситаҳои сармояи захиравӣ пӯшонидашаванда.

**Ҳисоби 33300 «Сармояи захиравӣ»**

Аз рӯи кредити ҳисобҳои 33300 дар мукотибот бо ҳисоби 33200 «Фоидаи такимнашуда» фоидаи ҷамъшудае, ки барои тақсимот мутобиқи қонунгузорӣ ё ки қарори саҳҳомон ва иштирокчиён маҳдуд карда шудааст, инъикос карда мешавад.

Мисоли маҳдудияти тақсимоти фоида, ки бо қонунгузорӣ асос ёфтааст, талаботи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ба ҳисоб меравад, ки тибқи он ҷамъиятҳои саҳомии кушода ӯҳдоранд, ки дар ҳаҷми на камтар аз 5 % ва на зиёда аз 15%-и сармояи оинномавӣ сармояи захиравӣ ташкил намоянд. Дар асоси шартномаҳо ё ки қарори саҳҳомон ва иштирокчиён мумкин аст, ки дигар маҳдудиятҳо муқаррар карда шаванд. Масалан, шартномаи пешниҳод намудани қарз (кредит) метавонад маҳдудиятҳоро оиди пардохтани дивидендҳо пешбинӣ намояд, яъне саҳҳомон ва иштирокчиён метавонанд, ки оиди захира кардани маблагҳои худ барои васеъ намудани истеҳсолот, пурра намудани воситаҳои гардон ва ғ. ҳ., қарор бароранд.

Дар асоси қарори қабулшуда оиди бекор намудани маҳдудиятҳо дар тақсимоти фоида, маблаги тасҳеҳоти (камшавии) захираҳо аз рӯи дебети ҳисобҳои 33300 дар мукотибот бо ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда (зарари руйпушнашуда)» инъикос карда мешавад. Аз рӯи дебети ин ҳисобҳо, инчунин тамоми дигар амалиётҳои вобаста ба азнавтақсимкунии сармояи захиравӣ дар дигар ҳисобҳои сармояи худӣ инъикос карда мешавад.

# МАВЗӮИ 10. БАҲИСОБГИРИИ ДАРОМАД, ХАРОҶОТҲО ВА НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВӢ


10.1. Мафҳум ва мазмуни натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилот
10.2. Таркиби натиҷаҳои молиявӣ. Тартиби ташкилёбӣ ва инъикоси он дар ҳисобгирӣ
10.3. Баҳисобгирии натиҷаҳои молиявӣ аз фаъолияти асосӣ
10.4. Баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳои амлиётӣ
10.5. Баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳои ғайриамалиётӣ


## 10.1. Мафҳум ва мазмуни натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилот

Мақсади баҳисобгирии молиявӣ ин таҷассуми воқеии вазъи молиявӣ ва натиҷаи фаъолияти ширкат аст. Ба ин мақсад дар асоси стандартҳо онҳо ҳисоботи молиявӣ тартиб медиҳанд. Гузаштан ба муносибатҳои бозоргонӣ ва гузаштан ба усулҳои пешқадами идоракунӣ, бе истифодаи васеъи ҳисоби пурраи хоҷагӣ, худтаъминкунӣ ва худмаблағузорӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ номумкин аст.

Роҳи пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ мувофиқи талаботҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ демократиконии фаъолияти коллективҳои меҳнатӣ, васеъкунии мустақилияти ҳисоби хоҷагӣ ва ҷавобгарии ташкилотҳо дар тараққиёти истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ барои пурра истифодабарии омили инсонӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва сифати маҳсулот имкониятҳои нав мекушояд. Таҷрибаи кори ташкилотҳои соҳаҳои гуногун дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва худмаблағгузорӣ онди дурустии самти интихобкарда гувоҳӣ медиҳад, ҳавасмандии ҷиддии онҳоро дар баланд бардоштани натиҷаи ниҳоии фаъолият, самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ, истифодаи техникаи ҳозиразамони баҳисобгирӣ ва коркарди ахбороти молиявӣ барои навкунии базаи истеҳсолӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкилотҳо бо принсипҳои ҳисоби пурраи хоҷагӣ ва худмаблағгузорӣ амал мекунанд. Фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоии ташкилот ва музди меҳнат аз ҳисоби воситҳои коркардаи коллективи меҳнатӣ гузаронда мешавад. Та-

шкилот аз маблағи фурӯш маҳсулот (кору хадамот) хароҷоти моддии худро пурра баргардонда мегирад. Фоида (даромад) нишондиҳандаи таркибии (куллии) фаъолияти хоҷагии ташкилот мебошад. Як қисми фоида (даромад)-ро ташкилот бояд барои иҷрои ӯҳдадорӣ дар назди буҷет, бонкҳо ва ташкилоти болоӣ истифода барад. Қисми дигараш дар ихтиёри пурраи ташкилот боқӣ монда, ҳамчун музди меҳнати иловагӣ, мукофотпулӣ, дивиденд ва даромади ҳисоби хоҷагии коллективро ташкил медиҳад. Фоида — яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотҳо аст. Ҳаҷми он аз иҷрои нақшаи истеҳсолӣ, фурӯши маҳсулот вобастааст. Бузургии фоида даромаднокии ташкилотҳоро муайян мекунад, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранокии иқтисодии ташкилот дар муддати муайяни вақт мебошад.

## 10.2. Таркиби натиҷаи молиявӣ. Тартиби ташкилёбӣ ва инъикоси он дар ҳисобгирӣ

Сарчашмаи асосии фоидаи ташкилотҳои саноатӣ фурӯши маҳсулот мебошад. Вале ғайр аз ин ташкилотҳои саноатӣ даромаду хароҷоте дошта метавонанд, ки ба арзиши аслии маҳсулот дохил нагарданд ҳам, вале ба маблағи умумии фоидаи ташкилотҳо таъсир мерасонанд. Чунин даромаду хароҷотро ғайрифурӯш меноманд.

**Ба даромад** ва хароҷоти ғайрифурӯш инҳо тааллуқ доранд, масалан натиҷа аз истифодаи хоҷагиҳои манзилию рифоҳи шарҳӣ, маблағи барои адои қарз дохилшуда, ки солҳои пеш ба зарар хориҷ карда буданд, фоидаи соли ҳисоботӣ ошкоршуда, вале ба амалиётҳои солҳои гузашта тааллуқ дошта, хароҷоти нигоҳдории ташкилот дар вақти муваққатан хобондани онҳо, зарар аз амалиётҳои солҳои гузашта, ки соли ҳисоботӣ ошкор шудааст, зарар аз офтаҳои табиӣ, тамоми маблағи ҷарима, ҷаримаи аҳдшиканӣ ва ноустувории пардохта ё қабул карда, ки бо вайронкунии ӯҳдадорони шартномаи молгузорӣ, барои кашол додани пардохти ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ, беасос рад намудани пардохти ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ алоқадоранд, дохилшавии қарзи бефоидаи хориҷшуда ё ба зарар хориҷкунии қарзи қарздорон ба муносибати гузаштани вақти муҳлати даъво, хориҷкунии талаф аз фармоишҳои бекор карда, даромад ё талаф аз амалиётҳо бо зарфҳо ва ғ.

**Даромад аз фурӯш** – ин дохилшавии умумии фоидаи иқтисодӣ ҳангоми фаъолияти муқаррарии ташкилот дар давра, ки ба

афзоиши сармояи худӣ, ба ғайр аз ҳиссагузории молики сармояи азонихудӣ,бурда мерасонад, мебошад..

Дар консепсияҳои тайёркунӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ таърифи зерини даромад ва хароҷот омадааст:

**Даромад *(revenues -доходы)*** *– ин афзоиши фоидаи иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ, ки бо шакли дохилшавӣ ё афзоиши дороиҳо ё камшавии ӯҳдадориҳо ифода ёфта бо ҳиссагузории соҳибмулкони ширкат алоқае надорад, аст.* Ба сифати мисоли даромад фурӯши молҳо, расонидани хадамот ё дигар истифодабарии захираҳои ташкилот аз ҷониби ташкилотҳои ғайр, ки фоиз, иҷорапулӣ, ҳаққусаҳм ё дигар намуди фоидаро меоранд, баромад мекунанд.

***Хароҷот (expenses - расходы)*** *– ин камшавии фоидаи иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ, ки бо шакли хориҷшавӣ ё истеҳлоки дороиҳо ё афзоиши ӯҳдадориҳо ба амал омада, ба камшавии сармоя, ки бо бозгирифти соҳибмулкон алоқае надорад, бурда мерасонад, мебошад.* Мисоли хароҷот хариди захираҳои моддиву молӣ, истеҳлоки дороиҳо, ё истифодаи захираҳои ташкилотҳои дигар, ки ба пайдоиши пардохтҳои фоизӣ, иҷоравӣ ё гайра бурда мерасонанд, буда метавонанд.

***Исриф*** – ин хароҷоти (costs) истеҳсоли мол ва расонидани хадамот, ки ҳангоми бадастории даромад воқеъ гардидааст.

Ҳангоми муқоисаи даромад ва хароҷот натиҷаи ниҳоии молиявӣ – фоида ё зарар муайян мегардад.

***Фоида (Profit - прибыль)*** *– ин афзоиши сармояи азонихудӣ дар натиҷаи фаъолияти асосӣ ё ғайриасосӣ ва ҳодисаҳои ба ташкилот алоқаманд, инчунин дар натиҷаи ҳамаи шартнома, воқеа ва ҳолатҳое, ки ба ташкилот таъсир мерасонанд, ба ғайр аз онҳое, ки ҳиссагузорӣ ба сармояи саҳҳомианд.*

***Зарар (Losses - убытки)*** *– ин камшавии сармоя тавассути шартномаву воқеаҳое, ки ба ташкилот дахл доранд, инчунин дар натиҷаи ҳамаи шартнома, воқеа ва ҳолатҳое, ки ба ташкилот таъсир мерасонанд, ба ғайр аз онҳое, ки натиҷаи харҷ ё тақсими сармояи саҳҳомианд.*

***Фоидаи тақсимнашуда (фоидаи реинвестиронидашуда - retained earnings)*** қисми сармояи худӣ, ки дар байни мулкдорон (соҳибон) тақсим нашудааст. Дар баробари сармояи баровардашуда фоидаи тақсимнашуда сарчашмаи пайдоиши дороиҳо мебошад.

Асосан, ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» бақияи кредитӣ дорад. Бақияи кредитии ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» маблағи фоидаи софро дар давоми мавҷудияти ширкат тарҳи зарарҳо, пардохтҳо аз рӯи ҳаққуссаҳм ва фоидаи ба сармояи саҳҳомии баровардашуда реинвестиронидашуда дарбар мегирад. Ин ҳисоб баъзан бақияи дебетӣ дорад, ки зиёд будани пардохти ҳаққуссаҳм ва зарарҳоро аз маблағи фоидаи тақсимношуда нишон медиҳад. Норасоии фоидаи тақсимнашуда аз сармояи гузошташуда тарҳ карда мешавад.

Фоидаи тақсимношуда ҳамчун дороии ширкат ба ҳисоб нарафта, мавҷудияти он аз зиёдшавии дороиҳои ширкат дар натиҷаи амалиётҳои фоидаовар шаҳодат медиҳад.

Фоидаи тақсимнашуда метавонад барои мақсадҳои муайян равона ва ё дар натиҷаи амалҳои маъмурияти субъект ва ё мувофиқи қонунгузорӣ захира карда шавад. Дар ин ҳолат баҳисобгирии ҳиссаҷудокуниҳо бо як тарз бурда мешавад.

Фоидаи тақсимношудаи ҷудокардашуда, ки ҳамчун сармояи захиравӣ маълум аст, барои мақсадҳои муайяни маъмурият ба монанди васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ ташкил мегардад.

Ба ҳар ҳол, мақсади бавоситаи ташкили сармояи захиравӣ – маҳдуднамоии тақсими ҳаққуссаҳм ба дорандагони саҳмия мебошад. Ҳиссаҷудокуниҳо бо соҳибии дороиҳои муайян пайваст нестанд ва маънои ҷойгир кардани маблағи муайяни пули нақд ё дигар дороиҳоро ба фонди махсус надоранд. Маблағи нақдинае, ки ҳамчун ҳаққуссаҳм тақсим карда мешавад, барои мақсадҳои муайян истифода ва ё барои таъмини фондҳо, масалан пӯшонидани қарзҳо, нигоҳ дошта мешавад.

Ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда бо роҳи гузаронидани маблағ аз ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» ба ҳисоби «Сармояи захиравӣ» амалӣ мегарданд.

*Фоидаи тақсимношудаи соли ҳисоботӣ*

*Дигар сармояи захиравӣ*

Баъд аз он ки ҳиссаҷудокуниҳо ба мақсади худ хизмат мекунанд ва ё маҳдудият бардошта мешавад, маблағҳои ҷудокардашуда бояд ба таркиби фоидаи тақсимношуда баргардонида шаванд.

Азбаски ҳиссаҷудокуниҳо барои мақсадҳои муайян пешбинӣ шудаанд, бояд аққалан соле як маротиба таҳлили ҳамаи маблағҳои ҷудокардашуда ва амиқияти ҳиссаҷудокуниҳо гузаронида шавад.

Ширкатҳо барои маҳдуд кардани истифодабарии пурра ё қисми муайяни фоидаи тақсимношуда ӯҳдадор ва ё ҳавасманданд. Маҳдуд кардани истифодабарии фоидаи тақсимношуда маънои эълон кардани ҳаққуссаҳмро танҳо ба маблағи аз маблағи маҳдуд карда шуда зиёд дорад. Сабабҳои маҳдуд кардани тақсимоти фоидаи тақсимношуда:

- ♦ талаботи шартномаҳои басташуда;
- ♦ манъ аз ҷониби санадҳои қонунгузорӣ;
- ♦ қарорҳои мустақилонаи Шӯрои директорон.

Тарзҳои зерини инъикоси маҳдудкуниҳои фоидаи тақсимношуда дар ҳисоботи молиявӣ мавҷуданд:

- дар тавозуни ҳисобдорӣ, дар қисми «Сармояи саҳҳомӣ» инъикос намудани маҳдудкуниҳои фоидаи тақсимношуда;
- инъикоси маҳдудкуниҳои фоидаи тақсимнашуда дар эзоҳномаи (шарҳи) ҳисоботи молиявӣ.

Маҳдудкуниҳои фоидаи тақсимношуда сармояи худиро тағйир намедиҳад, танҳо фоидаи тақсимношударо ба ду қисм: маҳдудкардашуда ва маҳдудкарданашуда ҷудо мекунад. Моддаи «Фоидаи тақсимношудаи маҳдудкардашуда» нишон медиҳад, ки воситаҳои он барои пардохти ҳаққуссаҳм истифода шуда наметавонанд.

## 10.3. Баҳисобгирии натиҷаи молиявӣ аз фаъолияти асосӣ

Бо мақсади ба истифодабарандагон фаҳмо будани амалиётҳо СБҲМ даромадро аз фаъолияти асосӣ (амалиётӣ) ва даромадро аз фаъолияти ғайриасосӣ (ғайриамалиётӣ) фарқ мекунанд. Хеле муҳим аст, ки мо арзишҳои дар натиҷаи фаъолият бунёдгардида ва арзишҳои дар натиҷаи тӯҳфа ё бурди ғайричашмдошт бадастомадаро фарқ кунем. Аз ин нуқтаи назар, ширкатҳо даромадро дар натиҷаи:

- ➢ фурӯши молҳо;
- ➢ пешниҳоди хадамот;
- ➢ аз ҷониби тарафҳои дигар истифода бурда шудани дороиҳои ширкат, ки ба дохилшавии пули фурӯш дар шакли:

- фоиз;
- пардохтҳои литсензионӣ;
- ҳаққусаҳм;

- иҷорапулӣ;
- тағйирёбии арзиши дороиҳои дигар бурда мерасонанд, ба даст меоранд.

Бақайдгирии фурӯши маҳсулот:

*Ҳисобҳо барои қабул................................150 000*

*Даромад аз фурӯш......... ................................150 000*

Азҳисоббарории арзиши аслии маснуоти фурӯхташуда:

*Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда.. ..............120 000*

*Маҳсулоти тайёр...........................................120 000*

Мавқуфгузории фоидаи умумӣ:

*Даромад........................................150 000*

*Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда ...............120 000*

*Фоидаи умуми мавқуфгузошташуда....... ...........30 000*

***Хароҷот**– ин истифодабарӣ ё истеъмоли молу хизмат дар ҷараёни бадастории даромад аст.*

Даромади давраи муайянро чен ва эътироф намуда истода, мувофиқи принсипи мувофиқат хароҷотро низ барои ҳамон давра чен ва эътироф менамоянд.

Моҳияти усули мувофиқат дар эътирофи яквақтаи даромад ва хароҷоти бо гирифтани он алоқаманд аст. Хароҷоти истифодабарии дороиҳо ва хизмат дар хисобот ҳамчун хароҷоти давра бо баробари даромади дар ҳамин давра гирифташуда ва бо он хароҷот алоқаманд эътироф ва ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Хароҷотро ба гурӯҳҳои зерин тасниф менамоянд:

**Таснифи харочот**



Баъзе аз хароҷотро наметавон барои мақсадҳои баҳисобгирӣ мувофиқи даромади фурӯш бо сабаби мавҷуд набудани робитаи бевосита байни ин хароҷоту даромад овард. Аз ин рӯ, ин гуна хароҷотро ҳангоми бавуҷудоии онҳо эътироф менамоянд.

Қоидаҳои асосии эътирофи хароҷот дар соҳаи хизматрасонӣ:

- ҳамаи хароҷоти мустақим ҳамчун хароҷоти давра дар давраи эътирофи даромади мувофиқ эътироф мегардад. Ҳамин тариқ, хароҷоти ибтидоии мустақим ва ҳама гуна хароҷоти иловагии мустақим, ки то эътирофи даромад аз хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, бояд ҳамчун пешпардохт мавқуф гузошта шуда, танҳо дар лаҳзаи эътирофи даромади мувофиқ эътироф гарданд;
- агар даромад аз хизматрасонӣ мувофиқи усули мутаносиби иҷроиш эътироф гардад, хароҷоти ибтидоии мустақим ба сифати хароҷот танҳо дар давраи эътирофи даромади бо он вобаста шинохта мешавад. Хароҷоти мустақими иловагӣ бошад, дар лаҳзаи бавуҷудоӣ эътироф мегардад;
- агар даромад мувофиқи усули хазинавӣ эътироф гардад, ҳамаи хароҷоти мустақим дар лаҳзаи бавуҷудоӣ эътироф мегардад.

Хароҷоти бевосита бо фурӯши маҳсулот ё хизмат алоқаманд ҳам хароҷоти давра ва ҳам хароҷоти тақсимшавандаро дарбар мегирад. Мисол, намудҳои муайяни хароҷоти реклама, ҷубронн вақти барои шартномаҳои нотамом сарфшуда, маъмурии умумӣ ва истеҳлок. Азбаски, асоси объективии мувофиқории ин гуна хароҷоти давра бо даромади давра вуҷуд надошта бошад, онҳоро дар лаҳзаи бавуҷудоӣ эътироф менамоянд. Айнан ҳамин тавр, хароҷоти тақсимшавандаро ба давраҳои муайян баробар тақсим намудан лозим аст.

## 10.4. Баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳои амалиётӣ

СБҲМ даромадро ҳамчун зиёдшавии манфиатҳои иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ, ки дар шакли дохилшавӣ ё зиёдшавии дороиҳо ё ин ки камшавии ӯҳдадориҳо ба вуҷуд омада, ба зиёдшавии сармояи худии аз пасандозҳои гузошташудаи соҳибмулкони субъект вобаста набуда оварда мерасонад, муайян менамояд.

Нақшаи ҳисобҳо гурӯҳбандии зерини даромадҳоро пешбинӣ менамояд:

- даромад аз фаъолияти амалиётӣ – фаъолиятҳое, ки ҳамчун фаъолияти асосӣ ба ҳисоб рафта, даромад меоранд ва дигар фаъолиятҳое, ки аз фаъолиятҳои сармоягузорӣ ва молиявӣ фарқ мекунанд;
- даромад аз фаъолияти (сармоягузорӣ ва молиявӣ) ғайриамалиётӣ.

Гурӯҳбандии даромадҳо аз рӯи фаъолиятҳои амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба муқарраротн пешбининамудаи СБҲМ (IAS) 7 «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» мувофиқат менамояд.

Субъектҳо даромадҳои худро аз рӯи намуди фаъолиятҳое, ки ба хусусиятҳои фаъолияти онҳо бештар мутобиқ аст, гурӯҳбандӣ менамоянд.

*Ҳисобҳои Қисми 4 барои баҳисобгирии даромадҳои фаъолияти амалиётӣ пешбинӣ гардидаанд. Даромад ва хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ дар ҳисобҳои Қисми 6 «Даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.*

Ҳисобҳои баҳисобгирии даромадҳо ҳисобҳои муваққатӣ ба шумор мераванд. Баъди ба охир расидани давраи ҳисоботӣ бақияи ин ҳисобҳо дар кредити ҳисоби 70000 «Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо» аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии категорияҳои нисбатан хоси даромад ҳисобҳои алоҳидаи зерин пешбинӣ гардидаанд:

*44010 Даромад аз фурӯш*
*44020 Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ*
*44090 Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф*

**Ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш»** барои ҷамъбасти иттилоот оиди даромад аз фурӯши молҳо ва кору хизматрасоние, ки дар рафти фаъолияти амалиётӣ ба даст омадаанд, пешбинӣ шудааст. Дар ҳисоби 44010 инчунин даромад дар шакли фоизҳо, пардохтҳои иҷозатномавӣ ва дивидендҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, агар онҳо танҳо дар рафти фаъолияте, ки аз тарафи субъект ҳамчун фаъолияти амалиётӣ гурӯҳбандӣ шудааст, ба даст омада бошанд.

Ба маблағи даромад танҳо воридоти умумии фоидаҳои иқтисодие, ки субъект ба даст овардааст, дохил мешаванд. Андозҳои бавоситае, ки аз харидорон ҳангоми фурӯши молҳо ва кору хизматрасонӣ ситонида мешаванд (андози арзиши иловашуда,

аксизҳо, андоз аз фурӯш), ҳамчун фоидаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб нарафта, ба маблағи даромад дохил карда намешаванд.

Маблағҳое, ки субъект барои манфиатҳои шахси сеюм ҷамъ овардааст, ба маблағи даромад низ дохил карда намешаванд. Чунки дар муносибатҳои агентӣ (намояндагӣ) маблағҳое, ки ба манфиати соҳибмулк ҷамъ оварда шудаанд, даромади агент ба шумор намераванд. Даромади агент танҳо маблағи мукофотпулиҳои комиссионӣ (агентӣ) ба ҳисоб меравад.

Молҳо ин маҳсулотҳое мебошанд, ки аз тарафи субъект барои фурӯш истеҳсол гардида ё ин ки барои фурӯш харидорӣ шудаанд ва инчунин дигар амволе, ки барои харида фурухтан пешбинӣ шудаанд. Расонидани хизматҳо – ин аз тарафи субъект дар давоми мӯҳлати муайян иҷро намудани вазифаҳое, ки дар шартнома мувофиқа шудаанд, фаҳмида мешавад.

Даромад аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо танҳо ҳамон вақт эътироф карда мешаванд, ки агар шартҳои эътироф намудани даромад, ки дар бандҳои 14 ва 20 СБҲМ (IAS) 18 «Даромад» муайян шудаанд, иҷро шуда бошанд. Даромади эътирофшуда дар кредити ҳисоби 44010 ба маблағи подоши аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда ё ки гирифташаванда инъикос карда мешавад. Дар ин ҳолат, маблағи подош бо роҳи тарҳ намудани тахфифи тиҷоратӣ (тахфиф барои пардохти пеш аз мӯҳлат) ва тахфифи яклухте, ки ба харидорон ва супоришдиҳандагон ҳангоми фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ пешниҳод мегардад, муайян карда мешавад.

Арзиши молҳои баргардонидашуда, маблағи арзонкардашудаи молҳои фурӯхташуда ва камшавии арзиши хизматрасониҳо бояд ҳамчун камшавии даромад ба ҳисоб гирифта шаванд. Агар амалиётҳои баргардонидани молҳо ва кам намудани арзиши онҳо дар ҳар як давраи ҳисоботӣ доимӣ такрор ёбад ва арзиши онҳо барои ҳисоботи молиявӣ таъсирнок бошад, пас онҳо бояд бо роҳи истифодабарии ҳисоби «захираҳо барои молҳои баргардонидашуда ва арзиши камшудаи онҳо» ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар дигар ҳолатҳо арзиши молҳои баргардонидашуда ва камшавии арзиши онҳо аз рӯи дебети ҳисоби 44090 «Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф»дар мукотибот бо ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоби 44090 барои ҷамъ овардани маълумот оиди арзиши молҳои баргардонидашудаи харидорон, кам намудани арзиши онҳо ва тахфиф пешбинӣ карда шудааст. Ин ҳисоб барои ҳисоби

44010 ҳисоби мутақобили пассивӣ ба шумор меравад. Дар «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» даромад бо роҳи тарҳ намудани арзиши молҳои баргардонидашудаи харидорон, кам намудани арзиши онҳо ва тахфиф инъикос карда мешавад. Дар дафтарҳои қайди (регистрҳои) муҳосибӣ бақияи ҳисоби 44090 «Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф» дар дебети ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

СБҲМ (IAS) 18 «Даромад» талаб менамояд, ки маблағи даромаде, ки аз мубодилаи молу хизматрасониҳо пайдо гардидааст, дар ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) ошкор карда шавад. Бо мақсади ҷамъ овардани маълумотҳое, ки ошкоркуниро талаб менамоянд, қобили қабул аст, ки барои баҳисобгирии даромад аз амалиётҳои мубодилавӣ ҳисоби алоҳида истифода бурда шавад. Андозаи даромад аз амалиётҳои мубодилавӣ мутобиқи муқарроти банди 12-и СБҲМ (IAS) 18 «Даромад» муайян карда мешавад.

Агар нисбати эътироф намудани даромад оиди қабул намудани пардохтҳо норавшанӣ бошад, пас маблаги қарзҳои беэътимод на ин ки тасҳеҳи маблағи даромади эътирофшудаи ибтидоӣ, балки ҳамчун хароҷот эътироф карда мешавад (ниг. эзоҳ ба ҳисоби 10400). Мукотиботи навиштҳои муҳосибӣ оиди баҳисобгирии даромад аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо аз шакли пардохт вобастагӣ доранд. Чунончӣ, масалан, даромад аз фурӯши молҳо ё хизматрасониҳо аз рӯи пардохти пеш аз мӯҳлат дар кредити ҳисоби 44010 ва мукотиботи он бо ҳисобҳи баҳисобгирии воситаҳои пулӣ дар хазина инъикос карда мешавад. Дар дигар ҳолатҳо, даромадро ҳамчун фурӯш дар шакли қарз ба ҳисоб гирифта, аз рӯи кредити ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» дар мукотибот ба ҳисобҳои баҳисобгирии ҳисобҳо барои қабул инъикос менамоянд.

Дар поён нақшаи навиштҳои муҳосибӣ оиди баҳисобгирии амалиётҳои нисбатан хоси даромад аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо оварда шудааст:

| Мазмуни амалиёт | Рақами ҳисоби мукотиботӣ | |
|---|---|---|
| | Дебет | Кредит |
| 1. Фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо аз рӯи пардохти фаврӣ | 10100 | 44010 |
| 2. Фавран баргардонидани маблағҳои пулии харидорон ё супоришдиҳандагон аз рӯи молҳои баргардонидашудаи онҳо | 44090 | 10100 |

| | | |
|---|---|---|
| 3. Фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ дар шакли қарз (кредит):<br>• эътироф намудани даромад аз фурӯш, бе тарҳ намудани тахфифи тиҷоратие, ки ба харидорон ва супоришдиҳандагон пешниҳод шудааст;<br>• маблағи тахфифе, ки ба харидорон ва супоришдиҳандагон аз рӯи ҳисобҳои дар давраи амали тахфиф пардохтгардида, пешниҳод шудааст. | 10410<br><br>44090 | 44010<br><br>10410 |
| 4. Даромад аз мубодилаи молҳо ва хизматрасонӣ | 10400 | 44010 |

Ташкилотҳои сохтмонӣ метавонанд, ки дар ҳисоби 44010 даромадҳои ба дастомадаро аз рӯи шартномаҳое, ки мутобиқи муқарраротн СБҲМ (IAS) 11 «Шартномаҳо оид ба сохтмонӣ» ҳамчун шартномаҳои сохтмонӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ба ҳисоб гиранд. Маблағи даромаде, ки ҳамчун даромади давраи ҳисоботӣ эътироф шудааст, бо усули «ба андозаи тайёр будан» муайян карда шуда, дар «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» дар ҳамон давраҳои ҳисоботие, ки корҳои мазкур иҷро гардидаанд, инъикос карда мешаванд.

Барои ҳисобкунини даромади эътирофшуда бо усули «ба андозаи тайёр будан» даромад аз рӯи шартномаи сохтмонӣ чунин маблағҳоро бояд инъикос намояд:

- маблаги ибтидоии даромадро, ки дар шартнома мувофиқа шудааст, ва
- фарқияти маблағҳои корҳои шартномавӣ, пардохтҳои даъвоӣ ва ҳавасмандгардоние (ба он дараҷае, ки онҳо метавонанд ба даромад таъсир расонанд), ки ба ченкунии боваринок ниёз доранд.

Ташкилотҳои суғуртавӣ дар ҳисоби 44010 маблағи эътирофшудаи даромадро аз рӯи суғурта инъикос менамоянд. Ташкилоти суғуртавӣ метавонад ба ин ҳисоб зерҳисобҳои иловагӣ кушояд.

Даромад аз рӯи шартномаи суғуртавӣ дар кредити ҳисоби 44010 бо мукотибот дар ҳисобҳои воситаҳои пулӣ ва қарздории дебиторӣ инъикос карда мешавад.

**Ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ»** Дар ин ҳисоб дигар даромадҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти амалиётии субъект ба вуҷуд омада, аз даромадҳои фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ фарқ мекунанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мувофиқи мақсад мебошад, ки аз рӯи ҳар як намуди даромад вобаста ба моҳияти онҳо баҳисобгирии ҷузъӣ пеш бурда шавад, масалан

даромад аз иҷораи амалиётӣ, даромад аз пардохтҳои иҷозатномадиҳӣ, ҷаримаҳо, пеняҳо, ҷаримаҳои аҳдшиканне, ки дар натиҷаи фаъолияти амалиётии субъект ба даст омадаанд, баргардонидани қарзҳое, ки пеш аз мӯҳлат ҳамчун қарзҳои беъэтимод бе истифодаи ҳисоби захираҳои баҳододашаванда аз ҳисоб соқит гардонида шудаанд ва ғ. ҳ.

Дигар дармадҳои моддаҳои ғайримуҳим назар ба дигар амалиётҳо ё рӯйдодҳои ба ин монанд, бо тарҳ намудани хароҷотҳо дар ҳисоботи оиди фоида ва зарар метавонанд нишон дода шаванд.

Дар ҳисоби 44100 барои ҷамъбасти иттилоот оиди фоида ва зарар аз фаъолияти кишоварзӣ, ки мутобиқи СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» муайян карда шудаанд, пешбинӣ гардидааст.

**Баҳисобгирии хароҷотҳои амалиётӣ**

Дар Нақшаи ҳисобҳо гурӯҳбандии хароҷотҳое, ки дар рафти фаъолияти амалиётӣ вобаста ба вазифаҳои дахлдори онҳо, яъне ҳамчун қисми арзиши аслии фурӯш (ҳисоби 55000), фурӯш (55200), фаъолияти маъмурӣ (55300) сарф мегарданд, пешбинӣ шудааст. Харҷотҳо оиди истеҳсоли дороиҳои биологӣ (ҳисоби 55100) ба ин гурӯҳбандӣ дохил нагардида, дар ҳисоби алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисобҳои ин қисм ҳисобҳои муваққатӣ ба шумор рафта, баъди ба охир расидани давраи ҳисоботӣ бо роҳи дар дебети ҳисоби 70000 «Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо» аз эътибор соқит намудани онҳо, маҳкам карда мешаванд.

**Ҳисоби 55000** барои баҳисобгирии арзиши аслии молу маҳсулоти фурӯхташуда ва хизматрасониҳо пешбинӣ шудааст.

**Ҳисоби 55100** «Хароҷотҳо аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ» барои баҳисобгирии хароҷотҳо оиди истеҳсоли доронҳои биологие, ки дар давраи ҳисоботӣ сарф шудаанд, пешбинӣ гардидааст.

**Ҳисоби 55200 «Хароҷоти фурӯш»** барои ҷамъбасти иттилоот оиди хароҷотҳое, ки ҳангоми фурӯши (таъмини) маҳсулоти тайёр ва молу хазматрасониҳо пайдо гардида,ба арзиши аслии фурӯш дохил намегарданд, пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла:

- хароҷотҳо оиди ба анбор ҷойгиркунӣ ва барои фурӯш тайёр намудани молу маҳсулотҳо (иҷора, фарсудашавӣ, нигоҳдории анборхонаҳо ва таҷҳизотҳои анборӣ, муҳофиза, хароҷотҳои музди меҳнати кормандони анбор ва ҳиссаҷудо-

кунихо ба суғуртаи ичтимоӣ, суғуртаи захираҳо ва ғайраҳо);

- харочотҳо оиди амалӣ намудани (мусоидатнамоии) фурӯш (харочотҳо оид ба таблиғот (реклама), барасмиятдарории чевонҳо ва гайраҳо);
- харочотҳои фурӯш ва ба харидорон расонидани молу маҳсулот (ичора, фарсудашавӣ, нигоҳдории биноҳои савдо ва тачҳизотҳои савдо, харочотҳои музди меҳнати савдогарон ва маблаги комиссионии миёнаравҳо, харочотҳо оиди расонидани маҳсулот ба таваққуфгоҳҳои равонкунӣ, корҳои борбарорӣ ва борфарорӣ ва ғайраҳо);
- харочотҳои ба сиёсати фурӯши молу маҳсулот ё ки хизматрасонии кафолатнок алоқаманд (зарарҳо аз соқиткунии қарздории дебитории беъэтимод, харочотҳо аз рӯи хизматрасонии кафолатнок, харочотҳо аз рӯи савдои мукофотонӣ (подошӣ) ва дар шакли купонӣ).

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии харочотхое, ки ба фурӯш алоқаманданд аз рӯи категорияи нисбатан хоси моҳияти онҳо ҳисобҳои зерин пешбинӣ шудааст:

*55210 Харочоти реклама ва мусоидат ба фурӯш*
*55220 Харочоти музди меҳнат*
*55230 Харочоти ҳиссачудокуниҳо ба фондҳои ичтимоӣ*
*55240 Харочоти нигоҳдорӣ ва боркашонӣ*
*55250 Харочоти қарзҳои беъэтимод*
*55260 Харочоти хизматрасонии кафолатӣ*
*55270 Харочоти фарсудашавӣ ва фарсудашави*
*55280 Харочоти мукофотонӣ*
*55290 Дигар харочоти фурӯш*

Аз рӯи дебети ҳисобҳои «Харочоти фурӯш» дар мукотибот бо кредити ҳисобҳои воситаҳои пулӣ, фарсудашавии чамъшуда, қарздории кредиторӣ, ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда ва чорӣ ва ғ., маблаги харочотҳои сарфшуда оиди ба анбор чойгиркунонӣ, захиракунӣ ва фурӯш инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи кредити ҳисоби «Харочоти фурӯш», тартиботи дар охири давраи ҳисоботӣ маҳкам намудани ҳисобҳои муваққатии харочотҳои фурӯш ва дохил намудани ин харочотҳо ба натичаҳои ниҳоии молиявии (фоида ва зарар) давраи ҳисоботӣ дар мукотибот бо ҳисоби 70000 «Мачмӯи даромадҳо ва харочотҳо» инъикос карда мешавад.

**Ҳисоби 55250 «Хароҷоти қарзҳои безътимод»** барои баҳисобгирии маълумотҳо оиди баҳо додани хароҷотҳои қарзҳои дебитории безътимоде, ки дар ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» ва дигар ҳолатҳо ба вуҷуд меоянд, пешбинӣ гардидааст. Қарзҳои дебиторин безътимод метавонанд аз рӯи ду усул баҳо дода шуда, аз эътибор соқит гардонида шаванд:

**а)** бо истифода бурдани захираҳо оиди қарзҳои безътимод (ҳисоби 10430). Дар ин ҳолат, маблаги ибтидоии муайяншудаи зиёдшавии захираҳо аз рӯи дебети ҳисоби 55250 «Хароҷоти қарзҳои безътимод» дар мукотибот бо ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок» инъикос карда мешавад. Маблаги карздории дебиторин беъэтимоде, ки бояд соқит карда шавад, аз кредити ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» ва дигар ҳолатҳое, ки боиси пайдо гардидани қарздории дебиторин беъэтимод мегарданд, дар дебети ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи карзҳои шубҳанок» аз эътибор соқит карда мешаванд. Агар бақияи ҳисоби захираҳо ба охири давраи ҳисоботӣ тасҳеҳотро ба самти камшавӣ талаб намояд, пас ин камшавӣ аз кредити ҳисоби 55250 «Хароҷоти қарзҳои безътимод» ва дигар моддаҳое, ки аз рӯи онҳо захира ҳисоб карда шудааст дар дебети ҳисоби 10430 «Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок» дар ҳаҷми бақияи дебетии ҳисоби 55250 аз эътибор соқит гардонида шуда, ба маблаги фарқият ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» кредит карда мешавад.

**б)** бе истифода бурдани захираҳо оиди қарзҳои шубҳанок (ҳисоби 10430). Дар ин ҳолат, қарздории дебиторие, ки дар ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» ва дигар ҳисобҳо ба ҳисоб гирифта шудааст, дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи коҳишёбии арзиш санҷида мешавад ва маблағи коҳишёбии арзиш дар дебети ҳисоби 55250 дар мукотибот бо ҳисоби 10410 ва дигар ҳисобҳо (ки дар онҳо қарздорӣ мавҷуд аст) дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки қарздории дебиторӣ барои соқиткунӣ ҳамчун қарзи беъэтимод эътироф шудааст, аз эътибор соқит гардонида мешавад ва арзиши тавозунии он аз кредити ҳисоби 10410 дар дебети ҳисоби 55250 соқит карда мешавад.

**Аз рӯи дебети ҳисоби 55260 «Хароҷоти хизматрасонии кафолатӣ»** хароҷотҳое инъикос карда мешаванд, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои субъект оиди хизматрасонии кафолатнок ва ивази молу

масолеҳи фурӯхташуда бо сабаби дар онҳо ошкор гардидани ноқисиҳои бартарафнашаванда алоқаманданд. Хароҷотҳо оиди хизматрасониҳои кафолатнок метавонанд бо ду усул инъикос карда шаванд:

**а)** аз кредити ҳисобҳои баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ, хароҷотҳои ҳисобкардашудаи музди меҳнат, ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди иҷтимоӣ, ҳисобҳо барои қабули хизматрасониҳои ташкилотҳои канорӣ ва ғ.х. бевосита соқит намудани хароҷотҳои воқеӣ оиди таъмири кафолатнок, хизматрасонӣ ва ивази молҳои фурӯхташуда. Бевосита соқит намудани хароҷотҳо оиди хизматрасонии кафолатнок имконпазир аст, агар ҳароҷотҳои ҳарсола барои ҳисоботи молиявӣ муҳим набошанд.

**б)** бо роҳи таъсис додани захираи хароҷотҳои имконпазир оиди хизматрасонии кафолатнок. Ҳисоб намудан ва тасҳеҳи захира ба самти зиёдшавӣ аз рӯи дебети ҳисоби 55260 «Хароҷоти хизматрасонии кафолатӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода» инъикос карда мешавад. Хароҷотҳои воқеъӣ аз рӯи хизматрасонии кафолатнок дар дебети ҳисоби 22400 аз эътибор соқит гардонида мешавад. Агар бақияи ҳисоби захира ба самти камшавӣ тасҳеҳот талаб намояд, пас маблағи камшавӣ аз кредити ҳисоби 55260 дар дебети ҳисоби 22400 дар ҳаҷми бақияи дебетии ҳисоби 55260 аз эътибор соқит гардонида шуда, ба маблағи фарқият ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» кредит карда мешавад.

**Аз рӯи дебети ҳисоби 55280 «Хароҷоти мукофотонӣ»** хароҷотҳое инъикос карда мешаванд, ки ба ташкил ва амалӣ намудани фурӯш аз рӯи низоми мукофотонӣ алоқаманданд. Баъзе субъектҳо ба харидорон барои харидорӣ намудани миқдори муайяни молҳо ё ки харидорӣ намудани молҳо ба маблағи муайян мукофот пешниҳод менамоянд. Дар ин ҳолат ҳуқуқи харидорро ба мукофот чекҳои пешниҳодшуда, купонҳои ҷамшуда ва ғ. ҳ. метавонад тасдиқ намоянд. Тамоми хароҷотҳои ба ташкили савдои мукофотонӣ алоқаманд, аз он ҷумла арзиши аслии маҳсулоти ба хиридорон ба сифати мукофот додашуда, ҳамчун хароҷоти амалӣ намудани фурӯш дар дебети ҳисоби 55280 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Хароҷотҳо оиди мукофотонӣ метавонад бо ду усул ба ҳисоб гирифта шаванд:

**а)** бо усули дар дебети ҳисоби 55280 бевосита соқит намудани харочотҳои воқеъӣ, аз он чумла арзиши аслии молҳои ба харидорон ба сифати мукофотонӣ додашуда. Ин усул танҳо ҳамон вақте истифода мегардад, ки агар низоми савдои мукофотонӣ аз харидорон чамъ овардани чекҳо, купонҳо ва ғ. ҳ., ки барои мукофот ҳуқуқ медиҳанд, пешбинӣ нанамояд, инчунин дар ҳолатҳое, ки харочотҳо аз рӯи низоми мукофотонии савдо барои ҳисоботи молиявӣ муҳим нестанд.

**б)** бо усули таъсис додани захира. Захира аз рӯи кредити ҳисоби дахлдори 22400.

«Захираҳои харочот ва пардохтҳои дарпешистода » дар мукотибот бо ҳисоби 55280 «Харочот аз рӯи мукофотонӣ» ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҳолат, харочотҳои воқеъӣ, аз он чумла арзиши аслии молҳое, ки ба харидорон ба сифати мукофот дода шудаанд, дар дебети ҳисоби дахлдори 22400 аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

**Ҳисобҳои 55300 «Харочотҳои умумӣ ва маъмурӣ»** барои чамъбасти иттилоот оиди харочотҳое, ки дар давраи ҳисоботӣ ба вучуд омада, ба арзиши аслии захираҳои молию моддӣ дохил намегарданд ва ба фурӯши молҳо ва кору хизматрасонӣ алоқаи бевосита надоранд, пешбинӣ гардидаанд.

## 10.5. Баҳисобгирии даромадҳо ва харочотҳои ғайриамалиётӣ

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои инъикос намудани даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётии (сармоягузорӣ ва молиявӣ) субъект чунин ҳисобҳои алоҳида пешбинӣ шудааст:

*66010 Даромад дар намуди фоизҳо*
*66020 Даромад аз сармоягузориҳо*
*66030 Даромад аз суди саҳмияҳо(дивидендҳо)*
*66040 Даромад аз фарқияти қурбӣ*
*66050 Даромад аз мубодилаи асъор*
*66060 Даромад аз хоричшавии дороиҳои дарозмуддат*
*66070 Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ*

**Даромадҳои ғайриамалиётӣ дар намуди фоизҳо ва даромадҳо аз суди саҳмияҳо** айнан ба мисли ҳисоб намудани онҳо аз рӯи даромад аз фаъолияти амалиётӣ ҳисоб карда мешаванд.

Мутобиқи талаботи СБҲМ даромад дар намуди фоизҳо дар натиҷаи аз тарафи дигар ташкилотҳо истифодабарии доронии субъектҳо, ки даромад дар шакли фоизҳо ба даст меоранд, пайдо мегардад. Фоизҳо бояд дар асоси таносуби вақте, ки даромади босамари доронро ба ҳисоб мегирад, эътироф карда шаванд. Даромадҳои фоизӣ инчунин маблаги фарсудашави фарқиятҳои дилхоҳ байни арзиши ибтидоии тавозунии қоғазҳои қиматноки қарзӣ (вомбаргҳо, векселҳо, ВДХ ва ғайраҳо) ва арзиши онҳоро дар лаҳзаи пардохт дарбар мегирад.

Агар коғази қиматнок бо арзиши фоизҳои пардохтнагардида харидорӣ шуда бошад, пас маблағи ин фоизҳо ҳамчун даромад эътироф нагардида, ҳамчун камшавии арзиши тавозунии қоғази қиматноки қарзӣ аз эътибор соқит гардонида мешавад. Танҳо фоизҳое, ки баъди санаи харидорӣ намудани қоғази қиматноки қарзӣ барои қабул ҳисоб карда шудаанд, ҳамчун даромад эътироф карда мешаванд.

Дар ҳолате, ки оиди ба даст омадани маблаге, ки ба таркиби даромад дохил карда шудааст, норавшанӣ пайдо мегардад, маблағи ба даст наомада ё ки маблаге, ки эҳтимолияти ба даст омадани он ба сифр баробар аст, на ин ки ҳамчун тасҳеҳи маблағи эътирофшудаи ибтидоии даромад, балки ба сифати хароҷот эътироф карда мешавад.

**Даромад – суди саҳмияҳо (дивидендҳо)** ҳамон вақт эътироф карда мешаванд, ки агар ҳуқуки соҳибмулкони дороӣ барои гирифтани суди саҳмияҳо муқаррар шуда бошад. Ба маблағи даромад суди саҳмияҳое, ки аз тарафи субъект эълон карда шудаанд ва сармоягузориҳое, ки бо усули иштироки ҳиссавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, дохил карда намешаванд.

Вақте, ки суди саҳмияҳо аз рӯи қоғазҳои қиматноки ҳиссавӣ то лаҳзаи харидорӣ намудани коғази қиматнок эълон карда мешаванд, пас онҳо аз арзиши ибтидоии қоғазҳои қиматнок тарҳ карда шуда, даромад эътироф карда намешаванд. Агар чунин тақсимотро амалӣ кардан душвор бошад, пас суди саҳмияҳо дар лаҳзаи ба даст омадан ба сифати даромад эътироф карда мешаванд, агар танҳо онҳо маъмулан пардохт намудани қисми муайяни арзиши ибтидоии қоғазҳои қиматноки ҳиссавиро дарбар нагиранд. Тартиби баҳисобгирии суди саҳмияҳои эълоншуда ва то харидорӣ шудани коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ пардохт нагардидаро дар эзоҳ ба ҳисоби 10300 «Сармоягузории кӯтоҳмуддат» нигаред.

**Даромад – пардохтҳои иҷозатномадиҳӣ** – пардохтҳоро барои истифодабарии дигар тарафи дороиҳои дарозмуддати субъект, ба монанди патентҳо, нишони молӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, таъмини барномаи компютерӣ ва ғайраҳо дарбар мегирад. Аз нуқтаи назари амалӣ, эътироф намудани даромад барои тамоми мӯҳлати амали шартнома метавонад дар асоси баробарӣ амалӣ карда шавад.

**Даромад аз иҷораи амалиётӣ** маблағи пардохтҳои иҷоравиеро, ки дар асоси баробарӣ барои тамоми мӯҳлати иҷора ҳисоб карда шудаанд инъикос менамояд, ҳатто агар пардохт дар дигар асос гузаронида шавад.

Субъектҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти амалиётӣ (ғайриамалиётӣ) соҳиби суди саҳмияҳо (дивидендҳо) ва фоизҳо мегарданд, даромадҳои худро дар шакли фоизҳо ва суди саҳмияҳо дар ҳисобҳои дахлдори Қисми 6-и «Даромадҳо ва хароҷотҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» инъикос менамоянд. Субъектҳое, ки дороиҳои худро барои истифода пешниҳод намуда, аз ин ҳисоб пардохтҳои иҷозатномадиҳӣ ва даромад аз иҷораи амалиётӣ ба даст меоранд, гарчанде, ки ин барои онҳо фаъолияти амалиётӣ ба шумор меравад, аммо даромад аз ин фаъолияти асосӣ ба ҳисоб намеравад ва ин даромадҳо дар ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» инъикос карда мешаванд.

**Ҳисоби 66020 «Даромад аз сармоягузориҳо»** барои дар ҳисоботҳои алоҳидаи (ғайриҷамъбастии) сармоягузорон инъикос намудани даромад аз фоидаи холиси объекти сармоягузорӣ ҳангоми истифода бурдани усули баҳисобгирии сармоягузорӣ аз рӯи арзиши аслӣ ва баъди харидорӣ намудани сармоягузорӣ эътироф намудани ҳиссаи сармоягузор дар фоида ва зарар ҳангоми истифодабарии усули баҳисобгирии сармоягузорӣ аз рӯи иштироки ҳиссавӣ пешбинӣ карда шудааст.

**Ҳисоби 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ»** барои баҳисобгирии фарқиятҳои қурбие, ки дар рафти фаъолияти ғайриамалиётии (сармоягузорӣ ва молиявӣ) субъект ба вуҷуд меоянд, истифода бурда мешавад. Даромадҳои ба ин монанде, ки дар фаъолияти амалиётӣ пайдо мегарданд, дар ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Ҳисоби 66050 «Даромад аз мубодилаи асъор»** барои баҳисобгирии даромадҳо аз мубодилаи асъори хориҷӣ (миллӣ) ба асъори миллӣ (хориҷӣ) истифода бурда мешавад.

**Ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»** барои инъикос намудани тамоми даромадҳое, ки субъект дар натиҷаи фурӯш, барҳамдиҳӣ ё дигар хориҷкуниҳои воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва сармоягузории моликияти ғайриманқул ба даст овардааст, пешбинӣ гардидааст.

**Ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ»** барои инъикос намудани тамоми намуди даромадҳои субъект аз фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявие, ки дар ҳисобҳои алоҳида ба ҳисоб гирифта нашудаанд, аз он ҷумла:

- аз эътибор соқит намудани қарздориҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои бекоркардашуда;
- даромад аз рӯи тағйирёбии арзиши одилонаи сармоягузории моликияти ғайриманқул;
- маблағи ҷаримаи аҳдшиканӣ барои пардохт накардани саҳмияҳо, ки ба муассиси ҷамъияти саҳомӣ мутобиқи шартномаи таъсисӣ ҳисоб карда шудааст ва ғ. ҳ., пешбинӣ карда шудааст.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ ҳисобҳои зерини алоҳида пешбинӣ гардидаанд:

*66110 Хароҷот дар намуди фоиз*
*66120 Зарар аз сармоягузорӣ*
*66130 Зарар аз коҳишёбии арзиш*
*66140 Зарар аз фарқияти қурбӣ*
*66150 Зарар аз мубодилаи асъор*
*66160 Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат*
*66170 Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ*

**Дар ҳисоби 66110 «Хароҷот дар намуди фоиз» чунин хароҷотҳо ба хисоб гирифта мешаванд:**

- фоизҳо барои пардохт, фоизҳои хисобкардашуда аз рӯи ӯҳдадориҳои қарзӣ, аз он ҷумла фоизҳо аз рӯи коғазҳои қиматноки қарзии баровардаи субъект;
- хароҷоти иҷорагир аз рӯи иҷораи молиявие, ки мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора» барои давраи ҳисоботӣ ҳисоб карда шудааст;
- маблағи истифоданашудаи тахфифи пулӣ, ки аз тарафи таъминкунандагон барои пардохти пеш аз мӯҳлати ҳисобҳо пешниҳод шудааст.

**Ҳисоби 66120 «Зарар аз сармоягузорӣ»** барои инъикос намудани зарарҳои гирифташуда аз рӯи бекурбшавӣ, хориҷшавӣ ва

азнавбаҳодиҳии сармоягузорӣ дар намуди қоғазҳои қиматнок пешбинӣ шудааст.

**Ҳисоби 66130 «Зарар аз беқурбшавӣ»** барои инъикос намудани зарарҳои гирифташуда аз рӯи коҳишёбии арзиши воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва сармоягузориҳо пешбинӣ шудааст.

**Ҳисоби 66140 «Зарар аз фарқияти қурбӣ»** барои баҳисобгирии фарқиятҳои қурбии дар рафти фаъолияти ғайриамалиётии (сармоягузорӣ ва молиявӣ) субъект пайдошаванда истифода бурда мешавад.

**Ҳисоби 66150 «Зарар аз мубодилаи асъор»** барои баҳисобгирии зарарҳо аз мубодилаи асъори хориҷӣ (миллӣ) ба асъори миллӣ (хориҷӣ) истифода бурда мешавад.

**Ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»** барои инъикос намудани зарарҳое, ки субъект дар натиҷаи фурӯш, барҳамдиҳӣ ё дигар хориҷкуниҳои воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва сармоягузории моликияти ғайриманқул ба даст овардааст, пешбинӣ гардидааст.

**Ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ»** барои инъикос намудани тамоми намуди хароҷотҳои субъект аз фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявие, ки дар ҳисобҳои алоҳида ба ҳисоб гирифта нашудаанд, аз он ҷумла, вале маҳдуднашавандаи:

- зараре, ки ҳангоми фурӯши қарзи дебиторӣ (ба дигар кас вогузор намудани ҳуқуқи талаби қарз) пайдо мегардад. Дар ин ҳолат маблаге, ки дар асоси шартномаи ба дигар кас вогузор намудани ҳуқуқи талаби қарз бояд ба даст ояд, аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 10590 «Дигар қарздории дебиторӣ» инъикос карда мешавад; ҳамзамон маблағи қарзи дебиторие, ки ҳуқуқи талаби он ба дигар кас вогузор карда шудааст, дар кредити ҳисоби 10590 «Дигар қарздории дебиторӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ» аз эътибор соқит гардонида мешавад;
- барқарор намудани қарздории кредитории пештар соқиткардашудае, ки ба фаъолияти ғайриамалиётӣ тааллуқ дорад ва ғайра, пешбинӣ шудааст.

***Ҳисоби 66200 «Хароҷотҳо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида*** барои баҳисобгирии хароҷотҳо аз рӯи андоз аз фоида, ки муто-

бикӣ СБҲМ (IAS) 12 «Андозҳо аз фоида» бо усули ӯҳдадорӣ муайян карда шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Маблағи хароҷотҳо аз рӯи андоз аз фоидае, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ба ҳисоб гирифта мешавад, маблағи ӯҳдадориҳои андознеро дарбар мегирад, ки мутобиқи эъломияи андоз ҳисоб карда шуда, аз пайдошавӣ ва тағйирёбии маблағҳои тарҳшаванда ё фарқиятҳои муваққатии андозбандишаванда ба маблағи самараи андозӣ тасҳеҳ карда шудаанд.

Ҳисоби 66200 метавонад ҳам бақияи дебетӣ ва ҳам бақияи кредитӣ дошта бошад. Ҳисоби 66200 ҳисоби муваққатӣ ба шумор меравад, яъне дар охири давраи ҳисоботӣ бақияи ин ҳисоб дар дебет ё кредити ҳисоби 70000 «Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

***Ҳисоби 70000 «Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо»*** барои ҷамъбасти иттилоот оиди тартиб додани натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти молиявии субъект барои давраи ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст. Дар охири давраи ҳисоботӣ ҳамаи ҳисобҳои муваққатии Қисмҳои 4, 5 ва 6 бо роҳи соқит намудани бақия дар дебет (бақияи ҳисобҳои хароҷотҳо) ё кредити (бақияи ҳисобҳои даромадҳо) ҳисоби 70000 «Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо» маҳкам карда мешаванд. Бақияи ҳисоби 70000 дар дебет (зарарҳо) ё кредити (фоида) ҳисоби 33210 «Фоидаи тақсимнашудаи давраи ҳисоботӣ» аз эътибор соқит гардонида мешавад.

# МАВЗӮИ 11. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ТАШКИЛОТҲО

**11.1. Консепсияи ҳисоботи молиявӣ**
**11.2. Ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро ба танзим медароранд**
**11.3. Талаботҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ**
**11.4. Ҳайат ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ**
**11.5. Мафҳум ва мазмуни шаклҳои асосии ҳисоботи молиявӣ**

## 11.1. Консепсияи ҳисоботи молиявӣ

Ҳисоботи молиявӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон аз ҷониби ҳамаи субъектони хоҷагидорӣ таҳия ва пешниҳод мегардад. Сарфи назар аз тафовути мавҷудбуда дар шаклу мазмун, ки вобаста ба шароитҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишварҳои мухталиф ба миён омадаанд, мақсади ҳисоботи молиявӣ – ин то ҳадди ниҳоӣ қонеъ гардонидани ниёзи иттилоотии доираи васеи истифодабарандагон мебошад.

Қатъи назар аз он, ки дар ҳар кишвар:

- стандартҳои ба худ хоси миллӣ, қоидаҳои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро муқаррар намудаанд;
- ҳисобот ба самъи истифодабарандагони мушаххас равона карда мешавад;
- моддаҳои ҳисоботи молиявӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун эътироф карда шуда, низоми гуногуни ченкунӣ истифода мешаванд;
- шароитҳои ба худ хоси иҷтимоӣ – маишӣ ва ҳуқуқӣ арзи вуҷуд доранд, аммо дар амал мафҳумҳо ва истилоҳоти объектҳои баҳисобгирии муҳосибии якранг истифода мешаванд. Вобаста аз трансмилликунонӣ ва куллигардонии (ҷаҳонишавии) равандҳои иқтисодӣ, зарурати ба шакли якхела даровардан ва ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар сатҳи байналмимлалӣ ба миён омад.

Ин тавре шарҳ дода мешавад, ки тақрибан аксари истифодабарандагон қарорҳои иқтисодии бо сармоягузорӣ, насиядиҳӣ, баҳодиҳии сифатӣ ва тобеъияти ҳисобдиҳии идоракунӣ, баҳодиҳии қудрати пардохт, бозоргирӣ ва фоидаоварии ширкатҳо вобастабударо қабул мекунанд. Сарфи назар аз он, ки ҳисоботи молиявӣ маълумоти мукаммалро дода наметавонад, он ба воқеаҳои пешин

равона гардида, мувофиқи баъзе меъёрҳои арзишӣ то дараҷае нисбӣ аст, таҳияву пешниҳоди он барои истифодабарандагон муҳим мебошад, чунки усули дигари маълумотгирӣ ҳоло ихтироъ нагардидааст.

Маҳз тавассути омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи молиявӣ, истифодабарандагон оиди вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, тағйиротҳо дар вазъи молиявии объект маълумот пайдо мекунанд.

Ҳисоботи молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст:

- пешниҳоди маълумоти возеҳ, муфид, саҳеҳ ва воқеӣ ба истифодабарандагон;
- пешниҳоди маълумоте, ки ба истифодабарандагон барои мулоҳизаронӣ оиди маблағ, фурсат ва хавфи вобаста бо даромади интизорӣ ёрӣ мерасонад;
- пешниҳоди маълумот оиди захираҳои иқтисодӣ, ӯҳдадориҳо, таркиби сармоя ва сарчашмаҳои он.

Дар шароити вусъатёбии муносибатҳои бозаргонӣ зарурати такмили низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба миён меояд. Баҳисобгирии муҳосибии муосир бояд ба доираи васеъи истифодабарандагони иттилоот фаҳмо бошад. Бо ин мақсад баҳисогирии ватаниро аз рӯи кулли меъёрҳо ба ҷаҳонӣ наздик намудан зарур аст. Бинобар ин мебояд низомнома ва дастуруламалҳоро доир ба ҳисобгирӣ ва ҳисобот, ки айни замон амал карда истодаанд, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намуда, ҳамзамон истифодаи принсипҳои онҳоро ба таври сартосарӣ бояд таъмин кард.

Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар ҷараёни беҳтаргардонӣ, мутобиқнамоӣ ва минбаъд наздикшавии ҳисоботи молиявӣ дар тамоми ҷаҳон, нақши муҳимеро бозидаанд. Онҳо:

- ҳамчун асос барои талаботҳои миллӣ нисбати баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар аксарият мамлакатҳо;
- ҳамчун намунаи байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти ҷудогонае, ки бо кор карда баромадани талаботҳои шахсии худ машғуланд (аз ҷумла, мамлакатҳои дорои истеҳсолоти мутараққӣ, ҳамчунин афзоиши миқдори бозорҳо ба мисли Хитой ва аксарияти мамлакатҳои Осиё, Аврупои Марказӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ);
- аз ҷониби биржаҳои фондӣ (сармоявӣ) ва сохторҳои амрдиҳандае, ки ба ширкатҳои хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳоди ҳисо-

боти молиявиро мувофиқи СБҲМ иҷозат медиҳанд, ё худ талаб мекунанд;

- аз ҷониби сохторҳои миллӣ, аз ҷумлаи Иттиҳоди Аврупо, ки оиди комилан такья намудан ба Кумитаи СБҲМ (КСБҲМ) мавриди коркарди меъёрҳои ба эҳтиёҷоти бозори сармоя ҷавобгӯянда эълон намудааст;
- аз ҷониби миқдоран афзудаистодаи ширкатҳо, ҳатто дар кишварҳое, ки истифодаи СБҲМ-ро эҳтиёҷ нест, истифода мешаванд.

Пешниҳоди маълумоти саҳеҳ доир ба фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ масъулияти ниҳоят дақиқро талаб мекунад. Аз рӯи сифат ва боэътимодии ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда, мутобиқати он ба низомномаҳои амалкунанда доир ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва қонунгузории минтақавӣ, ба кордонии менеҷерони хоҷагидорӣ ва самаранокии усули идоракунӣ баҳо медиҳанд. Аз ин хотир, мақсади таҳияи ҳисоботи молиявӣ, усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тавсифномаҳо, ки муфид будани иттилооти молиявӣ ва ҷузъиёти он, принсипҳои инъикоси амалиётҳои хоҷагиро дар баҳисобгирӣ муайян мекунанд, дар консепсияҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дарҷ гардида, онҳо самтҳои асосии омода намудану пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мебошанд.

Ҳисоботи молиявӣ бо мақсади пешниҳоди маълумот оиди моҳияти фаъолияти ширкат, мавҷудияти дороиҳои гардон ва ғайригардон, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ ва тағйирёбии вазъи молиявии ширкат ба доираи васеъи истифодабарандагон таҳия мегардад.

*Ҳисоботи молиявӣ – ин ифодаи маълумоти ҷамъшуда оиди мавҷудият, вазъ ва ҳаракати манбаъҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулии ширкат аст.* Бинобар ин, устувории молиявии ширкат аз мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ, сатҳи идоракунӣ ва кордонии кормандон, муносибат бо таъминкунандагону пудратчиён, сохторҳои молиявӣ ва андоз вобаста аст. Натиҷаҳои молиявӣ ва қобилияти пардохтадокунии ширкат оиди вазъи фаъолияти амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ дар муддати давраи муайяни вақт шаҳодат медиҳанд.

Мутобиқи СБҲМ, мақсади ҳисоботи молиявиро пешниҳоди маълумот оиди вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва ҳаракати воситаҳои пулии ширкат, ки барои доираи васеъи истифодабарандагон мавриди қабули қарорҳои иқтисодӣ муфиданд, ташкил медиҳанд. Ҳисоботи молиявӣ ҳамзамон натиҷаҳои идора-

куниро бо захираҳое, ки ба роҳбарият боварӣ гардидааст, инъикос мекунад. Бо ин мақсад ҳисоботи молиявӣ маълумотро оиди нишондодҳои зерини ширкат дарбар мегирад:

- ➢ дороиҳо;
- ➢ ӯҳдадориҳо;
- ➢ сармоя;
- ➢ даромад ва хароҷот, аз ҷумла фоида ва зарар;
- ➢ ҳаракати воситаҳои пулӣ.

*Тавсифномаҳои сифатии иттилооти молиявӣ*

Маълумоти барои истифода пешниҳодгардидаи муҳосибон хусусияти умумиро дорост. Истифодабаранда бояд ин маълумотро фаҳмад, таҳлил намояд ва барои қабули қарорҳо истифода барад. Вобаста аз он, ки дақиқии маълумоти муҳосибӣ нисбист ва он «ба баҳодиҳии эҳтимолӣ, таснифкунии шартӣ, ҷамъбаст ва тақсимоти субъективӣ, аз рӯи ягон аломат такя мекунад» истифодабарандагон бояд маълумоти пайдокардаро дар асоси меъёрҳои муайян фаҳмонанд ва истифода баранд. Ин меъёрҳо тавсифномаҳои сифатӣ (принсипҳо) мебошанд, ки маълумоти баҳисобгирӣ бояд онҳоро доро бошад. Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ – ин қоидаҳои муайян, тартибот ва усулҳое мебошанд, ки аз ҷониби кумита оиди Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисобот маъқул дониста шудаанд.

Ҳамин тариқ, ҳамчун ёрмандӣ ба истифодабаранда бо мақсади шарҳдиҳии саҳеҳ ва истифодабарӣ тавсифномаҳои сифатии (qualitative characteristics) иттилооти баҳисобгирӣ кор карда баромада шудаанд. Тавсифномаҳои сифатии иттилооти баҳисобгирӣ аз ҷониби Журнали (бюрои) стандартҳои муҳосибӣ кор карда баромада шуда, меъёри баҳодиҳии маълумот мебошанд.

## 11.2. Ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки тартиби ҳисоботи муҳосибӣ-молиявиро ба танзим медароранд


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти с.2011, №702;
2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ.// Фармо-

иши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи 2011с. № 41;
3. Сиёсати ҳисобдории ташкилот. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.1999г. № 135, // Финансы и бухгалтерский учет - 2000г. , №1.
4. Низомнома оиди бурдани ҳисобгирии бухглтерӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабри соли 1999 бо фармони Вазири молияи ҶТ тахти № 163 тасдиқ шудааст.
5. Дастурамал оиди ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонн. Душанбе. 2012с.

### 11.3. Талаботҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ

Пеш аз тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, корҳои тайёрии зеринро гузаронидан зарур мебошад:
- муқоисаи далелу санадҳои ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ дар санаи тартиб додани ҳисоботи молиявӣ;
- барӯйхагирии амвол, ҳисоббаробаркуниҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии ташкилот;
- ислоҳ кардани навиштаҷотҳои хатои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар рафти тартиб додани ҳисобот маълум карда шудаанд;
- аниқ кардани баҳои дороиҳою ӯҳдадориҳои ба ҳисоб гирифташуда;
- ба ҳисоб гирифтани натиҷаҳои фаъолияти молиявии муасисса;
- таъмини муқоисакунии далелу рақамҳои ҳисоботи ҷорӣ бо нишондиҳандаҳои давраҳои гузашта.

Тасдиқи дуруст будани баҳисобгирии муҳосибӣ дар натиҷаи муқоисакунии нишондиҳандаҳои ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ дар мавриди тартиб додани ҳисобот инҳо мебошанд:
- баробарии маблағи ҳисобҳои таркибӣ, ки дар миқёси ҳисобҳои таҳлилӣ кушода шудаанд ва бақияи ҳамин ҳисоби таркибӣ;
- баробарии маблағҳои гардиши дебетию кредитии ҳамин ҳисобҳои таҳлилӣ ва гардишҳои дебетию кредитии ҳисобҳои таркибӣ.

Ҳар як моддаи ҳисоботи молиявӣ бояд дар натиҷаи гузаронидани барӯйхатгирии амвол, ҳисоббаробаркуниҳо ва ӯҳдадориҳо тасдиқ карда шаванд.

Хатогиҳое, ки пас аз гузаронидани баруйхатгирӣ ва тафтиши навиштаҷотҳои муҳосибӣ дар ҳисобҳо, ки ба соли ҷорӣ ва ё солҳои гузашта таалуқ доранд, муайян карда шуда, ислоҳ карда мешаванд:

- дар ҳолати муайян кардани амалиётҳои хоҷагие, ки дар давраи ҳисоботӣ нодуруст ба қайд гирифта шудаанд, ислоҳкунӣ дар ҳисобҳои ҳамон даврае гузаронида мешавад, ки ин хатогӣ содир шудааст;
- дар ҳолати муайян кардани хатогӣ дар амалиётҳои хоҷагии дар соли ҷорӣ гузаронидашуда, пас аз баохиррасии давраи ҳисоботӣ, ки ҳисоботи молиявӣ ҳоло тасдиқ нашудааст, ислоҳкунӣ дар моҳи декабр гузаронида мешавад;
- дар ҳолати дар давраи ҳисоботӣ муайян кардани хатогиҳо дар навишти амалиётҳои хоҷагӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии баамаломада, дар ҳисоботи молиявӣ (пас аз тасдиқи ҳисоботи солона) ислоҳкунӣ гузаронида намешавад.

Аниқкунии баҳодиҳии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилот дар ҳисобгирии муҳосибӣ бо тариқи зайл гузаронида мешавад:

- кулли амволе, ки бо арзи хориҷӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд, дар мавриди тартиб додани ҳисоботи молиявӣ бо қурби пули миллӣ баргардонида шуда, фарқиятҳои қурбӣ (мусбӣ ё манфӣ) ба ҳисоб гирифта мешаванд (баҳодиҳии асъорҳо, қоғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатҳои пулию пардохтӣ, воситаҳои пулии дар бонкҳо ва дар ҳисоббаробаркуниҳо буда ва ҳ.к );

Бунёдкунӣ ва танзими захираҳои баҳододашуда дар рӯзи тартиб додани ҳисобот:

- дар ҳолати пастшавии баҳои арзишҳои моддӣ;
- барои таъмини маблағгузориҳо бо қоғазҳои қимматнок;
- оиди қарзҳои шубҳанок;
- норозигии ташкилот аз андозситонӣ оиди пардохти маблағ ба буҷа;
- то рӯзи ҳисоботи ҷорӣ додани кафолат ва дигар намудҳои таъмини ӯҳдадориҳо ба фоидаи шахсони сеюм, мӯҳлати иҷрои кадоме, ки нарасидааст;
- аз тарафи ташкилот додани ӯҳдадориҳои кафолатӣ оиди маҳсулоти дар давраи ҷорӣ фурӯхташуда;
- ӯҳдадориҳо оиди ҳифзи муҳити зист;

- фурӯш ва бастани фаъолияти ягон равияи фаъолияти ташкилот ва ё ягон қисми он ва ё кӯчонидани онҳо ба қитъаҳои ҷуғрофӣ.

Тавсифномаҳои сифатии иттилооти баҳисобгирии молиявӣ мутобиқи СБҲМ инҳоянд:

***Фаҳмоӣ (возеҳӣ).*** Маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда бояд ба истифодабарандагон фаҳмо бошад. Фаҳмоии маълумот набояд иттилооти мураккаб, лекин барои қабули қарорҳо муҳимро истисно намояд, чунки иттилооти молиявӣ асосан ба истифодабарандагони дорои донишҳои муайян дар соҳаи иқтисодиёт ва тиҷорат, баҳисобгирӣ ва ҳисобот ва хоҳиши азхудкунии ин маълумот нигаронида шудааст.

***Бамавридӣ.*** Маълумоти ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси таҳлил, баҳодиҳии амалиётҳои хоҷагӣ – молиявӣ ва тағйирот дар муҳити соҳибкорӣ таъсир расонанда бамаврид аст.

Маълумоти бамаврид имконияти баҳодиҳӣ ва ислоҳи камбудиҳои давраи пешинро, ҳамчунин пешгӯии ҳодисаҳои ояндаро фароҳам месозад.

Барои банақшагирии нишондодҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ ва пешбинии ҳодисаҳои оянда маълумотро оиди фаъолияти ширкат дар давраҳои пешин истифода мебаранд.

***Муҳимият.*** Барои бамавридии иттилоот хусусият ва муҳимияти он таъсири ҷиддӣ мерасонад. Иттилоот он вақт муҳим ҳисобида мешавад, агар ихтисор ё таҳрифи он ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон таъсир расонад. Ҳамин тариқ, муҳимият, камбудиро инъикос намудан ин тавсифномаи сифатӣ нест. Дар амалия муҳимияти маълумот аз рӯи ҳисоби «3 ё 5% аз фоидаи соф», ё худ «0,5 ё 1% аз арзиши ҳамаи дороиҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин маҳдудиятро, ки бо муҳимияти маълумот вобастагӣ дорад, ҳамчунин ҳудуди муҳимият низ меноманд. Ҳудуди муҳимият ба ҳисоб нагирифтани моддаҳо ва маблағҳои начандон калонро ифода намекунад. Зеро дар маҷмӯъ онҳо метавонанд маблағи калонро ташкил диҳанд.

***Эътимоднокӣ.*** Маълумот бояд аз камбудию таҳрифот озод буда, сарчашмаи боэътимоди ташкилёбиро доро бошад, то истифодабарандагон барои пешниҳоди дақиқи нишондодҳо ба он такя намоянд.

***Ҳаққоният.*** Иттилоот саҳеҳ ҳисобида мешавад, агар он амалиёт ва ҳодисаҳоро ҳаққонӣ пешниҳод кунад, ё худ пешбинӣ на-

моянд. Масалан, хулосаи аудиторӣ бояд вазъи корҳоро дар ширкат ҳаққонӣ пешниҳод намояд, то роҳбарият қарори муайян қабул кунад, саҳҳомон дар оянда маблағгузорӣ намоянд ва ширкат андозҳоро сари вақт супорад.

***Бартарии мазмун бар шакл.*** Агар иттилоот амалиёт ва рӯйдодҳоро ҳаққонӣ пешниҳод намояд, зарур аст, ки онҳо мутобиқи мазмун ва воқеияти реалӣ ба ҳисоб гирифта шуда пешниҳод гарданд, на балки танҳо бо шакли ҳуқуқӣ. Ҳамзамон мазмуни амалиёт ва рӯйдодҳо на ҳама вақт ба шакли ҳуқуқии онҳо мувофиқат мекунанд. Масалан, ширкат ба ширкати дигаре бо роҳи ба суратҳисоб гузаронидани пул ва бо нархи аз арзиши бозорӣ паст, автомошин фурӯхт. Ин маълумот амалиёти ҳаққонӣ иҷрогардидаро ифода намекунад, чунки амалиёти дигаре метавонад арзи вуҷуд дошта бошад, ки ба мулкдор кафолати мукофотро медиҳад.

***Бетарафӣ.*** Маълумоти ҳисоботи молиявӣ бояд бетарафона, аниқтараш беғаразона бошад. Он набояд ба қабули қарорҳо таъсир расонида дар ақидаронӣ барои мақсадҳои пешакӣ муайянгардида мусоидат намояд.

***Мулоҳизакорӣ.*** Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, таҳиягар бо рӯйдод ва амалиётҳои номуайян ба монанди қарзҳои дебитории шубҳанок, мӯҳлати истифодаи муфиди воситаҳои асосӣ, амалиёт вобаста ба мубодилаи мол ва ҳоказо ногузир рӯ ба рӯ мешавад, ки ба воситаи кушодани хусусияти онҳо ва риояи принсипи мулоҳизакорӣ эътироф карда мешавад. Мулоҳизакорӣ – ин ҷорӣ намудани дараҷаи муайяни эҳтиёткорӣ дар ҷараёни мулоҳизаронист, ки мавриди ҳисобкуниҳо дар шароити номуайян зарур аст, то ки доройӣ ва даромадҳо аз будаш зиёдтар нишон дода нашуда, ӯҳдадорӣ ва хароҷот – аз будаш камтар инъикос нагарданд. Истифодаи принсипи мулоҳизакорӣ ба ташкилнамоии захираҳои пинҳонӣ, қасдан камкунии даромад ва ё изофа намудани хароҷот роҳ намедиҳад.

***Мукаммалӣ.*** Маълумоти ҳисоботи молиявӣ ҳангоми таъмини мукаммалӣ саҳеҳ дониста мешавад. Ихтисори маълумоти зарурӣ метавонад онро аз нуқтаи назари бамавридии иттилоот қалбакӣ ва беэътибор намояд.

***Саҳеҳӣ.*** Муфидии маълумот дар саҳеҳии он акс меёбад. Саҳеҳии маълумот дар эътимоднокӣ ва озод будани он аз норасоиҳо ифода меёбад. Истифодабарандагон метавонанд ба маълумоти саҳеҳ такя намуда, онро мавриди қабули қарор ва пешбинии фаъолият истифода баранд.

Маълумот метавонад бамаврид, лекин аз ҷиҳати хусусият ва пешниҳодот ғайрисаҳеҳ бошад. Дар ин сурат он ба фиреби истифодабарандагон оварда мерасонад. Масалан, агар асоснокӣ ва ҳаҷми даъво онд ба товони зарар дар суд дида баромада шаванд, барои ширкат эътироф намудани маблаги даъво дар тавозун мувофиқи мақсад нест, ҳарчанд пӯшонидани маблағ ва ҳолати вобаста ба даъво буда бамаврид аст.

***Қиёспазирӣ.*** Ҳисоботи молиявӣ бояд муқоисашаванда бошад, то ки истифодабарандагон имконияти бо давраҳои дигар муқоиса намуданро дошта бошанд. Ин ба мақсаде пешбинӣ шудааст, ки истифодабаранда тамоюли ташаккулёбии фаъолияти молиявии ширкатро муайян намуда, ҳисоботи молиявии ширкатҳои мухталифро муқоиса намояд ва ба вазъи молиявӣ баҳо диҳад. Ҳисоботи молиявии аз ҷониби ширкатҳо пешниҳодшуда бояд мувофиқи як усул пешниҳод карда шавад, то дар оянда дар ҳудуди ноҳия, шаҳр ва кишвар муқоиса карда шавад.

СБҲМ маҳдудияти зерини бамавридӣ ва эътимоднокии маълумотро муайян мекунанд:

***Бамавқеъӣ.*** Ширкатҳоро на ҳама вақт, саривақт таъмин намудани маълумот муяссар мегарданд, чунки ҳангоми риояи бамавқеъӣ ҷанбаҳои ҷудогонаи амалиёт муайян нашуда мемонанд ва ҳамин тариқ эътимоднокӣ аз даст меравад. Ва баръакс, мавриди таъмини маълумоти эътимодноку муайян намудани ҳамаи ҷабҳаҳои амалиёт, маълумот метавонад таъхирпазир бошад. Дар ин ҳолат бамавридӣ ва муфидии он гум шавад. Аз ин хотир, менеҷерон бояд мувозинати принсипҳои бамавқеӣ ва эътимоднокии ҳисоботи молиявиро нигоҳ доранд, то эҳтиёҷоти истифодабарандагонро хубтар қонеъ гардонида тавонанд.

***Мувозинаи байни фоида ва хароҷот.*** Манфиате, ки аз маълумот бармеояд, бояд аз хароҷоти бадасториии он барзиёд бошад. Лекин пешниҳоди муфассали маълумот барои ширкат ба маҳрум шудан аз сарчашмаҳои маблаггузорӣ ва нуфузи молиявӣ оварда мерасонад.

Бинобар ин, дар асоси ақидаронии оқилонаи касбӣ ҳаҷми маълумотро муайян намуда, ба фоида ва хароҷот баҳо додан зарур аст.

***Мувозина байни тавсифномаҳои сифатӣ.*** Муҳосибон дар асоси ақидаронии касбӣ бояд мувозинаро байни тавсифномаҳои сифатӣ муқаррар намоянд, то маълумот баробардараҷа ба талаботи онҳо мувофиқат кунад.

**Иттилооти молиявӣ** ба ҳисоб гирифтани фарзияҳои умдатарини зеринро мавриди ташкили сиёсати баҳисобгирии ширкат талаб мекунанд:

<u>**Усули ҳисобкунӣ (метод начислеиия).**</u> Яке аз талаботҳои асосии СБҲМ онди бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ - ин истифодаи усули ҳисобкунӣ мебошад. Дар сохторн амалкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ ин усул бо номи «ҳамлу нақл» қабул шудааст, ки натиҷагирии молиявиро вобаста бо фурӯши мол, иҷроиши кор ва хизматрасонӣ навобаста аз воридшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо дар назар дорад.

Инъикоси ин амалиётҳо дар ҳисоботҳои даврае, ки онҳо ба вуқӯъ омадаанд, ифода меёбад. Маълумоте, ки мувофиқи усули ҳисобкунӣ таҳия шудааст, истифодабарандагонро на танҳо бо амалиётҳои пешин ошно менамояд, балки аз ӯҳдадориҳо онди пардохти пул низ воқиф месозад. Усули ҳисобкунӣ ҳамчунин онди даромадҳои оянда, ки ширкат бояд аз рӯи амалиётҳои гузаронида ба даст орад, маълумот медиҳад. Ҳамин тариқ, *мутобиқи усули ҳисобкунӣ, даромад дар мавриди ба он ҳақ пайдо кардан, хароҷот бошад дар мавриди бавуқӯъоии он новобаста аз дохилшавӣ ё хориҷшавии воситаҳои пулӣ эътироф ва инъикос мешавад.*

СБҲМ истифодаи усули ҳисобкунӣ, мавқуфгузорӣ ва тақсимотро барои мутобиқгардонии даромад ва хароҷоти давраи ҳисоботӣ талаб мекунанд.

Мувофиқи СБҲМ мавриди таҳияи ҳисоботи молиявӣ истифодаи усули ҳисобкунӣ, ки хусусиятҳои зеринро дорост, зарур аст:

- амалиёт ва рӯйдодҳо ҳангоми ба амал омадани онҳо бояд эътироф карда шаванд, на ҳангоми воридшавӣ ва пардохти воситаҳои пулӣ;
- он ҳуқуқи гирифтани воситаҳо ва ё худ захираҳои дигари молиявиро медиҳад, ки дар тавозуни муҳосибӣ ҳамчун дороӣ инъикос мегарданд;
- он барои пардохти воситаҳои пулӣ ва хизматрасонӣ ӯҳдадор месозад, ки дар тавозуни муҳосибӣ ҳамчун ӯҳдадориҳо дарҷ гардидаанд;
- дар ҳисобот онди фоида ва зарар инъикоси даромад ва хароҷот ба он даврае, ки онҳо тааллуқ доранд, талаб карда мешавад;
- усули ҳисобкунӣ бо усули мувофиқаткунонӣ мутобиқ карда шудааст, яъне даромад дар лаҳзаи бавуқӯъоии фурӯши молу

хадамот, новобаста аз вақти воридшавии воситаи пулӣ, эътироф мегардад.

Мавриди истифодаи усули ҳисобкунии хароҷот дар он вақт эътироф мегардад, ки даромади бо он вобаста буда эътироф гардидааст, новобаста аз он, ки воситаҳои пулӣ кадом вақт пардохт мегарданд.

<u>**Муттасилии фаъолият.**</u> Ҳар як ширкат бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти муттасилона ва бадасторни фоида таъсис дода мешавад. Пас, ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзияи он, ки ширкат фаъолият дорад ва дар оянда ҳамчунин амал хоҳад кард, таҳия мегардад. Пешбинӣ шудааст, ки ширкат мақсади ихтисори ҳаҷми корро дар фаъолияти худ надорад. Дар ҳолати пайдо шудани чунин зарурат, ҳисоботи молиявӣ бояд дар асоси дигаре бо шарҳу маънидод кардани сабабҳо таҳия гардад.

Бариловаи ин фарзият бояд зикр намуд, ки ҳисоботи молиявӣ ҳамчунин мувофиқи принсипҳои зерин таҳия мегардад:

- ***пайдарпай (мунтазамӣ).*** Ширкат бояд сиёсати баҳисобгирии қабулшударо мунтазам аз як давраи ҳисоботӣ то дигараш истифода барад, пешниҳод ва таснифи моддаҳо дар ҳисоботи молиявӣ аз як давра ба давраи дигар нигоҳ дошта шаванд. Дар ҳолати аз асосҳо ва усулҳои истифодашудаистода даст кашидан, моҳият, сабаб ва асоснокии тағйиротҳо бояд дар эзоҳнома маънидод карда шавад, ҳамзамон бояд муқоисашавандагӣ бо давраҳои пешин бояд таъмин карда шавад;
- ***мувофиқати даромад ва хароҷот.*** Мутобиқи усули ҳисобкунӣ, хароҷоте, ки дар ҷараёни даромадгирӣ ба амал меояд, бояд дар он даврае, ки даромад эътироф карда шудааст, ба ҳисоб гирифта шавад;
- ***пайравӣ.*** Ҳар як ҳисоботи молиявии минбаъда бояд аз пешина барояд;
- ***баҳодиҳӣ.*** Дар баҳисобгирии муҳосибӣ баҳодиҳӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявиро бо ифодаи пулӣ бояд анҷом дод;
- ***автономӣ.*** Захираҳои субъекти иқтисодӣ бояд аз захираҳои молик ҷудогона ба ҳисоб гирифта шаванд;
- ***муҳимият ва муттаҳидкунӣ.*** Ҳар як моддаи муҳим дар ҳисоботи молиявӣ бояд ҷудогона пешниҳод гардида, маблағҳои начандон муҳим бояд муттаҳид карда шаванд;
- ***ошкорсозии комил.*** Дар ҳисоботи молиявӣ оиди вазъи иқтисодӣ, натиҷаҳои фаъолият ва сохтори сармояи ширкат бояд тамоми маълумоти зарурӣ дарҷ гардад. Ҳадаф аз ошкорсозии

пурра дар он аст, ки ба истифодабарандагони беруна барои қабули қарорҳои беҳтарин ва сарфакорона маълумоти амиқ дода шавад.

- ***баҳисобгирии мутақобила.*** Дорой ва ӯҳдадориҳо набояд мутақобилан ба ҳисоб гирифта шаванд. Баҳаморнии (ҳисобкунии мутақобилаи) даромад ва хароҷот мумкин аст, агар ин амалро СБҲМ иҷозат диҳанд ва ё талаб кунанд, ё худ фоида, зарар ва хароҷот, ки дар натиҷаи амалиётҳои якхела ба вуҷуд омадаанд, муҳим набошанд;
- ***даврагӣ.*** Ширкат ҳисоботи молиявиро бояд мувофиқи фосилаҳои муайян таҳия ва пешниҳод намояд. Аксаран, қонунгузории амалкунанда даврият ва вақти пешниҳоди ҳисоботи молиявиро муқаррар мекунад. Мутобиқи СБҲМ ҳисоботи молиявӣ бояд аққалан як маротиба дар як сол пешниҳод карда шавад.

*Консепсияи баҳисобгирии молиявӣ ва пешниҳоди этикии ҳисобот*

Мутобиқи СБҲМ барои омодакунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мудирияти ширкат ҷавобгар аст.

Роҳбарияти ширкат бояд сиёсати баҳисобгирии молиявиро бо мақсади мутобиқ гардонидани он ба талаботҳои СБҲМ ва шарҳҳои кумитаи шарҳдиҳанда интихоб намуда, пайваста истифода барад. Мавриди мавҷуд набудани талаботҳои мушаххас, роҳбарият бояд сиёсатеро кор карда барояд, ки дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳоди чунин маълумотро таъмин менамояд:

- бамаврид барои истифодабарандагон ҳангоми қабули қарорҳо;
- эътимоднок нисбати:
  - пешниҳоди саҳеҳи натиҷаҳо ва вазъи молиявии ширкат;
  - инъикоси мазмуни иқтисодии рӯйдод ва амалиётҳо, на шакли ҳуқуқии онҳо;
  - бетараф будани он;
  - бомулоҳизавии (консервативии) он;
  - мукаммал будани он бо тамоми ҷузъҳои муҳимаш.

***Сиёсати баҳисобгирӣ – ин принсипҳо, асосҳо, қоидаҳо ва таҷрибаҳои мушаххас, ки аз ҷониби ширкат барои омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ қабул шудаанд.***

## 11.4. Мафҳум ва мазмуни шаклҳои асосии ҳисоботи молиявӣ

Маҷмӯи пурраи ҳисоботи молиявӣ иборат аст аз:

- **Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ), (шакли № 1);**
- **Ҳисобот оиди фоида ва зарар, (шакли № 2);**
- **Ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо, (шакли № 3);**
- **Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ (шакли № 4);**
- **Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ, (шакли № 5);**
- **Таҳқиқи андозӣ, (шакли № 6).**

Ҷузъҳои асосии ҳисоботи молиявӣ: дороиҳо, ӯҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот, фоида ва зарар мебошанд.

Ҷузъҳои ҳисоботи молиявӣ нишондодҳои умумианд, ки оиди мавҷудияти воситаҳои асосӣ ва гардон, дороиҳои ғайримоддӣ ва ӯҳдадориҳои ташкилот шаҳодат медиҳанд.

Масъалаҳои умдатарини баҳисобгирии ҷузъҳои ҳисоботи молиявӣ - ин **эътирофкунӣ ва баҳодиҳии** онҳо мебошанд. Эътирофкунӣ ва ченкунӣ меъёрҳоеро муқаррар мекунанд, ки ба воситаи онҳо шарту шароити ба ҳисоботи молиявӣ дохил намудани ҷузъҳо муайян карда мешаванд.

**Эътирофкунӣ** - ин ҷараёни ба тавозун ва ё ҳисобот дохил намудани объектест, ки ба шартҳои зерин ҷавобгӯст:

- эҳтимолияти бадастории фоида ва ё камшавии нафъи иқтисодӣ мавҷуд аст;
- имконияти баҳодиҳии боэътимоди хароҷоти ҳақиқии харид ё арзиши объект мавҷуд аст.

**Дороӣ** дар тавозуни муҳосибӣ эътироф мешавад, агар эҳтимолияти ба дастории нафъи иқтисодии минбаъда барои ширкат вуҷуд дошта, арзиши ченшавандаи боэътимодро дорост.

**Ӯҳдадорӣ** дар тавозуни муҳосибӣ эътироф мегардад, агар эҳтимолияти камшавии захираҳое, ки нафъи иқтисодиро дар худ таҷассум мекунанд, дар натиҷаи батанзимдарории ӯҳдадориҳои ҷорӣ мавҷуд буда, бузургии пардохти он боэътимод муайян карда шавад.

**Даромад** дар ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф мешавад, агар афзоиши нафъҳои иқтисодии оянда, ки бо афзоиши боэътимод баҳододашавандаи дороиҳо ва камшавии ӯҳдадорӣ вобастагӣ дорад, ҷой дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки даромад ҳамзамон бо афзудани дороиҳо ва ё худ камшавии ӯҳдадориҳо эътироф мегардад.

**Харочот** дар ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф мегардад, агар камшавии нафъҳои иқтисодии оянда, ки бо камшавии дороиҳо ва ё афзудани ӯҳдадорӣ вобастагӣ доранд, ба амал оянд. Эътирофи харочот дар як вақт бо эътирофкунии камшавии дороиҳо ё худ афзудани ӯҳдадориҳо ба амал бароварда мешавад. Харочот дар асоси алоқамандии мустақими масорифи ба вучудомада ва воридот мувофиқи моддаҳои даромад эътироф мегардад (масалан, эътирофи арзиши аслии моли фурӯхташуда бо эътироф гардидани даромад аз фурӯш). Харочот фавран эътироф мегардад, агар масрафи қабл аз ин ба вучудомада дигар фоидаи иқтисодии минбаъдаро ба амал наоранд.

**Баҳодиҳӣ** - ин чараёни муайянкунии андозаи пулии эътироф ва инъикоси чузъҳо дар ҳисоботи молиявист.

Дар ҳисоботи молиявӣ бо дарачаҳои гуногун ва мувофиқати мухталиф усулҳои зерин истифода мешаванд:

- *Арзиши ҳақиқии харид.* Дороиҳо аз рӯи маблағи барои онҳо пардохташуда ва ё арзиши одилонаи пешниҳодӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ӯҳдадориҳо аз рӯи маблағи воридот бар ивази ӯҳдадорӣ ё аз рӯи мачмӯаи воситаҳои пулии пардохташаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд.
- *Арзиши чорӣ.* Дороиҳо аз рӯи мачмӯаи воситаҳои пулии дар айни замон пардохташаванда инъикос меёбанд. Ӯҳдадориҳо аз рӯи мачмӯаи воситаҳои пулии дисконтиронидanaшуда, ки ҳангоми шароити мӯътадили хочагидорӣ пардохт мегардад, инъикос карда мешаванд.
- *Арзиши эҳтимолии фурӯш.* Дороиҳо аз рӯи мачмӯаи воситаҳои пулӣ, ки айни замон дар натичаи фурӯши дороиҳо дар шароити мӯътадил дастрас шудаанд, инъикос меёбанд. Ӯҳдадориҳо аз рӯи арзиши пардохтшуда, яъне аз рӯи мачмӯаи воситаҳои пулии дисконтиронидaнашуда ва ё худ воситаҳои муносиби барои пардохтшавӣ дар шароити муътадили корӣ пешбинишуда, инъикос меёбанд.
- *Арзиши дисконтиронидашуда.* Дороиҳо/Ӯҳдадориҳо бо баҳои чории арзиши дисконтиронидашудаи воридот/ пардохти софи воситаҳои пулии минбаъда инъикос меёбанд.

Ширкатҳо, вобаста ба эҳтиёчоти истифодабарандагони иттилооти молиявӣ, барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ метавонанд:

- ➢ консепсияи молиявии сармоя;
- ➢ консепсияи чисмонии сармояро қабул намоянд.

*Консепсияи молиявии сармоя* он гоҳ қобили қабул аст, агар дараҷаи таъминот ва ё қобилияти хариди сармояи гузошташуда истифодабарандагонро ҳавасманд кунад. Консепсияи мазкур сармояро ҳамчун дороии соф дида мебарояд. Мувофиқи консепсияи нигоҳдории сармояи молиявӣ, фоида он гоҳ ба дастомада ҳисобида мешавад, агар маблаги молиявии дороиҳои соф дар давраи ниҳоӣ аз нишондодҳои қиёсии давраи ибтидоӣ, пас аз тарҳнамоии ҳама гуна тақсимот ва ҳиссагузориҳои моликон барзиёд бошад.

*Консепсияи ҷисмонии сармоя* он гоҳ қобили қабул аст, агар қобилияти амалиётии ширкат истифодабарандагонро шавқманд кунад. Консепсияи мазкур сармояро ҳамчун қудрати истеҳсолии ширкат дида мебарояд. Мутобиқи гояи нигоҳдории сармояи ҷисмонӣ, фоида он гоҳ ба дастомада ҳисобида мешавад, агар қобилияти амалиётии ширкат дар давраи ниҳоӣ аз нишондодҳои қиёсии давраи ибтидоӣ барзиёд бошад.

**Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) (шакли № 1)**

*Ҳисоботе, ки бевосита бо муодилаи тавозунӣ алоқаманд буда, вазъи молиявии субъектро инъикос мекунад ва дар таърихи мушаххас таҳия мегардад, ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ном гирифтааст.*

Маҳз тавассути *ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ* истифодабарандагон оиди бозоргирӣ, қудрати молиявӣ ва чандирии молиявии ширкат маълумот мегиранд. Тавозуни муҳосибӣ барои ҳисоб намудани аксарияти коэффитсиентҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, баҳодиҳии ташкили истеҳсолӣ ва сиёсати он дар ҷодаи азхудкунии истеҳсолоти навин имконият медиҳад. Тавозуни муҳосибӣ оиди захираҳои субъект (дороиҳо), даъво ба захираҳо (ӯҳдадориҳо) ва ҳаққи молик дар ширкат (сармоя) маълумот медиҳад.

| Ҷузъҳои тавозуни муҳосибӣ | Тавсифи амалиётҳо |
|---|---|
| 1. **Дороиҳо** - захираҳои иқтисодии аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ назоратшаванда, ки натиҷаҳои рӯйдодҳо ва шартномаҳои гузашта буда, аз онҳо нафъи иқтисодии минбаъда дар назар дошта шудааст. | 1. Захираҳои ҳамчун дороӣ баррасишаванда бояд:<br>а) дар оянда нафъи иқтисодӣ оранд (барои бадастоварии фоида кор оянд);<br>б) зери назорат қарор гирифта, ба субъекти хоҷагидорӣ дар асоси соҳибҳуқуқӣ тааллуқ дошта бошанд (метавонанд озодона истифода шаванд ё аз истеҳсолот хориҷ гарданд);<br>в) натиҷаи амалиётҳои қаблиро ташкил диҳанд (яъне воқеан дар айни замон дар намуди захираҳо, дар |

| | |
|---|---|
| | истеҳсолот, дар арафаи бунёдгардӣ ё дар роҳ мавҷуд будан). |
| 2. **Ӯҳдадориҳо** - ин қарзи ҷории ширкат, ки дар натиҷаи рӯйдодҳои давраҳои қаблӣ ба вуҷуд омада батанзимдарории он ба хориҷшавии захираҳои суъект, ки дар худ нафъи иқтисодиро таҷассум менамоянд, бурда мерасонад. | 2. Ӯҳдадориҳои баррасишаванда бояд: а) ба камшавии дороиҳо, ки минбаъд бояд нафъи иқтисодӣ оваранд, мусоидат намоянд; б) ногузир бошанд; в) аз амалиётҳои қаблӣ бароянд. |
| 3. **Сармоя** - ин ҳиссаи дороиҳои субъекти хоҷагидорӣ, ки пас аз пардохти ҳамаи ӯҳдадориҳо бокӣ мемонад. Сармоя гурӯҳи махсуси моддаҳоро, аз ҷумлаи сармояи оинномавӣ ва фоидаи тақсимношударо дарбар мегирад. | 3. Бақия дар ҳисобот ҳиссаи боқимондаи дороиҳоро пас аз тарҳнамоии ӯҳдадориҳо ифода мекунад. |

Ширкатҳо дар асоси хусусияти амалиётҳои содиршуда, дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро ба дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат тасниф мекунанд. СБҲМ талаб мекунад, ки новобаста аз сиёсати баҳисобгирии қабулшуда, ширкатҳо бояд маблағҳоеро, ки пардохт ё қабули онҳо то ва ё баъд аз дувоздаҳ моҳи санаи ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст, аз рӯи ҳар як моддаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо кушода диҳанд.

Мувофиқан, таснифи дороӣ ва ӯҳдадориҳо ба кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат истифодабарандагонро бо маълумоти муфид таъмин намуда, дороиҳои гардон ва ғайригардонро ҷудо мекунад. Ҳамзамон ба дороиҳои воридшаванда ва ӯҳдадориҳои пардохшаванда дар тӯли 12 моҳи наздик диққатро равона месозад. Ғайр аз ин, маълумот оиди мӯҳлати пардохти дороиҳо ва ӯҳдарориҳо барои баҳодиҳии бозоргирӣ ва қобилияти пардохт доштани ташкилот муфид мебошад.

Дороӣ бояд ҳамчун гардон (кӯтоҳмуддат) тасниф шавад, агар:

а) фурӯш, нигоҳдорӣ барои фурӯш ё худ истифодаи он дар шароитҳои мӯътадили сикли амалиётии ташкилот пешбинӣ шуда бошад;

б) он асосан барои фурӯш дар давоми муддати кӯтоҳ нигоҳ дошта шавад, ва ё фурӯши он дар тӯли 12 моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст;

в) он дороие бошад дар шакли воситаҳои пулӣ ё худ воситаҳои ҳамарзиш (эквивалент), ки истифодаи номаҳдуд доранд.

Ҳамаи дороиҳои дигар бояд ҳамчун ғайригардон (дарозмуддат) тасниф ёбанд.

Ӯҳдадорӣ онгоҳ ҳамчун кӯтоҳмуддат тасниф мегардад, агар:
а) адои пардохти он дар шароитҳои муътадили даври амалиётии ташкилот пешбинӣ шуда бошад;
б) адои пардохти он дар тӯли 12 моҳи пас аз санаии ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳаман ӯҳдадориҳои дигар бояд ҳамчун дарозмуддат тасниф карда шаванд.

Ширкат ӯҳдадориҳои дарозмуддати хешро, ки пардохти фоизҳоро дарбар мегиранд, ҳатто дар ҳолати пешбинӣ шудани пардохти фоизҳо дар тӯли 12 моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ, ҳамчун дарозмуддат тасниф менамояд, агар:
а) мӯҳлати ибтидоӣ давраи зиёда аз 12 моҳаро дарбар мегирифт;
б) азнавмолиявикунонии ӯҳдадориҳо дар асоси дарозмуддат пешбинӣ шудааст;
в) ин мақсад бо шартнома оиди азнавмолиявикунонӣ тақвият дода шудааст ё худ тағйири ҷадвали пардохтҳо то тасдиқи ҳисоботи молиявӣ қабул мешавад.

Ҳамин тариқ, мутобиқи СБҲМ, тавозуни муҳосибӣ бояд моддаҳои зеринро дарбар гирад:

- *воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиш (эквивалент)- и онҳо;*
- *қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарзҳо;*
- *захираҳои моддию молӣ;*
- *воситаҳои асосӣ;*
- *дороиҳои ғайримоддӣ;*
- *дороиҳои молиявӣ;*
- *сармояҳои аз рӯи усули иштирок баҳисобгирифташуда;*
- *қарздории кредитории тиҷоратӣ ва дигар қарзҳо;*
- *ӯҳдадориҳо ва талаботҳои андозӣ;*
- *захираҳо;*
- *ӯҳдадориҳои дарозмуддат, ки пардохти фоизиро дарбар мегиранд;*
- *ҳиссаи ақаллият;*
- *сармояи интишоршуда ва бунёдҳо.*

Тавозуни муҳосибӣ дар баробари тавсифномаҳои мусбии хеш боз маҳдудиятҳои зеринро дорост:

- на ҳаман моддаҳои тавозунӣ аз рӯи арзиши ҷорӣ инъикос меёбанд. Масалан, дороиҳои ғайригардон аз рӯи арзиши ибтидоӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки эҳтимол бо арзиши ҷории воқеӣ мувофиқат накунад;

- аксарияти моддаҳои тавозун аз рӯи маблағи ҳисобкардашуда инъикос меёбанд. Масалан, ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда, фарсудашавӣ, захираҳои қарзҳои шубҳанок ва ғайра;
- маблағи баъзе моддаҳо дар тавозун метавонад дақиқ набошад. Масалан, дороиҳои ғайримоддӣ ва маблағҳое, ки ҳамчун ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда инъикос шудаанд.

### Ҳисобот оиди фоида ва зарар (шакли № 2)

Ҳисобот оиди фоида ва зарар (оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ) ҳамчун ҷузъи васеъкунандаи тавозун дар ибтидо ва интиҳои давраи ҳисоботи нақши муҳимро мебозад.

| **Ҷузъҳои ҳисобот оиди фоида ва зарар** | |
|---|---|
| 4. **Даромад** - ин афзоиши нафъҳои иқтисодӣ, ки дар шакли зиёдшавии дороиҳо ва ё худ камшавии ӯдадориҳо ба амал омада, дар афзудани сармояи саҳҳомии бо ҳиссагузориҳои иштирокчиён вобаста набуда ифода меёбад. | 4. Ду хусусияти муҳимтарини даромад аз амалиётҳо:<br>а) даромад аз фаъолияти муқарраии ширкат дар натиҷаи фурӯши мол, хадамот ё худ дар натиҷаи истифодаи захираҳои субъекти хоҷагидорӣ аз ҷониби шахсони дигар, ки дар шакли қарзи бемӯҳлат (рента), фоизҳо, пардохтҳои литсензионӣ ё худ ҳаққуссаҳм фоида меоранд, ба даст меояд;<br>б) Даромадҳои боқимондаро дигар моддаҳое пешниҳод мекунанд, ки ба таърифи даромад ҷавобгӯ буда метавонанд дар ҷараёни фаъолияти маъмул ба вуҷуд оянд, ё худ ба вуҷуд наоянд. Масалан, даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ, ё худ даромадҳои амалинашуда дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии коғазҳои қимматнок. |
| 5. **Хароҷот** - ин камшавии нафъи иқтисодӣ дар намуди хориҷшавӣ, таҷдиди дороиҳо, ё худ афзудани ӯҳдадориҳо баамалоянда, ки ба камшавии сармоя оварда мерасонад ва ба тақсимоти сармоя байни иштирокчиёни сармояи саҳҳомӣ вобастагӣ надорад. | 5. Хусусияти муҳими хароҷот аз он иборат аст, ки он бояд дар баробари ҷараёни даромадгирии ширкат сурат гирад. Масрафи ҳамчун хароҷот таснифнашаванда, метавонад ҳамчун дорои (бо эхтимолияти нафъи иқтисодии минбаъда) ё худ ҳамчун талафот (бе нафъгирии иқтисодӣ), ё пардохти ҳиссаи сармоя ба моликон, баррасӣ гардад. |
| 6. **Фоида** - ин афзоиши сармоя дар натиҷаи фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ, рӯйдодҳо, вазъиятҳое, ки ба субъекти хоҷагидорӣ таъсир мерасонанд, ба ҷуз аз ҳаққи узвият ба сармояи саҳҳомӣ. | 6. Тавсифномаи амалиётҳо набояд шубҳае оиди он, ки ин<br>а) амалиёт вобаста ба гирифтани даромад аз фаъолияти асосӣ;<br>б) амалиёт аз ҳиссагузорӣ ба сармояи саҳҳомӣ аст, ба миён орад. |

| | |
|---|---|
| 7. **Зарар** - ин камшавии сармояи саҳҳомӣ дар натиҷаи фаъолияти асосӣ ва амалиётҳои дигар. рӯйдодҳо. вазъият, ба ҷуз онҳое. ки натиҷаи тақсимоти сармояи саҳҳомиянд. | 7. Тавсифномаи амалиётҳо набояд шубҳае оиди он. ки ин<br>а) амалиёт нобаста ба хароҷот:<br>б) амалиёт аз рӯи тақсимоти сармоя аст, ба миён орад. |

Ҳисобот тағйиротҳоеро дар вазъи молиявӣ маънидод мекунад, ки аз амалиётҳои хоҷагӣ - молиявӣ (даромад ва хароҷот) бармеоянд. Тавассути маълумоти ҳисобот оиди фоида ва зарар истифодабарандагон аз натиҷаҳои фаъолияти ширкат – фоидаи бадастомада ва ё зарар хабардор мешаванд.

Мутобиқи СБҲМ *ҳисобот оиди фоида ва зарар бояд то ҳадди аққал моддаҳои зеринро дарбар гирад:*

- *маблағи фурӯши маҳсулот (кору хадамот);*
- *натиҷаҳои фаъолияти амалиётӣ;*
- *хароҷоти маблағгузорӣ;*
- *ҳиссаи фоида ва зарари муассисоти шарик ва фаъолияти муштарак, ки аз рӯи усули иштирок ба ҳисоб гирифта шудааст;*
- *хароҷоти андоз;*
- *фоида ва зарар аз фаъолияти маъмул;*
- *натиҷаҳои вазъияти фавқуллода;*
- *ҳаққи ақаллиёт;*
- *фоидаи соф, ё худ зарари давраи ҳисоботӣ.*

Моддаҳои хароҷотӣ баъдан ба гурӯҳҳо барои ҷудокунии ҷузъҳои натиҷаҳои фаъолияти ғайримолиявӣ, ки дорои хусусиятҳои фарққунандаи мухталиф ба мисли устуворӣ, қудрати фоида ё худ зарар ва пешгӯӣ мебошанд, тасниф мешаванд. Ин маълумот бо яке аз ду усуле, ки СБҲМ барои таҳлили даромад ва хароҷот маъқул ҳисобидааст, пешниҳод карда мешавад:

- аз рӯи хусусияти хароҷот;
- аз рӯи вазоифи (функсияи) хароҷот.

Мавриди истифодаи усули якум хароҷот дар ҳисобот оиди фоида ва зарар мувофиқи хусусияти онҳо (фарсудашавӣ ва истеҳлок, хароҷоти нақлиётӣ, музди меҳнат, харҷи реклама) муттаҳидонида шуда, байни самтҳои мухталифи дохили ширкат аз нав тақсим карда мешавад. Усули мазкур асосан дар ташкилотҳои хурд истифода мешавад, ки дар он ҷо ба азнавтақсимкунии хароҷоти амалиётӣ дар асоси таснифи функсионалӣ эҳтиёҷ нест.

*Намунаи тасниф бо ёрии усули хусусияти харҷ чунин аст:*

| | |
|---|---|
| Маблағи фурӯш | 10000 |
| Даромади амалиётии дигар | 100 |
| Тағйирот дар захираҳои маҳсулоти тайёр ва истеҳсолоти нотамом | (50) |
| Ашёи хоми истифодашуда ва маводи сарфшуда | 3000 |
| Музди меҳнат | 4000 |
| Хароҷоти фарсудашавӣ ва истеҳлок | 1000 |
| Хароҷоти амалиётии дигар | 90 |
| Ҷамъи хароҷоти амалиётӣ | (8040) |
| Фоида аз фаъолияти амалиётӣ | 2060 |

Тағйирот дар захираи маҳсулоти тайёр ва истеҳсолоти нотамом дар тӯли давра ислоҳи хароҷоти истеҳсолиро ифода мекунад. Истеҳсолот дар ин маврид сатҳи захираҳоро афзуда, фурӯши аз истеҳсолот зиёд ба камшавии сатҳи захираҳо оварда мерасонад.

Усули дуюм хароҷотро мутобиқи амали онҳо, ҳамчун ҷузъи арзиши аслии фурӯш, тақсимот ва ё фаъолияти маъмурӣ тасниф мекунад. Чунин пешниҳодкунӣ ба истифодабарандагон маълумотеро медиҳад, ки назар ба хароҷотҳои аз рӯи хусусият таснифшаванда муфидтар аст, аммо тақсимоти хароҷот аз рӯи вазоиф метавонад мубоҳисаомез бошад ва ҳиссаи хеле калони субъективиятро ифода намояд.

*Намунаи тасниф бо ёрии усули вазоифи харҷ чунин аст:*

| | |
|---|---|
| Маблағи фурӯш | 10000 |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | (6000) |
| Фоидаи умумӣ | 4000 |
| Фоидаи мухталифи амалиётӣ | 100 |
| Хароҷоти фурӯш | (900) |
| Хароҷоти маъмурӣ | (1050) |
| Хароҷоти амалиётии дигар | (90) |
| Фоида аз фаъолияти амалиётӣ | 2060 |

Ширкатҳое, ки хароҷотро аз рӯи вазифаашон тасниф мекунанд, бояд маълумоти иловагиро оиди хусусияти хароҷот пешниҳод намоянд, аз он ҷумла, оиди хароҷоти истеҳлок ва музди меҳнат. Ҳисобот оиди фоида ва зарар бояд кулли даромад, фоида, хароҷот ва зарарҳоро, ки тӯли давраи муайян эътироф шудаанд, дарбар бигирад.

***Ҳисоботи молиявии дигар***

Ба ғайр аз тавозуни муҳосибӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарар, ширкатҳо ҳисоботи дигари махсусро пешниҳод мекунанд, ки

маҷмӯи даромадҳо, тағйиротҳоро дар сохтори сармояи худӣ, ва ҳаракати воситаҳои пулиро нишон медиҳанд.

**Ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо (шакли №3).**

Ташкилотҳо дар ҳисоботи маҷмӯи даромадҳо ҳадди аққал бояд моддаҳои зеринро нишон диҳанд:

ҳар як ҷузъи алоҳидаи маҷмӯи даромадҳоро, ки аз рӯи хусусият(хислат) гурӯҳбандӣ шудаанд;

ҳиссаҳо дар маҷмӯи дигар даромадҳои ташкилотҳои муштарак ва муттаҳидкардашуда, ки бо усули баҳисобгирӣ аз рӯи ҳиссаи иштирок ба ҳисоб гирифта шудаанд;

ҷамъи маҷмӯъи даромадҳо; инчунин

ҷамъи маҷмӯи даромадҳо барои даврае, ки ба:

ҳиссаи иштироки беназоратӣ ва

саҳҳомони ташкилоти модарӣ шомиланд.

**Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ (шакли № 4)**

Тағйирот дар сармояи худӣ байни ду даврai ҳисоботӣ зиёдшавӣ ва ё камшавии дороиҳои соф, ё ки некӯаҳволиро дар давоми давра вобаста ба принсипи мушаххаси баҳодиҳии қабулшудаи дар ҳисоботи молиявӣ кушодашаванда инъикос мекунад. Ба истиснои амалиётҳо бо саҳмдорон, ба мисли гузоштани сармояи худӣ ва ҳаққусаҳмҳо, тағйироти умумӣ дар сармояи худӣ ҷамъи фоида ва зарарро аз фаъолияти ташкилот дар тӯли давра ифода менамояд.

СБҲМ тартиб додан ва пешниҳод намудани ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худиро ҳамчун яке аз ҳисоботҳои асосӣ талаб мекунад.

Мувофиқи боби 106 СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳодоти ҳисоботи молиявӣ» ташкилот дар ҳисоботи мазкур бояд маълумотҳои зеринро пешниҳод намояд:

маҷмӯи даромади софи давра, ки дар алоҳидагӣ маблағҳои умумии ҳиссаи ба саҳҳомони ташкилоти модарӣ ва ҳиссаи берун аз назоратмондаро нишон диҳад;

ба ҳар як ҷузъи сармояи худӣ – таъсири истифодабарии ретроспективӣ ё ин ки азнавҳисобкунии ретроспективӣ мутобиқи СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳии муҳосибӣ ва хатогиҳо»;

маблағи амалиётҳо бо соҳибмулкон ва ё ба сифати сохибмулкон амалкунандагон, дар алоҳидагӣ ҷудо намудани аъзоҳақии соҳибмулкон ва тақсимот ба соҳибмулкон;

муқоисакунии арзиши тавозунии ҳар як ҷузъи сармояи худӣ дар аввал ва охири давра, дар алоҳидагӣ бо кушодани ҳар як тағйирёбӣ.

Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ мавҷудият ва ҳаракати ҳамаи намудҳои сарчашмаҳои сармояи худиро инъикос менамояд, аз он ҷумла:

сармояи оинномавӣ;

сармояи захиравӣ;

дигар сармояҳо;

фоидаи тақсимношуда.

Тағйирот дар сармояи ташкилот дар натиҷаи амалиётҳо бо соҳибмулкон, ки саҳмияҳои дар давраи ҷорӣ баровардашударо харидорӣ менамоянд ва ба манфиати онҳо ҳаққусаҳмҳо ҳисоб карда ва пардохта мешаванд, ҳамчунин аз ҳисоби ҷамъшавии фоидаи тақсимкарданашуда, камнархкунӣ ва изофанархгузории баъзе намудҳои моликият ба амал меояд. Дар намуди умумӣ ин тағйирот дар тағйирёбии дороиҳои соф дар давраи ҳисоботӣ таҷассум меёбад.

Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худии ташкилот, ки дар давраи ҳисоботӣ гузаштааст, маблағи қисми «Сармояи худӣ»-и дар шакли № 1 «Ҳисобот оиди ҳолати молиявии ташкилот» чӣ тавр пайдо шудааст, нишон медиҳад.

Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ аз ҳафт сутунча иборат аст, ки ба ҳар як ҷузъи сармояи худӣ пешбинӣ шудааст:

сармояи оинномавӣ;

сармояи иловагӣ;

сармояи захиравӣ;

фоидаи /(зарари) тақсимношуда.

Инчунин дар сутунчаҳои алоҳида ҳиссаҳои саҳҳомонии ташкилоти модарӣ ва ҳиссаҳои берун аз назоратмондаро ҷудо нишон медиҳанд ва дар сутунчаи охирон маблағи умумие нишон дода мешавад, ки ҳиссаҳои саҳҳомонии ташкилоти модарӣ ва ҳиссаҳои берун аз назоратмондаро ифода мекунад.

Ҳиссаҳои берун аз назоратмонда - ин қисми фоида/зарар ва дороиҳои софи ташкилоти фаръӣ аст, ки ба саҳҳомонии ташкилоти модарӣ аз ҳиссаи сармоя бевосита ва ё бавоситаи ташкилотҳои фаръӣ тааллуқ надоранд. Дар сутунчаи «Сармояи оинномавӣ» саҳмияҳои оддӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд; саҳмияҳои имтиёздор, саҳмияҳои бозхаридашудаи худӣ ва дигар сармояҳои оинномавӣ.

**Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ (шакли № 5)**

Маълумот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ асосро ба истеъмолкунандагони ҳисоботи молиявӣ дар бораи баҳодиҳии қобилияти ташкилот вобаста ба истеҳсоли воситаҳои пулӣ ва воситаҳои ҳамарзиши онҳо, эҳтиёҷоти ташкилот оиди истифодаи васоити пулӣ таъмин менамояд.

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ барои пешниҳод кардани маълумот оиди тағйирот дар воситаҳои пулӣ, ҳамарзишҳои (эквивалентҳои) воситаҳои пулӣ, бо роҳҳои гурӯҳбандии даромадҳо ва пардохтҳои воситаҳои пулӣ дар давра ба фаъолиятҳои амалиётӣ, молиявӣ ва маблағгузориҳо пешбинӣ шудааст. Ташкилот бояд маълумотҳои гардиши воситаҳои пулиро дар фаъолияти амалиётӣ бо истифодаи усули бевосита ё ин ки усули бавоситаро пешниҳод намояд. Истифодаи ҳар дуи ин усулҳо мутобиқи СБҲМ иҷозат дода шудааст, аммо истифодаи усули бевосита афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Дар ҳолати истифодаи усули бевосита барои тартиб додани ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ маълумот дар бораи даромадҳои (дохилшавиҳои) умумӣ ва пардохтҳои умумӣ воситаҳои пулӣ мумкин аст аз навиштаҷотҳои муҳосибии давраи ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулии ташкилот ё ин ки бо воситаиислоҳкунии ҳисоботи молиявии давраи ҳисоботӣ аз усули ҳисоб намудан ба усули хазинавӣ гирифта шаванд.

Ташкилот бояд маълумотҳои ҳаракати воситаҳои пулиро дар алоҳидагӣ вобаста ба фаъолиятҳои амалиётӣ, маблағгузорӣ ва молиявӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат намудҳои асосии даромадҳои умумии пулӣ ва пардохтҳо нишон дода шавад.

Қисми 1. «Фаъолияти амалиётӣ»

Қисми 2 «Фаъолияти сармоягузорӣ»

Қисми 3. Фаъолияти молиявӣ

Қисми 4. Усули бевосита

Ҳангоми истифодабарии усули бевосита ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ баъди тайёр кардани дигар ҳисоботҳо тартиб дода мешавад. Чунки қисми «Фаъолияти амалиётӣ» - и ҳисоботи мазкур дар асоси тасҳеҳи ҳисобот оиди фоида ва зарар бо назардошти тағйирёбии бақияҳо дар ҳисобҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ бармеоянд, тартиб дода мешавад.

Тарҳрезии умумии истифодабарӣ чунин аст: сатри 230 «Фоида/зарари умумӣ дар давра» Шакли 2, бо амалиётҳои ғайри-

пулӣ (фарсудашавӣ, захираҳои ҳисобкардашуда, хароҷотҳо/даромадҳо оиди андоз аз фоидаи ба таъхирмонда, хароҷотҳои/даромадҳои татбикнашуда аз фарқияти қурбӣ ва г.) ва тағйирёбӣ аз рӯи бақияи ҳисобҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ва дигар тағйиротҳое, ки ба гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ ва маблағгузорӣ мансубанд, тасҳеҳ карда мешаванд.

Фаъолияти амалиётӣ

Тасҳеҳи фоидаи соф

*Маълумоти пурра оиди «Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ»дар мавзӯи 2. «Баҳисобгирии воситаҳои пулӣ» саволи 2.6. овар-да шудааст.*

**Таҳқиқи андозӣ (Шакли №6)**

Дар ин ҳисобот маълумотҳои зерин инъикос ёфтаанд:

«Фоида (зарар) то андозбандӣ»

«Ҷаримаҳи андоз ва муҷозотҳо (пеня)»

«Хароҷотҳои намояндагӣ»

«Хароҷотҳои аз меъёр зиёдатӣ»

«Хароҷотҳои беҳуҷҷат»

«Дивидендҳои аз ташкилоти резидентӣ гирифташуда»

«Дигар фарқиятҳои доимие, ки ба тарҳкуниҳо иҷозат дода намешаванд»

«Дигар фарқиятҳои доимие, ки дар даромади умумӣ ҳисоб карда намешаванд»

«Фоида/зараре, ки ба фарқиятҳои доимӣ тасҳеҳ карда шудааст»

«Меъёри андоз аз фоида»

«Хароҷотҳои андоз аз фоида»

«Истеҳлок ва фарсудашавӣ, бо мақсади баҳисобгирӣ»

«Истеҳлок ва фарсудашавӣ, бо мақсади андоз»

«Хароҷотҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок»

«Арзиши аслии захираҳо»

«Дигар фарқиятҳои муваққатӣ»

«Фоида/зарари ба фарқиятҳои муваққатӣ тасҳеҳ кардашуда»

«Меъёри андоз аз фоида»

«Андоз аз фоида барои пардохт»

«Ӯҳдадорӣ/талабномаи андози батаъхирмондашуда»

**Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявии ташкилот:**

онди асосҳои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва сиёсати баҳисобгириро дар мутобиқат бо бандҳои 108-115 СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ» маълумот пешниҳод менамояд;

маълумотҳоеро, ки пешниҳоди онҳоро СБҲМ талаб менамоянд, лекин дар ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо, ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ ва ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ бевосита дарҷ нагардидаанд, ошкор менамояд;

маълумотҳои иловагиеро, ки барои ба таври возеҳ кушода додани ҳисоботҳо лозим буда, лекин дар ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо, ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ ва ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ бевосита дарҷ нагардидаанд, ошкор менамояд.

Дар ин фасл бояд маълумотҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

суроғаи доимӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, макони қайд ва суроғаи ҳуқуқӣ (ё ин ки мақоми асосии фаъолияти ташкилот, агар он аз суроғаи ҳуқуқӣ фарқият дошта бошад);

тавсифи хусусияти амалиётҳо ва самтҳои асосии фаъолияти ташкилот;

мақомотҳои иҷроия ва назоратӣ;

ҳайати иштирокчиён бо нишондоди ҳиссаи онҳо дар сармояи оинномавии ҷамъият;

санаи тасдиқ ва нашри ҳисоботи молиявӣ;

стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми тайёр намудани ҳисоботҳои молиявӣ истифода бурда шудаанд.

Дар асоси боби 126 СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ» ташкилот ӯҳдадор аст, ки дар ҳисоботи молиявӣ номи ташкилоти модарӣ ва ташкилоти аввалаи модариашро нишон диҳад, дар ҳолате, ки ин маълумот дар дигар қисмҳои ҳуҷҷатҳои якҷоя бо ҳисоботи молиявӣ чопшаванда ифшо нашуда бошад. Мувофиқи боби 12 (IAS) 24 «Ифшои иттилоот оиди тарафҳои алоқаманд» бояд на танҳо номгӯи ташкилоти модарӣ, инчунин шахсеро, ки зери назорати ӯ қарор дорад, ошкор намояд.

Мувофиқи боби 13 (IAS) 24 «Ифшои иттилоот оиди тарафҳои алоқаманд» бо мақсади он, ки истифодабарандагони ҳисоботи

молиявӣ дар хусуси таъсири муносибатҳои байни тарафҳои алоқаманд ба ташкилот хулоса бароварда тавонанд, дар ҳолатҳое, ки назорат вуҷуд дорад, новобаста аз он, ки байни тарафҳои алоқаманд амалиёт гузаронида шудааст ё не, маълумот оиди муносибатҳои тарафҳои алоқаманд бояд ифшо карда шавад.

Мувофиқи СБҲМ (IAS) 10 «Рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ» ташкилот бояд санаи ба чоп тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ ва мақомоте, ки ҳисоботи молиявиро барои нашр тасдиқ намудааст ифшо намояд. Дар ҳолатҳое, ки соҳибмулкони ташкилот ё дигар шахсон пас аз нашри ҳисоботи молиявӣ ба он ҳуқуқи тағйирот ворид намуданро дошта бошанд, ташкилот ӯҳдадор аст, ки оиди он маълумот пешниҳод намояд.

# МАВЗӮИ 12. ТАҲЛИЛИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

**12.1. Сарчашмаҳои ахборотии таҳлили ҳисоботи молиявӣ**
**12.2. Қоидаҳои асосии гузаронидани таҳлили ҳисоботи молиявӣ**
**12.3. Баҳодиҳии эътимоднокии фоидаи дар ҳисобот инъикосёбанда**
**12.4. Усулҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ**
**12.5. Таҳлили коэффитсиентҳо**

## 12.1. Сарчашмаҳои ахборотии таҳлили ҳисоботи молиявӣ

Таҳлили ҳисоботи молиявӣ (ТҲМ) ин омӯзиши алоқамандии байни моддаҳои ҳисоботи молиявӣ ва ошкоркунии тамоили тағйирёбии онҳост. Натиҷаҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ ҳангоми қабули қарорҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ истифода мешаванд. Таҳлили ҳисоботи молиявӣ барои пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилот (даромад, фоида, дохилшавии маблағҳои пулӣ ва г.) дарояндаи қобили назар истифода мешавад.

Истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ (субъектҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ) ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: дохилӣ ва берунӣ.

Ба истифодабарандагони дохилӣ маъмурияти ташкилот ва кормандони он дохил гардида, истифодабарандагони берунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: гурӯҳи якум -онҳое, ки ба натиҷаҳои фаъолияти ташкилот бевосита манфиатдоранд (сармоягузорон, қарздеҳон (кредиторон)) ва гурӯҳи дуюм-онҳое, ки ба натиҷаҳои фаъолияти ташкилот бевосита манфиатдор нестанд, аммо мувофиқи қонунгузорӣ манфиатҳои гурӯҳи якуми истифодабарандагони берунро ҳимоя мекунанд (ширкатҳои аудиторӣ, мақомоти додгоҳӣ, матбуот, иттифоқҳои касаба ва г.)

Мақсадҳои таҳлили ҳисоботи молиявиро танҳо барои сармоягузорон ва кредиторон чунинанд:

- баҳодиҳии ҳолати ҷории молиявӣ;
- пешгӯии ҳолати молиявии ташкилот дарояндаи наздик.

*Баҳодиҳии ҳолати ҷории молиявӣ.* Барои баҳодиҳии ҳолати ҷории молиявӣ нишондиҳандахои давраҳои гузашта, ки ҳолати молиявии ташкилотро тавсиф медиҳанд, таҳлил карда мешаванд. Ба ин нишондиҳандаҳо дохил мешаванд: фурӯши маҳсулот ва хизматҳо, хароҷот, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва фоидаи ташкилот. Ҳолати ҷории молиявиро дигар гурӯҳи нишондиҳандаҳо низ тавсиф медиҳанд: таркиби дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, таносуби восита-

ҳои қарзӣ ва худӣ ва г. Омӯзиши тамоили тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо имконияти баҳодиҳии минбаъдаи иқтидори ташкилотро фароҳам меорад.

*Пешгӯиш ҳолати молиявӣ.* Ҳангоми пешгӯии ҳолати молиявӣ дар асоси маълумоти ҷорӣ ва давраҳои гузашта таҳлилгар бояд баъзе ҳолатҳоро ба назар гирад, ки хавфи ӯро дар баҳодиҳии минбаъдаи ҳолати молиявӣ ифода менамоянд. Хавфи таҳлилгар дар он ифода меёбад, ки ӯ то кадом андоза имкон дорад фоиданокӣ ё зарароварии ташкилотро пешбинӣ намояд. Ба натиҷаҳои пешгӯӣ аксаран ҳодисаҳое таъсир мерасонанд, ки дар гузашта ҷой надоштанд, яъне тасодуфӣ ва ғайримаъмулианд ва баназаргирии таъсири онҳо низ душвор аст. Масалан, агар фоидаи саҳмияи ташкилот аз 3 то3,5 в.ш. тағйир ёбад, он гоҳ саҳмиягузорӣ дар ин ташкилот нисбат ба он ташкилот, ки фоидаи саҳмияи он аз 2 то 4 в.ш. тағйир меёбад, бехавфтар ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ ба ташкилотҳое, ки хавфи зиёд доранд, сармоягузорон ва кредиторон аз онҳо кафолати калон талаб мекунанд.

*Сарчашмаҳои ахборотӣ.* Барои таҳлили ҳисоботи молиявӣ ҳаҷми маҳдуди ахборот дар ҳудуди ҳисоботи нашршаванда истифода бурда мешавад. Ба ғайр аз маълумоте, ки дар шаклҳои ҳисобот инъикос ёфтаанд, дигар сарчашмаҳои ахборотӣ ба монанди хулосаи аудиторӣ, ҳисоботи комиссияи қоғазҳои қимматбаҳо ва амалиёти биржавӣ, инчунин нашриёти даврии доираҳои корӣ ва ширкатҳо оиди расонидани хизматҳои машваратӣ дар масъалаҳои сармоягузорӣ ва қарзӣ истифода мешаванд.

## 12.2. Қоидаҳои асосии гузаронидани таҳлили ҳисоботи молиявӣ

Маросимҳои стандартӣ – ин маросимҳо ва муносибатҳое, ки одатан дар ТҲМ истифода мешаванд. Ба онҳо дохил мешаванд: баҳодиҳиҳои тақрибӣ, истифодабарии натиҷаҳои давраҳои гузашта, истифодабарии нишондиҳандаҳои соҳавӣ.

***Баҳодиҳии тақрибӣ.*** Ҳолати молиявии ташкилот бо яке аз нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи ҳолати молиявӣ, масалан таносуби воситаҳои қарзӣ ва худӣ баҳо дода мешавад. Агар қиммати ин нишондиҳанда «мӯътадил» бошад, он гоҳ ҳолати молиявии ташкилот қаноатбахш ҳисобида шуда, ба ин ташкилот сармоягузорӣ намудан мумкин аст. Аммо ба натиҷаҳои баҳодиҳии тақрибӣ такя

намудан хавфнок аст, аз ин рӯ, таҳлили минбаъда метавонад камбудии ин нишондиҳандаро ошкор созад.

***Истифодабарии натиҷаҳои давраҳои гузашта.*** Бо ёрии ин маросимҳо тамоили тағйирёбии ин ё он нишондиҳанда, ки ҳолати молиявии ташкилотро нишон медиҳад, муайян карда мешавад. Муайянкунии тамоили тағйирёбии нишондиҳанда – афзалияти ин маросим нисбат ба баҳодиҳии тақрибӣ аст, аммо ҳангоми он фаъолияти ташкилот дар давраҳои бӯҳронӣ ба назар гирифта намешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодабарии ин маросимҳо бояд муқоисашавандагии нишондиҳандаҳоро бо назардошти сатҳи таваррум ва дигар омилҳо таъмин намуд.

***Истифодабарии нишондиҳандаи соҳавӣ.*** Нишондиҳандаҳои соҳавӣ низ дар ТҲМ ҳамчун асос хизмат менамоянд. Нишондиҳандаҳои ташкилот бо нишондиҳандаҳои ташкилотҳои дигари соҳа муқоиса карда мешаванд. Камбудии ин маросим бо таъмин намудани муқоисапазирии ташкилотҳо алоқаманд аст.

## 12.3. Баҳодиҳии боэътимодии фоидаи дар ҳисобот инъикосёбанда

Даромади ташкилот нишондиҳандаи асосӣ буда, аз он на танҳо ҳолати ҷории молиявӣ, балки ҳолати минбаъдаи молиявӣ низ вобаста аст. Аксар вақт баҳодиҳии сармояи саҳмдорон бо ду нишондиҳандаи асосӣ баҳо дода мешавад: фоида барои як саҳмия ва боздеҳи интизорӣ аз сармояи гузошташуда. Унсури муҳими ҳарду нишондиҳанда (сурати формулаи ҳисобкунӣ) фоидаи соф мебошад.

Ба фоидаи соф ду гурӯҳ омилҳо таъсир мерасонанд: объективӣ ва субъективӣ. Ба гурӯҳи якум омилҳои зерин дохил мешаванд: ҳаҷми фурӯш, нархи маҳсулот, арзиши аслӣ ва г. Гурӯҳи дуюми омилҳо хусусияти субъективӣ доранд. Ин гурӯҳ аз сиёсати баҳисобгирии дар ташкилот истифодашаванда вобаста буда, аз ин рӯ, омилҳои субъективӣ номида мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм омилҳои зерин дохил мешаванд:

- усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки маъмурияти ташкилот истифода мебарад;
- амалиётҳои ғайримаъмулие, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос ёфтаанд.

***Усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.*** Ташкилотҳо дар интихоби усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мустақилияти зиёд доранд. Аммо

қайд кардан зарур аст, ки усулҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои молию моддӣ ё ҳисобкунии фарсудашавӣ боиси бузургии гуногуни фоидаи соф мегарданд Истифодабарандаи ҳисоботи молиявӣ бояд афзалияти истифодабарии усулҳои гуногуни ҳисобкунии фоидаи софро донад.

Масалан, ҶС «Саховат» ҳангоми баҳодиҳии захираҳои моливу моддӣ усули LIFO ва ҳангоми ҳисобкунии фарсудашавӣ усули кумулятивиро истифода мебарад. Аммо мақомоти андозситонӣ талаб менамоянд, ки ЗММ мувофиқи усули арзиши миёнаи баркашида баҳо дода шуда, фарсудашавӣ мувофиқи усули ростхатта сурат бигирад. Мувофиқан, натиҷаҳои молиявии ҶС «Саховат» барои мақсадҳои баҳисобгирӣ ва андозситонӣ чунин мешаванд:

| | Барои мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ | Барои мақсадҳои андозситонӣ |
|---|---|---|
| **Фурӯш** | **1 745 000** | **1 745 000** |
| Арзиши аслии захираҳои молие, ки барои фурӯш тайёр шудаанд | 1 660 000 | 1 660 000 |
| тарҳи ЗММ дар охири давраи ҳисоботӣ | 360 000 | 385 000 |
| **Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда** | **(1 300 000)** | **(1 275 000)** |
| **Даромади умумӣ** | **445 000** | **470 000** |
| Хароҷоти истеҳлок | (87 500) | (55 000) |
| Хароҷоти дигар | (317 250) | (317 250) |
| **Фоидаи соф** | **40 250** | **97 750** |

Дар амалия фарқияти бавуҷудомада ба маблағи 57 500 (97 750-40 250) натиҷаи истифодабарии усулҳои гуногуни баҳодиҳии ЗММ ва ҳисобкунии фарсудашавӣ аст. Дар амал ба бузургии фоида омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Аммо истифодабарандаи ҳисоботи молиявӣ бояд донад, ки аз чӣ сабаб ин тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд ва дар оянда чӣ оқибатҳое хоҳанд дошт. Мувофиқи СБҲМ ташкилотҳо бояд дар тавзеҳоти ҳисобот усулҳои истифодашудаи баҳодиҳии ЗММ, ҳисобкунии фарсудашавӣ ва ғайраро нишон диҳанд.

***Амалиёти ғайримаъмули фаъолияти ҷорӣ, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос ёфтаанд***. Ба амалиётҳои ғайримаъмул намудҳои қатъи фаъолият ва ҳодисаҳои фавқулодда дохил мешаванд. СБҲМ талаб менамоянд, ки ин амалиётҳо дар ҳисобот оиди фоида ва зарар алоҳида инъикос ёбанд. Ин талабот имкон

медиҳад, ки маълумоти дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикосёфта, воқеӣ бошанд.

### 12.4. Усулҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ

Таҳлили ҳисботи молиявӣ бо ёрии методу усулҳои муайян гузаронида мешавад. Онҳо барои ошкоркунии алоқамандии байни моддаҳои ҳисобот ва нишондиҳандаҳои маҳсулии дар асоси онҳо ҳисобкардашуда равона шудаанд. Дар баробари дигар методҳо таҳлили уфуқӣ, таҳлили амудӣ, таҳлили тамоилҳо ва таҳлили коэффитсиентӣ низ истифода бурда мешаванд.

***Таҳлили уфуқӣ.*** Қадами аввал дар омӯзиши ҳисоботи молиявӣ таҳлили уфуқии тағйирёбии моддаҳои ғуногуни ҳисобот бо ифодаи арзиши мутлақ ва нисбӣ мебошад. Тағйирёбии арзиши тағйирёбии мутлақи нишондиҳандаи омӯхташавандаро нисбат ба соли гузашта нишон медиҳад:

***Маблаги тағйирёбӣ= Нишондиҳандаи давраи ҳисоботӣ - Нишондиҳандаи давраи гузашта***

Тағйирёбии нисбӣ (бо фоиз) вазни қиёсии тағйирёбиро дар нишондиҳандаи давраи гузашта инъикос менамояд.

***Тағйирёбии нисбӣ = Маблаги тағйирёбӣ/Нишондиҳандаи давраи гузашта х100%:***

Бо ёрии таҳлили уфуқӣ на танҳо тағйирёбии мутлақ ва нисбӣ, балки афзоиши (камшавии) нисбии нишондиҳандаро низ омӯхтан мумкин аст:

***Афзоиши (камшавии) нисбӣ = Нишондиҳандаи давраи ҳисоботӣ/ Нишондиҳандаи давраи гузашта х 100%:***

***Таҳлили тамоили инкишоф (таҳлили трендӣ).*** Таҳлили тамоилиро давом ё варианти таҳлили уфуқӣ номидан мумкин аст. Ҳангоми таҳлили трендӣ фаъолияти ташкилот дар давоми якчанд сол муқоиса карда шуда, тамоили тағйирёбӣ бо ифодаи мутлақ ва нисбӣ муайян карда мешавад. Таҳлили трендӣ хеле муҳим аст, чунки он имконияти ошкорсозии тағйироти амиқи таркибиро фароҳам оварда, бо ёрии чунин таҳлил таъсири падидаҳои тасодуфӣ ва ғайримаъмулӣ барои ин нишондиҳанда сарфи назар карда мешавад.

Ҳангоми таҳлили тамоилӣ индексҳо истифода бурда мешаванд. Моҳияти индекс дар он аст, ки як сол ба сифати асос (базис) қабул карда шуда, дар асоси он индексҳо барои солҳои дигар ҳисоб карда мешаванд. Масалан, индекси нишондиҳандаи фоидаи соф дар с. 2012 чунин ҳисоб карда мешавад:

***Индекси фоидаи соф= Фоидаи софи с. 2012 / Фоидаи софи базисӣ (2011) х 100% = 32500 / 40250 х 100% = 123, 8%***

Индекси 123,8 нишон медиҳад, ки фоидаи софи с. 2012, 123,8 фоизи фоидаи софи с. 2011 –ро ташкил медиҳад.

***Таҳлили амудӣ (вертикалӣ).*** Ҳангоми таҳлили амудӣ тағйироти таркибии дар давраи ҳисоботӣ ба вуҷуд омада, ошкор карда мешавад. Моҳияти таҳлили амудӣ дар он аст, ки қисми бутун ба 100% баробар карда шуда, вазни қиёсии ҳар як қисми таркибии ин бутун ҳисоб карда мешавад. Мисоли таҳлили амудӣ дар ҷадвали 12.1. дар асоси маълумоти тавозуни муҳосибии ташкилоти «Саховат» дар 31 декабри соли 2011 ва 2012 оварда шудааст:

*Ҷадвали 12.1.*

| **ҶС «Саховат»<br>Тавозуни муҳосибӣ дар 31 декабри сс.2011 ва с.2012** | | |
|---|---|---|
| **Дороиҳо** | 2011 | 2012 |
| ***Дороиҳои кӯтоҳмуддат*** | | |
| Воситаҳои пулӣ | 2,0 | 4,78 |
| Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат | 16.9 | 11.91 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 7.3 | 4,87 |
| ЗММ | 14,70 | 0.1 |
| Харoҷоти давраҳои оянда | 0.75 | 36,58 |
| ***Ҷамъи дороиҳои кӯтоҳмуддат*** | **41,65** | **36,58** |
| ***Дороиҳои дарозмуддат*** | | |
| Воситаҳои асосӣ | 67.42 | 74.09 |
| Истеҳлоки ҳисобкардашуда | (9.07) | (10.67) |
| Арзиши бақиявии воситаҳои асосӣ | 58,35 | 63,42 |
| ***Ҷамъи дороиҳои дарозмуддат*** | ***58,35*** | ***63,42*** |
| **Ҳамагӣ, дороиҳо** | **100** | **100** |
| **Уҳдадориҳо** | | |
| ***Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат*** | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 5,66 | 5.18 |
| Андоз барои пардохт | 0,75 | 0.31 |
| Уҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 1,2 | 1.24 |
| ***Ҷамъи уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат*** | *7,61* | *6,73* |
| ***Уҳдадориҳои дарозмуддат*** | | |
| Вомбаргҳо барои пардохт | 32.71 | 30.56 |
| ***Ҷамъи уҳдадориҳои дарозмуддат*** | ***32,71*** | ***30,56*** |
| **Ҳамагӣ, уҳдадориҳо** | **40,32** | **37,29** |
| **Сармояи худӣ** | | |

| | | |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои оддӣ бо арзиши номиналии 10 в.ш. | 26,71 | 28,63 |
| Сармояи иловагӣ | 15,35 | 19,58 |
| Фоидаи тақсимношуда | 17.62 | 14.5 |
| ***Ҷамъи сармояи худӣ*** | ***59,68*** | ***62,71*** |
| **Ҷамъи ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ** | **100** | **100** |

Аз маълумоти ҷадвали 12.1. аён аст, ки дар таркиби воситаҳои ташкилот тағйироти бузург ба амал омадааст. Чунончӣ, вазни қиёсии дороиҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои дарозмуддат дар с.2012 нисбат ба с.2011 мувофиқан ба 5,07% (36,58 - 41,65) ва 2,15%(30.56 - 32,71) кам шудаанд. Ин тағйирот (коҳиш)) асосан аз ҳисоби камшавии сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат –4,99% (16,9 - 16,91) ва қарзҳои дебеторон 2,43 (4,87 - 7,43) ба вуҷуд омадааст. Дар соли 2012 вазни қиёсии воситаҳои асосӣ нисбати с. 2011, 5,07% (58,35 - 63,42) афзуд. Дар таркиби ӯҳдадориҳо ва воситаҳои худӣ низ тағйирот ба вуҷуд омадааст. Чунончӣ, ҳиссаи ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат кам шуда, вазни қиёсии сармояи худӣ дар с. 2012 нисбат ба с. 2011, 2,03 % (62,71 - 59,68) афзудааст. Таҳлилгарро донистани на танҳо тағйироти таркибӣ дар ҳайати воситаҳои ташкилот, балки муайянкунии сабабҳо ва оқибатҳои ин тағйирот зарур аст. Масалан, камшавии бузургии ҳисобҳо барои қабул маънои дохилшавиии воситаҳои пулӣ аз молҳои фурӯхташударо дорад. Ин дар навбати худ ба бозоргирии ташкилот таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, таҳлили амудӣ имконияти ошкорсозии тағйироти таркибӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ин тағйиротҳоро фароҳам меорад.

***<u>Таҳлил бо ёрии нишондиҳандаҳои нисбӣ ( коэффитсиентҳо).</u>*** Яке аз хусусиятҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ бештар истифодабарии нишондаҳои нисбӣ мебошад. Таҳлил бо ёрии коэффетсентҳо имконияти муайянкунии таносуби байни ду бузургиро фароҳам месозад.

## 12.5. Таҳлили коэффитсиентҳо

Коэффитсиентҳое, ки ҳангоми ТҲМ истифода бурда мешаванд, чунин гурӯҳбандӣ мешаванд:

- коэффитсиентҳои бозоргирии ҷорӣ;
- коэффитсиентҳои самаранокӣ;
- коэффитсиентҳои даромаднокӣ;
- коэффитсиентҳои пӯшониш (покрытия).

Гурӯҳи якуми коэффитсиентҳо қобилияти пардохтадокунии ташкилотро нишон медиҳанд.

Гурӯҳи дуюм бошанд, истифодабарии босамари Дороиҳои ташкилотро нишон медиҳанд.

Бо ёрии гурӯҳи сеюми коэффитсиентҳо қобилияти фоидагирии ташкилот баҳо дода мешавад.

Коэффитсиентҳои гурӯҳи чорум бошанд, дараҷаи амнияти кредиторон ва сармоягузорони дарозмуддати ташкилотро чен мекунанд. Дар зер коэффитсиентҳои муҳимтарине, ки ҳангоми ТҲМ истифода мешаванд, дар асоси маълумотҳои ҳисоботии Ҷамъияти саҳҳомии «Саховат» дида мебароем.

Чӣ хеле, ки қайд карда шуд, коэффитсиентҳои бозоргирӣ қобилияти пардохти ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ташкилотро дарояндаи наздик нишон медиҳанд.

*коэффитсиенти пардохтадокунии ҷорӣ* яке аз коэффитсиентҳои бозоргирӣ аст, ки бо таносуби дороиҳои ҷорӣ бар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ ҳисоб карда мешавад. Барои ташкилоти «Саховат» ин коэффитсиент чунин аст:

| | | | | Соли 2012 | | | Соли 2011 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти пардохтадокунии ҷорӣ*** | = | ***Дороиҳои ҷорӣ / Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ*** | = | ***882 500 / 162 500*** | = | ***5,43*** | ***780 000 / 142 500*** | = | ***5,47*** |

Муқоисаи коэффитсиентҳо нишон дод, ки қобилияти ташкилот оиди пардохти ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат дар соли 2012 нисбати соли 2011 ба 0,04 пункт (5,43 – 5,47) кам шудааст.

*Коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ* ҳамчун таносуби Дороиҳои бозоргириашон баланд (воситаҳои пулӣ, когазҳои қимматбаҳо, сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат, ҳисобҳо барои қабул) бар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ ҳисоб карда мешавад. коэффитсиенти бозоргирии фаврии ташкилоти «Саховат» чунин аст:

| | | Соли 2012 | | | Соли 2011 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ*** | = | ***(115000+287500+1175000)/162500*** | = | ***3,20*** | ***(37500+317500+137500)/14250*** | = | ***3,45*** |

Муқоиса нишон медиҳад, ки коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ афзудааст.

*Коэффитсиенти гардишнокии ӯҳдадориҳои дебиторӣ.* Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби ҳаҷми фурӯш бар бузургии миёнадавраи (миёнасолонаи) ӯҳдадориҳои дебеторӣ ҳисоб карда меша-

вад. Барои ҳисобкунии он маълумот аз баланс ва ҳисобот оиди фоида ва зарар ҷалб карда мешавад. коэффитсиент миқдори гардиши ӯҳдадориҳои дебеториро дар давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад. Дар шароити муайяни баробарвазн ҳар қадаре, ки миқдори гардишҳо зиёд бошад, ҳамон қадар хуб аст. Миқдори гардишҳо аз шароити қарздиҳӣ вобастагӣ дорад. Азбаски мӯҳлати қарзи ташкилот бо рӯзҳо муқаррар карда мешавад, бо ифодаи рӯзҳо табдил додани ин коэффитсиент мувофиқи мақсад аст. Барои ин миқдори рӯзҳои давраи ҳисоботӣ ба миқдори гардишҳо тақсим карда мешавад:

*Мӯҳлати миёнаи қарз* = *Миқдори рӯзҳои сол / Коэффитсиенти гардишнокии қарздории дебеторӣ*

Ин коэффитсиент мӯҳлати миёнаи қарзро нишон медиҳад.

*Коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ.* Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби арзиши аслии молҳои фурӯхташуда бар бузургии миёнадавравии захираҳои моддӣ ҳисоб карда мешавад. Ин коэффитсиент миқдори гардиши захираҳои моддиро дар давоми давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад. Ҳар қадар, ки гардишҳо афзоянд, ҳамон қадар воситаҳои пулӣ самаранок истифода бурда мешаванд. Агар андозаи миёнаи захираҳо афзоянд, ин маънои онро дорад, ки ташкилот маҳсулоти худро фурӯхта наметавонад, ва мувофиқан, коэффитсиенти гардишнокии захираҳо коҳиш меёбанд. Коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

**Коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ** = **Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда / Бузургии миёнаи захираҳои моддӣ**

Ҳангоми ҳисобкунии коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ ва қарздории дебеторӣ таҳлилгарро зарур аст, ки маълумоти ҳисоботи молиявии дохилии ташкилотро, ки ҳар моҳ тартиб дода мешавад, дар ихтиёр дошта бошад, чунки бузургии захираҳои истеҳсолӣ ва қарздории дебеторӣ мумкин аст дар давоми сол ҷиддан тағйир ёбанд.

*Коэффитсиентҳои даромаднокии ташкилот.* Даромаднокӣ кори бомуваффақияти ташкилотро нишон медиҳад. Барои баҳодиҳии даромаднокӣ одатан чунин коэффитсиентҳо истифода мешаванд: даромаднокии фурӯш, коэффитсиенти гардишнокии до-

роиҳо, коэффитсиентҳои боздеҳ, коэффитсиенти боздеҳи сармояи саҳҳомон ва фоида бар як саҳмия.

Даромаднокии фурӯш (фоидаи соф ба ҳар як воҳиди шартии (в.ш.) фурӯш)) чунин ҳисоб карда мешавад:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Даромаднокии фурӯш** | **=** | **Фоидаи соф / Фурӯш х 100%** | **=** | **40 250/ 1 745 000*100%** | **=** | **2,30** |

Ин ҷо ва дар оянда маълумот аз ҳисоботи Ҷамъияти саҳҳомии «Саховат», ки дар замима оварда шудааст, истифода гардидааст.
Коэффитсиенти гардишнокии дороиҳо истифодаи самараноки дороиҳои амалкунандаро барои афзункунии ҳаҷми фурӯш нишон медиҳад. Ин коэффитсиент нишон медиҳад, ки ба ҳар як в.ш.-и дар Дороиҳо сармоягузорӣ шуда, чанд в.ш. фурӯш рост меояд:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиенти гардишнокии дороихо** | **=** | **Фурӯш/дороихо (миёнасолона)** | **=** | **1 745 000/ 2 142 500** | **=** | **0,81** |

*Коэффитсиенти боздеҳи фондҳо (даромаднокии умумӣ)* нишондиҳандаи асосии даромаднокии ташкилот буда, нишон медиҳад, ки ба ҳар як в.ш.-и ба дороиҳо сармоягузорӣ шуда, чӣ қадар фоида рост меояд. Формулаи ҳисобкунии он чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиенти боздеҳи фондҳо** | **=** | **Фоидаи соф / Дороихо (миёнасолона)** | **=** | **40 250/ 2 142 500** | **=** | **0,018** |

Коэффитсиенти боздеҳи сармояи саҳмдорон нишон медиҳад, ки ҳар як в.ш.-и сармоягузорон ба дороиҳои ташкилот гузошташуда чӣ қадар фоидаи соф меорад. Барои ҶС «Саховат» ин коэфитсиент дар с.2012 чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиенти боздеҳи сармояи саҳҳомон** | **=** | **Фоидаи соф / Сармояи миёнасолонаи саҳҳомон / 2** | **=** | **40 250/ ( 1 117 500+ 1 512 500)/2** | **=** | **0,03** |

Фоида ба як саҳмия. Ин коэффитсиент ҳангоми баҳодиҳии даромаднокӣ истифода бурда мешавад. Барои ҶС «Саховат» он чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Фоида ба як саҳмия** | **=** | **Фоидаи соф / Миқдори миёнаи саҳмияҳо** | **=** | **40 250/ 59500** | **=** | **0,68** |

Барои ҶС «Саховат » ин коэффитсиент ба 0,68 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки фоида ба як саҳмия ба 0,68 в.ш. баробар аст.

*Баҳодиҳии қобилияти пардохтадокунии дарозмуддат.* Барои баҳодиҳии қобилияти пардохтадокунии дарозмуддат чунин коэффитсиентҳо истифода мешаванд: таносуби сармояи қарзӣ бар сармояи худӣ ва коэффитсиенти таъминин фоизҳои қарз.

*Таносуби сармояи қарзӣ бар сармояи худӣ.* Афзудани вазни қиёсии сармояи қарзӣ вобастагии ташкилотро аз сарчашмаҳои берунии молиякунонӣ зиёд мекунад ва маънои онро дорад, ки новобаста аз бадастории фоида ташкилот маҷбур аст, ки фоизҳои қарзро бипардозад. Афзудани ҳиссаи сармояи қарзи муфид аст, агар сатҳи даромаднокӣ нисбати меъёри фоизи сармояи қарзӣ баландтар бошад.

Барои ҶС «Саховат» ин коэффитсиент мувофиқан дар солҳои 2012 ва 2011 чунин аст:

| | | | | | | Соли 2012 | | Соли 2011 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таносуби сармояи карзӣ худӣ | бар | = | Ҷамъи маблаги карздорӣ Сармояи саххомӣ | / | = | 900 000 / 1 512 500 | = 0,59 | 755 000 / 1 117 500 | = 0,67 |

*Коэффитсиенти таъминоти фоизҳои қарз.* Ин коэффитсиент истифодабарии самараноки сармояи қарзиро нишон медиҳад. Истифодабарии самараноки сармояи қарзӣ маънои онро дорад, ки ташкилот сармояи қарзиро тавре истифода мебарад, ки имконияти дар мӯҳлати муайяншуда пардохтани фоизҳои қарз, баргардонидани маблағи асосии қарз, инчунин барилова бадастории фоида аз истифодабарии қарз мавҷуд аст. Ин коэфитсиент аз рӯи чунин формула ҳисоб карда мешавад:

**Коэффитсиенти таъминоти фоизи карз = (Фоидаи соф то андозбандӣ +Харочоти пардохти фоиз / Харочоти пардохти фоиз**

Барои ҶС «Саховат» ин коэфитсиент ба 2 (57500 + 57500) / 57500 баробар аст, ки таъминоти ночизи фоизҳои қарзро нишон медиҳад. Ин ҳолат эҳтимол дар оянда мушкилии ҷалбкунии сармояи қарзиро ба миён орад.

*Маҳдудиятҳои таҳлили коэффитсиентҳо.* Коэффитсиентҳо воситаи хуби ТҲМ мебошанд. ТҲМ бидуни коэффитсиентҳои молиявӣ арзиши худро аз даст медиҳад. Бо вуҷуди ин аз маҳду-

диятҳои онҳо низ сарфи назар набояд кард. Ин маҳдудиятҳо чуни-нанд:

- онҳо дар асоси арзиши аввала ҳисоб карда шуданд, ки эҳти-мол баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти ташкилотро таҳриф на-моянд;
- агар моддаҳои баҳододашуда (ба монанди қарзҳои барнагар-данда, истеҳлоки ҳисобшуда) қисми зиёди хароҷотро ташкил намоянд, он гоҳ коэффитсиенти фоида воқеиятро чандон ду-руст инъикос намекунад;
- мушкили таъмини муқоисашавандагии ташкилотҳои як соҳа;
- онҳо дар асоси маълумоти ҲМ ҳисоб мешаванд, ки бар он қисми зиёди ахборот дохил намешавад.

***Коэффитсиентҳо***

| Коэффитсиентҳо | Тарзи (формулаи) ҳисобкунӣ | Мазмун |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 2 |
| **1. Коэффитсиентҳои бозоргирии ҷорӣ** | | |
| 1.Коэффитсиенти бозоргирии ҷорӣ | Дороиҳои ҷорӣ / Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Қобилияти пардохти қарзҳои кӯтоҳмуддат бо дороиҳои ҷорӣ. |
| 2.Коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ | Дороиҳои фаврӣ (бозоргир) / Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Қобилияти ташкилот онди қонеъсозии талаботи фаврии пардохти карзҳо. |
| 3.Таносуби байни сармояи корӣ* ва ҷамъи дороиҳо | Сармояи корӣ/Ҷамъи дороиҳо | Бозоргирии нисбии тамоми дороиҳо ва тақсимоти захираҳои таъминкунандаи бозоргириро муайян менамояд. |
| * Сармояи корӣ ин фарқи миёни дороиҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои мебошад. Дар адабиёти таҳлилӣ сармояи молиро дороиҳои соф низ меноманд. | | |
| 4.Коэффитсиенти давраи амният | Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо / хароҷоти пешбинишавандаи ҳаррӯза | Миқдори ниҳоии рӯзҳои корӣ бо истифодаи дороиҳои бозории мавҷуда. |
| **2. Коэффитсиентҳои самаранокӣ** | | |
| 1. Гардиши қарздории дебиторӣ | Фурӯши софи ғайринақдӣ (ба қарз)/ ӯҳдадории дебиторӣ миёна | Сиёсати қарздиҳӣ ва ҷамъоварии қарзҳоро аз рӯи ҳисобҳои тиҷоратӣ ва васиқаҳо баҳо медиҳад. |
| 2.Мӯҳлати миёнаи қарз | 365 рӯз (миқдори рӯзҳо дар давраи ҳисоботӣ) / Гардиши ӯҳдадориҳои дебиторӣ | Миқдори миёнаи рӯзҳои барои ҷамъоварии қарздориҳои дебиторӣ зарур. |
| 3.Гардиши ЗММ | Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда/ Андозаи миёнаи ЗММ | Бозоргирии захираҳои моддию молӣ, яъне чанд маротиба ба воситаҳои пулӣ «табдил» ёфтани захираҳои моддию молиро нишон медиҳад. |
| 4.Гардиши сармояи корӣ | Маблағи софи фурӯш/Сармояи миёнаи корӣ | Истифодабарии самараноки сармояи кориро барои бадастории маблағи фурӯш муайян мекунад |

| | | |
|---|---|---|
| 5. Гардиши дороиҳо | Маблағи софи фурӯш / Ҷамъи Дороиҳо | Истифодабарии самараноки тамоми Дороиҳоро нишон медиҳад. |
| 6. Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ бар ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз амалиёт / Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Қобилияти адои ӯҳдадориҳои ҷориро нишон медиҳад. |
| **3. Коэффитсиентҳои пӯшонидани қарздорӣ (қобилияти дарозмуддати пардохтӣ)** | | |
| 1.Таносуби байни сармояи қарзӣ ва худӣ | Сармояи (ҷалбкардашуда) қарзӣ / Сармояи худӣ | Дараҷаи вобастагии ташкилотро аз сарчашмаҳои берунии молиякунонӣ нишон медиҳад. |
| 2.Таносуби байни сармояи қарзӣ ва ҷамъи дороиҳо | Сармояи қарзӣ / Ҷамъи дороиҳо | Вазни қиёсии Дороиҳое, ки аз ҳисоби сармояи қарзӣ гирифта шудаанд, дар ҷамъи Дороиҳо нишон медиҳад |
| 3.Коэффитсиенти таъминоти фоизҳои қарз | (Фоидаи андозбандинашуда + хароҷоти пардохти фоизҳо) / Хароҷоти пардохти фоизҳо | Маблағи дар ихтиёри ташкилот буда барои пардохти фоизҳои қарз. |
| 4. Ҳаракати воситаҳои пулӣ ба саҳмия | Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ / Миқдори саҳмияҳои оддии дар гардиш буда | Воситаҳои пулиеро, ки ба ҳар як саҳмияи оддии дар охири сол дар гардиш буда рост меоянд, нишон медиҳад. |
| **4. Коэффитсиентҳои даромаднокӣ** | | |
| 1.Коэффитсиенти фоидаи соф | Фоидаи соф/Маблағи софи фурӯш | Ҳиссаи фоидаи софро ба ҳар в.ш. фурӯш нишон медиҳад. |
| 2.Коэффитсиенти фоидаи умумӣ | Фоидаи умумӣ / Маблағи софи фурӯш | Саҳми фоидаи умумиро ба ҳар в.ш. маблағи софи фурӯш нишон медиҳад. |
| 3.Фоидаи сармоягузорӣ<br>а) ба ҷамъи дороиҳо | (Фоидаи соф + Хароҷоти фоизҳо)/ Бузургии миёнаи дороиҳои умумӣ | Фоидаи софро ба тамоми сармоя, ки ҳам соҳибони ташкилот ва ҳам кредиторон гузоштанд, чен мекунад. |
| б) ба воситаҳои худӣ | Фоидаи соф / Бузургии миёнаи сармояи азонихудӣ | Фоидаи софро ба сармояи азонихудӣ нишон медиҳад |
| 4. Фоидаба ҳар саҳмия (саҳмияҳои оддӣ) | Фоидаи соф/ Миқдори миёнаи баркашидашудаи саҳмияҳои гардон | Фоидаи ҳар як саҳмияро баҳо дода, қобилияти пардохти ҳаққусаҳму пайҳоро аз ҳисоби захираҳои дохилӣ муайян мекунад. |
| 5.Коэффитсиенти нархи саҳмия бар фоида | Нархи бозории саҳмия / Фоида ба ҳар саҳмия | Фоидае, ки ба ҳар як саҳмия рост меояд, нишон медиҳад. |
| 6.Коэффитсиенти пардохти дивидендҳо:<br>а) бо бузургии фоидаи саҳмияи оддӣ асосёфта | Ҳаққусаҳми пулии саҳмияи оддӣ / (Фоидаи соф – Ҳаққусаҳми саҳмияҳои имтиёзнок) | Фоизи фоидае, ки барои пардохти ҳаққусаҳми саҳмияи оддӣ масраф мешаванд, чен мекунад. |
| б) ба арзиши бозории саҳмияҳои оддӣ асосёфта | Ҳаққусаҳми пулии саҳмияҳои оддӣ / Арзиши бозории саҳмия | Баҳои дағали (грубая оценка) фоизи интизории даромад ба як саҳмия. |

*Замимаи 1*

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, муносибатҳои ин соҳаро танзим менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур

Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиёти хоҷагидорие мебошад, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, ташкилотҳо ва дигар ташкилотҳо (минбаъд – ташкилотҳо) барои истифодабарандагон пешниҳод менамоянд.

### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосии Қонуни мазкур

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **баҳисобгирии муҳосибӣ** - низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд;
- **ҳисоби таркибӣ** – баҳисобгирии маълумоти ҷамъбастии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи намудҳои молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидорӣ аз рӯи нишонаҳои муайяни иқтисодӣ, ки дар ҳисоби таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дода мешаванд;
- **ҳисоби таҳлилӣ** – баҳисобгирие, ки дар ҳисобҳои таҳлилии баҳисобгирии муҳосибӣ бо гурӯҳбандии маълумоти муфассал оид ба молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва муомилоти дохилихоҷагии ҳар кадом ҳисоби таркибӣ дарҷ гардидаанд;
- **нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ** – номгӯи ба низом даровардашудаи ҳисобҳои таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ;
- **ташкилоти муҳосибӣ** – шахси ҳуқуқие, ки хизматрасониро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод намуда, аъзои таш-

килоти касбии муҳосибон мебошад ва дар басти вазифаҳои худ на камтар аз ду муҳосиби касбӣ дорад;

- **муҳосиби касбӣ** – шахси воқеие, ки ихтисос ва сертификати муҳосиби касбӣ дорад;

- **сирри муҳосибӣ** – иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва феҳристи бақайдгирии муҳосибӣ дарҷ гардидааст;

- **ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ** - ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳо, ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари марбути баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии ташкилотҳо;

- **ташкилоти касбии муҳосибон** – ташкилоти ғайритиҷоратии аккредитатсияшудаи иттиҳодияи муҳосибон ва (ё) аудиторон, ташкилоти муҳосибӣ ё аудиторӣ;

- **аккредитатсия** – ҳуқуқи эътирофшудаи ташкилоти касбии муҳосибон, ки дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ шаҳодатнома дорад;

– **субъектҳои дорои манфиати умум** – ташкилотҳои аҳамияти калони ҷамъиятидошта, ки меъёрҳои муайян намудани аҳамияти онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

- **ҳисоботи молиявӣ** – маҷмӯи маълумоте, ки ҳолат ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳоро дар асоси нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ дар бар мегирад;

- **феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ** - тартиби ҷамъоварӣ, ҷамъбасткунӣ ва мураттабсозии иттилооте, ки дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалия ва мавҷуда барои инъикос кардан дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ қабул гардидаанд;

- **ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ** – ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи амалиёт ё рӯйдодҳои ба анҷомрасида ё ҳуқуқи ба анҷом расонидани он дар ҳомилҳои когазӣ ва электронӣ, ки дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ сурат мегирад;

- **сертификати муҳосиби касбӣ (минбаъд - сертификат)** – ҳуҷҷате, ки дараҷаи тахассуси касбии муҳосибро тасдиқ мекунад;

- **амалиёти хоҷагидорӣ** – муомила, рӯйдод, шарт ва амалиёте, ки ба ҳолати молиявии ташкилот, натиҷаи фаъолияти молиявии он ё муомилоти маблағ таъсир расонида метавонад;

- **сиёсати баҳисобгирӣ** – принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот, маҷмӯи қоидаҳо,

усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд;

- **стандартҳои байналмилалӣ** – стандартҳо ва тафсирҳое, ки Фонди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба нашр расонида, мақоми ваколатдори давлатӣ барои истифода тасдиқ намудааст;

- **стандартҳои миллӣ** – ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, ки мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ намудааст;

- **маҳфуздоранда** – манбаи электронии маълумоти ҳисоботи молиявӣ дар мақоми ваколатдори давлатӣ, ки барои истифодабарандагон дастрас мебошад;

- **дороиҳо** - захираҳое, ки дар натиҷаи амалиёти пешин таҳти назорати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошта, гирифтани нафъи иқтисодӣ аз онҳо дар назар аст;

- **ӯҳдадориҳои муҳосибӣ** - ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки аз амалиёти пешин ба вуҷуд омада, дар натиҷаи танзими он захираи дороиҳои нафъи иқтисодӣ хориҷ мешаванд;

- **сармоя** – ҳиссаи дороиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки пас аз тарҳ кардани маблағи ҳамаи ӯҳдадориҳо боқӣ мондааст;

- **даромад** – афзоиши манфиати иқтисодии давраи ҳисоботӣ дар шакли воридшавӣ ё зиёдшавии дороиҳо ё худ камшавии ӯҳдадориҳо, ки сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон вобастаро афзун мегардонад;

- **хароҷот** – камшавии манфиати иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии ӯҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон новобаста оварда мерасонад;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ** – мақоми марказии ҳокимияти иҷроия, ки фаъолияти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро ба танзим медарорад.

### Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин са-

надҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур нисбати ҳамаи ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин нисбати ташкилотҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Соҳибкорони инфиродӣ, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, пешбурди ҳисоби даромад ва хароҷотро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

## БОБИ 2. ВАЗИФАҲО ВА НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

**Моддаи 5. Вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъмин намудани шахсони манфиатдор бо иттилооти пурра ва дақиқ оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо мебошад.

**Моддаи 6. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ**

1. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низоми батанзимдарорӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот оид ба амалиёт ва рӯйдодҳои ташкилотҳо мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Амалиёт ва рӯйдодҳои дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ инъикосёфта, дар асоси талаботи зерин амалӣ карда мешаванд:

- навиштаҷоти комилан мувофиқи муҳосибӣ бо ҳуҷҷатҳои аслии аввалия ва инъикоси ҳамаи амалиёту рӯйдодҳо дар навиштаҷоти муҳосибӣ;
- бақайдгирии муттасил ва саривақтии амалиёту рӯйдодҳо;
- мутобиқсозии ҳисоби таркибӣ бо ҳисоби таҳлилӣ ба санаи якуми ҳар моҳ.

3. Амалиёт ва рӯйдодҳо дар ҳисобҳои таркибӣ бо усули сабти дутарафа дар асоси нақшаи ҳисоби баҳисобгирии муҳоси-

бии ташкилотҳо мутобиқ ба талаботе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар намудааст, инъикос карда мешаванд.

### Моддаи 7. Принсипҳо ва тавсифи сифатҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ муттасил ҳисоб кардан ва ба ҳисоб гирифтан мебошад.

2. Асоси тавсифи сифатии ҳисоботи молиявӣ возеҳ, бамаврид, боэътимод ва муқоисашаванда будан аст.

### Моддаи 8. Салоҳияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ салоҳиятҳои зеринро дорад:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ татбиқ менамояд, роҳбарии умумии методологиро ба зимма дорад ва аккредитатсияи ташкилотҳои касбии муҳосибонро мегузаронад;

- Шӯрои машваратиро ҳамчун мақоми экспертӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъсис дода, дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон Низомнома ва ҳайати шахсии онро тасдиқ менамояд;

- дар асоси барномаҳои байналмилалӣ ба номзадҳо сертификати муҳосиби касбӣ ва ба ташкилотҳо бошад, сертификати барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад. Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосибони касбӣ, барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин мӯҳлати эътибор пайдо кардан ва беэътибор донистани онҳоро муайян менамояд;

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор қабул менамояд, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи ташкилотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳатмӣ мебошад;

- ба ҳамаи шахсони манфиатдор, аз ҷумла ба аҳолӣ маълумотеро, ки дар маҳфузгоҳ мавҷуд аст, пешниҳод менамояд;

- салоҳиятҳои дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамояд.

## Моддаи 9. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд.

2. Роҳбарони ташкилотҳо вобаста ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ вазифадоранд:

- хизматрасонии муҳосибиро ҳамчун сохтори таркибӣ, ки ба он сармуҳосиб (муҳосиб) роҳбарӣ мекунад, таъсис диҳанд;

- дар басти вазифаҳо вазифаи муҳосибро ҷорӣ намоянд;

- дар асоси шартнома баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба муҳосиботи марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё ба муҳосиби касбӣ супоранд;

- баҳисобгирии муҳосибиро ҳангоми зарурат шахсан ба зимма гиранд.

3. Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қоидаҳо ва таҷрибаи андӯхтаи ташкилотҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва нақшаҳои ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад.

4. Сиёсати баҳисобгирии ташкилот бо қарори роҳбари аввали ташкилот ё шахси масъули ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ карда мешавад.

5. Ҳамзамон инҳо тасдиқ карда мешаванд:

- нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;

- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ барои barасмиятдарории амалиёти хоҷагидорӣ ва ҳисоботи дохилии муҳосибӣ;

- тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ ва усулҳои нархгузории молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо;

- тартиби гардиши ҳуҷҷатҳо ва коркарди иттилооти баҳисобгирӣ;

- тартиби назорати амалиёти хоҷагидорӣ ва инчунин дигар қарорҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ зарур.

6. Сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот ба таври мунтазам ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби ташкилот таҳия гардидани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад.

## Моддаи 10. Талаботи асосӣ ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ

1. Баҳисобгирии муҳосибии molу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории ташкилотҳо бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки моликияти ташкилот ба ҳисоб мераванд, аз молу мулки шахсони дигари ҳуқуқии ҳайати ин ташкилот алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3. Баҳисобгирии муҳосибиро ташкилот ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданаш амалӣ менамояд.

4. Ташкилот баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидориро бо усули сабти дутарафаи ба ҳам алоқаманди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ менамояд.

5. Маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба муомилот ва бақияи ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ мувофиқат менамояд.

6. Тамоми амалиёти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои барӯйхатгирӣ бе истисно дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ саривақт ва пурра ба қайд гирифта мешаванд.

7. Субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва Қонуни мазкур амалӣ намоянд.

8. Роҳбарони субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки хизматрасонии доимоамалкунандаи аудити дохилиро таъсис диҳанд.

9. Ташкилотҳо, ба истиснои субъектҳои дорои манфиати умум, вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои миллӣ амалӣ намоянд.

10. Барои ташкилотҳои хурде, ки низоми андозбандии соддакардашудаoро истифода мебаранд, усули соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 11. Роҳбари хизматрасонии муҳосибӣ**

1.Роҳбари хизматрасонии муҳосибӣ (минбаъд–сармуҳосиб) сармуҳосиби ташкилот ва ё дигар шахси мансабдоре мебошад, ки ӯ бевосита ба роҳбари ташкилот итоат намуда, барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, сари вақт ва пурра пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ масъул мебошад.

2. Ба вазифаи сармуҳосиби дастгоҳи мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ, молиявӣ ва саҳомие, ки аз нисф зиёди сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат мебошад, шахсоне таъин карда мешаванд, ки:

- таҳсилоти олии иқтисодӣ дошта бошанд;
- собиқаи кории касбиашон аз 5 сол кам набошад

3. Ба вазифаи сармуҳосиби субъектҳои дорои манфиати умум шахсоне таъин карда мешаванд, ки сертификати муҳосиби касбӣ дошта бошанд.

4. Сармуҳосиби бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва молиявии хурд бояд ба талаботи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд.

5. Сармуҳосиб мутобиқати амалиёти хоҷагидориро бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назоратро ба муомилоти молу мулк, дороиҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳо таъмин менамояд.

6. Талаби сармуҳосиб дар бораи ба расмият даровардани амалиёти хоҷагидорӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои лозимӣ ва маълумоти муҳосиботӣ барои ҳамаи кормандони ташкилот ҳатмӣ мебошад.

7. Ҳуҷҷатҳои пулӣ ва ҳисобу китоб, ӯҳдадориҳои молиявӣ ва қарзӣ бе имзои сармуҳосиб эътибор надоранд ва барои иҷро қабул карда намешаванд.

8. Шахси масъули моддии ташкилот бо мувофиқаи сармуҳосиб ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронида мешавад.

9. Дар сурати вуҷуд доштани ихтилофи ақидаҳо миёни роҳбари ташкилот ва сармуҳосиб дар мавриди иҷрои баъзе амалиёти хоҷагидорӣ ҳуҷҷатҳо танҳо дар сурати супориши хаттии роҳбари аввали ташкилот, ки ӯ барои оқибати иҷрои чунин амалиёт пурра масъул аст, барои иҷро қабул карда мешаванд.

10. Ҳангоми аз вазифа озод кардани сармуҳосиб ҳуҷҷатҳо ба сармуҳосиби навтаъингашта (дар сурати набудани ӯ - ба корманди бо қарори дахлдор таъиншуда) супурда, дар раванди он ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ, боэътимодии маълумоти ҳисо-

ботӣ аз ҷониби комиссияи таъсисгардида санҷида, санади дахлдор тартиб дода мешавад, ки онро роҳбари аввали ташкилот тасдиқ мекунад.

**Моддаи 12. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ**

1.Тамоми амалиёти хоҷагидорӣ, ки ташкилот онро анҷом медиҳад, бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият даровaрда шаванд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ буда, дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ сурат мегирад.

2. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ба шарте қабул карда мешаванд, ки онҳо аз рӯи шакли тасдиқкардаи мақоми ваколатдори давлатӣ тартиб дода шуда, маълумоти ҳатмии зеринро дар бар гирифта бошанд:

- номгӯи ҳуҷҷат;
- рақами ҳуҷҷат;
- санаи тартиб додани ҳуҷҷат;
- номи ташкилот, ки аз номи он ҳуҷҷат тартиб дода шудааст;
- мундариҷаи амалиёти хоҷагидорӣ ё рӯйдод;
- воҳиди ченаки амалиёти хоҷагидорӣ ё рӯйдод;
- чекҳои мошинаҳои хазинавӣ- назоратии дорои хотираи фискалӣ;
- насаб, ном ва номи падар, мансаби шахсоне, ки барои анҷом додани амалиёти хоҷагидорӣ ва дурустии барасмиятдарории онҳо масъул мебошанд ва имзои шахсии онҳо;
- рақами мушаххаси андозсупоранда.

3. Рӯйхати шахсонеро, ки ҳуқуқи имзо кардани ҳуҷҷати аввалияи баҳисобгириро доранд, роҳбари аввали ташкилот дар мувофиқа бо сармуҳосиб тасдиқ мекунад.

4. Ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо амалиёти хоҷагидорӣ бо маблағ ба расмият даровaрда мешавад, аз тарафи роҳбари аввали ташкилот, сармуҳосиб ё шахси ваколатдори онҳо имзо карда мешаванд.

5. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ аз лаҳзаи анҷом ёфтани амалиёти хоҷагидорӣ тартиб дода мешаванд.

6. Шахсоне, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгириро тартиб дода, имзо кардаанд, онҳоро сари вақт ва хушсифат ба расмият медароранд ва барои инъикос намудан дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мӯҳлати муқарраршуда супорида, дурустии маълумоти дар онҳо дарҷёфтаро таъмин менамоянд.

7. Даровардани ислоҳ дар ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ манъ аст. Дар дигар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ танҳо дар мувофиқа бо иштирокчиёни амалиёти хоҷагидорӣ ислоҳ даровардa мешавад ва ин ислоҳи даровардашуда бо имзои шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро имзо кардаанд, бо нишон додани санаи даровардани ислоҳ тасдиқ карда мешавад.

8. Барои амалӣ намудани назорат ва батартибдарории маълумот оид ба амалиёти хоҷагидорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии баҳисобгирӣ тартиб дода мешаванд.

9. Ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҷамъбастии баҳсобгирии муҳосибӣ дар ҳомилҳои когазӣ ва электронӣ тартиб дода мешаванд.

10. Ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд.

11. Сармуҳосиб ё шахси мансабдори дигари ташкилот ҳуқуқ доранд дар ҳузури шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро мусодира мекунанд, аз ҳуҷҷатҳо нусха бардоранд.

**Моддаи 13. Ташкилоти касбии муҳосибон**

1. Ташкилоти касбии муҳосибон тибқи оинномa, шартҳо ва қоидаҳои сертификатсия ва аккредитатсия амал намуда, баҳисобгирии муҳосибиро пеш мебарад.

2. Сохтор ва мақоми идоракунии ташкилоти муҳосибони касбиро оинномаи он мутобиқи қоидаҳои аккредитатсия муайян менамояд.

3. Ташкилоти касбии муҳосибон ҳуқуқ дорад:

- дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ иштирок намояд;

- таҷрибаи пешқадамро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҷамъбасту таҳлил кунад ва такмил диҳад.

4.Ташкилоти касбии муҳосибон ӯҳдадор аст:

- қоидаҳои аккредитатсияро риоя намояд;

- ба мақоми ваколатдори давлатӣ ҳисоботро оид ба фаъолияти худ бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намояд.

5.Талабот нисбат ба ташкилоти касбии муҳосибон инҳоянд:

- ба ҳайати ташкилоти касбии муҳосибон бояд мутахассисоне қабул карда шаванд, ки дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ё аудит ақаллан ду сол таҷрибаи корӣ дошта бошанд;

- риояи Кодекси одоби муҳосибӣ касбӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ барои ҳамаи аъзои ташкилоти касбии муҳосибон ҳатмӣ мебошад;

- низоми тахассусии аъзои ташкилот ба қоида ва шартҳои сертификатсия ҳатман мутобиқ бошад.

**Моддаи 14. Феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ**

1. Феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади сари вақт танзим намудан ва андӯхтани иттилооти дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ қабулгашта барои инъикос кардан дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шудааст.

2. Феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли китоби махсус дар варақаҳои алоҳида ва дигар ҳомилҳои электронӣ сабт мешавад.

3. Амалиёти хоҷагидорӣ дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ муттасил ва мутобиқи ҳисобҳои дахлдори баҳисобгирии муҳосибӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

4. Инъикоси дурусти амалиёти хоҷагидориро дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ шахсоне, ки онро тартиб дода, имзо кардаанд, таъмин менамоянд.

5. Зимни нигоҳдории феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ он аз ғайриқонунӣ ислоҳ даровардан ҳифз карда мешавад. Ислоҳи хатоҳо дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ асоснок карда, бо имзои шахсе, ки ин ислоҳро даровардааст, бо нишон додани санаи даровардани ислоҳ тасдиқ карда мешавад.

6. Мундариҷаи феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии дохилӣ сирри тиҷоратӣ ҳисобида мешавад.

7. Шахсоне, ки барои гирифтани иттилоот аз феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии дохилӣ иҷозат доранд, вазифадоранд, ки сирри тиҷоратии онро нигоҳ доранд.

**Моддаи 15. Баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо**

1. Молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо барои инъикос намудани онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз тарафи ташкилот ба китоби ворида сабт карда мешаванд.

2. Молу мулк ва дороиҳои воридшуда ба китоби ворида бо тартиби зерин сабт карда мешаванд:

- молу мулки харидашуда - бо роҳи ҷамъ кардани хароҷоти воқеӣ;

- молу мулки ба тарзи ройгон гирифташуда - бо арзиши бозорӣ дар рӯзи ба китоби ворида сабт шудани он;

- молу мулки дар худи ташкилот истеҳсолшуда - бо арзиши аслии он.

3. Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ новобаста ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

4. Тартиби дигари даромад намудани молу мулк, аз ҷумла бо роҳи захиракунонӣ, дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки санадҳои меъёрии мақоми ваколатдори давлатӣ пешбинӣ карда бошанд.

5. Баҳисобгирии муҳосибии ҳисобҳои асъории ташкилотҳо ва амалиёт бо асъори хориҷӣ ва миллӣ дар асоси ҳисоби асъори хориҷӣ бо қурби мубодилавии Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи гузаронидани амалиёт амалӣ мегардад.

**Моддаи 16. Барӯйхатгирии молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо**

1. Барои таъмини боэътимоди маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ташкилотҳо ӯҳдадоранд, ки молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳояшонро ба рӯйхат гиранд. Дар асоси он мавҷудияти ин молу мулк, ҳолат ва нархгузории онҳо санҷида, бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда мешаванд

2. Тартиб ва мӯҳлати барӯйхатгирии молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро роҳбари ташкилот муайян мекунад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки барӯйхатгирӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Дар ҳолатҳои зерин барӯйхатгирӣ ҳатмӣ мебошад:

- ҳангоми супурдани молу мулк ба иҷора ва хариду фурӯш;
- пеш аз тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ;
- ҳангоми дигар шудани шахсони масъули моддӣ;
- ҳангоми ошкор гардидани ҳолати дуздӣ, суиистифода ва ё хароб кардани молу мулк;
- ҳангоми офатҳои табиӣ, сӯхтор ва ё ҳолатҳои дигари фавқулодда;
- ҳангоми азнавташкилдиҳӣ, ҷудо кардан ё барҳамдиҳии ташкилот;
- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.

4. Ҳангоми баруйхатгирӣ фарқи муайяншудаи байни мавҷудияти воқеии молу мулк, дороиҳо ва нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи тартиби зерин инъикос карда мешавад:

- молу мулк ва дороиҳои зиёдатӣ дар китоби ворида навишта шуда, маблағи дахлдор ба натиҷаҳои молиявии ташкилот гузаронида мешаванд;

- камомади молу мулк ва дороиҳо, вайроншавии он дар ҳудуди меъёри камшавии табиӣ аз ҳисоби истеҳсолот ё муомилот ва дар сурати зиёда аз меъёр будан аз ҳисоби шахси гунаҳкор ҷуброн карда мешавад. Агар шахсони гунаҳкор муайян нашуда бошанд ё ки суд руёнидани товони зиёнро аз ҳисоби онҳо рад намояд, пас камомади молу мулк, дороиҳо ва молу мулки вайроншуда аз натиҷаи молиявии ташкилот аз ҳисоб баровarда мешавад.

5. Ҳангоми ошкор гардидани дуздӣ, камомад, қасдан нобуд ё хароб намудани арзишҳои моддӣ, товони зиён аз ҳисоби шахси гунаҳкор ситонида мешавад.

**Моддаи 17. Таркиби ҳисоботи муҳосибӣ**

1. Таркиби ҳисоботи муҳосибӣ оид ба баҳодиҳии ҳолати молиявӣ аз молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоя иборат мебошад.

2. Ҳамаи ташкилотҳо вазифадоранд, ки дар асоси маълумотҳои ҳисоби таркибӣ ва ҳисоби таҳлилӣ ҳисоботи муҳосибиро тартиб диҳанд.

3. Таркиб ва ҳаҷми ҳисоботи муҳосибиро барои ташкилотҳо мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

4. Ба ташкилотҳои нашрия дар матбааҳо зиёд кардан, тайёр намудан ва ба фурӯш баровардани варақаҳо ва шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва молиявӣ бе иҷозати хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ манъ аст

**Моддаи 18. Соли ҳисоботӣ**

1. Барои ҳамаи ташкилотҳо соли ҳисоботӣ барои ҳисоботи молиявӣ аз 1 январ то 31 декабр шуморида мешавад.

2. Барои ташкилотҳои азнавташкилшуда соли аввали ҳисоботӣ давраи аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ то 31 декабр шуморида мешавад.

3. Ҳисоботи ҳармоҳа ва семоҳа фосилавӣ буда, бо ҷамъбасти афзоишӣ аз аввали соли ҳисоботӣ тартиб дода мешавад.

### Моддаи 19. Тартиб ва мӯҳлати пешниҳод кардани ҳисоботи муҳосибӣ

1. Ҳамаи ташкилотҳо (ба истиснои ташкилотҳои буҷетӣ) ҳисоботи солонаи муҳосибиро мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба муассисон ё соҳибони молу мулк пешниҳод менамоянд.

2. Вазорату идораҳо ҳисоботи ҷамъбастии муҳосибии семоҳа ва солонаро ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар мӯҳлатҳои муқарраркарда месупоранд.

3. Мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ, бонкҳо ва дигар истифодабарандагон ҳисоботи муҳосибро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

4. Ташкилотҳои буҷетӣ ҳисоботи ҳармоҳа, семоҳа ва солонаи муҳосибиро ба мақоми болоӣ дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи онҳо месупоранд.

### Моддаи 20. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ

1. Ташкилотҳо вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомилҳои коғазӣ ва ё электронӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доранд.

2. Барои ташкили нигаҳдории баҳисобгирӣ, феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ роҳбар ва сармуҳосиби ташкилот масъул мебошанд.

### Моддаи 21. Сирри муҳосибӣ

1. Маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалия ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, онро танҳо шахсоне, ки иҷозати роҳбари аввали ташкилотро доранд ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда метавонанд.

2. Шахсоне, ки ба сирри тиҷоратӣ дастрасӣ доранд, барои ошкор сохтани он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

## БОБИ 3. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### Моддаи 22. Ҳисоботи молиявӣ

1. Ҳисоботи молиявӣ маълумотро дар бораи ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо, ки мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ тайёр карда шудаанд, дар бар мегирад. Ташкилотҳо ӯҳдадоранд, ки барои ҳар як давраи ҳисоботӣ ҳисоботи солонаи молиявӣ ва фосилавиро мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ тартиб диҳанд.

2. Қоидаҳои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва талаботи иловагӣ ба он тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муқаррар карда мешаванд.

3. Ҳаҷм, шакл ва тартиби тайёр намудани ҳисоботи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум, ба истиснои ташкилотҳое, ки дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва Қонуни мазкур муайян карда мешаванд.

4. Ҳаҷм, шакл ва тартиби тайёр намудани ҳисоботи молиявии бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва молиявии хурдро Бонки миллии Тоҷикистон муайян менамояд.

5. Ҳисоботи молиявиро роҳбари аввали ташкилот ва сармуҳосиб имзо мекунанд.

### Моддаи 23. Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ

1. Ҳисоботи молиявӣ бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

2. Ташкилот ҳисоботи молиявиро ба муассис тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва мақоми ваколатдори давлатии соҳаи омор дар ҷои қайди давлатӣ пешниҳод менамояд.

3. Ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ тартиб медиҳанд, вазифадоранд ҳисоботи молиявии солонаро бо хулосаи аудиторӣ бо тартиб ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба маҳфуздоранда пешниҳод намоянд.

4. Ташкилотҳо ҳисоботи молиявиро то 30 апрели соли баъд аз соли ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд.

### Моддаи 24. Нашри ҳисоботи молиявӣ

Ҷамъиятҳои саҳомӣ, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳӣ, суғуртавӣ, биржаҳо, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фондҳои сармоягузорӣ ва дигар фондҳое, ки аз ҳисоби

маблағҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ ташкил шудаанд, вазифадоранд ҳисоботи солонаи молиявиро дар мӯҳлати на дертар аз 1 июни соли баъд аз соли ҳисоботӣ аз ҳисоби худашон дар воситаҳои ахбори омма нашр намоянд.

## БОБИ 4. ТАНЗИМ ВА НАЗОРАТИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### Моддаи 25. Танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ ба танзим дароварда мешавад.

2. Танзими давлатии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо, ташкилотҳои қарздиҳӣ ва молиявии хурд аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 26. Назорат дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Назорат дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шакли санҷиш гузаронида мешавад.

2. Санҷиш дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тибқи Қонуни мазкур ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 28. Дар бораи аз эътибор соқит намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 1999 «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №5, мод. 63; с. 2006, №11, мод. 473) аз эътибор соқит дониста шавад.

### Моддаи 29. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Замиман № 1
ба Фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» майи соли 2011
№ 41

## Нақшаи
## ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ

### Қисми 1. Дороиҳо
### Дороиҳои гардон

*10100* *Воситаҳои пулӣ дар хазина*
10110 Воситаҳои пулӣ бо асъори миллӣ
10120 Воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ
10130 Ҳуҷҷатҳои пулӣ
10140 Муодилҳои (ҳамарзишҳои) пулӣ

*10200* *Воситаҳои пулӣ дар бонк*
10210 Ҳисобҳо бо асъори миллӣ
10220 Ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ
10230 Ҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ
10240 Воситаҳои пулии барои истифодабарии маҳдуд дар бонкҳо
10250 Воситаҳои пулии дар роҳ буда

*10300* *Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат*
10310 Коғазҳои қиматноки қарзӣ
10320 Коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ
10330 Қарзҳо, вомҳои додашуда
10340 Амонатҳои депозитӣ
10350 Қисми ҷории сармоягузориҳои дарозмуддат
10360 Дигар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат

*10400* *Қарздории дебитории тиҷоратӣ*
10410 Ҳисобҳо барои қабул
10420 Васиқаҳо (векселҳо) барои қабул
10430 Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок

*10500* *Дигар қарздории дебиторӣ*
10510 Пешпардохт ба таъминкунандагон
10520 Қарздории дебитории кормандон
10530 Андозҳои пешпардохтшуда
10540 Андозҳои подошшаванда (ҷубронишаванда)
10550 Фоизҳо барои қабул
10560 Суди саҳмияҳо (дивидендҳо) барои қабул
10570 Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат
10580 Қарздории дебитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)

10590 Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо

*10600 Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ*

*10700 Захираҳои молию моддӣ*
10710 Молҳо
*10719* Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда
10720 Ашёи хом ва маводҳо
10730 Истеҳсолоти нотамом
10740 Маҳсулоти тайёр
10750 Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ
10760 Сӯзишворӣ
10770 Қисмҳои эҳтиётӣ
10780 Лавозимот ва асбобу анҷом
10790 Дигар захираҳо

*10800 Хароҷотҳои пешпардохтшуда*
10810 Хизматрасониҳои пешпардохтшуда
10820 Иҷораи пешпардохтшуда
10830 Дигар пешпардохтҳо

*10900 Дороиҳои ғайригардон барои фурӯш*
10910 Воситаҳои асосии барои фурӯш таъин гардида
10920 Дороиҳои кӯтоҳмуддати фаъолияти қатъшуда
10930 Дигар дороиҳои ғайригардон барои фурӯш

**Дороиҳои ғайригардон**

*11000 Воситаҳои асосӣ*
11010 Бино ва иншоот
11020 Мошин ва таҷҳизот
11030 Таҷҳизоти идоравӣ
11040 Мебел ва лавозимот
11050 Воситаҳои нақлиёт
11060 Ободонии моликияти иҷоравӣ
11070 Ободонии қитъаҳои замин
11080 Дигар воситаҳои асосӣ
11090 Сохтмони нотамом

*11100 Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ*
11110 Фарсудашавии ҷамъшуда – бино ва иншоот
11120 Фарсудашавии ҷамъшуда – мошин ва таҷҳизот
11130 Фарсудашавии ҷамъшуда – таҷҳизоти идоравӣ
11140 Фарсудашавии ҷамъшуда – мебел ва лавозимот
11150 Фарсудашавии ҷамъшуда – воситаҳои нақлиёт
11160 Фарсудашавии ҷамъшуда – ободонии моликияти иҷоравӣ
11170 Фарсудашавии ҷамъшуда – ободонии қитъаҳои замин
11180 Фарсудашавии ҷамъшуда – дигар воситаҳои асосӣ

*11200* **Захираҳои табиӣ**

11210 Конхои маъданхои минералӣ
11220 Конхои карбогидридхо
*11290 Сарфшавии ҷамъшудаи захираҳои табиӣ*

***11300 Дороиҳои ғайримоддӣ***
11310 Ҳуқуқи истифодабарии замин
11320 Гудвилл
11330 Патент, литсензия (иҷозатнома), франшиза
11340 Нишони молӣ
11350 Ҳуқуқи муаллифӣ
11360 Таъмини барномавӣ
11370 Дигар дороиҳои ғайримоддӣ
11390 Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ

***11400 Дороиҳои биологӣ***
11410 Ҳайвонот (дороиҳои биологии истеъмолӣ)
11420 Ҳайвонот (дороиҳои биологии маҳсуловар)
11430 Растаниҳо (дороиҳои биологии истеъмолӣ)
11440 Растаниҳои махсуловар
11450 Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ба ҳисоб гирифташаванда
11460 Дигар дороиҳои биологӣ
***11500 Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул***
11510 Бино ва иншоот
11520 Таҷдиди объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул

***11600 Сармоягузориҳои дарозмуддат***
11610 Коғазҳои қиматноки қарзӣ
11620 Қарзҳо, вомҳои додашуда
11630 Сармоягузорӣ ба ташкилотҳои фаръӣ
11640 Сармоягузорӣ ба фаъолияти муштарак
11650 Сармоягузорӣ ба ширкатҳои муттаҳидшуда
11660 Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат
11661 Дисконт (тахфифҳо) аз рӯи сармоягузориҳои дарозмуддат
11662 Подош (изофанарх) аз рӯи сармоягузориҳои дарозмуддат

***11700 Талаботҳои андозии мавқуфгузошта***

***11800 Қарздории дебитории дарозмуддат***
11810 Қарздории дебитории дарозмуддати харидорон ва фармоишгарон
11820 Васиқаҳои (векселҳои) гирифташуда
11830 Хароҷотҳои мавқуфгузоштаи дарозмуддат
11840 Дигар қарздории дебитории дарозмуддат

**11900 Дороиҳои дарозмуддати фаъолияти қатъшуда**

## Қисми 2. Уҳдадориҳо
## Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат

***22000 Қарздории кредитории тиҷоратӣ***

22010 Ҳисобҳо барои пардохт
22020 Васиқаҳои (векселҳои) кӯтоҳмуддат барои пардохт
22030 Пешпардохтҳои гирифташуда
22040 Дигар ҳисобҳо барои пардохт

*22100 Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ*
22110 Қарзҳои бонкӣ, вомҳо
22120 Дигар қарзҳо, вомҳо
22130 Қисми ҷории ӯҳдадориҳои қарзии дарозмуддат
22140 Дигар ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат
22141 Дисконт(тахфиф) аз рӯи вомбаргҳо ва васиқаҳо
22142 Подош (изофанарх) аз рӯи вомбаргҳо

*22200 Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда*
22210 Музди меҳнати пардохтшаванда
22220 Андози нафақавии пардохтшаванда
22230 Андоз аз даромади шахсони воқеии пардохтшаванда
22240 Андози иҷтимоии пардохтшаванда
22250 Суди саҳмияҳои (дивидендҳои) пардохтшаванда
22260 Фоизҳо барои пардохт
22270 Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда

*22300 Андозҳо барои пардохт*
22310 Андоз аз фоидаи барои пардохт
22320 Андоз аз арзиши иловагӣ (ААИ) барои пардохт
22330 Аксизҳо барои пардохт
22340 Андоз аз амволи ғайриманкул барои пардохт
22350 Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард барои пардохт
22360 Андози замин барои пардохт
22370 Дигар андозҳо барои пардохт

*22400 Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода*
22410 Захираҳо барои пардохти рухсатии меҳнатӣ
22420 Захираҳо барои хизматрасонии кафолатӣ
22430 Захираҳо барои даъвоҳои судӣ
22440 Дигар захираҳои ҳисобкардашуда

*22500 Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат*
22510 Ӯҳдадориҳо дар назди муассисон
22520 Қарздории кредитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ)
22530 Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати фаъолияти қатъшуда

**Ӯҳдадориҳои дарозмуддат**

*22600 Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*
22610 Вомбаргҳо барои пардохт
22620 Қарзҳои бонкӣ
22630 Қарзҳои дигар
22640 Васиқаҳои (векселҳои) пардохтшаванда

22650 Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷораи молиявӣ
22660 Ӯҳдадориҳои дарозмуддати фаъолияти катъгардида
22670 Дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат
22691 Дисконт (тахфиф) аз рӯи вомбаргҳои дарозмуддат
22692 Подош (изофанарх) аз рӯи вомбаргҳои дарозмуддат

*22700 Даромадҳои мавқуфгузошта*
22710 Даромадҳои мавқуфгузошта – грантҳо
22720 Пешпардохтҳои гирифташудаи дарозмуддат
22730 Дигар даромадҳои мавқуфгузошташуда

*22800 Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда*

## Қисми 3. Сармояи худӣ

*33000* Сармояи эълоншуда(оинномавӣ)
33010 Саҳмияҳои оддӣ
33020 Саҳмияҳои имтиёзнок
33030 Сармояи барилова пардохтшуда
33090 Саҳмияҳои худии бозхаридшуда

*33100 Сармояи иловагӣ*
33110 Грантҳо ва маблағгузории мақсаднок
33120 Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ
33130 Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар
33140 Фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиёт бо ҷузъҳои хориҷӣ
33150 Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда
33160 Дигар сармояи иловагӣ

*33200 Фоидаи тақсимнашуда*
33210 Фоидаи тақсимнашудаи давраи ҳисоботӣ
33220 Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта

*33300 Сармояи захиравӣ*

*33400 Ҳиссаи ақаллият*

## Қисми 4. Даромадҳои амалиётӣ

*44000 Даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ*
44010 Даромад аз фурӯш
44020 Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ
44090 Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф

*44100 Даромадҳо аз дороиҳои биологӣ*
44110 Фоида (зарар) аз эътирофи ибтидоии дороиҳои биологӣ
44120 Даромад аз ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ
44130 Фоида (зарар) аз тағйирёбии арзиши одилонаи дороиҳои биологӣ

## Қисми 5. Хароҷотҳои амалиётӣ

*55000 Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо*
55010 Арзиши аслии фурӯш
55020 Тасҳеҳи арзиши захираҳо
55030 Хароҷоти кашонидани захираҳо
55040 Хароҷоти азнавкоркардабарорӣ
55050 Хароҷоти хариди захираҳо

*55100 Хароҷотҳо аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ*

*55200 Хароҷоти фурӯш*
55210 Хароҷоти реклама ва мусоидат ба фурӯш
55220 Хароҷоти музди меҳнат
55230 Хароҷоти ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои иҷтимоӣ
55240 Хароҷоти нигоҳдорӣ ва боркашонӣ
55250 Хароҷоти қарзҳои беэътимод
55260 Хароҷоти хизматрасонии кафолатӣ
55270 Хароҷоти фарсудашавӣ ва истеҳлок
55280 Хароҷоти мукофотонӣ
55290 Дигар хароҷоти фурӯш

*55300 Хароҷотҳои умумӣ ва маъмурӣ*
55310 Хароҷоти музди меҳнат
55311 Хароҷоти ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои иҷтимоӣ
55312 Хароҷоти иҷора
55313 Хароҷоти пардохти хизматрасонии касбӣ
55314 Андоз ва боҷҳо
55315 Хароҷоти асбобҳои идоравӣ
55316 Таъмир ва хизмати техникии воситаҳои асосӣ
55317 Хароҷоти таъминоти компютерӣ
55318 Хароҷоти сафари хизматӣ
55319 Ҷаримаҳо, пения, ҷаримаи аҳдшиканӣ
55320 Хароҷоти тадқиқот ва коркарди илмӣ
55321 Хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ
55322 Хароҷоти истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ
55323 Хароҷоти гузаронидани аудит
55324 Хароҷоти ААИ-и ба ҳисоб гирифтанашуда
55325 Хароҷоти коммуналӣ
55326 Хароҷоти коммуникатсионӣ (алоқа)
55327 Хароҷоти қувваи барқ
55328 Хароҷоти сӯзишворӣ
55329 Хароҷоти намояндагӣ
55330 Хароҷот ба мақсадҳои хайрия (эҳсон)
55350 Дигар хароҷотҳои умумӣ ва маъмурӣ

## Қисми 6. Даромадҳо ва хароҷотҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ

*66000 Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ*
66010 Даромад дар намуди фоизҳо
66020 Даромад аз сармоягузориҳо

66030 Даромад аз суди саҳмияҳо (дивидендҳо)
66040 Даромад аз фарқияти қурбӣ
66050 Даромад аз мубодилаи асъор
66060 Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат
66070 Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ

***66100 Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ***
66110 Хароҷот дар намуди фоиз
66120 Зарар аз сармоягузориҳо
66130 Зарар аз коҳишёбии арзиш
66140 Зарар аз фарқияти қурбӣ
66150 Зарар аз мубодилаи асъор
66160 Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат
66170 Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ

***66200 Хароҷотҳо (даромадҳо) аз рӯи андоз аз фоида***

***70000 Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо***

Замимаи 3

# ШАКЛҲОИ (НАМУНАВИИ) ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ
## (Тавозуни муҳосибӣ)

ба ҳолати ________________ 20___ с.

(мутобиқи СБҲМ)

Шакли № 1 аз рӯи ТУҲИ

| Рамзҳо |
|---|
| 0710001 |
| |
| |
| |
| |
| |

Ташкилот (иттиҳодия) __________аз рӯи ТУКТ
Соҳа (намуди фаъолият) _______аз рӯи ТУФИ
Макомоти идоракун__________аз рӯи ТУМИ
Шакли моликият ____________аз рӯи ТУШМ
Воҳиди ченак _______________аз рӯи ТУВЧ
РМА ___________________________________
Суроғаи почтавӣ _______________________
Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб _______
Мӯҳлати пешниҳод ______________________
Санаи воқеии пешниҳод__________________
Санаи қабул ___________________________

| Нишондиҳанда | Рамзи сатр | Ба аввали давраи ҳисоботӣ | Ба охири давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| **I.А. ДОРОИҲОИ КӮТОҲМУДДАТ (ГАРДОН)** | | | |
| **Воситаҳои пулӣ дар хазина (10100)** | **010** | | |
| **Воситаҳои пулӣ дар бонк (10200)** | **020** | | |
| **Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат (10300)** | **030** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Қоғазҳои қиматноки қарзӣ (10310) | 031 | | |
| Қоғазҳои қиматноки ҳиссавӣ (10320) | 032 | | |
| Қарзҳо, вомҳои додашуда/Амонатҳои депозитӣ (10330, 10340) | 033 | | |
| Қисми ҷории сармоягузориҳои дарозмуддат (10350) | 034 | | |
| Дигар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат (10360) | 035 | | |
| **Қарздории дебиторӣи тиҷоратӣ (10400)** | **040** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Ҳисобҳо барои қабул (10410) | 041 | | |
| Васиқаҳо барои қабул (10420) | 042 | | |
| Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок (10430) | 043 | | |
| **Дигар қарздории дебиторӣ (10500)** | **050** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Пешпардохт ба таъминкунандагон (10510) | 051 | | |
| Қарздории дебитории кормандон (10520) | 052 | | |
| Андозҳои пешпардохтшуда/Андозҳои подошаванда | 053 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| (чубронпшаванда) (10530.10540) | | | |
| Фоизҳо барои қабул, Ҳаққусаҳм барои қабул (10550. 10560) | 054 | | |
| Қарздорин супоришдиҳандагон аз рӯи шартномаи сохтмон (10570) | 055 | | |
| Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат (10580) | 056 | | |
| Дигар қарздории дебиторӣ (10570) | 057 | | |
| Қарздории дебитории ташкилотҳои фаръи (модарӣ) (10580) | 058 | | |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиёт (10590) | 059 | | |
| **Қарздории муассисон (10600)** | **060** | | |
| **Захираҳои моддию молӣ (10700)** | **070** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Молҳо (10710-10719) | 071 | | |
| Ашёи хом ва масолеҳ (10720) | 072 | | |
| Истеҳсолоти нотамом (10730) | 073 | | |
| Маҳсулоти тайёр (10740) | 074 | | |
| Масолеҳи кишоварзӣ аз Дороиҳои (дороиҳои) биологӣ (10750) | 075 | | |
| Сузишворӣ (10760) | 076 | | |
| Қисмҳои эҳтиётӣ (10770) | 077 | | |
| Асбобу анҷоми идоравӣ (10780) | 078 | | |
| Дигар захираҳо (10790) | 079 | | |
| **Хароҷотҳои пешпардохтшуда (10800)** | **080** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Хизматҳои пешпардохтшуда (10810) | 081 | | |
| Иҷораи пешпардохтшуда (10820) | 082 | | |
| Дигар пешпардохтҳо (10830) | 083 | | |
| **Дороиҳои ғайригардон барои фурӯш (10900)** | **090** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Воситаҳои асосии барои фурӯш таъин гардида (10910) | 091 | | |
| Дороиҳои кӯтоҳмуддати фаъолияти қатъшуда (10920) | 092 | | |
| Дигар дороиҳои ғайригардон барои фурӯш (10930) | 093 | | |
| **ҶАМЪ аз рӯи қисми I.А. «Дороиҳои гардон»** | **099** | | |
| **I.Б. ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУДДАТ (ҒАЙРИГАРДОН)** | | | |
| **Воситаҳои асосӣ (11000)** | **100** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Бино ва иншоот (11010) | 101 | | |
| Мошина ва таҷҳизот (11020) | 102 | | |
| Таҷҳизоти идоравӣ (11030) | 103 | | |
| Мебел ва лавозимот (11040) | 104 | | |
| Воситаҳои нақлиёт (11050) | 105 | | |
| Ободонии моликияти иҷоравӣ (11060) | 106 | | |
| Ободонии қитъаҳои замин (11070) | 107 | | |
| Дигар воситаҳои асосӣ (11080) | 108 | | |
| Сохтмони нотамом (11090) | 109 | | |
| **Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ (11100)** | **110** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Арзиши мавозинавии воситаҳои асоси (11000-11100)** | **119** | | |
| **Захираҳои табиӣ (11200)** | **120** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Макони пайдоиши захираҳои табиӣ (11210,11220) | 121 | | |
| Сарфшавии ҷамъшудаи захираҳои табиӣ (11230) | 122 | | |
| **Дороиҳои ғайримоддӣ (11300-11390)** | **130** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Ҳуқуқи истифодабарии замин, франшиза, гудвилл, патент, литсензия (иҷозатнома), нишони молӣ, таъмини барномавӣ, хароҷоти ташкилӣ (11310-11360) | 131 | | |
| Дигар дороиҳои ғайримоддӣ (11370) | 132 | | |
| Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ (11390) | 133 | | |
| **Дороиҳои биологӣ (11400)** | **140** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Ҳайвонот (дороиҳои биологии истеъмолӣ) (11410) | 141 | | |
| Ҳайвонот (дороиҳои биологии маҳсуловар) (11420) | 142 | | |
| Растаниҳо (дороиҳои биологии истеъмолӣ) (11430) | 143 | | |
| Растаниҳои меваддиҳанда (11440) | 144 | | |
| Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ва ҳисоб гирифташаванда (11450) | 145 | | |
| Дигар дороиҳои биологӣ (11460) | 146 | | |
| **Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул (11500)** | **150** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Бино ва иморат (11510) | 151 | | |
| Таҷдиди объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул (11520) | 152 | | |
| **Сармоягузориҳои дарозмуддат (11600±11661,11662)** | **160** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Қоғазҳои қиммати қарзӣ (11610) | 161 | | |
| Қарзҳо, вомҳои додашуда (11620) | 162 | | |
| Сармоягузорӣ ба ташкилотҳои фаръӣ (11630) | 163 | | |
| Сармоягузорӣ ба фаъолияти муштарак (11640) | 164 | | |
| Сармоягузорӣ ба ширкатҳои муттаҳидшуда (11650) | 165 | | |
| Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат (11660) | 166 | | |
| **Талаботҳои андози тамдидӣ (ба таъхирмондашуда) (11700)** | **170** | | |
| **Қарздории дебитории дарозмуддат (11800)** | **180** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Қарздории дебитории дарозмуддати харидорон ва фармоишгарон (11810) | 181 | | |
| Васиқаҳои гирифташуда (11820) | 182 | | |
| Хароҷоти ба таъхир мондашудаи дарозмуддат (11830) | 183 | | |
| Дигар қарздории дебитории дарозмуддат (11840) | 184 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳои дарозмуддати фаъолияти катъшуда (11900)** | **190** | | |
| **ҶАМЪ аз рӯи қисми I.Б. «Дороиҳои гайригардон»** | **199** | | |
| **ҲАМАГИ, ДОРОИҲО (қисми I.А+ қисми I.Б)** | | | |
| **II.А. УҲДАДОРИҲОИ КУТОҲМУДДАТ** | | | |
| **Қарздории кредитории тиҷоратӣ (22000)** | **200** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт (22010) | 201 | | |
| Васикаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт (22020) | 202 | | |
| Пешпардохтҳои харидорон ва фармоишгарон Дигарҳисобҳо барои пардохт (22030,22040) | 203 | | |
| **Уҳдадориҳои кӯтохмуддати қарзи (22100)** | **210** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Қарзҳои бонкӣ, вомҳо (22110) | 211 | | |
| Дигар карзҳо (22120) | 212 | | |
| Қисми ҷории ӯҳдадориҳои қарзии дарозмуддат (22130) | 213 | | |
| Дигар ӯҳдадориҳои қарзии дарозмуддат (22140±22141,22142) | 214 | | |
| **Уҳдадориҳои кӯтохмуддати ҳисобкардашуда (22200)** | **220** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Музди меҳнат барои пардохт (22100) | 221 | | |
| Андози нафақавӣ барои пардохт Аедоз аз даромади шахсони воқеӣ барои пардохт (22220,22230) | 222 | | |
| Андози иҷтимоӣ барои пардохт (22240) | 223 | | |
| Ҳаққусаҳм ва фоизҳо барои пардохт (22250,22260) | 224 | | |
| Дигар хараҷоти ҳисобкардашуда (22270) | 225 | | |
| **Андозҳо барои пардохт (22300)** | **230** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Андоз аз фоида барои пардохт (22310) | 231 | | |
| ААИ барои пардохт (22320) | 232 | | |
| Аксизҳо барои пардохт (22330) | 233 | | |
| Дигар андозҳо барои пардохт (22340,22350,22360,22370) | 234 | | |
| **Захираҳо барои хароҷот ва пардохтҳои рухсатӣ (22400)** | **240** | | |
| **Дигар ухдадориҳои кӯтоҳмуддат (22500)** | **250** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Уҳдадориҳои дар назди муассисон (22510) | 251 | | |
| Қарздории аредитории ташкилотҳои фаръӣ (модарӣ) (22520) | 252 | | |
| Уҳдадориҳои кӯиоҳмудлати фаъолияти катъшуда (22530) | 253 | | |
| **ҶАМЪ оид ба қисми II.А. Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат** | **259** | | |
| **II.Б. УҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМУДДАТ** | | | |
| **Уҳдадориҳои дарозмуддат (22600±22661,22640)** | **260** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Вомбаргҳо ва васикаҳо барои пардохт (22610,22640) | 261 | | |
| Қарзҳои бонкӣ ва дигар карзҳо (22620,22630) | 262 | | |
| Уҳдадориҳо аз рӯи иҷораи молиявӣ (22650) | 263 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дигар ӯхдадориҳои дарозмуддат (22660,22670) | 264 | | |
| **Даромадҳои мавқуфгузошташуда (ба таъхир мон-да) (22700)** | **270** | | |
| **Ӯхдадориҳои андозии мавқувгузошташуда (22800)** | **280** | | |
| **ҶАМЪ аз рӯиқисми II.Б. «Ӯхдадориҳои дарозмуд-дат»** | **289** | | |
| **ҲАМАГӢ ӮХДАДОРИҲО (қисми II.А+ қисми II.Б)** | **299** | | |
| **III. САРМОЯИ ХУДИ** | | | |
| **Сармояи эълоншуда (оинномавӣ) (33000)** | **300** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Саҳмияҳои оддӣ (33010) | 301 | | |
| Саҳмияҳои имтиёзнок (33020) | 302 | | |
| Сармояи барилова пардохтшуда (33030) | 303 | | |
| Саҳмияҳои худи бозхаридшуда (33090) | 304 | | |
| **Сармояи иловагӣ (33100)** | **310** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Грантҳо ва маблаггузории мақсаднок (33110) | 311 | | |
| Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои дигар (33120,33130) | 313 | | |
| Фарқиятҳои курбӣ аз рӯи амалиёт бо ҷузъҳои хориҷӣ (33140) | 314 | | |
| Дигар сармояи иловагӣ (33150,33160) | 315 | | |
| **Фоидаи тақсимношуда (33200)** | **320** | | |
| **Сармояи захиравӣ (33300)** | **330** | | |
| **Ҳаққи ақаллият (33400)** | **340** | | |
| **ҶАМЪ аз рӯи қисми III. «Сармояи худӣ»** | **339** | | |
| **ҲАМАГИ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯИ ХУДӢ (Қисми II.А+ Қисми II.Б+ Қисми III)** | **399** | | |

**Сардор (Роҳбар) ________________ Сармуҳосиб________________**

## Ҳисобот оиди фоида ва зарар
## ба ҳолати ________________ 20___ с.
## (мутобиқи СБҲМ)

| Рамзҳо |
|---|
| 0710002 |
| |
| |
| |
| |
| |

**Шакли № 2 аз рӯи ТУҲИ**

Ташкилот (иттиҳодия) __________аз рӯи ТУКТ
Соҳа (намуди фаъолият) _______аз рӯи ТУФИ
Макомоти идоракун___________аз рӯи ТУМИ
Шакли моликият _____________аз рӯи ТУШМ
Воҳиди ченак _________________аз рӯи ТУВЧ
РМА _______________________________________
Суроғаи почтавӣ ______________________________________________
Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб ________________________
Мӯҳлати пешниҳод ____________________________________________
Санаи воқеии пешниҳод________________________________________
Санаи қабул ____________________________________________

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр | Барои соли гузашта | Барои соли ҳисоботӣ |
|---|---|---|---|
| **Фаъолияти амалишаванда** | | | |
| Даромади соф аз фурӯш | 010 | | |
| Арзиши аслии фурӯш | 020 | | |
| **Маҷмӯи фоида (010-020)** | **030** | | |
| **Хароҷотҳои амалиётӣ** | | | |
| Хароҷотҳои фурӯш | 040 | | |
| Аз он ҷумла фарсудашавӣ ва хурдашавӣ | 041 | | |
| Хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ | 050 | | |
| Аз он ҷумла фарсудашавӣ ва хурдашавӣ | 051 | | |
| **Ҷамъ, хароҷоти амалиётӣ (040±050)** | **060** | | |
| **Дигар даромадҳои амалиётӣ (хароҷотҳо)** | **070** | | |
| **Фоидаи (зарари) амалиётӣ (030-060±070)** | **080** | | |
| **Даромад ва хароҷоти ғайриамалиётӣ** | **090** | | |
| Даромад (хароҷот) аз рӯи фоиз | 100 | | |
| Даромад (зарар) аз рӯи сармоягузорӣ | 110 | | |
| Даромад (зарар) аз рӯи фарқиятҳои курбӣ | 120 | | |
| Даромад (зарар) аз рӯи мубодилаи асъор | 130 | | |
| Даромад (зарар) аз рӯи хориҷ шавии дороиҳои дарозмуддат | 140 | | |
| Зарар аз рӯи бекурбшавӣ | 150 | | |
| Дигар хароҷот (даромадҳои) амалиётӣ | 160 | | |
| **Ҷамъ, даромад (хароҷотҳои) ғайриамалиётӣ (100±110±120±130±140-150±160)** | **170** | | |
| **Ҳиссаи фоидаи (зарари) ташкилотҳои муттаҳидкардашуда** | **180** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Фоидаи то андозбандӣ (080±170±180)** | **190** | | |
| Андоз аз фоида | **200** | | |
| **Фоидаи соф аз фаъолияти амалишаванда (190-200)** | **210** | | |
| **Фаъолияти қатъшуда** | | | |
| Фоида (зарар) аз руи фаъолияти қатъшуда | 220 | | |
| **Фоидаи (зарари) софи умумӣ дар ин давра (210±220)** | **230** | | |
| *аз он ҷумла:* | | | |
| Ҳиссаи саҳмонии ташкилоти модарӣ | 240 | | |
| Ҳиссаи ғайриназоратии соҳибият | 250 | | |
| **Фоида аз саҳмия** | **260** | | |

**Сардор (Роҳбар) ________________Сармуҳосиб________________**

**Ҳисобот оиди маҷмӯи даромад**
**ба ҳолати ________________ 20___ с.**

**Шакли № 3 аз рӯи ТУҲИ**

Ташкилот (иттиҳодия) _________аз рӯи ТУКТ
Соҳа (намуди фаъолият) _______аз рӯи ТУФИ
Макомоти идоракун___________аз рӯи ТУМИ
Шакли моликият _____________аз рӯи ТУШМ
Воҳиди ченак ________________аз рӯи ТУВЧ
РМА ___________________________________
Суроғаи почтавӣ _________________________

| Рамзҳо |
|---|
| 0710003 |
| |
| |
| |
| |
| |

Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб
_______________________
Мӯҳлати пешниҳод ____________________________________
Санаи воқеии пешниҳод________________________________
Санаи қабул __________________________________________

| Нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр | Давраи ҳисоботии гузашта | Давраи ҳисобот ии ҷорӣ |
|---|---|---|---|
| **Фоидаи (зарар) холис барои давраи ҳисоботӣ (сатри 230 ш. №2)** | **010** | | |
| **Маҷмӯи даромади гайр** | | | |
| Фоида (зарар) аз рӯи азнавбаҳодиҳии амвол | 020 | | |
| Сармоягузориҳое, ки барои фурӯш вуҷуд доранд (стр 031 –стр 032) | 030 | | |
| Фоида (зарар) аз рӯи баҳодиҳиҳое, ки ба ҳайати сармояи худӣ гузаронида шудаанд. | 031 | | |
| Ба ҳайати фоида ё ки зарар гузаронида шудаанд | 032 | | |
| Хеҷироникунонии воридотҳои пулӣ | 040 | | |
| Фоидае (зараре), ки ба ҳайати сармояи худӣ гузаронида шудааст | 041 | | |
| Ба ҳайати фоида ё ки зарари давраи ҳисоботӣ гузаронида шудааст | 042 | | |
| Ба ҳайати арзиши тавозунии моддаҳои хеҷиронидашуда гузаронида шудааст | 043 | | |
| Фарқиятҳои қурбие, ки аз интиқол додани ҷузъҳои хориҷӣ пайдо шудаанд | 050 | | |
| Андозҳо аз рӯи моддаҳое, ки бевосита ба сармоя гузаронида шудаанд ё ки аз сармоя гирифта шудаанд | 080 | | |
| **Фоидаи (зарари) холисе, ки бевосита дар сармоя эътироф шудааст (стр 020 + стр 030 + стр 040 + стр 050 – стр 080)** | **090** | | |
| | | | |
| **Маҷмӯи даромади холис (стр 010 + стр 090)** | **100** | | |
| Ки ба: | | | |
| Саҳомони ташкилоти модарӣ | 110 | | |
| Ҳиссаи гайриназоратии саҳибият дохил мешаванд | 120 | | |

**Сардор (Роҳбар) ________________Сармуҳосиб__________________**

**Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ**
**ба ҳолати ____________ 20___ с.**
**(мутобиқи СБҲМ)**
**Шакли № 4 аз рӯи ТУҲИ**

| Рамзҳо |
|---|
| 0710004 |
| |
| |
| |
| |
| |

Ташкилот (иттиҳодия) ___________аз рӯи ТУКТ
Соҳа (намуди фаъолият) ________аз рӯи ТУФИ
Макомоти идоракун____________аз рӯи ТУМИ
Шакли моликият ______________аз рӯи ТУШМ
Воҳиди ченак _________________аз рӯи ТУВЧ
РМА ____________________________________
Суроғаи почтавӣ ____________________________________
Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб ______________________
Мӯҳлати пешниҳод ____________________ Санаи воқеии пешниҳод______________
Санаи қабул _______________________________________________

| | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр | Сармояи ташкилоти модарӣ | | | | | Ҳиссаи айрина-зоратии | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Сармояи низомномавӣ | Сармояи довагӣ | Сармояи захиравӣ | Фоидаи (зарари) | Ҳиссаи аҳомони ташкилоти | | |
| | **Бакия ба 1 _____ 200__ с.** | **010** | | | | | | | |
| **А** | **Тасҳеҳот барои аввали давраи ҳисоботӣ (стр 030 +040)** | **020** | | | | | | | |
| 1 | Тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ | 030 | | | | | | | |
| 2 | Ислоҳи хатогиҳои ҷиддӣ | 040 | | | | | | | |
| | Бакияи ҳисобкардашуда барои авали давраи ҳисоботӣ | | | | | | | | |
| **Б** | **Маҷмӯи даромади давраи ҳисоботӣ** | **100** | | | | | | | |
| 1 | Фоидаи (зарари) холиси давраи исоботӣ | 110 | | | | | | | |
| 2 | Маҷмӯи даромадҳои ғайр | 120 | | | | | | | |
| | аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| | Камомад (афзоиш) аз рӯи азнавбаҳогузории амвол | 121 | | | | | | | |
| | Камомад (афзоиш) аз рӯи азнавнархгузории сармоягузориҳо | 122 | | | | | | | |
| | Хеҷироникунонии воридоти пулӣ | 123 | | | | | | | |
| | Фарқиятҳои қурбӣ ҳангоми интиқоли маблағҳо аз тарафи ҷузъҳои хориҷӣ | 124 | | | | | | | |
| **В** | **Тағйиротҳои ба соҳибмулкон вобаста** | **200** | | | | | | | |
| 1 | Ҳақаъзогиҳои соҳибмулкон | 210 | | | | | | | |
| 2 | Эмиссияи саҳмияҳо | 220 | | | | | | | |
| 3 | Бозпасгирии сармоя аз тарафи соҳибмулкон | 230 | | | | | | | |
| 4 | Дивидендҳо (ҳаққусаҳмияҳо) | 240 | | | | | | | |
| 5 | Тағйирот дар захираҳо | 250 | | | | | | | |
| 6 | Харидорӣ намудани саҳмияҳои худӣ (воситаҳои ҳиссавӣ) | 260 | | | | | | | |
| 7 | Маҳдудияти фоида барои тақсимот | 270 | | | | | | | |
| | **Бакия ба 31 _____ 20__ с.** | **150** | | | | | | | |

**Сардор (Роҳбар)_________________ Сармуҳосиб__________________**

## Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ
## (усули бевосита)
## ба ҳолати _______________ 20___ с.

(мутобиқи СБҲМ)

Шакли № 5 аз рӯи ТУҲИ

| Рамзҳо |
|---|
| 0710005 |
| |
| |
| |
| |
| |

Ташкилот (иттиҳодия) __________аз рӯи ТУКТ
Соҳа (намуди фаъолият) _______аз рӯи ТУФИ
Макомоти идоракун___________аз рӯи ТУМИ
Шакли моликият ____________аз рӯи ТУШМ
Воҳиди ченак ________________аз рӯи ТУВЧ
РМА ________________________________________
Суроғаи почтавӣ ________________________________________
Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб ____________________
Мӯҳлати пешниҳод ________________________________________
Санаи воқеии пешниҳод________________________________________
Санаи қабул ________________________________________

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр | Барои давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|
| **I. ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТИ (АСОСӢ)** | | |
| **Дохил шавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Даромад аз фурӯш | 010 | |
| Дигар дохилшавиҳо аз фаъолияти амалиётӣ | 020 | |
| **Ҷамъи дохилшавиҳо аз фаъолияти амалиётӣ (010±020)** | **030** | |
| **Хориҷшавии маблағҳои пулӣ дар қисми фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Арзиши аслии фурӯш | 040 | |
| Пардохти музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ | 050 | |
| Пардохти хизматрасониҳо | 060 | |
| Пардохти фоизҳо | 070 | |
| Пардохти андоз аз фоида | 080 | |
| Пардохти дигар андозҳо | 090 | |
| Дигар пардохтҳои амалиётӣ | 100 | |
| **Ҷамъи хориҷшавӣ дар қисми фаъолияти амалиётӣ (050+060+070+080+090+100+110+120)** | **110** | |
| **Ҳолати маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ (030- 110)** | **190** | |
| **2. ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРИ** | | |
| **Дохилшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ ва амволи ғайриманқул | 210 | |
| Фурӯши дороиҳои ғайримоддӣ | 220 | |
| Фурӯши коғазҳои қиматнок | 230 | |

| | | |
|---|---|---|
| Баргардондани вомҳо ва пардохтани фоизҳо аз рӯи вомбаргҳо | 240 | |
| Дигар дохилшавиҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ | 250 | |
| **Ҷамъи дохил шавиҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ (210+220+230+240+250)** | **260** | |
| **Хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Харидорӣ намудани воситаҳои асосӣ ва амволи ғайриманқул | 270 | |
| Харидорӣ намудани дороиҳои ғайримоддӣ | 280 | |
| Харидорӣ намудани қоғазҳои қимматнок | 290 | |
| Ба даст овардани вомҳои пулӣ | 300 | |
| Дигар пардохтҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ | 310 | |
| **Ҷамъи хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ (270+280+290+300+310)** | **320** | |
| **Ҳолати маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ (270-320)** | **390** | |
| **3. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | |
| **Дохил шавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Эмиссияи саҳмияҳо | 410 | |
| Эмиссияи вомбаргҳо | 420 | |
| Маблағгузории (амонатҳо) муассисон (соҳибмулкон) | 430 | |
| Қарзҳо ва вомҳо | 440 | |
| Дигар даромадҳо аз фаъолияти молиявӣ | 450 | |
| **Ҷамъи дохилшавиҳо аз фаъолияти молиявӣ (410+420+430+440+450)** | **460** | |
| **Хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Дивиденд (ҳаққуссаҳмияҳо) | 470 | |
| Қарзҳо ва вомҳо | 480 | |
| Харидорӣ намудани саҳмияҳои худӣ | 490 | |
| Дигар пардохтҳо аз фаъолияти молиявӣ | 500 | |
| **Ҷамъи хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ (470+480+490+500)** | **510** | |
| **Ҳолати маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ (460-510)** | **590** | |
| Тақсимоти фоида ё зарар аз рӯи фарқиятҳои қурбӣ | 600 | |
| **Тағйирёбии холиси воситаҳоа пулӣ (190±390±590±600)** | **700** | |
| **Маблағҳои пулӣ дар аввали давраи ҳисоботӣ** | **710** | |
| **Маблағҳои пулӣ дар охири давраи ҳисоботӣ** | **720** | |

**Сардор (Роҳбар)________________ Сармуҳосиб________________**

## Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ
## (усули бавосита)
## ба ҳолати _________________ 20___ с.

**(мутобиқи СБҲМ)**
**Шакли № 5 аз рӯи ТУҲИ**

| Рамзҳо |
|---|
| 0710005 |
| |
| |
| |
| |
| |

Ташкилот (иттиҳодия) __________аз рӯи ТУКТ
Соҳа (намуди фаъолият) _______аз рӯи ТУФИ
Макомоти идоракун___________аз рӯи ТУМИ
Шакли моликият _____________аз рӯи ТУШМ
Воҳиди ченак _________________аз рӯи ТУВЧ
РМА ________________________________
Суроғаи почтавӣ ______________________________
Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб _______________
Мӯҳлати пешниҳод _____________________________
Санаи воқеии пешниҳод__________________________
Санаи қабул _________________________________

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр | Барои давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|
| I. ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТИ (АСОСӢ) | | |
| **Фоидаи (зарари) холиси давраи ҳисоботӣ** | 100 | |
| **Тасҳеҳи фоидаи (зарари) холис** | | |
| **Тасҳеҳи моддаҳои ғайрипулии хароҷот ва даромад** | **110** | |
| Хароҷот аз рӯи хӯрдашавӣ | 111 | |
| Захираҳои ҳисобкардашуда | 112 | |
| Хӯрдашавии тахфиф (скидка) ва иловапулиҳо | 114 | |
| Фоида ва зарари тақсимотнашуда аз рӯи фарқиятҳои қурбӣ | 115 | |
| Дигар моддаҳои ғайрипулӣ | 116 | |
| **Тасҳеҳи моддаҳои ғайриамалиётии даромад ва хароҷот** | **120** | |
| Даромадҳо аз рӯи фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ | 121 | |
| Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ | 122 | |
| **Тасҳеҳот дар тағйирёбии моддаҳои мувозина** | **130** | |
| Дар тағйирёбии қарздории дебиторӣ аз рӯи савдо | 131 | |
| Дар тағйирёбии дигар қарздории дебиторӣ | 132 | |
| Дар тағйирёбии захираҳо | 133 | |
| Дар тағйирёбии пешпардохтҳои (бунакҳои) додашуда | 134 | |
| Дар тағйирёбии хароҷотҳои пешпардохтшуда | 135 | |
| Дар тағйирёбии қарздории кредиторӣ аз рӯи савдо | 136 | |
| Дар тағйирёбии ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 137 | |
| Дар тағйирёбии пешпардохтҳои гирифташуда | 138 | |
| Дар тағйирёбии ӯҳдадориҳои андоз | 139 | |
| Дар тағйирёбии дигар ӯҳдадориҳо | 140 | |

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷамъи тасҳеҳоти фоидаи холис (110±120±130)** | **180** | |
| **Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ (100±180)** | **190** | |
| **2. ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | |
| **Дохил шавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ ва амволи ғайриманқул | 210 | |
| Фурӯши дороиҳои ғайримоддӣ | 220 | |
| Фурӯши коғазҳои қиматнок | 230 | |
| Баргардондани вомҳо ва пардохти фоизҳо аз рӯи вомбаргҳо | 240 | |
| Дигар дохилшавиҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ | 250 | |
| **Ҷамъи дохил шавиҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ (210+220+230+240+250)** | **260** | |
| **Хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Харидорӣ намудани воситаҳои асосӣ ва амволи ғайриманқул | 270 | |
| Харидорӣ намудани дороиҳои ғайримоддӣ | 280 | |
| Харидорӣ намудани коғазҳои қимматнок | 290 | |
| Ба даст овардани вомҳои пулӣ | 300 | |
| Дигар пардохтҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ | 310 | |
| **Ҷамъи хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ (270+280+290+300+310)** | **320** | |
| **Ҳолати маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ (270-330)** | **390** | |
| **3. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИ** | | |
| **Дохил шавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Эмиссияи саҳмия | 410 | |
| Эмиссияи вомбарғҳо | 420 | |
| Маблағгузории (амонатҳо) муассисон (соҳибмулкон) | 430 | |
| Қарзҳо ва вомҳо | 440 | |
| Дигар даромадҳо аз фаъолияти молиявӣ | 450 | |
| **Ҷамъи дохилшавиҳо аз фаъолияти молиявӣ (410+420+430+440+450)** | **460** | |
| **Хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Ҳаққи саҳм (дивиденд) | 470 | |
| Қарзҳо ва вомҳо | 480 | |
| Харидорӣ намудани саҳмияҳои худдӣ | 490 | |
| Дигар пардохтҳо аз фаъолияти молиявӣ | 500 | |
| **Ҷамъи хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ (470+480+490+500)** | **510** | |
| **Ҳолати маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ (460-510)** | **590** | |
| Тақсимоти фоида вазарар аз рӯи фарқиятҳои қурбӣ | 600 | |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ (190±390±590±600)** | **700** | |
| **Маблағҳои пулӣ дар аввали давраи ҳисоботӣ аз рӯи тавозун** | **710** | |
| **Маблағҳои пулӣ дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи тавозун** | **720** | |

**Сардор (Роҳбар) _______________ Сармуҳосиб_______________**

# Таҳқиқи андоз

**ба** холати _______________ 20___ с.

**(мутобики СБҲМ)**

**Шакли № 6 аз руи ТУҲИ**

Ташкилот (иттиходия) ____________________________ аз руи ТУКТ
Соха (намуди фаъолият) __________________________ аз руи ТУФИ
Макомоти идоракун _______________________________ аз руи ТУМИ
Шакли моликият __________________________________ аз руи ТУШМ
Воҳиди ченак ____________________________________ аз руи ТУВЧ
РМА ______________________________________________
Суроғаи почтавй __________________________________
Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб ______________
Мўҳлати пешниҳод _________________________________
Санаи вокеии пешниҳод ____________________________
Санаи қабул ______________________________________

| Рамзҳо |
|---|
| 0710006 |
| |
| |
| |
| |
| |

| Нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр | Даврап ҳисоботии гузашта | Даврап ҳисоботии чорӣ |
|---|---|---|---|
| **Фоида (зарар) то то лаҳзаи андозбандӣ** | **010** | | |
| **Тасҳеҳоти фоида (зарар) барои фаркиятҳои доимӣ** | | | |
| Ҷаримаҳои андозӣ ва пушаймонаҳо (пенияҳо) | 020 | | |
| Харочотҳои намояндагӣ | 030 | | |
| Харочотҳои барзиёдатии меъёрӣ | 040 | | |
| Харочотҳои ба расмиятдароварданашуда (бе ҳуҷҷат) | 050 | | |
| Дивидендҳои аз ташкилотҳои резидентӣ ба дастомада | 060 | | |
| Дигар фаркиятҳои доимие, ки барои тарҳ намудан иҷозат дода нашудаанд | 070 | | |
| Дигар фаркиятҳои доимие, ки ба даромади умумӣ дохил намешаванд | 080 | | |
| **Фоидаи (зарари) тасҳеҳшуда барои фаркиятҳои доимӣ (010+020+030+040+050+060 +070 - 080)** | **100** | | |
| Меъёри андоз аз фоида | 110 | | |
| **Харочотҳо (даромадҳо) аз руи андоз аз фоида** | **120** | | |
| **Тасҳеҳоти фоида (зарар) барои фаркиятҳои муваккатӣ** | | | |
| Фарсудашавӣ ва хурдашавӣ бо максади баҳисобгирӣ | 130 | | |
| Фарсудашавӣ ва хурдашавӣ бо максади андоз | 140 | | |
| Харочотҳо аз рўи карзҳои безътимод | 150 | | |
| Арзиши аслии захираҳо | 160 | | |
| Дигар фаркиятҳои муваккатӣ | 170 | | |
| **Фоидаи (зарари) тасҳеҳшуда барои фаркиятҳои муваккатӣ (100+130-140±150 ±160±170)** | **200** | | |
| Меъёри андоз аз фоида | 210 | | |
| **Андоз аз фоида барои пардохт** | **220** | | |
| **Ўҳдадориҳои (талабномаи) андозии мавкуфгузошташуда (120±220)** | **230** | | |

**Сардор (Роҳбар)** _______________ **Сармуҳосиб** _______________

# АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ

## *АСОСӢ:*


1. Астахов В.П. «Бухгалтерский учет» - Москва, 2008г.
2. Бабаева З.Д. «Бухгалтерский учет» - Москва, 2008г,384с.
3. Беликова Т.Н. «Как грамотно читать баланс» - Москва, 2008г, 176с.
4. Кувшинов «Бухгалтерский учет экспрсс-курс» - Москва, 2008, 296с.
5. Ларионова Н. «Бухгалтерский учет»- Москва, 2008г.
6. Менгниев А.Х. и др. Финансовый учет. Учебное пособие. Душанбе, ОИПБА РТ, 2010-358с.
7. Молчанов С.С. «Бухгалтерский учёт» - Москва, 2010г.
8. Муравицкая Н.К.«Бухгалтерский учет»- Москва, 2005г, 528с.
9. Раҳимов С.Х. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ, дастури таълимӣ (маҷмӯи лексияҳо), Душанбе, Ирфон-2011, 204с.
10. Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, дастури таълимӣ (маҷмӯи лексияҳо), Душанбе, Ирфон-2011, 268с.
11. Раҳимов С.Х., Олимов Д.А. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ, дастури таълимӣ (маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ), Душанбе, ЭР-граф-2011, 176с.
12. Раҳимов С.Х., Раҳимов З. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, дастури таълимӣ (маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ), Душанбе, ЭР-граф-2011, 244с.
13. Рахимов С.Х., Рахимов З.Р. Бухгалтерский учет и аудит/Учебное пособие/ Душанбе, ЭР-граф-2012, 240с.
14. Рахимов С.Х. Бухгалтерская финансовая отчетность/ Учебное пособие – Душанбе-РТСУ, 2009г.
15. Русалева Л.А. «Теория бухгалтерского учета» - Ростов на Дону, 2005г, 448с.
16. Суворова С.Л. «Бухгалтерский учет»- Москва, 2007г, 344с.
17. Холиқова С., Турдиев М. «Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ» -Душанбе 2010с, 472с.
18. Холиқова С., Турдиев М. «Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ» -Душанбе 2010с, 378с.
19. Уроқов Д.У. «Назарияи ҳисобгирии муҳосибӣ» - Душанбе, 2008, 351с.
20. Уроқов Д.У., Раҳимов С.Х. ва диг. Аудит - Душанбе 2002с.
21. Харченко О.Н. «Бухгалтерский учет, анализ и аудит»- Москва, 2008г, 176с.
22. Шерназаров А.Ш ва дигарон. "Назарияи ҳисобгирии муҳосибӣ" Душанбе, 2003с.

## ИЛОВАГӢ:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011. № 702
2. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қ. 1 ва 2.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2011г.
4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳрир аз 3 майи соли 2002. № 10.
5. Низомнома оиди ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // аз 30 декабри 1999с. № 163.
6. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи 2011с. № 41.
7. Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани Шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 42.
8. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ «Сиёсати баҳисобгирии ташкилот». (НБМ/СБТ 1/99, Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.1999с. № 135, // Молия ва ҳисобдорӣ - 2000г., №1).
9. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ «Дастури методӣ оиди баруйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд». (НБМ 2/99, Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.12.1999с. № 153).
10. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ «Баҳисобгирии захираҳои моддию истеҳсолӣ». (НБМ 3/2001, Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.01.2001с. № 21).
11. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ». (НБМ 4/2001, Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.04.2001с. № 64).
12. Низомномаи бахисобгирии муҳосибӣ «Ҳисоботи муҳосибии ташкилот». (НБМ 5/2001. Фармони Вазорати молияи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 16.07.2001с. № 104).
13. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ «Даромади корхонаҳо». (НБМ 6/2001, Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.08.2001с. № 116).
14. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ «Хароҷоти корхонаҳо». (НБМ 7/2001, Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.08.2001с. № 118).

*Раҳимов Саидалӣ Холович*
*Ҳусейнова Дилбар Каримҷоновна*

# БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ

**(Дастури таълимӣ мувофиқи СБҲМ)**

Ба чопаш 01.10.2012 имзо шуд. Андозаи 60x84¹/₁₆. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 19,75. Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши №246.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: +992 (37) 881-15-16. E-mail: r-graph@mail.ru.

ISBN 978-99947-919-6-5
9 789994 791965

R-Graph